ISSN 2790-7198

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ
ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМ
СТРАН АЗИИ И ЕВРОПЫ

NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN
INSTITUTE OF STUDYING OF THE PROBLEMS
OF ASIAN AND EUROPEAN COUNTRIES

ОСИЁ ВА АВРУПО
(маҷаллаи илмӣ)

АЗИЯ И ЕВРОПА
(научный журнал)

ASIA AND EUROPE
(Scientific Journal)

№ 2 (26), 2026

Душанбе - 2026

Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра – сармуҳаррир, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;
Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло – муовини сармуҳаррир;
Окимшоева Рухсора – котиби масъул.

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Хушвахтзода Қобилҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, президенти АМИТ;
Муҳаммад Абдураҳмон – доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи АМИТ;
Турсон Акбар – доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ;
Шамолов Абдулвоҳид – доктори илмҳои фалсафа;
Сайидзода Зафар Шералӣ – доктори илмҳои таърих;
Қурбонова Ширин – доктори илмҳои таърих;
Воҳидова Санавбар – доктори илмҳои таърих;
Искандаров Қосимшо – доктори илмҳои таърих;
Турсунов Турсунмурод – доктори илмҳои таърих;
Каримов Шамсиддин– доктори илмҳои сиёсӣ;
Маҳмадбекзода Моёншо – доктори илмҳои сиёсӣ;
Зиёев Субҳиддин - номзади илмҳои филологӣ.
Дороншоева Некбахт – номзади илмҳои сиёсӣ;
Юсуфҷонов Фаридун – номзади илмҳои сиёсӣ;
Улмасов Раҳмон – доктори илмҳои иқтисодӣ;
Исайнов Ҳисайн– доктори илмҳои иқтисодӣ;
Ҷумъаев Баҳовиддин – доктори илмҳои иқтисодӣ;
Муқаддасзода Фирдавс– доктори илмҳои иқтисодӣ;
Муҳаммадализода Парвина – номзади илмҳои иқтисодӣ;

Муассиси маҷалла: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

Дар маҷалла мақолаҳою фишурдаҳои илмӣ, тақризҳо ва ахбор дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва шарқшиносӣ ба табъ мерасанд.

Маҷалла соли 2019 таъсис ёфта, дар як сол чор шумора нашр мешавад.

Маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» таҳти рақами 305/МҶ – 97 санаи 26 июли соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Индекси обунавӣ: 77731

Дар асоси фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 270/м аз 29 ноябри соли 2022 ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.

Маҷалла дар Индекси русии иқтибосоварии илмӣ (РИНЦ) ба қайд гирифта шудааст.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33.
Тел.: (+992 37) 221 05 72.
Сомонаи мо: **https://www.osiyoavrupo.tj/majalla.**
E-mail: **kotibi_ilmi.amit.ioa@mail.ru**

© Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Хайдарзода Рустам Джура – главный редактор, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы;

Махмадуллозода Нурулло Рахматулло – заместитель главного редактора;

Окимшоева Рухсора – ответственный секретарь.

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

Хушвахтзода Кобилджон – доктор экономических наук, академик Национальной академии наук Таджикистана, президент НАНТ;

Мухаммад Абдурахмон-доктор политических наук, член-корреспондент НАНТ;

Турсон Акбар – доктор философских наук, академик НАНТ;

Шамолов Абдулвохид – доктор философских наук;

Сайидзода Зафар Шерали – доктор исторических наук;

Қурбонова Ширин – доктор исторических наук;

Вохидова Санавбар– доктор исторических наук;

Искандаров Косимшо – доктор исторических наук;

Турсунов Турсунмурод - доктор исторических наук;

Каримов Шамсиддин– доктор политических наук;

Махмадбекзода Моёншо – доктор политических наук;

Зиёев Субхиддин - кандидат филологических наук;

Дороншоева Некбахт – кандидат политических наук;

Юсуфджонов Фаридун – кандидат политических наук;

Ульмасов Рахмон – доктор экономических наук;

Исайнов Хисайн – доктор экономических наук;

Джумъаев Баховиддин – доктор экономических наук;

Мукаддасзода Фирдавс – доктор экономических наук;

Мухаммадализода Парвина – кандидат экономических наук.

Haidarzoda Rustam Jura – Chief Editor, director of Institute of studying of the problems of Asian and European countries;

Mahmadullozoda Nurullo Rahmatullo – Deputy of Chief Editor;

Okimshoeva Rukhsora – Executive Secretary.

EDITORIAL TEAM

Khushvakhtzoda Kobiljon – Doctor of Economic Sciences, Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, President of the NAST;

Muhammad Abdurahmon – Doctor of Political Sciences, corresponding member of the NAST;

Turson Akbar – Doctor of Philological Sciences, Academician of the NAST;

Shamolov Abdulvohid – Doctor of Philological Sciences;

Sayidzoda Zafar Sherali – Doctor of Historical Sciences**;**

Kurbonova Shirin – Doctor of Historical Sciences;

Vohidova Sanavbar– Doctor of Historical Sciences;

Iskandarov Qosimsho – Doctor of Historical Sciences;

Tursunov Tursunmurod – Doctor of Historical Sciences;

Karimov Shamsiddin – Doctor of Political Sciences;

Mahmadbekzoda Moyonsho – Doctor of Political Sciences;

Ziyoyev Subhiddin – Candidate of Philological Sciences;

Doronshoeva Nekbakht – Candidate of Political Sciences;

Yusufdzhonov Faridun – Candidate of Political Sciences;

Ulmasov Rakhmon – Doctor of Economic Sciences;

Isaynov Hisayn – Doctor of Economic Sciences;

Jumayev Bahoviddin – Doctor of Economic Sciences;

Mukaddaszoda Firdavs– Doctor of Economic Sciences;

МУНДАРИҶА

МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Ҳайдарзода Р.Ҷ., Мадимарова Г.М. ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН АБЗОРИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР ТАҲКИМИ ИМИҶИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН 10
Сангинзода Д. Ш. САНАДҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ИНСТИТУСИОНАЛИИ ҲАМКОРИИ СААД ВА СИАО 18
Сайидзода З. Ш., Темурзода Ф. С. ДАВЛАТИ ТАМАДДУНИИ РУШД ВА ТАҲАВВУЛОТИ ПОСТЛИБЕРАЛӢ: АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФӢ, НИҲОДӢ ВА ГЕОИҚТИСОДИИ МОДЕЛИ НАВИ РУШДИ РОССИЯ 30
Файзализода Ҷ. Х. ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ 43
Маҳмадбекзода М. Ш. Раҳматзода А. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ОСИЁИ ШАРҚӢ 48
Ибодуллозода А. И., Кендҷазод Ф. П. ТОҶИКИСТОН ВА БЕЛАРУС ДАР НИЗОМИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ РАВИШҲО ДАР ДОИРАИ СААД ВА ИДМ 56
Дороншоева Н.Ш., Халилова М. Р. МУҲОҶИРАТИ ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН БА КАНАДА ВА ШМА: ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОӢ 68
Раҳмонзода А. Ш. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА ҲАМГИРОИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 76
Мадимарова Г. М., Ғуломова Т. НАҚШИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР НИЗОМИ ҶАҲОНИИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИНТАҚАВӢ 81
Наҷмиддинов А. СТРАТЕГИЯИ ДИПЛОМАТИИ ШМА: ҲАМГИРОИИ НЕРӮИ НАРМ БО МАНФИАТҲОИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ 87
Сангинзода Д. Ш., Окимшоева Р. ҶОЙГОҲИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ (ИИАО) ДАР НИЗОМИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 94
Дороншоева Н., Юсуфҷонов Ф.М. СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ АМРИКОШИНОСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 104
Зиёев С. Н. ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ТАРТИБОТИ ГЕОСТРАТЕГИЯИ ҶАҲОНИ МУОСИР ДАР МИСОЛИ ХОВАРИ МИЁНА 111
Салимов А.Ҳ.ҲАМКОРИИ ҲАРБӢ-ТЕХНИКИИКИШВАРҲОИ АЪЗОИ ИДМ БО ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН САЛИМОВ АКБАР ҲАЛИМОВИЧ 122
Давлатов З. А. ТАЪСИРИ ОМИЛИ АФҒОНӢ БА ҲАМКОРИҲОИ МУТАҚОБИЛИ ТОҶИКИСТОНУ РОССИЯ ДАР ДОИРАИ САААД 127
Воҳидова М. А. ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ УЗВИ СҲШ ДАР СОҲАИ МАОРИФ 133
Соҳиби Б. МАВҚЕИ ГЕОСИЁСИИ ИНДОНЕЗИЯ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБӢ 141
Достиева Д.М. ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОИВУ СИЁСИИ ҶАВОНОН ДАР ҲИФЗ ВА ТАҲКИМИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБА 147
Судуров С. А. НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ ҶУМҲУРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР НИЗОМИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ (САААД) ДАР ЗАМИНАИ ТАҲАВВУЛОТИ ГЕОПОЛИТИКИИ АФҒОНИСТОН 154
Абдуллоев Н.С. МЕХАНИЗМИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР АСОСҲОИ БЮРОКРАТИЯИ ЭЛЕКТРОНӢ 161

Мӯминов М. А. АНДЕШАҲОИ ҶОЗЕФ НАЙ ОИД БА НИЗОМИ НАВИ ҶАҲОНӢ ВА МАНФИАТҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ ИМА ДАР ОН 169
Исматуллои С. НЕРӮИ НАРМ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИ АВРУПО 175
Вахидов А.М. СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ИМА ДАР ДАВРОНИ ТАҒЙИРЁБИИ ГЕОПОЛИТИКИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 185
Қодирова З. Б. ҶАҲОНИШАВИИ МУОСИР ВА ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БИСЁРҚУТБА 191

ШАРҚШИНОСӢ

Воҳидова С., ОСОРИ НОСИРИ ХУСРАВ-ҲАМЧУН ОМИЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ ДАР КИШВАРҲОИ АВРУПОӢ 198
Зиёев С. Н. МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ СУЛҲ ДАР ШАРҚИ НАЗДИК ДАР ДОИРАИ ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБА: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО 204
Воҳидова С., АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ - ПАЙВАНДГАРИ ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОНУ ҲИНДУСТОН ДАР ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБА 210

ИҚТИСОДИ ҶАҲОН

Муҳаммадализода П. М. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ – ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ 217
Қурбонзода Ф. НАҚШИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРУПО ДАР РУШДИ КИШВАРҲОИ ОСИЕИ МАРКАЗӢ: ДАР МИСОЛИ ҚИРҒИЗИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН 226

СОДЕРЖАНИЕ

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

Хайдарзода Р.Ҷ., Мадимарова Г.М. ЦИФРОВАЯ ДИПЛОМАТИЯ КАК ИНСТРУМЕНТ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ В УКРЕПЛЕНИИ МЕЖДУНАРОДНОГО ИМИДЖА ТАДЖИКИСТАНА 10
Сангинзода Д. Ш. НОРМАТИВНЫЕ АКТЫ И ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ МЕХАНИЗМЫ СОТРУДНИЧЕСТВА ОДКБ И ЕАЭС 18
Сайидзода З. Ш., Темурзода Ф. С. ЦИВИЛИЗАЦИОННОЕ ГОСУДАРСТВО РАЗВИТИЯ И ПОСТЛИБЕРАЛЬНАЯ ТРАНСФОРМАЦИЯ: СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКИЕ, ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ И ГЕОЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСНОВАНИЯ НОВОЙ МОДЕЛИ РАЗВИТИЯ РОССИИ 30
Файзализода Дж. Х. ВЛИЯНИЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ КУЛЬТУРУ 43
Махмадбекзода М. Ш. Рахматзода А. ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ В ВОСТОЧНОЙ АЗИИ 48
Ибодуллозода А. И., Кенджазод Ф. П. ТАДЖИКИСТАН И БЕЛАРУСЬ В СИСТЕМЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ: СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПОДХОДОВ В РАМКАХ ОДКБ И СНГ 56
Дороншоева Н., Халилова М. Р. МИГРАЦИЯ ГРАЖДАН ТАДЖИКИСТАНА В КАНАДУ И США: ИЗУЧЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ, ЭКОНОМИЧЕСКИХ И СОЦИАЛЬНЫХ АСПЕКТОВ 68
Рахмонзода А. Ш. ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ И МЕЖДУНАРОДНОЙ ИНТЕГРАЦИИ 76
Мадимарова Г. М., Гулямова Т. РОЛЬ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В МИРОВОЙ СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ И РЕГИОНАЛЬНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ 81
Наджмиддинов А. СТРАТЕГИЯ ДИПЛОМАТИИ США: ИНТЕГРАЦИЯ МЯГКОЙ СИЛЫ С ИНТЕРЕСАМИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ 87
Сангинзода Д. Ш., Окимшоева Р. МЕСТО ЕВРАЗИЙСКОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОЮЗА (ЕАЭС) В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ 94
Дороншоева Н., Юсуфджонов Ф.М. ВНЕШНЕПОЛИТИЧЕСКИЙ КУРС ЭМОМАЛИ РАХМОНА КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ АМЕРИКАНИСТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН 104
Зиёев С. Н. ОСНОВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ СОВРЕМЕННОГО МИРОВОГО ГЕОСТРАТЕГИЧЕСКОГО ПОРЯДКА 111
Салимов А. Х. ВОЕННО-ТЕХНИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ГОСУДАРСТВ СНГ С РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН 122
Давлатов З. А. ВЛИЯНИЕ АФГАНСКОГО ФАКТОРА НА ВЗАИМНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА И РОССИИ В РАМКАХ ОДКБ 127
Вохидова М.А. ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ ТАДЖИКИСТАНА СО СТРАНАМИ ШОС В ОБЛАСТИ ОБРАЗОВАНИЯ 133
Сохиби Б. ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ИНДОНЕЗИИ В УСЛОВИЯХ МНОГОПОЛЯРНОГО МИРА 141
Достиева Д.М. СОЦИАЛЬНЫЕ И ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ МОЛОДЕЖИ В ЗАЩИТЕ И УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В МНОГОПОЛЯРНОМ МИРЕ 147
Судуров С. А. РОЛЬ И МЕСТО СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В СИСТЕМЕ ОДКБ В КОНТЕКСТЕ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ТРАНСФОРМАЦИЙ В АФГАНИСТАНЕ 154
Абдуллоев Н.С. МЕХАНИЗМ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ НА ОСНОВЕ ЭЛЕКТРОННОЙ 161

БЮРОКРАТИИ
Муминов М. А ВЗГЛЯДЫ ДЖОЗЕФА НАЯ НА НОВЫЙ МИРОВОЙ ПОРЯДОК И ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ИНТЕРЕСЫ США В НЕМ 169
Исматуллои С. МЯГКАЯ СИЛА КАК МЕХАНИЗМ МЕЖДУНАРОДНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА: ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ЕВРОПЕЙСКИМ СОЮЗОМ 175
Вахидов А. М. ВНЕШНЯЯ ПОЛИТИКА СОЕДИНЕННЫХ ШТАТОВ АМЕРИКИ В ЭПОХУ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ТРАНСФОРМАЦИЙ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ 185
Кодирова З.Б. СОВРЕМЕННАЯ ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ФОРМИРОВАНИЕ МНОГОПОЛЯРНОГО МИРОВОГО ПОРЯДКА 191

ВОСТОКОВЕДЕНИЕ

Вохидова С. НАСЛЕДИЕ НОСИРА ХУСРАВА – КАК ФАКТОР КУЛЬТУРНОЙ ДИПЛОМАТИИ В ЕВРОПЕЙСКИХ СТРАНАХ 198
Зиёев С. Н. ВОПРОС ОБЕСПЕЧЕНИЯ МИРА НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ В МНОГОПОЛЯРНОМ МИРЕ: СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ 204
Вохидова С. РОЛЬ АМИРА ХУСРАВА ДЕХЛАВИ, КАК СВЯЗУЮЩЕГО ЗВЕНО КУЛЬТУРНОЙ ДИПЛОМАТИИ ТАДЖИКИСТАНА И ИНДИИ В УСЛОВИЯХ МНОГОПОЛЯРНОГО МИРА 210

МИРОВАЯ ЭКОНОМИКА

Муҳаммадализода П. М. МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО – ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ 217
Курбонзода Ф.М. РОЛЬ ЕВРАЗИЙСКОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОЮЗА В РАЗВИТИИ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: НА ПРИМЕРЕ КЫРГЫЗСТАНА И КАЗАХСТАНА 226

CONTENTS

INTERNATIONAL RELATIONS

Haidarzoda R. J., Madimarova G.M. DIGITAL DIPLOMACY AS A TOOL OF FOREIGN POLICY IN STRENGTHENING TAJIKISTAN'S INTERNATIONAL IMAGE 10
Sanginzoda D. Sh. NORMATIVE ACTS AND INSTITUTIONAL MECHANISMS OF COOPERATION BETWEEN THE CSTO AND THE EAEU 18
Sayidzoda Z. Sh., Temurzoda F. S. THE CIVILIZATIONAL DEVELOPMENTAL STATE AND POST-LIBERAL TRANSFORMATION: SOCIAL-PHILOSOPHICAL, INSTITUTIONAL, AND GEOECONOMIC FOUNDATIONS OF RUSSIA'S NEW DEVELOPMENT MODEL 30
Faizalizoda J. Kh. GLOBAL INFLUENCE ON NATIONAL CULTURE 43
Mahmadbekzoda M. Sh. Rahmatzoda A. LABOR MIGRATION IN EAST ASIA 48
Ibodullozoda A. I., Kenjazod F. P., TAJIKISTAN AND BELARUS IN THE REGIONAL SECURITY SYSTEM: COMPARATIVE ANALYSIS OF APPROACHES WITHIN THE CSTO AND CIS 56
Doronshoeva N. Sh., Khalilova M. R. MIGRATION OF CITIZENS OF TAJIKISTAN TO CANADA AND THE USA: STUDY OF POLITICAL, ECONOMIC, AND SOCIAL ASPECTS 68
Rahmonzoda A. Sh. THEORETICAL FOUNDATIONS OF FOREIGN POLICY AND INTERNATIONAL INTEGRATION 76
Madimarova G.M., Gulyamova T. THE ROLE OF THE EUROPEAN UNION IN THE GLOBAL SYSTEM OF INTERNATIONAL AND REGIONAL ORGANIZATIONS 81
Najmiddinov A. U.S. DIPLOMATIC STRATEGY: INTEGRATING SOFT POWER WITH NATIONAL SECURITY INTERESTS 87
Sanginzoda D.Sh., Okimshoeva R. THE PLACE OF THE EURASIAN ECONOMIC UNION (EAEU) IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS 94
Doronshoeva N. Sh. Yusufjonov F. M. EMOMALI RAHMON'S FOREIGN POLICY AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF AMERICAN STUDIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN 104
Ziyoev S. N. MAIN FEATURES OF THE MODERN WORLD GEO-STRATEGIC ORDER 111
Salimov A. H. MILITARY-TECHNICAL COOPERATION BETWEEN THE CIS MEMBER STATES AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN 122
Davlatov Z. A. THE INFLUENCE OF THE AFGHAN FACTOR ON THE MUTUAL COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND RUSSIA WITHIN THE FRAMEWORK OF THE CSTO 127
Vohidova M.A. COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND SCO MEMBER STATES IN THE FIELD OF EDUCATION 133
Sohibi B. INDONESIA'S GEOPOLITICAL SITUATION IN A MULTIPOLAR WORLD 141
Dostieva D. M. SOCIAL AND POLITICAL CHARACTERISTICS OF YOUTH IN THE PROTECTION AND STRENGTHENING OF NATIONAL VALUES IN A MULTIPOLAR WORLD 147
Sudurov S. A. THE PLACE AND ROLE OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES WITHIN THE CSTO SYSTEM IN THE CONTEXT OF GEOPOLITICAL DEVELOPMENTS IN AFGHANISTAN 154
Abdulloev N. C. A MECHANISM FOR IMPROVING PUBLIC ADMINISTRATION EFFICIENCY BASED ON ELECTRONIC BUREAUCRACY 161
Muminov M.A. JOSEPH NYE'S VIEWS ON THE NEW WORLD ORDER AND THE 169

GEOPOLITICAL INTERESTS OF THE UNITED STATES IN IT ANNOTATION
Ismatulloi S. SOFT POWER AS A MECHANISM OF INTERNATIONAL COOPERATION: THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR STUDYING THE RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE EUROPEAN UNION 175
Vohidov A. M. THE US FOREIGN POLICY IN THE ERA OF GEOPOLITICAL TRANSFORMATIONS OF INTERNATIONAL RELATIONS 185
Qodirova Z.B. CONTEMPORARY GLOBALIZATION AND THE FORMATION OF A MULTIPOLAR WORLD ORDER 191

ORIENTAL STUDIES

Vakhidova S. THE LEGACY OF NOSIR KHUSRAV – AS A FACTOR OF CULTURAL DIPLOMACY IN EUROPEAN COUNTRIES 198
Ziyoev S. N. THE ISSUE OF ENSURING PEACE IN THE MIDDLE EAST IN A MULTIPOLAR WORLD: STATE AND OUTLOOK 204
Vakhidova S. THE ROLE OF AMIR KHUSRAW DEHLAVI AS A BRIDGE OF CULTURAL DIPLOMACY BETWEEN TAJIKISTAN AND INDIA IN A MULTIPOLAR WORLD 210

GLOBAL ECONOMY

Muhammadalizoda P. M. INTERNATIONAL COOPERATION – A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY 217
Qurbonzoda F. THE ROLE OF THE EAEU IN THE DEVELOPMENT OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES: THE CASE OF KYRGYZSTAN AND KAZAKHSTAN 226

ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН АБЗОРИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР ТАҲКИМИ ИМИҶИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАЙДАРЗОДА РУСТАМ ҶӮРА
МАДИМАРОВА ГУЛҲАЁ МАДИМАРОВНА
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Мақола ба нақши дипломатияи рақамӣ ҳамчун абзори муҳимми сиёсати хориҷӣ дар таҳкими имиҷи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф бар он андеша аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, ташаккули имиҷи давлат дигар танҳо аз омилҳои анъанавии дипломатия вобаста набуда, балки бо истифодаи самараноки платформаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ иртиботи зич дорад. Дипломатияи рақамӣ имкон медиҳад, ки давлат мустақиман бо аудиторияи ҷаҳонӣ муошират карда, арзишҳо, дастовардҳо ва имкониятҳои худро бидуни миёнарав муаррифӣ намояд. Ин раванд ҳамчун унсури «неруи нарм» барои ҷалби сармоягузорӣ, рушди сайёҳӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Дар мақола таҷрибаи кишварҳои пешрафта баррасӣ шуда, таъкид мегардад, ки ҳатто давлатҳои дорои захираҳои маҳдуд метавонанд тавассути мудирияти дурусти бренди миллӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ ба мавқеи баланд дар арсаи байналмилалӣ ноил гарданд.

Муаллиф вазъи кунунии Тоҷикистонро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки гарчанде заминаҳои рақамигардонӣ ва истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ вуҷуд доранд, аммо имкониятҳои дипломатияи рақамӣ ҳанӯз пурра истифода нашудаанд. Дар ин замина, зарурати таҳияи стратегияи ягонаи брендинги миллӣ, фаъолсозии ниҳодҳои давлатӣ ва истифодаи васеи шабакаҳои иҷтимоӣ барои муаррифии кишвар таъкид мегардад.

Калидвожаҳо: *дипломатияи рақамӣ, сиёсати хориҷӣ, имиҷи байналмилалӣ, платформаҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, қудрати нарм, бренди миллӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, глобализация, технологияҳои иттилоотӣ, муаррифии кишвар.*

Муқаддима. Таҳқиқи мавзуъи дипломатияи рақамӣ ва нақши он дар таҳкими имиҷи байналмилалии кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти бузург дорад. Дар ҷаҳони муосир, ки технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бо суръати баланд рушд крда истоддааст, давлатҳо имконият пайдо мекунанд, ки мустақиман бо ҷомеаи ҷаҳонӣ робита барқарор намоянд ва имиҷи худро муаррифӣ кунанд. Дар ин замина, омӯзиши дипломатияи рақамӣ ҳамчун абзори сиёсати хориҷӣ ва таҳлили таъсири он ба имиҷи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳамияти хоса дорад. Дар илми муносибатҳои байналмилалӣ масъалаи дипломатияи рақамӣ ва истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар сиёсати хориҷӣ дар солҳои охир мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Таҳқиқотҳои гузашта нишон медиҳанд, ки давлатҳои пешрафта дар ин самт стратегияҳои мушаххас таҳия намуда, дипломатияи рақамиро ҳамчун воситаи таҳкими “неруи нарм” истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти мустақим ва систематикӣ оид ба истифодаи дипломатияи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз таҳлил нашудааст ё дар шакли хеле кам таҳлил шудааст.

Мақсади таҳқиқот ин аст, ки нақши дипломатияи рақамӣ ҳамчун абзори сиёсати хориҷӣ дар таҳкими имиҷи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, вазифаҳои асосӣ аз ҷумла, муайян намудани сатҳи истифодаи дипломатияи рақамӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон, таҳлили имкониятҳо ва мушкилоти рушди дипломатияи рақамӣ, арзёбии таъсири дипломатияи рақамӣ ба миён гузошта шудааст. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур аз иснодҳои назариявӣ ва амалӣ истифода шуда, муаллиф кӯшиш мекунад,

андешаи худро барои фаҳмидани нақши дипломатияи рақамӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Методологияи таҳқиқи мавзуъ ба таҳлили асарҳои илмӣ-назариявӣ такя намуда, имкон медиҳад дипломатияи рақамӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии сиёсати хориҷӣ ва низоми муосири муаррифии давлат дар арсаи байналмилалӣ баррасӣ карда шавад. Дар баробари он, равиши муқоисавӣ низ истифода шудааст, ки тавассути он таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар соҳаи дипломатияи рақамӣ аз ҷумла ИМА ва кишварҳои Аврупо бо вазъи кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса ва таҳлил гардидаст. Усули таҳлили оморӣ низ дар асоси маълумоти байналмилалӣ ва дигар манбаъҳои омории интернетӣ истифода шуда, барои арзёбии сатҳи дастрасӣ ва истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон хизмат намудааст. Сарчашмаҳои таҳқиқотро адабиёти илмӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатия ва коммуникатсияи сиёсӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои байналмилалӣ, инчунин маводи расмии сомонаҳои давлатӣ ва платформаҳои рақамии намояндагиҳои дипломатии кишвар ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори нахуст нақши дипломатияи рақамӣ дар таҳкими имиҷи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили фаъолияти рақамии ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ мавриди омӯзиши қарор гирифтааст.

Қисмати асосӣ. Дар шароити муосири рушди муносибатҳои байналмилалӣ ташаккули имиҷи давлат ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷӣ табдил ёфтааст. Мафҳуми анъанавии "имиҷ" бо роҳи мақсаднок дар шуури ҷамъиятӣ тавассути таблиғот, муаррифӣ ва дигар воситаҳо ташаккул додани симои мусбати давлат мебошад. Он, пеш аз ҳама, бар асоси рамзҳои миллӣ, ки бо хусусиятҳои ҷуғрофӣ, тамаддунӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва этнологӣ алоқаманд аст, низ такя мекунад. Имрӯз дар ташаккул ва пешбурди имиҷ воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои рақамӣ нақши муҳим мебозанд, ки онҳо дар маҷмуъ, ҳамчун контексти татбиқи дипломатияи рақамӣ маъруфанд. Мафҳуми «дипломатияи рақамӣ» (Digital diplomacy) дар охири солҳои 1990 ва ибтидои солҳои 2000 дар натиҷаи рушди босуръати интернет, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва пайдоиши муҳити Насли дуюми шабакаи ҷаҳонии веб (Web 2.0)[1] ба вуҷуд омад. Ташаккули ин истилоҳ пеш аз ҳама ба тағйирёбии шаклҳои анъанавии фаъолияти дипломатӣ ва ворид шудани воситаҳои рақамӣ ба сиёсати хориҷии давлатҳо иртибот дорад. Аз назари баъзе таҳлилгарони соҳа дипломатияи рақамӣ ҳамчун идомаи дипломатияи ҷамъиятӣ (public diplomacy) ва мутобиқшавии дипломатия ба шароити ҷомеаи иттилоотӣ арзёбӣ мегардад.

Асоси назариявии омӯзиши дипломатияи рақамӣ нахуст дар доираи таҳқиқоти дипломатияи ҷамъиятӣ ташаккул ёфт. Яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки масъалаи мутобиқшавии дипломатия ба муҳити нави иттилоотиро аз нигоҳи илмӣ таҳлил намуд, профессори амрикоӣ Николас Ҷ. Кулл ба ҳисоб меравад. Ӯ дар асарҳои худ, махсусан, “Дипломатияи ҷамъиятӣ: типология ва таърихи ташаккул” ва баъдтар «Роҳи тӯлонӣ ба дипломатияи ҷамъиятии 2.0», нишон медиҳад, ки дипломатияи муосир тадриҷан аз шаклҳои анъанавии иртибот ба муҳити рақамӣ гузашта, истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба қисми муҳими сиёсати хориҷӣ табдил ёфтааст. Дар баробари ӯ, муҳаққиқон Корнелиу Бжола ва Маркус Холмс дар китоби маъруфи худ “Дипломатияи рақамӣ: назария ва амалия” «Digital Diplomacy: Theory and Practice» (2015) дипломатияи рақамиро ҳамчун истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои рақамӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ маънидод намуда, онро як шакли нави идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ арзёбӣ карданд. [1,15] Ба андешаи онҳо, дипломатияи рақамӣ на танҳо воситаи паҳн намудани иттилоот, балки механизми ташаккули афкори байналмилалӣ ва идоракунии имиҷи давлат низ мебошад.

[1] Web 2.0 (World Wide Web 2.0)- насли дуюми рушди шабакаи ҷаҳонии интернет мебошад, ки ба иштироки фаъоли корбарон, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мубодилаи интерактивии иттилоот асос ёфтааст.

Бояд зикр кард, ки Штатҳои Муттаҳидаи Америка[2] (ИМА) яке аз аввалин кишварҳое ба ҳисоб меравад, ки истифодаи дипломатияи рақамиро дар фаъолияти сиёсати хориҷии худ ба роҳ монд. Департаменти давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ҳанӯз дар солҳои 2000-ум барномаҳои “eDiplomacy” ва баъдтар **Консепсияи “21st Century Statecraft”**, ки онро метавон идоракунии давлатдорӣ ва дипломатия дар шароити технологияҳои рақамӣ ва ҷаҳонишавӣ маънидод кард, дар сиёсати хориҷии худ роҳандозӣ намуд. Ин барномаҳо истифодаи интернет, блогҳо ва шабакаҳои иҷтимоиро дар фаъолияти дипломатӣ пешбинӣ мекарданд. Баъдан Британияи Кабир, Шветсия, Фаронса ва Канада низ истифодаи шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун қисми расмии фаъолияти дипломатии худ густариш доданд. Бо рушди шабакаҳои иҷтимоӣ, махсусан Facebook, Twitter (X), YouTube ва Instagram, дипломатияи рақамӣ аз солҳои 2010 ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии давлатҳо табдил ёфт. Имрӯз дипломатияи рақамӣ ҳамчун воситаи муҳими таҳким ва ташаккули нерӯи нарм, дипломатияи ҷамъиятӣ ва муаррифии байналмилалии давлатҳо истифода мешавад. Он имкон фароҳам меоварад, ки давлат мустақиман бо аудиторияи байналмилалӣ робита барқарор намуда, симои худро бе миёнаравии анъанавӣ муаррифӣ намояд. Ин раванд ба монанди маркетинги муосир амал мекунад, ки дар он, пеш аз ҳама, муайян намудани аудиторияи мақсаднок, омӯзиши интизориҳои он ва мутобиқсозии паёмҳои иттилоотӣ аҳаммияти вижа дорад. Ҳамин тариқ, давлат дар фазои рақамӣ ба мисли як тамға ё ба истилоҳ “бренд” баромад мекунад, ки бояд арзиш, имконият ва бартариҳои худро ба таври ҷолиб ва рақобатпазир пешниҳод намояд. Яке аз вазифаҳои асосии дипломатияи рақамӣ ташаккули имиҷи мусбати давлат дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ба гуфтаи пажуҳишгари англис Саймон Анхолт, имиҷи кишвар дар бозорҳои хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳарчи бештар муҳим ва зарур мешавад. Вай бар он андеша аст, ки имҷи кишвар дар бозорҳои байналмилалӣ торафт мавқеъ пайдо мекунад. Бидуни мавқеи мусбат ва бренди миллӣ, кишварҳо наметавонанд дар муboриза барои таваҷҷуҳ, сармоягузорӣ ва эҳтиром муваффақ шаванд [1]. Бинобар ин, давлатҳо аз платформаҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, вебсайтҳои расмӣ ва воситаҳои мултимедиявӣ истифода мебаранд. Маҳз тавассути воситаҳои иттилоотӣ дар бораи сиёсати давлат, рушди иқтисодӣ, имкониятҳои сармоягузорӣ, мероси фарҳангӣ ва зарфияти сайёҳӣ ба аудиторияи ҷаҳонӣ расонида мешавад. Имиҷи давлат дар дипломатияи рақамӣ ба маҷмуи омилҳои гуногун такя мекунад. Дар баробари нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, омилҳои иҷтимоӣ, экологӣ, сатҳи инфрасохтор ва қонунгузорӣ низ аҳаммияти калон доранд. Масалан, сатҳи рушди инфрасохтор, амнияти иҷтимоӣ, шароити мусоиди тиҷорат ва устувории сиёсӣ дар ташаккули эътимоди байналмилалӣ нақши муҳим мебозанд. Дипломатияи рақамӣ ин омилҳоро ба таври шаффоф ва дастрас ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, ба баланд бардоштани эътимод ба давлат мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, ба андешаи таҳлилгарон, ҷалби таваҷҷуҳи ҷаҳонӣ ба захираҳои табиӣ маҳдуд намешавад. Таҷрибаи баъзе кишварҳо нишон медиҳад, ки ҳатто давлатҳое, ки захираҳои табиӣ кам доранд, метавонанд бо истифода аз идоракунии дурусти имиҷ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ба сатҳи баланди рушд расанд. Масалан, кишварҳое ба монанди Сингапур ва Шветсия, ки захираҳои табиӣ маҳдуд доранд, бо идоракунии дурусти бренди миллӣ ва истифода аз технологияҳои рақамӣ ба сатҳи баланди рушд ва обрӯ дар арсаи байналмилалӣ ноил гардидаанд. Онҳо аз зумраи кишварҳое ҳастанд, ки ҷалби таваҷҷуҳи ҷаҳонӣ ва рушди иқтисодиро танҳо бо захираҳои табиӣ ҳадаф нагузоштаанд, балки брендинг, технологияи иттилоотӣ ва сиёсати дурусти рушди миллӣ онҳоро муваффақ кардааст. Ин омилҳо ва роҳҳо барои кишвари мо метавонанд ҳамчун намунаи стратегияҳои таъсиргузори дипломатияи рақамӣ ва маркетинги имиҷи миллӣ корбурд шавад. Таҷрибаи чунин кишварҳо нишон медиҳад, ки дипломатияи рақамӣ метавонад воситаи муассир барои ташаккули имиҷи мусбати кишвар дар арсаи байналмилалӣ бошад. Яъне дар ин замина дипломатияи рақамӣ ҳамчун абзори муҳим маҳсуб мегардад, зеро

[2] Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки санади муҳими соҳа ба ҳисоб меравад, ҳамин тавр корбурд шудааст

он имкон медиҳад, ки бартариҳои ғайримоддии давлат, аз қабили суботи сиёсӣ, сулҳу оромӣ, сатҳи баланди меҳмоннавозӣ, фарҳанг ва имкониятҳои сармоягузорӣ, низ ба таври муассир муаррифӣ гарданд.

Дар маҷмуъ, дипломатияи рақамӣ имрӯз ҳамчун яке аз абзорҳои калидии сиёсати хориҷӣ амал мекунад, ки тавассути он давлат метавонад имиҷи худро дар арсаи ҷаҳонӣ идора ва такмил диҳад. Он имкон медиҳад, ки иттилоот ба таври фаврӣ ва мустақим паҳн гардад, афкори умум шакл дода шавад ва эътимоди байналмилалӣ ба давлат афзоиш ёбад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки рушди дипломатияи рақамӣ омили муҳимми таҳкими имиҷи байналмилалии давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад. Таваҷҷуҳ ба назария ва амалияи ташаккули имиҷи кишвар, пурсишҳои гуногун ва рейтингҳо дар бораи ҷолибияти имиҷи ҳар як кишвар дар байни мардум торафт маъмултар мегардад. Сохтори умумии имиҷи кишварро шартан метавон чунин баррасӣ намуд:

–имиҷи беруна–тасаввуроти кишвар, ки аз ҷониби аҳолии дигар давлатҳо ташаккул ёфтааст;

–имиҷи дохилӣ – тасаввуроти кишвар дар бораи худ, ки ҳувияти миллӣ, мақоми давлат дар муҳити байналмилалӣ ва тасвирҳои вазъиятиро дар бар мегирад, ки аз ҷониби элитаи ҳукмрон ба вуҷуд оварда шудаанд ва ба мардуми васеъ расонида мешаванд. Фарқи асосии байни имиҷи беруна ва дохилӣ аудиторияест, ки бо он муошират сурат мегирад. Рушди технологияҳои иттилоотӣ, бахусус интернет, саҳифаи наверо дар ташаккули имиҷи кишварҳои ҷаҳон боз кард. Дар ин робита қайд бояд кард, ки ҷойгоҳ ва нақши дипломатияи рақамӣ дар татбиқи вазифаҳои сиёсии давлат, бахусус, дар тақвияти имиҷи мусбати он, рӯз то рӯз афзоиш ёфта, мавқеи калидӣ пайдо карда истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ тадриҷан ба яке аз самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфта истодааст. Ин раванд дар доираи ташаккули “иқтисоди рақамӣ” ва гузариш ба модели нави идоракунии давлатӣ, ки ба самаранокӣ, шаффофият ва хизматрасонии босифат ба аҳолӣ нигаронида шудааст, амалӣ мегардад. Дар ин замина, қабули як қатор барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ оид ба рушди ҳукумати электронӣ, иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ заминаи муҳим барои густариши дипломатияи рақамӣ дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам меорад.

Дар сатҳи сиёсати давлатӣ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 ҳамчун “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодати он аст, ки рақамикунонӣ танҳо як самти техникии ислоҳот набуда, балки самти стратегии рушди давлатдорӣ ва таҳкими мавқеи байналмилалии кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар сатҳи институтсионалӣ, таъсиси Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми марказии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рақамикунонӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ин ниҳод барои таҳияи сиёсати ягона дар самти технологияҳои рақамӣ, ҳукумати электронӣ, хизматрасониҳои рақамӣ ва рушди зеҳни сунъӣ (AI) масъул мебошад. Бинобар ин, ҳукумати электронӣ ва дипломатияи рақамӣ дар шароити муосир ҳамчун ду ҷараёни ба ҳам вобаста баррасӣ мегарданд. Ҳукумати электронӣ ба рақамикунонии равандҳои дохилии идоракунии давлатӣ, коҳиши бюрократия ва баланд бардоштани шаффофияти хизматрасониҳо нигаронида шудааст, дар ҳоле ки дипломатияи рақамӣ ин принсипҳоро ба сатҳи беруна, яъне муаррифии давлат дар арсаи байналмилалӣ интиқол медиҳад.

Гузашта аз ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии зарурати татбиқи барномае, ки такмили ҳама соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷомеа бо ёрии технологияҳои рақамӣ пешбинӣ мекунад, таъкид гардидааст. [9] Аз ин нуқтаи назар, барои боз ҳам беҳтар кардани фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун низоми мақомоти идоракунии давлатӣ, аз ҷумла, масъалаи рақамикунонии дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ ба як зарурати объективӣ табдил меёбад. Албатта, дар фазои интернет бо тамоми мураккабӣ ва гуногунрангии худ фаро гирифтани

раванд ва рӯйдодҳое, ки дар ҳаёти давлат рӯй медиҳанд, кори саҳл нест, аммо дар муқоиса бо васоити ахбори оммаи анъанавӣ, фазои мазкур имкон медиҳад, ки бо доираи нисбатан васеи афкор, шаклҳои дарк ва тасаввур, далелу хабарҳо дар бораи кишвари мушаххас огоҳии бештар ва сароҳатан пайдо кунем.

Яке аз онҳо пайваст шудан ба шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки ҳоло шакли анъанавии муошират инсониро ба куллӣ тағйир дода. Имкониятҳоеро, ба монанди огоҳ кардани саривақтӣ дар бораи рӯйдодҳо, ҷустуҷӯ ё ташкили гурӯҳҳо мувофиқи доираи таваҷҷуҳ ва ҷамъоварии иттилоот фароҳам меоваранд. Саҳифаҳои иҷтимоии миллӣ ва байналмилалӣ барои муошират байни сокинони як минтақа ё бо сокинони минтақаи дигар (мубодилаи иттилоот, барқарор ё нигоҳ доштани ҳамкориҳо ва ғайра) истифода мешаванд. Муносибатҳои байнидавлатӣ ба иштирокчиёни шабакаҳо дар ноил шудан ба ҳадафҳои минтақавӣ, таъмини дастгирии мутақобилаи иҷтимоӣ байни онҳо ва фароҳам овардани имкониятҳо барои ташаккули имиҷи минтақа мусоидат мекунанд. Тибқи гузориши Беклинко (Backlinko), ки таҳлили таҷрибаҳои рақамиро дар сатҳи ҷаҳонӣ пешниҳод мекунад, имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 6 миллиард нафар аз шабакаи интернетӣ истифода мебаранд, ки 5.6 миллиард нафари онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол мебошанд [2]. Ин рақам беш аз 68 дарсади аҳолии сайёраи Заминро ташкил медиҳад. Аз ин шумора корбарони бақайдгирифташуда дар шабакаи Facebook, тибқи маълумоти барномаи силсилавии Meta, аввали соли 2026 зиёда аз 3.07 миллиард корбари фаъол дар як моҳ мебошад, ки онро ба бузургтарин платформаи иҷтимоии ҷаҳон табдил медиҳад. Пас аз Facebook, мутаносибан платформаҳои YouTube, Instagram ва TikTok аз серистеъмолтарин шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Ин шабакаҳо имрӯз ба воситаи асосии дипломатияи рақамӣ табдил ёфтаанд, зеро онҳо имкон медиҳанд давлатҳо паёмҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии худро ба аудиторияи ҷаҳонӣ мустақиман расонанд.

Додаҳо нишон медиҳанд, ки фазои рақамӣ ба яке аз муҳимтарин майдонҳои таъсиррасонӣ ва муаррифии давлатҳо табдил ёфтааст. Дар чунин шароит дипломатияи рақамӣ имкон медиҳад, ки давлатҳо бевосита бо аудиторияи ҷаҳонӣ робита барқарор намуда, имиҷи худро ба таври самаранок ташаккул диҳанд. Бо сабаби афзоиши босуръати маъруфияти платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, вебсайтҳо ва дастгоҳҳои рақамӣ, муҳити “Web 2.0” дар шакли омехта бо ин унсурҳо ташаккул меёбад. Дар чунин шароит метавон тарҳи рушани дипломатияи рақамиро мушоҳида кард, ки он, пеш аз ҳама, ҳамчун стратегияи фаъолияти сиёсати хориҷии давлатҳо намоён мегардад. Ин раванд ҳамзамон унсурҳои дипломатияи анъанавии давлатӣ ва мафҳуми қудрати нармро дар худ муттаҳид месозад. Муҳаққиқ Синчук бар он назар аст, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ бояд бештар барои ҳифзи нуфузи миилӣ ва байналмилалӣ истифода кард ва он бояд мақсаднок бошад. Ӯ менависад, ки зарур аст, ба имконияти истифодаи мақсадноки шабакаҳои иҷтимоӣ дар беҳтар кардани имиҷи байналмилалии кишвар ва мавқеи он тавассути таблиғи васеи фарҳанг, таърих ва дастовардҳои давлат диққати махсус дода шавад [8, 87]. Сабаб дар он аст, ки ташаккули имиҷи мусбати давлат дар интернет, бахусус, бо ёрии шабакаҳои иҷтимоӣ, барои иҷрои вазифаҳои зерин хизмат мекунад, аз ҷумла:

– ҷалби сармоягузорӣ;

– ҷалби сайёҳон ба кишвар;

–ноил шудан ба тақвияти таъсири ҳамкориҳои сиёсӣ бо кишварҳои хориҷӣ;

– баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳо, аз ҷумла ташкилотҳои илмӣ, корхонаҳои давлативу хусусӣ, донишгоҳҳо ва ғайра;

– ташаккули эҳсоси мансубият ба миллат ва ифтихор аз шаҳрванди кишвар будан, ки аз ҷузъҳои хеле муҳимми имиҷи кишвар маҳсуб меёбад.

Дар замони имрӯз, ошно сохтани аҳолии ҷаҳон бо имкониятҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва миллӣ ҳамчун омили "неруи нарм" дар ташаккули имиҷи кишвар муҳим мегардад. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки ташаккули шинохт ва ё тасаввуроти дилхоҳ давлат як раванди динамикӣ аст, ки онро аз нуқтаи назари гуногун дидан мумкин аст. [1] Аз ин лиҳоз, он нахуст, тамоюлҳои асосии рушди давлатро инъикос мекунад, дуюм, маънои қобилияти

муаррифии ин равандҳоро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дорад, сеюм, масъалаи ташаккул ва рушди тасвири кишварро бояд ҳамчун маҷмуи усулҳо ва абзорҳое баррасӣ кард, ки барои амалӣ кардани манфиатҳои миллӣ дар замони ҷаҳонишавӣ, мавқеи кишвар дар ҷараёни иттилооти байналмилалӣ ва фазои коммуникатсионӣ равона гарданд.

Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарур аст, ки имкониятҳои дипломатияи рақамиро дар асоси вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди бахши иттилоот, иқтисоди давлатӣ, фарҳанги миллӣ, амнияти, низоми идоракунии давлатӣ баррасӣ кунем. Маълум аст, ки дар солҳои охир рақамикунонии кишвар яке аз вазифаҳои афзалиятнок ҳамчун шарти муҳимми рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ба гуфтаи коршиносон, васоити ахбори оммаи анъанавӣ ва медиахолдингҳо метавонанд аз шабакаҳои иҷтимоӣ самаранок истифода бурда, ҷанбаҳои гуногуни имиҷи кишварро ошкор ва самаранок таблиғ кунанд [3, 98]. Қобили зикр аст, ки дар Тоҷикистон ҳам як қатор ВАО-и фаъолияткунанда барои истифодаи васеи имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ кор мекунанд. Масалан, Агентии миллии иттилоотии “Ховар” (khovar.tj) барои аудиторияи гуногун маълумот пешниҳод мекунад. Ҳамчунин, яке аз нуктаҳои қобили эътироф ин аст, ки айни замон АМИТ “Ховар” дар вебсайти “**khovar.tj”** бо се забони хориҷӣ (русӣ, англисӣ, арабӣ) барои аудиторияи байналмилалӣ низ маълумот нашр мекунад.

Сомонаи иттилоотии Вазорати корҳои хориҷии тоҷикистон (mfa.tj бо се забон–тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) фаъолият мекунад. Бо хабару гузоришҳои ин сомона мустақиман тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла, “Facebook”, “Instagram”, “Twitter”, “tik-tok” шинос шудан мумкин аст.

Аз таҳлили саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, бахусус кишварҳои абарқудрат ва шарикони стратегии Тоҷикистон, ба монанди Русия, Чин, ИМА, Британия, Ҳиндустон, Эрон, Фаронса бармеояд, ки ҳанӯз унсурҳои дипломатияи рақамӣ ба таври зарурӣ амалӣ нагардидаанд. Мо ҳангоми таҳлил ба ду шабакаи иҷтимоии машҳури ҷаҳон, ки бештар хабарҳои муҳимми сиёсати байналмилаӣ дар онҳо нашр мегарданд, ручуъ намудем. Аксари сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои мазкур аз шабакаи иҷтимоии Facebook истифода мекунанд, ба ҷуз сафоратхони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин. Аммо на ҳамаи онҳо дар “Твиттер” (X) фаъол ҳастанд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Британияи Кабир дар саҳифаи фейсбукии худ беш аз 4,1 ҳазор нафар муштарӣ дошта, ҳамзамон, дар шабакаи машҳури “Твиттер” низ 1004 хонанда дорад. Саҳифаи фейсбукии сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Русия бештар аз 8,7 ҳазор хонандаи доимӣ дорад. Аз тарафи ҳар ду сафоратхона хабарҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳатто чорабиниҳои фарҳангӣ, ки ба шинохти симои кишвар дар арсаи байналмилаӣ мусоидат мекунанд, нашр мегардад. Яъне фаъолияти кории намояндагиҳо дар ин кишвар аз ҷиҳати мутобиқшавӣ ба замони дипломатияи рақамӣ қадамҳои хуб гузошта истодаанд. Дигар сафоратхонаҳои дар боло зикршуда танҳо хабарҳои расмие, ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон нашр мегарданд, бознашр мекунанд. Дар ҳеч як аз сафоратхонаҳои зикршуда дар сомонаи расмиашон дар бахши “моро пайгирӣ кунед” ба ягон шабакаҳои иҷтимои пайвастагӣ ё ишора карда нашудааст.

Имрӯз технологияҳои интернетӣ аз нигоҳи кор бо иттилоот ва қабулкунандагони он уфуқҳои васеъро мекушоянд. Дар айни замон, интихоби ғояву тасвирҳои марказӣ ва пешбурди бренди кишвар дар атрофи онҳо зарур аст. Ба андешаи мо, стратегияи тасвире, ки дар ин масъала интихоб карда мешавад, на танҳо бояд бо руҳия, фарҳанг ва ҷаҳонбинии дохилӣ мувофиқ бошад, балки ҳамчун омил барои рушди минбаъдаи давлатдорӣ ва ҳувияти миллӣ низ хидмат кунад ва бояд тавонад тасвири дурахшони давлат ва ҷомеаеро, ки сохта мешавад, нишон диҳад.

Натиҷаи таҳқиқот ба он оварда мерасонад, ки Тоҷикистон барои рушди дипломатияи рақамӣ заминаҳои мусоид дорад, аммо имкониятҳои мавҷуда ҳанӯз пурра истифода нашудааст. Дар асоси нуктаҳои дар боло зикршуда метавон гуфт, ки эҷоди бренди миллии Тоҷикистон, ки иқтидори ғании табиӣ, захираҳои фаровони обӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии

кишварро инъикос мекунад, ногузир аст. Имрӯз дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла мероси фарҳангӣ, сайёҳӣ, таърихи кишвар, арзишҳои моддӣ ва маънавии миллӣ, брендинги ягонаи кишвар ва сиёсати мукаммали муаррифӣ ва таблиғ (PR) вуҷуд надорад. Дар кишвар стратегияҳои алоҳида мавҷуд доранд, ки маҳз ба пешбурди имиҷи кишвар, аз ҷумла, имиҷи сайёҳии он қабул гардидааст. Дар асоси «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳон, бартараф намудани мушкилоти мавҷуда дар соҳа ба таври системавӣ, баланд бардоштани масъулияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъмини рушди минбаъдаи бахши сайёҳӣ аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб мераванд.

Мақоми Тоҷикистон дар тадбиқ ва ё истифода аз дипломатияи рақамӣ дар муқоиса бо кишварҳои Осиёи Марказӣ миёна ба ҳисоб меравад. Агар Қазоқистон ва Узбекистон дар рӯ ба авҷи истифодаи дипломатияи рақамӣ қарор доранд, Тоҷикистон ҳанӯз имкониятҳои худро пурра истифода накардааст. Бо афзоиши босуръати истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба интернет дар Тоҷикистон, табдил ёфтани дипломатияи рақамӣ ба яке аз муҳимтарин абзори сиёсати хориҷӣ ва муаррифии имиҷи кишвар аз имкон дур нест. Тибқи хулоса ва пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷаласаи Regional Preparatory Meeting for the Commonwealth of Independent States (RPM-CIS) дар доираи ITU-D (Contribution 16, 2025), давлат истифодаи платформаҳои рақамӣ ва вебсайтҳои расмиро ҳамчун канали расмии расонидани иттилоот, муаррифии сиёсати хориҷӣ ва тақвияти неруи нарм “soft power” пешниҳод мекунад [7]. Ин санад нишон медиҳад, ки сиёсати рақамӣ дар кишвар натанҳо воситаи рушди технологӣ, балки абзори стратегӣ барои ҳамоҳангсозӣ бо кишварҳои ИДМ ва арсаи байналмилалӣ мебошад. Бо дарназардошти он ки тақрибан 50 дарсади аҳолӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъоланд, мақомоти марбута метавонад ба воситаи дипломатияи рақамӣ имиҷи байналмилалиашро тақвият бахшад ва “неруи нарм” (soft power)-ро дар арсаи ҷаҳонӣ бештар истифода кунад. Мувофиқи маълумоти пойгоҳи байналмилалии “Дата Репортал” (Datareportal), дар охири соли 2025, вақте ки сатҳи дастрасӣ ба интернет 56,8 дарсадро ташкил медод, дар Тоҷикистон 6,15 миллион нафар аз интернет истифода мебурданд [6]. Ҳатто дар ҳолати миёна будани дастрасӣ ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар соли 2025, тақрибан 66 дарсади аҳолӣ корбари интернет ва 51 дарсад корбари шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Тоҷикистон имкон дорад, ки тавассути дипломатияи рақамӣ имиҷи байналмилалии худро тақвият бахшад. Ин раванд ба мақомоти давлатӣ шароит фароҳам меоварад, ки паёмҳои сиёсию фарҳангиро ба таври муассир ба аудиторияи ҷаҳонӣ расонанд.

Хулоса, метавон гуфт, ки дипломатияи рақамӣ, ки бо захираҳои зарурии зеҳнӣ, технологӣ таъмин карда мешавад, метавонад яке аз воситаҳои муассири пешбурди манфиатҳои сиёсии хориҷии ҷумҳурӣ гардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дипломатияи рақамӣ натанҳо ба ҷалби сармоягузорӣ, сайёҳон ва ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ мусоидат мекунад, балки эътимоди байналмилалиро ба давлат афзоиш дода, ба таҳкими “неруи нарм” тақвият мебахшад.

Ҳамин тавр, дипломатияи рақамӣ имрӯз ҳамчун абзори калидии сиёсати хориҷӣ ва идоракунии имиҷи байналмилалии давлат мавриди корбурд қарор гирифта, имкон фароҳам меорад, то тавассути истифодаи мақсадноки платформаҳои рақамӣ ва ташаккули бренди миллӣ, мавқеи байналмилалии кишварро боз ҳам устувортар намояд.

Адабиёт:

1. Anholt S. Competitive Identity: The New Brand Management for Nations, Cities and Regions [Манбаъи электронӣ]: https://www.anholt.com/nation-brands-index (Санаи мурочиат: 28.04.2026).
2. Backlinko. Social Media Users Statistics 2026 [Манбаъи электронӣ]: https://backlinko.com/social-media-users (Санаи мурочиат: 28.04.2026).
3. Bjola C., Holmes M. Digital Diplomacy: Theory and Practice. Illustrated edition. London: Taylor & Francis, 2015.-252 p.-ISBN 1317550196, 9781317550198.

4. Hedling E., Bremberg N. Practical approaches to the digital transformations of diplomacy: towards a new research agenda // International Studies Review. – 2021. – Vol. 23, No. 4. – P. 1595–1618.

5. Dinnie K. Branding Territories: Best Global Practices. -Moscow, 2013. 336 p.

6. Data Reportal. Digital 2026: Tajikistan [Манбаъи электронӣ]: https://datareportal.com/digital-in tajikistan (Санаи мурочиат: 25.04.2026).

7. International Telecommunication Union (ITU). Proposals of the Republic of Tajikistan for the Regional Preparatory Meeting for CIS countries (RPM-CIS), WTDC-25 (Contribution 16) [Манбаъи электронӣ]: https://www.itu.int/md/D22-RPMCIS-C-0016/en (Санаи мурочиат: 13.04.2026).

8. Синчук Ю., Каширина Т. Перспективы и возможности цифровой дипломатии // Журнал политических исследований. – 2021.-Т. 5, № 2.-С. 87–101 [Электронный ресурс]: https://naukaru.ru/ru/nauka/article/45291/view (Дата обращения: 13.04.2026)

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаъи электронӣ]: https://president.tj (Санаи мурочиат: 13.04.2026).

ЦИФРОВАЯ ДИПЛОМАТИЯ КАК ИНСТРУМЕНТ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ В УКРЕПЛЕНИИ МЕЖДУНАРОДНОГО ИМИДЖА ТАДЖИКИСТАНА

Статья посвящена роли цифровой дипломатии как важного инструмента внешней политики в укреплении международного имиджа Республики Таджикистан. Автор показывает, что в условиях глобализации и быстрого развития информационных технологий формирование имиджа государства зависит не только от традиционных факторов дипломатии, но и от эффективного использования цифровых платформ и социальных сетей. Цифровая дипломатия позволяет государству напрямую взаимодействовать с мировой аудиторией, представляя свои ценности, достижения и возможности без посредников. Этот процесс является элементом «мягкой силы» для привлечения инвестиций, развития туризма и укрепления международного сотрудничества, имея стратегическое значение. В статье рассматривается опыт развитых стран, подчеркивается, что даже государства с ограниченными ресурсами могут добиться высокого международного положения через правильное управление национальным брендом и использование цифровых технологий.

Автор анализирует текущее положение Таджикистана и показывает, что, хотя предпосылки для цифровизации и использования социальных сетей существуют, возможности цифровой дипломатии еще полностью не реализованы. В этой связи подчеркивается необходимость разработки единой стратегии национального брендинга, активизации государственных институтов и широкого использования социальных сетей для представления страны на международной арене.

Ключивые слова: *цифровая дипломатия, внешняя политика, международный имидж, цифровые платформы, социальные сети, мягкая сила, национальный бренд, международное сотрудничество, информационные технологии, представление страна.*

DIGITAL DIPLOMACY AS A TOOL OF FOREIGN POLICY IN STRENGTHENING TAJIKISTAN'S INTERNATIONAL IMAGE

The article is dedicated to the role of digital diplomacy as a key tool of foreign policy in strengthening the international image of the Republic of Tajikistan. The author demonstrates that in the context of globalization and the rapid development of information technologies, the formation of a state's image depends not only on traditional diplomatic factors but also on the effective use of digital platforms and social media networks. Digital diplomacy allows a state to communicate directly with a global audience, presenting its values, achievements, and opportunities without intermediaries. This process functions as an element of "soft power," strategically important for attracting investment, promoting tourism, and enhancing international cooperation. The article

reviews the experience of developed countries and emphasizes that even states with limited resources can achieve a high international standing through proper national brand management and the use of digital technologies.

Author analyzes the current situation in Tajikistan and shows that, although the foundations for digitalization and the use of social media exist, the potential of digital diplomacy is not yet fully realized. In this context, the necessity of developing a unified national branding strategy, activating state institutions, and extensively using social media to promote the country internationally is emphasized.

Keywords: *digital diplomacy, foreign policy, international image, digital platforms, social media networks, soft power, national bran, international cooperation, globalization, information technologies, country promotion.*

Маълумот дар бораи муаллифон:

Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра, доктори илмҳои фалсафа, директори Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com ; ORCID: 0009-0008-4629-1540

Мадимарова Гулҳаё Мадимаровна,ходими пешбари илмии шуъбаи Аврупоии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва АврупоиАМИТ. Суроға 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; Телефон: 90512 3535. почтаи электронӣ: gulhayomadimar@gmail.com

Сведения об авторах:

Хайдарзода Рустам Джура, доктор философских наук, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com ; ORCID: 0009-0008-4629-1540

Мадимарова Гулҳаё Мадимаровна,ведущий научный сотрудник

отдела Европы Института изучении проблем стран Азии и Европы НАНТ.Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 33.Телефон: +992 905123535.Электронная почта: gulhayomadimar@gmail.com

Information about authors:

Haidarzoda Rustam Jura, Doctor of Philosophy, Director of the Institute for the Study ofProblems of Asian and European Countries of the NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com; ORCID: 0009-0008-4629-1540

Madimarova Gulhayo Madimarovna , Leading Researcher of the

European Department of the Institute for the Study of the Problems of Asian and European Countries of tthe NAST.Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33, Phone: +992 905123535; Email: gulhayomadimar@gmail.com

НОРМАТИВНЫЕ АКТЫ И ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ МЕХАНИЗМЫ СОТРУДНИЧЕСТВА ОДКБ И ЕАЭС

САНГИНЗОДА ДОНИЁР ШОМАХМАД,
Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

К началу 2020-х годов стало очевидно ослабление однополярной модели международных отношений. Усиление Китая, Индии, региональных держав и альтернативных центров силы означало переход к полицивилизационной структуре мира.

Для России это означало необходимость определения собственной долгосрочной стратегии:

-либо периферийная интеграция в чужие центры силы;

-либо формирование собственного цивилизационного проекта развития.

2.4.2. Философско-онтологический смысл валдайского выступления

Выступление 2021 года следует рассматривать не только как политическое заявление, но и как симптом глубокого изменения представлений о природе развития.

Фактически был поставлен вопрос:

-о пределах рыночного универсализма;

-о роли государства;

-о необходимости социального суверенитета;

-о кризисе либеральной антропологии;

-о восстановлении исторического целеполагания.

В этом контексте особое значение имеет тезис о том, что современная система больше не обеспечивает «гармоничного развития». Это означает отказ от представления о саморегулирующемся рынке как универсальном механизме общественного воспроизводства.

Тем самым проблема развития вновь возвращается в пространство:

-стратегической политики;

-философии истории;

-цивилизационного выбора;

-социальной онтологии.

По существу, валдайское выступление обозначило переход от логики адаптации к глобальному порядку — к логике самостоятельного цивилизационного проектирования.

2.4.3. Новая модель развития как вопрос цивилизационного выживания

После 2021 года проблема новой модели развития перестала быть исключительно академической темой. Она превратилась в вопрос:

-государственного суверенитета;

-технологической независимости;

-социальной устойчивости;

-демографического воспроизводства;

-культурно-исторического сохранения России.

В условиях санкционного давления и ускоряющейся геополитической трансформации стало очевидно, что прежняя модель ограниченной интеграции в глобальную экономику более не гарантирует:

-безопасность;

-модернизацию;

-устойчивый рост;

-институциональную стабильность.

Именно поэтому в российском политическом и интеллектуальном пространстве усиливается запрос на:

-стратегическое планирование;

-промышленную политику;

-технологический суверенитет;

-развитие науки;

-укрепление социальной кооперации;

-восстановление субъектности государства.

2.4.4. Валдай 2021 как начало постлиберального поворота

С философской точки зрения Валдайский форум 2021 года можно интерпретировать как символический рубеж начала постлиберального поворота российской государственной мысли.

Если в 1990–2000-е годы преобладала логика:

-догоняющей модернизации;

-интеграции в глобальные рынки;

-институционального заимствования,

то после 2021 года всё более выраженной становится иная парадигма:

-суверенного развития;

-цивилизационного государства;

-технологической автономии;

-стратегического управления;

-культурно-исторической идентичности.

При этом речь идёт не о возврате к советской модели и не о полной автаркии, а о формировании нового типа развития, сочетающего:

-элементы рынка;

-стратегическую роль государства;

-научно-технологическую модернизацию;

-социальную устойчивость;

-цивилизационный суверенитет.

Тем самым постановка вопроса о новой модели развития России становится не ситуативной реакцией на кризис, а отражением более глубокого исторического перехода к постлиберальной эпохе.

3. Китайская модель цивилизационного социализма: Сравнительный анализ

3.1. Китай как альтернативный центр исторического развития

Китайская Народная Республика представляет собой наиболее успешный пример нелиберальной модернизации XXI века. В отличие от западной модели, китайская система сочетает:

-стратегическое государственное управление;

-рыночные механизмы;

-долгосрочное планирование;

-цивилизационную преемственность;

-приоритет национального суверенитета.

Китайская модернизация не сопровождалась разрушением государства и институционального ядра общества, как это произошло в постсоветской России.

3.2. Институциональная непрерывность как фактор развития

Ключевое отличие Китая заключается в сохранении институциональной непрерывности. Рыночные реформы были встроены в существующую систему стратегического управления, а не противопоставлены ей.

Государство сохранило:

-контроль над инфраструктурой;

-управление финансовой системой;

-промышленную политику;

-стратегическое планирование;

-координацию научно-технологического развития.

Именно это позволило КНР избежать деиндустриализации и утраты технологического суверенитета.

3.3. Китайская философия развития и роль государства

Китайская модель основана на иной философии развития, чем западный неолиберализм. Экономика рассматривается не как автономный рынок, а как инструмент цивилизационного усиления государства и общества.

В отличие от либеральной логики краткосрочной прибыли, китайская система ориентирована на:

-долгосрочное планирование;

-развитие инфраструктуры;

-рост человеческого капитала;

-технологическое лидерство;

-снижение бедности;

-сохранение социальной стабильности.

В этом смысле китайская модель ближе к концепции цивилизации развития, чем к классическому капитализму.

3.4. Ограничения китайского опыта и российская специфика

Несмотря на успехи КНР, прямое копирование китайской модели невозможно.

Российская модель развития определяется рядом факторов:

-высокой ролью государства;

-ресурсной структурой экономики;

-пространственной неоднородностью;

-исторической традицией централизованного управления;

-слабостью институциональной конкуренции.

Эти особенности делают невозможным прямое копирование зарубежных моделей модернизации.

Распад СССР сопровождался разрушением механизмов стратегического планирования, промышленной кооперации и социальной интеграции. Возникла ситуация

институциональной гибридности, при которой элементы рыночной экономики сочетаются с фрагментированными остатками прежней системы.

Это создало предпосылки для зависимости от внешних технологических и финансовых центров.

В современных условиях суверенитет означает не только политическую независимость, но и способность общества самостоятельно определять цели развития, контролировать технологии и сохранять культурную идентичность.

Цивилизационное государство развития должно обеспечивать:

-технологическую автономию;

-институциональную устойчивость;

-воспроизводство человеческого капитала;

-долгосрочное стратегическое планирование.

Россия отличается:

-иным историческим опытом;

-меньшей демографической базой;

-ресурсной структурой экономики;

-более высокой территориальной дисперсностью;

-последствиями постсоветского институционального разрыва.

Кроме того, российская цивилизационная традиция сочетает элементы:

-государственности;

-социальной солидарности;

-культурного многообразия;

-евразийской интеграции.

Поэтому для России необходим не импорт китайской модели, а формирование собственной композитной модели цивилизационного развития.

4. Рекомендуемая модель развития для современной России

4.1. Композитная суверенно-развивающая модель

Наиболее реалистичной и стратегически перспективной для России представляется **композитная суверенно-развивающая модель**, сочетающая:

-стратегическое государственное управление;

-регулируемый рынок;

-промышленную и технологическую политику;

-социальное государство;

-инновационную экономику;

-цивилизационный суверенитет.

Данная модель представляет собой **«третий путь»** между:

-неолиберальным глобализмом;

-административно-командной системой прошлого.

4.2. Ключевые элементы модели

1. Стратегическое государство развития

Государство должно выполнять функции:

-долгосрочного планирования;

-координации технологической модернизации;

-поддержки науки и образования;

-защиты критической инфраструктуры.

2. Суверенная промышленная политика

Необходим переход от сырьевой модели к высокотехнологичной индустриальной системе.

Приоритетные отрасли:

-микроэлектроника;

-энергетика;

-транспорт;
-ИИ;
-робототехника;
-биотехнологии;
-авиационно-космический комплекс.

3. Социальное государство нового типа

Социальная политика должна быть направлена не только на поддержку населения, но и на воспроизводство человеческого капитала.

Ключевыми направлениями являются:
-образование;
-здравоохранение;
-демографическая политика;
-поддержка науки;
-региональное развитие.

4. Технологический суверенитет

Технологический суверенитет предполагает:
-развитие собственных технологических платформ;
-снижение зависимости от внешних технологий;
-контроль над цифровой инфраструктурой;
-поддержку национальных научных школ.

5. Цивилизационная идентичность

Модель развития должна опираться на:
-историческую преемственность;
-культурный суверенитет;
-коллективную солидарность;
-ценности общественного развития.

5. Научная новизна и практико-гносеологическая значимость

5.1. Научная новизна

Научная новизна исследования состоит:

-в интерпретации кризиса капитализма как кризиса исторической рациональности модерна;

-в разработке категории «цивилизационного государства развития»;

-в интеграции социальной философии, институциональной экономики и философии техники;

-в формировании концепции «суверенитета развития»;

-в разработке композитной модели постлиберальной трансформации России.

5.2. Практическая значимость

Результаты исследования могут использоваться:
-в системе стратегического государственного планирования;
-при разработке промышленной политики;
-в программах технологического суверенитета;
-в научно-образовательной сфере;
-в экспертно-аналитической деятельности.

5.3. Гносеологическая значимость

Работа предлагает интегральную методологию анализа развития, преодолевающую экономический редукционизм и рассматривающую общество как систему воспроизводства:
-институтов;
-технологий;
-власти;
-идентичности;
коллективных смыслов.

6. Этапы постлиберальной трансформации

6.1. Диагностический этап

Необходим анализ институциональных ограничений, технологической зависимости и структурных дисбалансов экономики.

6.2. Формирование стратегических отраслей

Ключевыми направлениями становятся:

-микроэлектроника;

-энергетика;

-искусственный интеллект;

-транспортная инфраструктура;

-биотехнологии.

6.3. Социальная модернизация

Трансформация невозможна без:

-реформы образования;

-развития науки;

-укрепления регионов;

-повышения качества государственного управления.

6.4. Формирование новой философии развития

Постлиберальная трансформация требует изменения самого понимания прогресса. Развитие должно рассматриваться не как рост потребления, а как расширение возможностей человеческого существования.

7. Теоретическое углубление: Постлиберализм как смена исторической рациональности

7.1. Постлиберализм не как «антилиберализм», а как новая логика социальности

Постлиберальная модель не может рассматриваться исключительно как реакция на кризис неолиберализма. Её содержание значительно шире простой критики рынка или глобализации. Речь идёт о трансформации самой исторической рациональности, определявшей развитие модерна на протяжении последних столетий.

Либеральная эпоха основывалась на нескольких фундаментальных предпосылках:

-автономности индивида;

-универсальности рыночной рациональности;

-линейности прогресса;

-приоритете экономической эффективности;

-представлении о государстве как о вторичном регуляторе.

Однако в XXI веке данные основания вступают в противоречие с реальностью сложных цивилизационных систем. Глобальные кризисы показывают, что общество не может существовать как простая сумма рациональных экономических агентов. Социальная устойчивость требует механизмов коллективной координации, стратегического целеполагания и воспроизводства общих смыслов.

В этом контексте постлиберализм следует понимать как переход:

-от экономики прибыли — к экономике воспроизводства общества;

-от универсализма — к цивилизационному плюрализму;

-от потребительского роста — к качеству человеческого развития;

-от дерегуляции — к стратегическому управлению сложностью;

-от глобалистской зависимости — к суверенитету развития.

Тем самым происходит изменение не только институциональной структуры, но и философии исторического процесса.

7.2. Цивилизационный плюрализм против универсализма модерна

Одним из ключевых кризисов современности становится кризис универсалистской модели модернизации. Исторический опыт последних десятилетий показывает невозможность существования единой модели развития для различных цивилизаций.

Механическое копирование западных институтов в странах с иными историческими и культурными основаниями зачастую приводит к институциональной дезорганизации, росту зависимости и социальной фрагментации [17].

Современный мир всё более приобретает характер полицивилизационной системы, в которой различные центры развития формируют собственные модели модернизации:

-китайский цивилизационный социализм;

-индийская модель культурно-государственного развития;

-исламские модели экономического суверенитета;

-латиноамериканские проекты социальной интеграции.

В этих условиях Россия объективно сталкивается с необходимостью формирования собственной модели цивилизационного развития, основанной не на догоняющей модернизации, а на синтезе технологического развития, государственного суверенитета и культурно-исторической идентичности.

8. Методологическое расширение: Междисциплинарная модель анализа

8.1. Синтез социальной философии и институциональной экономики

Предлагаемая концепция основывается на междисциплинарной методологии, объединяющей:

-социальную философию;

-институциональную экономику;

-политическую экономию;

-цивилизационный анализ;

-элементы мир-системного подхода;

-философию техники.

Необходимость подобного синтеза обусловлена тем, что кризис современной системы носит комплексный характер и не может быть адекватно объяснён исключительно экономическими категориями.

Экономическая динамика определяется:

-культурными кодами;

-институциональной средой;

-типом политической организации;

-системой ценностей;

-структурой коллективного сознания.

Именно поэтому социально-экономическая модель должна рассматриваться как форма организации целостной цивилизационной реальности.

8.2. Философия техники и проблема технологического суверенитета

Особое значение в современной ситуации приобретает философия техники. В рамках классического либерального подхода техника воспринималась как нейтральный инструмент повышения эффективности. Однако цифровая эпоха демонстрирует, что технологии формируют новые структуры власти и зависимости.

Контроль над:

-искусственным интеллектом;

-микроэлектроникой;

-цифровыми платформами;

-биотехнологиями;

-коммуникационными системами

становится важнейшим элементом геополитического и цивилизационного суверенитета.

Технологическая зависимость в XXI веке означает ограничение способности государства к самостоятельному развитию. Поэтому постлиберальная модель предполагает переход от потребления внешних технологий к формированию собственных технологических контуров развития.

В этом смысле технологический суверенитет выступает не только экономической, но и онтологической категорией, связанной со способностью общества самостоятельно определять своё будущее.

8.3. Социальная онтология развития

Категория развития в современной теории часто редуцируется к количественным показателям:

-ВВП;

-темпам роста;

-производительности;

-инвестиционной активности.

Однако подобный подход игнорирует качество социальной среды и состояние человеческого капитала.

С точки зрения социальной онтологии развитие представляет собой:

-расширение возможностей человеческого существования;

-усложнение форм социальной кооперации;

-повышение устойчивости общества;

-рост способности к историческому самоуправлению.

Таким образом, экономика должна оцениваться не только по критериям прибыли, но и по способности обеспечивать воспроизводство общества как целостной цивилизационной системы.

9. Перспективы формирования цивилизации опережающего развития

В условиях ускоряющейся глобальной трансформации ключевым вопросом становится способность государства и общества перейти от логики догоняющей модернизации к логике опережающего развития.

Цивилизация опережающего развития предполагает:

-приоритет долгосрочного стратегического мышления;

-интеграцию науки, образования и промышленности;

-развитие человеческого капитала;

-формирование технологической независимости;

-сохранение культурно-исторической идентичности.

Подобная модель требует нового типа государства — не только административного аппарата, но института цивилизационной координации.

Для России это означает необходимость:

-восстановления стратегического горизонта развития;

-перехода к активной промышленной политике;

-укрепления научного и образовательного суверенитета;

-создания собственных технологических платформ;

-формирования культуры развития как общественного проекта.

Тем самым постлиберальная трансформация выступает не временной антикризисной мерой, а попыткой формирования новой исторической модели цивилизационного существования в XXI веке.

Заключение

Современный кризис капитализма носит не циклический, а системно-цивилизационный характер. Он затрагивает основы социальной интеграции, исторической субъектности и способности общества к самостоятельному развитию.

В этих условиях Россия объективно сталкивается с необходимостью формирования новой модели развития, выходящей за пределы как неолиберальной глобализации, так и архаизированных форм административного централизма.

Наиболее перспективной представляется **композитная суверенно-развивающая модель**, основанная на:

-стратегическом государственном управлении;

-технологическом суверенитете;
-регулируемом рынке;
-социальной справедливости;
-научно-технологической модернизации;
-цивилизационной идентичности.

Подобная модель не является возвратом к прежним формам социализма или копированием западных институтов. Речь идёт о поиске **новой философии развития**, ориентированной на восстановление исторической субъектности и формирование **цивилизации опережающего развития**

Подобная модель может стать основой формирования цивилизации опережающего развития, ориентированной не на воспроизводство глобальной зависимости, а на самостоятельное историческое развитие России в условиях многополярного мира.

ЛИТЕРАТУРА

1. Зиновьев А. А. Русская трагедия: гибель утопии. — М.: Алгоритм, 2002. — 475 с.
2. Зиновьев А. А. Логическая социология. — М.: Канон+, 2003. — 416 с.
3. Маркс К. Капитал. Т. 1–3. — М.: Политиздат, 1960–1982.
4. Пикетти Т. Капитал в XXI веке. — М.: Ад Маргинем Пресс, 2015.
5. Пикетти Т. Капитал и идеология. — М.: Ад Маргинем Пресс, 2021.
6. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики. — М.: Начала, 1997.
7. Поланьи К. Великая трансформация. — СПб.: Алетейя, 2002.
8. Бабурин С. Н. Государство и цивилизация. — М.: Норма, 2020. — 304 с.
9. Караганов С. А. Россия в мире сил: стратегия на будущее. — М.: АСТ, 2023. — 352 с.
10. Валлерстайн И. Мир-системный анализ. — М.: Территория будущего, 2006.
11. Фишер М. Капиталистический реализм. — М.: Ад Маргинем, 2010.
12. Глазьев С. Ю. Стратегия опережающего развития. — М.: Экономика, 2010.
13. Глазьев С. Ю. Теория долгосрочного развития. — М.: ВлаДар, 1993.
14. Полтерович В. М. Институциональные ловушки // Экономика и математические методы. — 1999.
15. Аузан А. А. Экономика всего. — М.: МИФ, 2013.
16. Аузан А. А. Культурные коды экономики. — М.: АСТ, 2022.
17. Полтерович В. М. Элементы теории реформ. — М.: Экономика, 2007.
18. Тамбовцев В. Л. Теории институциональных изменений. — М.: Проспект, 2016.
19. Манхейм К. Идеология и утопия. — М.: Юрист, 1994. — 448 с.
20. Чанг Х.-Дж. 23 тайны капитализма. — М.: МИФ, 2015.

ДАВЛАТИ ТАМАДДУНИИ РУШД ВА ТАҲАВВУЛОТИ ПОСТЛИБЕРАЛӢ: АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФӢ, НИҲОДӢ ВА ГЕОИҚТИСОДИИ МОДЕЛИ НАВИ РУШДИ РОССИЯ

Дар мақола таҳлили ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ-фалсафӣ, институтсионалӣ ва сиёсӣ-иқтисодии буҳрони модели муосири либералӣ-капиталистӣ анҷом дода шуда, имконҳои ташаккули парадигмаи алтернативии рушд дар шароити асри XXI баррасӣ мегарданд. Бар асоси ҳамгироии фалсафаи иҷтимоӣ, иқтисоди институтсионалӣ, таҳлили тамаддунӣ ва назарияи давлати стратегӣ, контсепсияи давлати тамаддунии рушд ҳамчун шакли ташкили постлибералии ҷомеа ва иқтисод асоснок карда мешавад. Нишон дода мешавад, ки буҳрони муосири капитализм на хусусияти даврӣ, балки хусусияти системавию онтологӣ дошта, ба пояҳои ҳамгироии иҷтимоӣ, субъективияти таърихӣ ва бозтавлиди ҳастии инсонӣ таъсир мерасонад. Таваҷҷуҳи махсус ба вижагиҳои рушди Россия, мушкилоти гусасти институтсионалӣ пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, инчунин таҳлили муқоисавии модели

чиноии сотсиализми тамаддунӣ равона шудааст. Барои Россия модели таркибии соҳибихтиёр ва рушдгаро пешниҳод мегардад, ки идоракунии стратегии давлатӣ, бозори танзимшаванда, соҳибихтиёрии технологӣ, фарогирии иҷтимоӣ, навсозии илмӣ-технологӣ ва устувории экологиро дар бар мегирад. Хулоса карда мешавад, ки гузариш аз мантиқи модернизатсияи неолибералӣ ба фалсафаи рушди пешоҳанг ва тамаддунӣ зарур мебошад.

Калидвожаҳо: капитализм; постлиберализм; давлати тамаддунӣ; соҳибихтиёрӣ; фалсафаи иҷтимоӣ; иқтисоди институтсионалӣ; рушди стратегӣ; Россия; сохтори технологӣ; тамаддуни рушд; Чин; онтологияи иҷтимоӣ.

THE CIVILIZATIONAL DEVELOPMENTAL STATE AND POST-LIBERAL TRANSFORMATION: SOCIAL-PHILOSOPHICAL, INSTITUTIONAL, AND GEOECONOMIC FOUNDATIONS OF RUSSIA'S NEW DEVELOPMENT MODEL

This article provides a comprehensive socio-philosophical, institutional, and political-economic analysis of the crisis of the contemporary liberal-capitalist model and explores the prospects for constructing an alternative development paradigm in the twenty-first century. Drawing upon a synthesis of social philosophy, institutional economics, civilizational analysis, and the theory of the developmental state, the study substantiates the concept of the civilizational developmental state as a post-liberal form of social and economic organization. It is argued that the current crisis of capitalism is not merely cyclical but systemic and ontological in nature, affecting the foundations of social integration, historical agency, and the reproduction of human existence. Particular attention is devoted to the Russian context, including the problem of institutional discontinuity following the dissolution of the Soviet Union, as well as to a comparative analysis of the Chinese model of civilizational socialism. The article proposes a composite sovereign-developmental model for contemporary Russia that combines strategic state governance, a regulated market economy, technological sovereignty, social inclusiveness, scientific and technological modernization, and ecological sustainability. It concludes that a transition from the logic of neoliberal modernization to a philosophy of civilizational and anticipatory development is both necessary and historically imperative.

Keywords: capitalism; post-liberalism; civilizational state; sovereignty; social philosophy; institutional economics; strategic development; Russia; technological paradigm; developmental civilization; China; social ontology.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Сайидзода Зафар Шералӣ - доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, имейл: zafarsaidov61@ gmail.com тел.:(+992902888816).

Темурзода Фаррухшоҳ Сироҷиддин - номзади илмҳои таърих, мутасаддии кор бо магистр ва докторантони (PhD)-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552-42-19-19.

Сведения об авторов:

Сайидзода Зафар Шерали - доктор исторических наук, заведующий отделом СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, имейл: zafarsaidov61@gmail.com тел.: (+992902888816).

Темурзода Фаррухшо Сироджиддин - кандидат исторических наук, руководитель сектора магистратуры и докторантуры (PhD) Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552-42-19-19.

About the author:

Sayidzoda Zafar Sherali, doctor of Historical Sciences, director of the CIS Department of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, email:zafarsaidov61@gmail.com tel.: (+992) 902888816.

Temurzoda Farrukhshoh Sirojiddin - candidate of Historical Sciences, Head of the Master's and Doctoral Studies (PhD) Sector of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552421919.

ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

ФАЙЗАЛИЗОДА ҶУМАХОН ХОЛ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола муаллиф шакли нави муколамаи байни фарҳангҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Тавре ки қайд гардидааст, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо рӯ овардан ба таърих ва арзишҳои миллӣ ба хотири нигаҳдошти анъанаву суннатҳои неки ниёгон ва ҳифзи истиқлоли сиёсиву фарҳангӣ аҳаммияти басо муҳим дорад.

Алалхусус, таҳқиқи мукаммали илмии тамаддуни ориёӣ, ки он имкон медиҳад паҳлуҳои гуногуни таъриху фарҳанг, нақши гузаштагон дар таҳкими давлатдорӣ, саҳми чеҳраҳои илму фарҳанг дар пешрафти тамаддуни башарӣ инъикос ёбанд.

Калидвожаҳо: *ҷаҳонишавӣ ва таъсири он, бархӯрди тамаддунҳо, истиқлолияти миллат, анъана ва расму оинҳо, фарҳангӣ миллӣ ва арзишҳои он, ташаккули майдони байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ-иттилоотӣ, сохторҳои фаромиллӣ, созмонҳои минтақавӣ ва ҷамъиятӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, стандартҳои иҷтимоӣ.*

Муқаддима. Тараққиёту рушди Тоҷикистони азиз дар замони соҳибистиқлолӣ шаклҳои наву муосири муколамаву муоширати байни фарҳангҳоро тақозо менамояд. Ва албатта, интихоби шаклҳои қобили қабул барои инкишофи ояндаи фарҳанг, махсусан дар шароити Тоҷикистон ба ҳифзу нигаҳдошти фарҳанги миллӣ, ҳамчунин қобилияти ҳамгироии он бо тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва пуршиддат гардидани ҷаҳони муосир рӯ овардан ба таърих, махсусан, фарҳанг - арзишҳои миллӣ ба хотири нигаҳдошти ҷашну маросим, анъанаву одатҳои ниёгонамон ва ҳифзи истиқлолияти фарҳангии кишварамон аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Таърих гувоҳ аст, ки таҳқиқи амиқи тамаддуни ориёӣ имкон медиҳад, самтҳои гуногуни таъриху фарҳанг, нақши ниёгон дар рушди давлатдорӣ, саҳми шахсони мондагор дар илму фарҳанг ва пешрафти тамаддуни башарӣ ошкор карда шавад.

Мақсади мақола иборат аст аз таҳлилу муайян намудани самтҳои муҳими таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳангу истиқлолияти миллат. Барои ҳал намудани мақсади мазкур **вазифаҳои зерин** гузошта шуд:

- омӯзиши таъсири ҷаҳонишавӣ ба соҳибихтиёрии давлат;
- таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба анъана ва расму оинҳо;
- таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳангӣ миллӣ;
- таҳқиқи оқибатҳои ҷаҳонишавӣ ба фарҳангу соҳибистиқлолии кишвар.

Мавод ва усулҳо. Ҳангоми омӯзиши масъала мо кушиш намудем аз маҷмуи сарчашмаҳои иттилоотӣ, расмӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва осори таҳқиқии олимон, пажӯҳишгарон ва ходимони сиёсиву давлатии ватанӣ ва хориҷӣ истифода барем.

Натиҷаҳо. Омӯзиши масъала имкон медиҳад, ки дар замони муосир таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳангу соҳибихтиёрии давлат аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, барои дарки дурусти ин раванди бебозгашти ҷаҳонӣ ва пешгирии он тадбирҳои саривақтӣ ва муҳим андешида шавад.

Муҳокима. Ҷаҳонишавӣ ҳамчун табдили тадриҷии ҷаҳон ба минтақаи ягонае фаҳмида мешавад, ки дар он сармоя, мол ва хизматрасонӣ озодона дар гардиш буда, зимнан ғояҳо озодона паҳн мешаванд ва таҳвилгарони ин ғояҳо кӯшиш мекунанд, ки рушди муассисаҳои муосирро ҳавасманд намуда, механизмҳои ҳамкории онҳоро такмил диҳанд. Бинобар ин, раванди ҷаҳонишавӣ ташаккули майдони байналмилалии ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ-иттилоотиро дар бар гирифта, як навъ инфрасохтори байниминтақавие мебошад, ки ҳама гуна иртиботи иттилоотиро фаро мегирад.

Умуман, баробарии фарҳангҳои тиҷоратию истеъмолӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ ва пешрафти муошират байналмилалӣ аз ҷаҳонишавии фарҳангӣ шаҳодат медиҳад. Аз як тараф, ин агар боиси маъмул шудани қисматҳои муайяни фарҳанги миллӣ (дар тамоми

кишварҳо) гардад. Аз тарафи дигар, он метавонад падидаҳои миллиро иваз намуда, ба падидаҳои байналмилалӣ табдил диҳанд. Ва албатта аксари муҳаққиқон аз ин тарс доранд, чунки онро ҳамчун аз даст додани арзишҳои фарҳанги миллии худ медонанд. Муҳаққиқони ватандӯст барои эҳёи фарҳанги миллии худ ҳамаҷониба мубориза мебаранд ва ин то андозае қобили қабул ва асоснок низ мебошад.

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар номаи табрикотии худ ба муносибати ҷашни Сада, 26.01.2019 қайд кардаанд «бахусус, дар шароити ҷаҳони бесуботу нооромии муосир ва равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки ба фарҳангу маънавиёти мо низ таъсири манфӣ расонида метавонад, омӯзиши суннату анъанаҳои миллӣ ва истифодаи онҳо ба хотири ҳифзи ҳувияти миллӣ ва манфиатҳои давлату миллат бисёр муҳим мебошад» 3 [8,1].

Дар замони муосир ҷаҳонишавӣ ба фарҳанг, тамаддуни миллии ҳар як ҷомеа дохил мешавад, ки он минбаъд дар ахлоқу рафтор ва рӯзгори одамон инъикос мегарданд. Раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчунин паҳлуҳои дигари ҷомеаҳои инсониро низ фаро мегирад, ба монандӣ, афзоиш ёфтани нақши сохторҳои фаромиллӣ, созмонҳои минтақавӣ ва ҷамъиятӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, афзалият пайдо намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳоказо.

Дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва вусъат гирифтани ҳассосияти ҷаҳони имрӯза ташкил намудани марказҳои фарҳангӣ, аз қабили китобхона, театр, осорхона ва дар онҳо ташкил намудани чорабиниҳои фарҳангӣ, таҷлил намудани бузургдошти олимону намояндагони илму адабиёт, ҳамчунин тарғиби илму дониш, таҳкими худшиносии миллию таърихӣ дар байни мардум, аз ҷумла ҷавонону наврасон муҳимият касб менамояд.

Тавре ки Асосгузори Ваҳдати миллӣ, Пешвои милат таъкид менамоянд: « ... чунин иқдом роҳи бисёр муассири истодагарӣ кардан ба оқибатҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъриху фарҳанг, забони давлатӣ, расму ойин, суннату анъана ва одобу ахлоқи ҳамидаи халқамон мебошад» [9,2] .

Ҷаҳонишавӣ равандест басо мураккабу шаддид ва танҳо аз мустамликасозии фарҳангии ҷаҳонӣ аз тарафи мамлакатҳои пуркудрати ҷаҳони Ғарб набуда, балки алоқаи шадиди фарҳангии баробару одилонаи ҷомеаҳои инсонист, ки аз инкишофи бесобиқаи воситаҳои иртиботӣ дар замони муосир, чун ҳаракати доими (қонунӣ ё ғайриқонунӣ)-и будаи одамон дар тамоми олам ба вуҷуд омада, рушд менамояд.

Таъсиру омезиши мутақобилаи фарҳангҳо дар замони муосир дар робитаи беҳудуди шахсӣ ва мустақилонаи интиқолдиҳандагони маросим ва расму одатҳои гуногуни фарҳангӣ - дар ҷараёни истеҳсолот, сайёҳӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олию миёна, дар сайтҳои иҷтимоӣ, дар маҳали зист ва дар истифодаи намунаи «фарҳанги хориҷӣ», ки танҳо ба вақту фазои семантикии фарҳанги худ маҳдуд намешаванд, инъикос меёбад.

Аз нигоҳи таърихӣ, сарфи назар аз низоми муваффақона инкишофёбандаи иқтисоду иҷтимоиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуури фарҳангии мардуми шарифи онро бе ҳамбастагӣ бо низоми давлатдории собиқ давлати шуравӣ ва рӯйдодҳои фурӯпошии он дида баромадан мумкин нест. Чунки фарҳанги давлати шӯравӣ, дар доираи режими худ ба вуҷуд омадаю рушд ёфта буд. Ва ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз тарафи давлат муайян карда мешуд. Ҳамин тавр, дар тӯли ҳаштод соли мавҷудияти Давлати Шуравӣ, як ҷомеаи хеле пешрафтаву устувори фарҳангӣ бо принсипу қоидаҳои муайяни худ ташаккул ёфт. Аз ин рӯ, сарфи назар аз фарқиятҳои миллию этникӣ, ба фарҳангу иҷтимоиёт ва ҳуввияти тамоми шаҳрвандони ҷумҳуриҳои иттиҳоди Шуравӣ бидуни истисно таъсир мерасонид. Ҳамин тавр, дар шароити ҷаҳонишавӣ, бешубҳа, дар ҷаҳонбинии наслҳое, ки дар зери таъсири идеологияи шуравӣ тарбия ёфтаанд, ин «пойдевори мустаҳкам» ба таври куллӣ эҳсос мешавад. Дар ҷомеаи муосир маҳз ҳамин категорияҳои одамон қобилияти муқовимат карданро ба протссесҳои ҷаҳонишавӣ доранд ва бидуни қабули шаклҳои муосири фарҳанги «байналмилалӣ» бо он мубориза мебаранд. Аммо, наслҳои ояндасози мамлакат дар вазъияти басо мураккаб қарор доранд. Чунки, аз як тараф онҳо маҷбуранд, барои мушоҳида, ҳамкорӣ бо воқеиёти

ҷаҳонишавӣ кушиш намоянд, аз тарафи дигар, бояд ақидаву муносибатҳои гузаштаро, ки насли калонсоли кишвар дар он тарбия ёфтаанд аз худ намоянд.

Хусусиятҳои равонӣ ва тафриқавии ҳолатҳои замони муосир мураккабии системаи муносибатҳои муошрати мавҷудаи фарҳангиро муайян месозад. Бо назардошти афзоиши таваҷҷӯҳи ҷаҳони муосир ба хусусиятҳои фарҳанги миллию этникӣ, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ раванди воқеии эҳёи анъана, ҷашн ва маросимҳои миллию этникӣ сурат мегирад ва айни ҳол равандҳое мушоҳида мегарданд, ки дар он инсон бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва шаклҳои дигари фарҳанги иҷтимоию оммавии фазои фарҳангӣ-сиёсии олами муосир шомил мегардад. Чунин одамон худро на танҳо бо гурӯҳҳои этникӣ ва миллии давлати худ дохил менамоянд, балки ҳамчунин дар рӯйдодҳои ҷаҳон низ саҳми худро эҳсос намуда, худро ҳамчун «шаҳрванди ҷаҳонӣ» мешуморанд.

Барои мардуми тоҷик, ин ихтилоф, сарфи назар аз фишорҳои раванди ҷаҳонишавӣ, аҳаммияти хоса дорад. Иқтидори давлати миллӣ, ки шарти асосии пешрафти рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт ва сиёсати мардуми кишвар аст, ҳаётан муҳим мегардад. Бинобар ин, ҳукумати мамлакат дар навбати худ, ҳамин тағйиротҳои ҷиддии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсиро дар ҳаёти ҷамъият ҳал менамояд.

Маълум аст, ҳангоми ҷаҳонишавӣ, хоҳу нохоҳ дар байни фарҳангҳои гуногуни башарият зиддият ба вуҷуд меояд ва ҷавоб ба ин зиддият метавонад танҳо захираҳои доимӣ ва пай дар пайи арзишҳои миллии фарҳангӣ бошад, ки ба ҳалли мусбии проблемаи ҷомеаи миллӣ мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, масъалаи анъана ва ҷашну маросим, ҳифзи забон ва асолати фарҳанги куҳанбунёди мардуми тоҷик, барои тоҷику тоҷикистонӣ ниҳоят муҳим мегардад.

Пешвои миллат ҳанӯз дар Паёми худ ба муносибати 27-солгарди истиқлолияти давлатӣ таъкид намуда буданд, ки «раванди бисёр мураккабу пурпечутоби ҷаҳонишавӣ ва таҳдиду хатарҳои торафт афзояндаи замони муосир моро ҳушдор медиҳанд, ки нисбат ба ҳар вақти дигар ҳушёр бошем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва давлати соҳибистиқлоли худро аз таъсири тазодҳои ҷаҳони имрӯза эмин нигоҳ дошта, ба хотири фардои ободу осуда саъю талоши бештар кунем» [4,1-2].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ зарур аст, ки ҳар як шаҳрванди тоҷик барои ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ омода бошад ва барои болоравии нуфузу обрӯи давлати худ дар арсаи байналмилалӣ иқдом намояд, зеро ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ин омилҳо вобастагии амиқ дорад.

Барои насли муосири ҷомеа омӯхтани технологияи муосир, таърихи забони тоҷикӣ, ҳифзи забону фарҳанги худ зарур буда, дарки равандҳои ташаккули инкишофи он бениҳояд муҳим мебошад. Тавре, ки Пешвои миллат соли 2018 дар воҳӯрӣ бо зиёиёни мамлакат таъкид карданд: «мо бояд кӯшиш намоем, ки дар замони ҷаҳонишавӣ истиқлоли фарҳангӣ ва забонии худро ҳифз кунем ва рукнҳои пойдории миллат ва кишварро тавассути забон таҳким бахшида, онҳоро ҳарчи бештар устувор гардонем» [6,4].

Ин ҷо сухан дар бораи эҳёи ҷашну маросим, анъана, расму одат ва умуман рушди фарҳанги миллии тоҷик меравад, то ин ки он ба фарҳанги Ғарб рақобат карда тавонад. Дар замони ҷаҳонишавии пурвусъат дар олам, байни арзишҳои фарҳанги мардуми тоҷик ва ҷомеаи либерал-демократии Ғарб муколамаи созанда зарур аст. Аз ин рӯ, ҷомеаи фарҳангии халқи тоҷикро зарур аст, ки қонуну қоидаҳои амиқро барои ба расмият давровардани танзими муносибатҳо дар соҳаи фарҳанги миллӣ дар даврони гузариш таъмин намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 08.09.2016 дар суханронии худ ба ифтихори 25 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «Дар чунин шароити ҳассос риояи тавозун байни равандҳои ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои миллии кишвар, ки бояд якдигарро пурра созанд ва кафили боэътимоди рушди устувори низоми муносибатҳои байналмилалӣ бошанд, аҳаммияти калидӣ пайдо менамояд» [7,1-2].

Президенти собиқи Қазоқистон Нурсултан Абишевич Назарбаев дар китоби худ «Муттаҳидшавии идеологии ҷомеа, ҳамчун шарти пешрафти Қазоқистон» қайд менамояд, ки: «Идеологияи анъанагароӣ аз ҷиҳати мантиқӣ бо бӯҳрони идеологияи сотсиалистӣ алоқаманд аст. Дар ҳақиқат, агар догмаҳои қаблӣ беасос бошанд, ба чӣ муроҷиат кардан мумкин аст? Шояд ҷанбаи соддатарин, фаҳмотарин ва дар айни замон амиқан ахлоқии ҳаёти ҳар як миллат анъанаҳо бошанд, ки нақши онҳо дар ҳаёти миллат бебаҳс аст. Анъанаҳои фарҳангӣ ҳамеша манбаи эҳёи иҷтимоӣ буданд ва ҳастанд. Албатта, бозгашт ба решаҳо ва пайдоиши фарҳангии худ як раванди мусбат аст. Ғайр аз ин, аз тафсири соддаи анъанаҳо ва пешрафти иҷтимоӣ даст кашидан лозим аст. Таҷрибаи ҷаҳони муосир ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки баъзе сохторҳои анъанавӣ ба таври хеле органикӣ бофтаи тамаддуни муосир мебошанд. Бе таҷриба навоварӣ ғайриимкон аст. Маҳз анъанаҳо ба одамон имкон медиҳанд, ки устувор бимонанд ва тарзи зиндагии худро ба тағйироти босуръати ҷаҳони муосир мутобиқ созанд» [2,10] .

Бо таъкид ба гуфтаҳои боло, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар Номаи шодбошии худ ба муносибати иди саиди Фитр санаи 4 июни соли 2019 қайд намуда буданд, ки: « ...маҷрои тезутунди пешрафти асри нав ва рушди илму технологияҳо моро водор месозад, ки барои боз ҳам таҳким бахшидани истиқлолият ва таъмин намудани рушди иқтисоди миллӣ аз навгониҳои илму дониш, тафаккури пешрафта, дастовардҳои навтарини илму техника ва имкониятҳои торафт афзояндаи соҳаи иттилооту коммуникатсия ҳарчи бештар истифода намоем.

Зеро бидуни маърифати баланди сиёсиву иқтисодӣ, ҷаҳонбинии муосир, тафаккури навтарини техникиву технологӣ, малакаи баланди касбӣ ва донистани забонҳои хориҷӣ бо раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва илму техникаи пешрафта баробар қадам гузоштан мушкил мебошад» [3,1].

Ҳамин тариқ, раванду воқеаҳое, ки дар ҷаҳони муосир пай дар пай давом доранд, ҷомеаи навини тоҷик, алалхусус насли наврас ва ҷавононро водор месозад, ки ватандӯст бошанд, миллатдӯст бошанд ва кушиш намоянд, ки худшиносиву ифтихори миллиро ҳеҷ гоҳ аз даст надиҳанд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ унсурҳои фарҳанги бегона ба ҳаёти ҷомеа дохил мешавад ва фаъолияти ҳар гуна ҳаракату созмонҳои тундрав вусъат меёбад ва ин ҷомеаи фарҳангиро водор месозад, ки ба хотири ҳифзу нигаҳдории арзишҳои миллии худ чораҳои таъхирнопазир андешад. Чунин вазъият моро водор месозад, ки тамоми кушишу ғайрати ҷомеаи муосирро барои тарбияи насли наврас равона созем то ин ки онҳо тавонанд манфиатҳои давлату миллати худро дар оянда ҳимоя намоянд.

Ҷашну маросим ва урфу анъанаҳои чандинасраи фарҳанги миллии халқи тоҷик, ки таърихи хело ҳам бойю қадима дорад, бояд дар занҷираи умумии рушди фарҳангӣ ҳалқаи муҳим гардад. Бо назардошти ин, мо боварӣ дорем, ки он бояд асоси ҷомеаи муосири фарҳанги миллиро ташкил диҳад. Бинобар ин, бояд ҳамзистии ҷашну маросим ва фарҳанги ҷаҳонишавӣ дар замони муосир барои боз ҳам ғанӣ гардидани шуури фарҳангии ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

Хулоса. Дар умум, самтҳои таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавиро дар ҷаҳони муосир вобаста ба фарҳанги миллӣ метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

- дар раванди ҷаҳонишавӣ, гуногунии анвои таъсири мутақобилаи фарҳангӣ аз байн меравад.

- ҳангоми таъсири мутақобила байни ҷаҳони гуногуни фарҳангӣ раванди воридшавии иҷборӣ ба низоми арзишҳои як фарҳанг ба амал меояд.

- маҳаки асосии фарҳанги ҷаҳонишавӣ - фарҳанги Ғарб буда, филм, телевизион, мусиқӣ ва Интернет ҳамчун воситаҳои густариши фарҳангии он хизмат менамоянд.

- ҷаҳонишавӣ ба таркиби асосии қариб ҳамаи фарҳангҳои миллӣ зарбаи сахт задааст ва ин, албатта, оқибати манфии табдил ёфтани ҷаҳонишавӣ ба як падидаи ҷаҳонӣ мебошад.

- маҳз ҳамин оқибатҳои манфӣ асоси рад кардани шакли кунунии ҷаҳонишавӣ мебошанд, ки ин сабаби ҷустуҷӯи шадиди моделҳои нави алтернативиро ба бор меоварад.

- махсусан дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти ҷомеаеи мутамаддин ҳаргуна унсурҳои фарҳанги бегона, махсусан ҳаракату созмонҳои тундрав ва иртиҷоӣ ба назар мерасад

АДАБИЁТ

1. Клепко С.Ф. Философия освещения в Европейском контексте / С.Ф. Клепко. - Полтава: ПОІППО, 2006. – 328 с.

2. Назарбаев Н.А. Идейная консолидация общества как условие прогресса Казахстана/ Н.А. Назарбаев. – Алмата:Казахстан. XXI В»., 1993. - 32 с.

3. Номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди Фитр // Ҷумҳурият.- 2019.- № 106 (23 709). – 4 июн. – С.1.

4. Паём ба муносибати 27-умин солгарди истиқлолияти давлатӣ // Ҷумҳурият.- 2018.- №177-178 (23520-511). – 10 сентябр. – С.1-2.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ваҳдати миллӣ // Марзбони Ватан.- 2017.- №6 (114), июн. – С.1.

6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат // Садои Шарқ.- 2018.- №4. – С 4.

7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 25 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият.- 2016.- №181 (23003). - 8 сентябр.- С.1-2.

8. Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада // Мароми пойтахт.- 2019.- № 4 (545). - 30 январ. – С.1

9. Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Соли нави мелодӣ // Омӯзгор.- № 1 (12174). – С.2.

10. Яковец Ю.В. Глобализация и трансформация рыночной экономики/Ю.В.Яковец. - СПб.: СПбГУЭФ, 2010. – 404 с.

ВЛИЯНИЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ КУЛЬТУРУ

В статье автор рассматривает новый формат межкультурного диалога. Как отмечается, в контексте глобализации и столкновения цивилизаций обращение к истории и национальным ценностям имеет большое значение для сохранения добрых традиций и обычаев наших предков и защиты политической и культурной независимости.

В частности, это всестороннее научное исследование арийской цивилизации, позволяющее осмыслить различные аспекты истории и культуры, роль предков в укреплении государственности и вклад деятелей науки и культуры в прогресс человеческой цивилизации.

Ключевые слова: глобализация и её влияние, столкновение цивилизаций, национальная независимость, традиции и обычаи, национальная культура и её ценности, формирование международно-правового и культурно-информационного поля, транснациональные структуры, региональные и общественные организации, международные отношения, социальные нормы.

GLOBAL INFLUENCE ON NATIONAL CULTURE

In this article, the author examines a new format for intercultural dialogue. It is noted that in the context of globalization and the clash of civilizations, turning to history and national values is crucial for preserving the good traditions and customs of our ancestors and protecting political and cultural independence.

In particular, this is a comprehensive scientific study of the Aryan civilization, allowing us to understand various aspects of history and culture, the role of ancestors in strengthening statehood, and the contribution of scientists and cultural figures to the progress of human civilization.

Key words: globalization and its impact, clash of civilizations, national independence, traditions and customs, national culture and its values, formation of the international legal and cultural-information field, transnational structures, regional and public organizations, international relations, social norms.

Маълумот дар бораи муаллиф: Файзализода Ҷумахон Хол – сарходими илмии Шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. **Телефон:** 918-50-63-24. **E-mail:** f.jumakhon@mail.ru

Сведения об авторе: Файзализода Джумахон Хол – главный научный сотрудник Отдела Ближнего и Среднего Востока Института изучения стран Азии и Европы НАНТ, доктор педагогических наук, профессор.

About the author: Faizalizoda Jumakhon Khol – Chief Researcher of the Institute for the Study of Asian and European States of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor.

МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ОСИЁИ ШАРҚӢ

МАҲМАДБЕКЗОДА МОЁНШО ШОДМОН, РАҲМАТЗОДА АЗИМ

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола таъсири пиршавии аҳолӣ, коҳиши мизони таваллуд ва рушди иқтисодӣ ба бозори меҳнати Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф ба таҳаввули сиёсати муҳоҷиратии ин кишварҳо, аз ҷумла гузариш аз "омӯзиши саноатӣ" ба Низоми иҷозатномаи шуғл (EPS) таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Қисми асосии мақола ба оғози ҳамкориҳои расмии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Корея бахшида шудааст. Маълумоти оморӣ оид ба фаъолияти Маркази EPS дар Душанбе, натиҷаҳои имтиҳонҳои забони кореягӣ (EPS-TOPIK) ва квотаҳои муқарраршуда барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар соли 2026 пешниҳод мегардад. Инчунин, масъалаҳои муҳоҷирати оилавӣ ва ҳуқуқҳои иҷтимоии коргарон дар Кореяи Ҷанубӣ таҳлил шудаанд.

Калидвожаҳо: *муҳоҷирати меҳнатӣ, Кореяи Ҷанубӣ, низоми EPS, Тоҷикистон, забони кореягӣ, EPS-TOPIK, бозори меҳнат, Осиёи Шарқӣ.*

Муқаддима. Омезиши рушди босуръати иқтисодӣ, коҳиши мизони таваллуд, пиршавии аҳолӣ ва афзоиши муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Осиёи Шарқӣ боиси таззодҳо ва ихтилофоти ҷиддӣ шудааст. Ин раванди номатлуб бештар дар Ҷопон, инчунин дар Кореяи Ҷанубӣ ва Чин ба мушоҳида мерасад.

Ин минтақа, ки бо «муъҷизаҳои иқтисодии» худ ва суръати баланди саноатикунонӣ ҷаҳонро ба ҳайрат оварда буд, имрӯз бо пайомадҳои манфии ҳамин рушд – коҳиши бесобиқаи мизони таваллуд ва пиршавии босуръати аҳолӣ рӯбарӯ мебошад. Чунин нобаробарии демографӣ боиси камшавии шадиди қувваи кории ҷавону фаъол ва фишори молиявӣ ба низоми таъминоти нафақаву тандурустии давлатҳо гардида, устувории худи рушди иқтисодиро зери таҳдид мегузорад.

Дар баробари ин, норасоии қувваи корӣ дар бозори меҳнат талаботро ба муҳоҷирати хориҷӣ ба таври худкор афзоиш медиҳад. Аммо аз сабаби мавҷуд будани сиёсати ниҳоят қатъиву консервативии муҳоҷиратӣ ва омода набудани ҷомеаҳои гомогении ин минтақа барои қабули оммавии хориҷиён, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва бозорҳои меҳнат ба як падидаи густурда табдил ёфтаанд. Сабабҳо ва оқибатҳои ин раванди номатлуб ва таззодҳои амиқи сохтории он бештар дар Ҷопон ҳамчун ҷомеаи «фавқулода пиршуда», Кореяи Ҷанубӣ бо рекорди пасттарин коэффисиенти таваллуд дар ҷаҳон ва Чин бо феномени пиршавии аҳолӣ пеш аз бой шудан ба мушоҳида мерасанд, ки ҳар кадоми онҳоро метавон ба таври алоҳида мавриди таҳлили амиқ қарор дод.

Мақсади мақола. Таҳлили ҳамаҷонибаи таъсири равандҳои демографӣ, аз ҷумла пиршавии аҳолӣ ва коҳиши таваллуд ба бозори меҳнати кишварҳои пешрафтаи Осиёи Шарқӣ ва дар ин замина, баррасии имкониятҳои нави ҳамкории стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишварҳо дар самти муҳоҷирати мунтазами меҳнатӣ мебошад.

Маводҳо ва усулҳо. Пойгоҳи эмпирикии ин мақоларо маводҳои омории расмии кишварҳои Осиёи Шарқӣ ташкил медиҳанд. Ҷанбаҳои амалии ҳамкориҳои дуҷониба дар асоси маълумоти омории Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои фаъолияти Маркази Низоми иҷозатномаи шуғл (EPS) дар шаҳри Душанбе барои давраи то соли 2026 мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Заминаи меъёрии ҳуқуқии таҳқиқотро Қонуни Ҷумҳурии Корея «Дар бораи шуғли коргарони хориҷӣ» ва созишномаҳои байниҳукуматӣ ташкил медиҳанд. Методологияи таҳқиқот дар асоси усули таҳлили қиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки таҳаввули сиёсати муҳоҷиратии кишварҳои Осиёи Шарқиро меомӯзад, сохта шудааст. Барои коркарди маълумоти рақамӣ оид ба квотаҳо ва натиҷаҳои имтиҳонҳои EPS-TOPIK усулҳои оморӣ ва графикии таҳлили маълумот истифода шудаанд.

Таҳлили сохторӣ имкон дод, ки робитаи сабабу натиҷагии байни бӯҳрони демографӣ ва пайдоиши норасоии қувваи корӣ дар бахшҳои мушаххаси бозори меҳнат муайян карда шавад.

Натиҷаҳо. Таҳлили таърихи демографӣ нишон дод, ки Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ аз охири қарни XX ба кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон табдил ёфта, шумораи хориҷиён дар Ҷопон ба 2.1 млн (соли 2009) ва дар Корея ба 1 млн нафар (соли 2012) расид. Пиршавии аҳолӣ ва касри қувваи корӣ ин давлатҳоро ба тағдиди назари сиёсати муҳоҷиратӣ маҷбур сохт ва Корея соли 2004 Низоми иҷозатномаи шуғлро (EPS) ҷорӣ намуд. Дар ин доира, ҳамкориҳои расмии Тоҷикистон ва Корея аз 31 октябри соли 2024 оғоз гардида, аз 18 ноябри съами ҳамон сол Маркази EPS дар Душанбе фаъолият дорад. Раванди интихоби шаҳрвандон тавассути санҷиши автоматӣ ва имтиҳонҳои забонии EPS-TOPIK ниҳодӣ кунонида шуд. Дар ду марҳилаи аввали санҷиши соли 2025 аз 261 довталаб 66 нафар муваффақ шуда, айни замон 18 шаҳрванди Тоҷикистон дар Корея бо кор таъмин гардиданд. Марҳилаи сеюми имтиҳонҳо дар марти соли 2026 бо иштироки 156 нафар довталаби тоҷик доир гардид. Барои соли 2026 квотаи расмии қабули шаҳрвандони Тоҷикистон дар бахши истеҳсолоти Корея 800 нафар муайян шудааст. Ин афзоиш заминаро барои тавсеаи курсҳои забономӯзӣ бо ҷалби волонтёрони KOICA ва сохтмони Маркази таълимии касбӣ дар Тоҷикистон фароҳам сохт.

Особое внимание в этом контексте, разумеется, приковано к Таджикистану и Кыргызстану — именно здесь наиболее наглядно проявляются практические шаги по модернизации вооружённых сил и укреплению военного присутствия России. Так, в Таджикистане уже давно дислоцируется 201-я мотострелковая дивизия численностью около 7000 военнослужащих; при этом соглашение о её пребывании рассчитано до 2042 года, что само по себе говорит о долгосрочном характере сотрудничества.

В Кыргызстане ситуация складывается несколько иначе, но в целом следует той же логике: здесь формируется объединённая военная база, включающая объекты в Канте и ряде других регионов. Срок действия соответствующих договорённостей продлён до 2032 года, что также свидетельствует о стратегическом, а не временном подходе к военному партнёрству.

Показательно и то, что военное взаимодействие не ограничивается лишь размещением контингентов. Параллельно Россия использует более гибкие инструменты — например, списание задолженностей или предоставление финансово-технической помощи. На практике это позволяет не только поддерживать обороноспособность союзников, но и формировать более устойчивую систему военно-политических связей.

Если взглянуть шире, становится очевидно, что Центральная Азия в целом постепенно выстраивает многовекторную модель внешней политики. Регион, по сути, балансирует между

различными центрами силы, развивая сотрудничество как с Россией, так и с Китаем — причём зачастую весьма прагматично, исходя из собственных интересов и текущих вызовов.

Существенную роль в данном процессе играет Шанхайская организация сотрудничества, в рамках которой государства региона получают возможность расширять параметры коллективной безопасности, а также углублять торгово-экономическое и политическое взаимодействие за пределами постсоветского пространства.

ШОС как региональная многосторонняя структура ориентирована на развитие политического диалога, обмен управленческим и институциональным опытом, а также выработку согласованных решений по актуальным вопросам безопасности. За сравнительно короткий период своего существования организация добилась заметных результатов в укреплении региональной системы безопасности, формировании антитеррористической инфраструктуры, противодействии незаконному обороту наркотиков, институционализации взаимодействия секретарей советов безопасности, расширении многостороннего экономического сотрудничества и согласовании подходов к развитию транспортно-логистических коридоров. Приоритетное внимание в деятельности ШОС по-прежнему уделяется борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом, что закреплено в положениях Хартии организации и подтверждается итоговыми документами саммитов [6, с. 209].

Значимым этапом институционального развития ШОС стал саммит, состоявшийся 10 июля 2015 года в Уфе, по итогам которого Пакистан и Индия были приняты в состав организации. Это решение существенно расширило географию и международный вес ШОС. Подписанная главами государств Уфимская декларация зафиксировала приоритеты коллективного противодействия терроризму и дальнейшего институционального укрепления организации. Беларусь, поддерживая инициативы ШОС и участвуя в совместных мероприятиях и интеграционных проектах, усиливает собственное участие в формировании устойчивой архитектуры региональной безопасности на евразийском пространстве [12, 287].

В условиях многоуровневой системы безопасности Центральной Азии ключевой задачей государств региона становится формирование сбалансированной внешнеполитической стратегии, ориентированной на защиту как национальных, так и коллективных интересов. Одним из элементов такой стратегии выступает взаимодействие с НАТО, включая сотрудничество с Соединёнными Штатами, реализуемое через механизмы Совета североатлантического сотрудничества и программу «Партнёрство ради мира». Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан, Туркменистан и Узбекистан начали взаимодействие с НАТО с декабря 1991 года, однако интенсивность и приоритетность данного сотрудничества существенно различаются и корректируются в зависимости от изменения региональной и глобальной обстановки [16, 254].

После событий 11 сентября 2001 года противодействие международному терроризму стало центральным направлением деятельности НАТО, что было отражено в специализированных документах Альянса, включая Военную концепцию НАТО по обороне против терроризма и План партнёрских действий в данной сфере. Вместе с тем, несмотря на определённое развитие взаимодействия с Казахстаном в рамках программы «Партнёрство ради мира», участие НАТО в процессах обеспечения безопасности Центральной Азии остаётся ограниченным. Это обусловлено как трансформацией приоритетов Альянса после относительной стабилизации ситуации в Афганистане, так и объективными геополитическими рисками, связанными с возможной реакцией России и Китая на расширение западного присутствия в регионе. Присутствие НАТО, прежде всего Соединённых Штатов, в экспертном сообществе нередко рассматривается как фактор потенциального стратегического дисбаланса, направленного на сдерживание влияния России и Китая и усиление контроля над ключевыми геополитическими узлами, включая Каспийский регион. В подобных условиях государства Центральной Азии вынуждены проводить политику осторожного балансирования между различными центрами силы. Такая

стратегия, по сути, позволяет государствам региона «не ставить всё на одну карту»: с одной стороны, она снижает риски чрезмерной внешнеполитической зависимости, а с другой — даёт возможность извлекать вполне осязаемые выгоды из конкуренции ведущих международных акторов [3, 183]. Иначе говоря, речь идёт не просто о балансировании, а о достаточно прагматичном использовании складывающейся геополитической конфигурации.

При этом важно учитывать, что параллельно страны Центральной Азии активно развивают взаимодействие в рамках уже существующих интеграционных форматов — СНГ, ОДКБ и ШОС. Эти площадки, несмотря на разную степень институциональной «жёсткости», постепенно формируют более гибкую и адаптивную модель коллективной безопасности. На практике это проявляется следующим образом: одни государства идут по пути углубления интеграции и принимают на себя расширенные обязательства, тогда как другие ограничиваются более избирательным участием — например, в рамках отдельных программ или операций.

Нельзя не учитывать и то обстоятельство, что часть достигнутых договорённостей носит рамочный характер и не всегда подкреплена жёсткими механизмами реализации. Тем не менее даже в таком виде они выполняют значимую функцию: формируют институциональную основу для координации действий и, что принципиально, способствуют постепенному сближению подходов к противодействию ключевым угрозам терроризму, экстремизму, сепаратизму, наркотрафику и нелегальной миграции. Отдельно стоит выделить Беларусь, которая в рамках ОДКБ проявляет себя как один из наиболее последовательных и дисциплинированных участников. Её участие в планировании и проведении мероприятий Коллективных сил оперативного реагирования носит регулярный характер, а взаимодействие с партнёрами выстроено на устойчивой основе. В целом страна демонстрирует стабильную поддержку интеграционных механизмов организации. Это, в свою очередь, закрепляет за ней репутацию надёжного и предсказуемого участника региональной системы безопасности. Более того, опыт сотрудничества Беларуси со странами Центральной Азии показывает, что сочетание двусторонних и многосторонних форматов действительно даёт результат пусть не без ограничений, но достаточно ощутимый.

По мере того, как угрозы приобретают всё более транснациональный и трудно прогнозируемый характер, значение региональных организаций закономерно возрастает. Вместе с тем взаимодействие с внешними центрами силы будь то НАТО, Китай или Россия требует особенно взвешенного подхода. Одних деклараций здесь уже недостаточно: необходим выверенный баланс интересов, основанный на принципах равноправия и взаимного учёта позиций. Только при таком подходе государства региона способны сохранять стратегическую автономию и удерживать контроль над собственной внешнеполитической линией. В конечном счёте именно сочетание многосторонних механизмов безопасности ОДКБ, СНГ и ШОС с двусторонними форматами сотрудничества формирует относительно устойчивую модель реагирования на современные вызовы. И хотя эта модель далека от безупречности, её жизнеспособность во многом определяется активной и последовательной позицией таких участников, как Беларусь, а также их способностью к согласованным действиям с партнёрами. В результате складывается своеобразный баланс: национальные интересы стран Центральной Азии соотносятся с глобальными тенденциями, не растворяясь в них полностью.

Заключение. Проведённое исследование показало, что Республика Беларусь играет важную роль в обеспечении региональной безопасности на евразийском пространстве. Активное участие страны в деятельности ОДКБ, СНГ и других международных организаций способствует укреплению механизмов коллективной безопасности, противодействию современным угрозам и развитию межгосударственного сотрудничества. Опыт Беларуси свидетельствует о значимости сочетания национальных и коллективных мер для поддержания стабильности и безопасности в регионе.

ЛИТЕРАТУРА

1. Афанасьев, К. А. Коллективная безопасность в системе постсоветских международных отношений: теория и практика [Текст] / К. А. Афанасьев. – Москва: Наука, 2022. – 312 с.
2. Арбатов, А. Г., Ознобищев, С. К. Россия: контроль над вооружениями, разоружение и международная безопасность [Текст] / А. Г. Арбатов, С. К. Ознобищев. – Москва: ИМЭМО РАН, 2017. – 248 с.
3. Богатуров, А. Д., Косолапов, Н. А., Хрусталёв, М. А. Очерки теории и методологии международных отношений [Текст] / А. Д. Богатуров, Н. А. Косолапов, М. А. Хрусталёв. – Москва: Аспект Пресс, 2002. – 384 с.
4. Бордюжа, Н. Н. Коллективная безопасность: современное состояние и перспективы развития ОДКБ [Текст] / Н. Н. Бордюжа. – Москва: Международные отношения, 2011. – 224 с.
5. Валиуллах, С. Новые угрозы безопасности в Центрально-азиатском регионе [Текст] / С. Валиуллах. – Москва: ИМЭМО РАН, 2023. – 240 с.
6. Вохидова, М. А. Республика Таджикистан как один из учредителей Шанхайской организации сотрудничества / М. А. Вохидова // Вестник Педагогического университета. – 2023. – № 3 (104). – С. 208–212.
7. Гарбузарова, Е. Г. Центральная Азия в современных мирополитических процессах [Текст] / Е. Г. Гарбузарова. – Москва: ИНФРА-М, 2021. – 256 с.
8. Глазьев, С. Ю. Евразийская экономическая интеграция: перспективы развития и стратегические задачи для России [Текст] / С. Ю. Глазьев. – Москва: Экономика, 2014. – 304 с.
9. Григорьев, Д. В., Лавров, А. И. Организация Договора о коллективной безопасности: структура и функции [Текст] / Д. В. Григорьев, А. И. Лавров. – Санкт-Петербург: Питер, 2023. – 284 с.
10. Джоробекова, А. Э. Региональная безопасность в Центральной Азии в условиях транснациональных угроз [Текст] / А. Э. Джоробекова. – Бишкек: КРСУ, 2023. – 280 с.
11. Зась, С. В., Мальцев, Л. С. Национальная безопасность Республики Беларусь [Текст] / С. В. Зась, Л. С. Мальцев. – Минск: Беларуская навука, 2011. – 557 с.
12. Ибодуллозода, А. И., Вохидова, М. А. Координация научных связей Таджикистана со странами-членами Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) / А. И. Ибодуллозода, М. А. Вохидова // Вестник Педагогического университета. – 2025. – № 4 (117). – С. 286–291.
13. Коллективная безопасность государств СНГ и ОДКБ: современные подходы и практики взаимодействия [Текст] / под ред. В. Е. Снапковского. – Минск: Белорусский государственный университет, 2021. – 356 с.
14. Концепция национальной безопасности Республики Беларусь. Военная доктрина Республики Беларусь [Текст]. – Минск: Национальный центр правовой информации Республики Беларусь, 2024. – 126 с.
15. Ксенофонтов, В. А. Военная сфера национальной безопасности [Текст]: монография / В. А. Ксенофонтов. – Минск: Военная академия Республики Беларусь, 2024. – 364 с.
16. Лебедева, М. М. Мировая политика и международные отношения [Текст] / М. М. Лебедева. – Москва: Аспект Пресс, 2018. – 352 с.
17. Моисеев, Е. Г. Содружество Независимых Государств: история и современность [Текст] / Е. Г. Моисеев. – Москва: Международные отношения, 2009. – 320 с.
18. Никитин, А. И. Организация Договора о коллективной безопасности в системе евразийской безопасности [Текст] / А. И. Никитин. – Москва: МГИМО-Университет, 2021. – 336 с.
19. Проблема безопасности государств Центральной Евразии в условиях современного мироустройства: тенденции и подходы к обеспечению стабильности. Материалы Международной научной конференции (Душанбе, 27 марта 2014 г.) [Текст] / отв. ред. Г. М. Майтдинова. – Душанбе: Российско-Таджикский (Славянский) университет, 2014. – 280 с.

20. Снапковский, В. Е. Анализ внешней политики Республики Беларусь [Текст]: пособие / В. Е. Снапковский. – Минск: БГУ, 2021. – 243 с.

21. Троицкий, Е. Ф., Зиновьев, В. П. Организация Договора о коллективной безопасности: становление, эволюция и кризис военно-политического союза [Текст] / Е. Ф. Троицкий, В. П. Зиновьев. – Томск: Изд-во Томского государственного университета, 2012. – 280 с.

TAJIKISTAN AND BELARUS IN THE REGIONAL SECURITY SYSTEM: COMPARATIVE ANALYSIS OF APPROACHES WITHIN THE CSTO AND CIS

The article is dedicated to a comparative analysis of the approaches of Tajikistan and Belarus to ensuring regional security within the framework of multilateral organizations such as the Collective Security Treaty Organization (CSTO) and the Commonwealth of Independent States (CIS). The study examines the impact of these organizations on the formation of stable mechanisms for collective and national security, as well as on countering modern threats, including terrorism, extremism, separatism, illicit drug trafficking, and illegal migration.

Special attention is paid to the role of Belarus as an active member of the CSTO, participating in joint exercises, developing operational plans, and coordinating efforts with other member states. The strategic initiatives of Tajikistan in Central Asia, including cooperation with Russia, China, and international organizations, are analyzed, which contribute to strengthening regional stability and protecting national interests.

The article also considers the dynamics of Central Asia's relations with NATO and their influence on the formation of a multi-level security system, including the necessity of balancing between global centers of power – Russia, China and the USA. The diversity of international security structures creates opportunities for differentiated integration of states, providing flexibility and adaptability in countering cross-border threats.

The conclusions of the article show that the combination of national strategies, multilateral cooperation, and bilateral agreements allows Belarus and Tajikistan to respond effectively to contemporary security challenges. The research results may be useful for further improving regional collective security mechanisms, developing foreign policy and military-strategic courses, as well as for forming analytical recommendations to strengthen stability in the Eurasian space.

Keywords: Tajikistan, Belarus, regional security, CSTO, CIS, collective security, international cooperation, Central Asia, geopolitical balancing, counter-terrorism policy.

ТОҶИКИСТОН ВА БЕЛАРУС ДАР НИЗОМИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ РАВИШҲО ДАР ДОИРАИ СААД ВА ИДМ

Мақола ба таҳлили муқоисавии равишҳои Тоҷикистон ва Беларус дар таъмини амнияти минтақавӣ дар доираи созмонҳои бисёрҷониба, аз ҷумла Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (САД) ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) бахшида шудааст. Дар он таъсири ин созмонҳо ба ташаккули механизмҳои устувори амнияти коллективӣ ва миллӣ, инчунин имкониятҳои муқовимат бо таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризм, экстремизм, сепаратизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Таваҷҷуҳи махсус ба нақши Беларус ҳамчун узви фаъоли САД дода мешавад, ки дар тамринҳои муштарак иштирок мекунад, нақшаҳои амалиётиро таҳия менамояд ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳоро бо дигар давлатҳои узв ба роҳ мемонад. Ҳамзамон, таҳлили ташаббусҳои стратегии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҳамкории он бо Русия, Чин ва созмонҳои байналмилалӣ, ки ба тақвияти субот ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мусоидат мекунад, низ дар мақола фаро гирифта шудааст.

Дар мақола равандҳои муносибатҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ бо НАТО ва таъсири онҳо ба ташаккули низоми амнияти чандсатҳӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ба зарурати нигоҳ доштани мувозинати стратегӣ байни марказҳои қаҳонии қудрат – Русия, Чин ва ИМА таваҷҷуҳ дода шудааст. Гуногунии созмонҳои байналмилалии амният барои давлатҳо

имконият фароҳам меорад, ки дар шакли ҳамгироии фарқкунанда амал намуда, дар муқобила бо таҳдидҳои транссарҳадӣ ва эластикӣ қобилияти мутобиқшавиро таъмин намоянд.

Хулосаи мақола нишон медиҳад, ки муттаҳидшавии стратегияҳои миллии амниятӣ, ҳамкории бисёрҷониба ва созишномаҳои дуҷониба ба Беларус ва Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ба таҳдидҳои амниятии муосир самаранок посух гардонанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун замина барои такмили механизмҳои амнияти коллективии минтақавӣ, таҳияи стратегияҳои сиёсати хориҷӣ ва низомӣ, ҳамчунин барои таҳияи тавсияҳои таҳлилӣ дар таҳкими суботи минтақа ва устувории фазои АвроОсиё истифода шаванд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Беларус, амнияти минтақавӣ, САД, ИДМ, амнияти коллективӣ, ҳамкории байналмилалӣ, Осиёи Марказӣ, мувозинати геополитикӣ, муқовимат ба терроризм.

Сведение об авторах.

Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло – доктор исторических наук, профессор, ректор Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. E-mail: ahliddin_holov@mail.ru

Кенджазод Фаридун Примшо – Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, соискатель кафедры общей истории и международных отношений. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail: faridun.kenjaev@mail.ru.

Маълумот дар бораи муаллифон.

Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло – доктори илмҳои таърих, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121 E-mail: ahliddin_holov@mail.ru

Кенҷазод Фаридун Примшо – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, унвонҷӯи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. E-mail.: faridun.kenjaev@mail.ru.

Information about the authors.

Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo – doctor of historical sciences, professor, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121, E-mail: ahliddin_holov@mail.ru

Kenjazod Faridun Primsho – Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, the applicant of Department of General History and International Relations. Address: 734003, Republic of Tajikistan, city of Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. E-mail: faridun.kenjaev@mail.ru.

МУҲОҶИРАТИ ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН БА КАНАДА ВА ШМА: ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОӢ

ДОРОНШОЕВА НЕКБАХТ ШОҚОСУМОВНА,
ХАЛИЛОВА МАДИНА РАУФЖОНОВНА
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар замони муосири рақобати геополитикӣ ва тағйирёбии сохти бозори ҷаҳонии меҳнат, муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои ШМА ва Канада ҳамчун як падидаи нави стратегӣ баромад мекунад. Мақолаи мазкур ба таҳлили пурраи ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ШМА ва Канадаро дар бар мегирад, ки боиси афзоиши ҷараёни муҳоҷират дар ин минтақа гардидааст. Бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ ва маълумоти расмӣ, манфиатҳо, монеаҳо ва мушкилоте, ки шаҳрвандон дар раванди муҳоҷират рӯ ба рӯ мешаванд, баррасӣ мегарданд. Бо истифода аз равишҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсию-иқтисодӣ, таъсири ин равандро ба рушди сармояи инсонӣ, низоми интиқоли маблағҳо ва ташаккули диаспораи нави тоҷик дар хориҷи кишвар мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Штатҳои Муттаҳидаи Амрико, Канада, муҳоҷират, иқтисодиёт, барномаҳо, квотаҳо, муҳоҷирати қонунӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, омилҳои сиёсӣ, омилҳои иқтисодӣ, омилҳои глобалӣ.*

Муқаддима. Дар ҷаҳони муосир муҳоҷират ба яке аз равандҳои муҳимтарини иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ табдил ёфтааст, ки ба рушди давлатҳо, сохтори бозори меҳнат ва вазъи демографӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ равандҳои муҳоҷират торафт васеътар ва мураккабтар гардида, таъсири онҳо ҳам ба манфиати кишварҳои дорои қувваи корӣ ва ҳам ба кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон мерасад. Дар ин замина, ташаккули сиёсати самаранок дар ин самт, ки ба танзими ҷараёни муҳоҷират, ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон ва истифодаи иқтидори онҳо барои рушди иҷтимоию иқтисодии давлат равона шудааст, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Тавре муҳаққиқи тоҷик Раҳмон Улмасов қайд мекунад, муҳоҷирати муосир ба яке аз падидаҳои калидии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, зеро "миллионҳо нафар дар саросари ҷаҳон ба равандҳои муҳоҷират ҷалб шудаанд ва оқибатҳои он ба равандҳои иқтисодӣ, демографӣ ва иҷтимоии кишварҳои гуногун таъсири назаррас мерасонанд".[2]

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳаракати аҳолӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, ки ин ба рушди технологияҳои нақлиётӣ ва иттилоотӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва афзоиши фарқиятҳо дар сатҳи рушди иқтисодии кишварҳо вобаста аст.

ШМА ва Канада аз ҷумлаи кишварҳои бузургтарини қабулкунандаи муҳоҷирон дар ҷаҳон мебошанд. Сиёсати муҳоҷирати онҳо бо истифодаи воситаҳои гуногуни танзими ҷараёни муҳоҷират, аз ҷумла системаҳои интихоби мутахассисони баландихтисос, барномаҳои ҳамгироии муҳоҷирон ва механизмҳои ҳифзи бозори миллии меҳнат, тавсиф карда мешавад. Модели сиёсати муҳоҷирати Канада, ки ба системаи интихоби муҳоҷирон бар асоси меъёрҳои касбӣ ва таълимӣ такя мекунад, ба ҷалби кадрҳои баландихтисос ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Методҳо. Омӯзиши таҷрибаи ШМА ва Канада барои давлатҳое, ки дар марҳилаи такмил ва ислоҳоти сиёсати муҳоҷиратии худ қарор доранд, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад. Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ имкон медиҳад, ки механизмҳои самараноки танзими раванди муҳоҷират муайян гардида, имконияти мутобиқсозии онҳо ба шароити миллӣ арзёбӣ карда шавад. Дар солҳои охир муҳаққиқон ва мутахассисони ватанӣ ба масъалаҳои муҳоҷирати байналмилалӣ, аз ҷумла муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон ба ШМА ва Канада, таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд. Дар миёни онҳо метавон саҳми илии У.Р. Раҳмонов[2,12,16], Н.Ш.Дороншоева

[1], О.М. Шаропов [12], А.К. Раҳмонов [11], Н. Қурбонов [16] ва дигар муҳаққиқонро махсус қайд намуд. Таҳқиқот бар асоси усулҳои муқоисавӣ- таҳлилӣ, сиёсӣ-иқтисодӣ ва системавӣ анҷом дода шудааст. Ҳангоми таҳлил санадҳои ҳуқуқии ШМА ва Канада, маълумоти оморӣ, ҳисоботҳои байналмилалӣ ва адабиёти илмии марбут ба масъалаҳои муҳоҷират истифода гардиданд.

Ташаккули сиёсати самараноки муҳоҷират муносибати комплексиро талаб менамояд, ки маҷмӯи чораҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалиро дар бар мегирад. Муҳоҷират метавонад ба омили муҳими рушди давлат табдил ёбад, ба шарте ки идоракунии самараноки давлатӣ таъмин гардида, механизмҳои устувори ҳамкорӣ миёни кишварҳои пайдоиш ва кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ташаккул дода шаванд.

Натиҷаҳо. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ШМА ва Канада дорои моделҳои самараноки, вале аз ҳам фарқкунандаи идоракунии муҳоҷират мебошанд, ки ба ҷалби сармояи инсонӣ ва рушди иқтисодӣ равона шудаанд. Муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон ба ин кишварҳо асосан хусусияти иқтисодӣ ва таълимӣ дошта, ҳамзамон ҳам имкониятҳои рушд ва ҳам хатари “фирори мағзҳо”-ро ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тариқ, аҳамияти омӯзиши мавзӯи тадқиқот бо як қатор омилҳои муҳим муайян карда мешавад: Аз ҷумла нақши афзояндаи муҳоҷирати байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; таъсири назарраси равандҳои муҳоҷират ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо; аҳамияти омӯзиш ва мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии танзими муҳоҷират, аз ҷумла таҷрибаи ШМА ва Канада; инчунин зарурати таҳлили илмии равандҳои муҳоҷират ва таҳияи механизмҳои самараноки идоракунии онҳо.

Дар ин замина, таҳқиқи сиёсати давлатии муҳоҷират дар ШМА ва Канада ва имконияти истифодаи таҷрибаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Натиҷаҳои ин тадқиқот метавонанд ба такмили сиёсати миллии муҳоҷират, баланд бардоштани самаранокии идоракунии равандҳои муҳоҷират ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат намоянд.

Муҳокима. Таҳқиқи ҷанбаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии муносибатҳои байналмилалии ШМА ва Канада барои ҷомеаи муосир аҳамияти муҳим дорад. Пеш аз ҳама, ШМА ва Канада аз ҷумла кишварҳои пурқудрати арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дарки равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии онҳо барои таҳлили тамоюлҳои ҷаҳоншавӣ зарур мебошад, зеро ин кишварҳо ба сиёсати ҷаҳонӣ, иқтисодиёт ва низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъсири назаррас мерасонанд. Пайгирӣ ва фаҳмиши сиёсати хориҷии ин кишварҳо метавонад дар қабули қарорҳои стратегии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок истифода шавад. Дар баробари ҷанбаҳои сиёсӣ, ШМА ва Канада дорои иқтисодиёти бузурги ҷаҳонӣ мебошанд. Дарки муҳити тиҷоратии ин кишварҳо барои шахсоне, ки мехоҳанд дар соҳаи тиҷорат муваффақ гарданд, аҳамияти калон дорад.[1]

Муҳоҷирати байналмилалӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии бисёр давлатҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ кишварҳое, ки дорои иқтисодиёти пешрафта мебошанд, сиёсати муҳоҷиратиро ҳамчун воситаи танзими бозори меҳнат, рушди демографӣ ва таъмини афзоиши иқтисодӣ фаъолона истифода мебаранд. Дар ин замина, таҳлили муқоисавии сиёсати муҳоҷиратии Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ва Канада аҳамияти махсус дорад, зеро ин ду кишвар аз ҷумла марказҳои бузург ҷалби муҳоҷирони байналмилалӣ маҳсуб меёбанд.

Сиёсати муҳоҷиратии Штатҳои Муттаҳидаи Амрико анъанатан бо омезиши барномаҳои иқтисодӣ, башардӯстона ва оилавии муҳоҷират тавсиф карда мешавад. Пояи асосии ҳуқуқии танзими равандҳои муҳоҷират дар ин кишвар Қонуни Immigration and Nationality Act (1952), ки ҳамчунин бо номи McCarran-Walter Act маъруф аст, ба ҳисоб меравад. Ин қонуни федералӣ, ки 27 июни соли 1952 ба имзо расидааст, ки заминаи институтсионалии низоми муҳоҷиратиро ташкил дода, тартиби додани раводидҳо, муқаррар намудани квотаҳо, гирифтани мақоми истиқомати доимӣ ва шаҳрвандиро муайян менамояд. Қонуни формулаи квотаҳои миллиро, ки дар қонунгузории қаблии муҳоҷират истифода

мешуд, тағйир дода, дар айни замон таъсири фазои сиёсати зиддикоммунистии давраи Ҷанги Сардро инъикос менамуд. Конгресс онро бар хилофи ветои Президенти Гарри Трумэн қабул карда, низоми квотаҳои соли 1924-ро аз нав танзим намуд. Нисфи раводидҳо барои шахсони дорои таҳсилот, малака ва таҷрибаи касбӣ ва нисфи дигар барои хешовандони шаҳрвандон ва сокинони доимӣ ҷудо гардид. Ҳамзамон, дар заминаи рақобатҳои идеологӣ қонун маҳдудиятҳои иловагӣ нисбат ба шахсони вобаста ба ташкилотҳо ё идеологияи коммунистӣ ҷорӣ намуда, ваколатҳои давлатро дар масъалаҳои депортатсия ва маҳрум сохтан аз шаҳрвандӣ васеъ кард. [5]

Бо вуҷуди ин, ин санад дар раванди рушди таърихии худ мутобиқ ба тағйироти муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ пайваста такмил ёфтааст. Аз ҷумла, ислоҳоти соли 1965 Immigration and Nationality Act бо барҳам додани квотаҳои нажодӣ низоми муҳоҷиратро ба меъёрҳои баробарии ҳуқуқӣ мутобиқ намуд.[6] Қонуни соли 1986 Immigration Reform and Control Act ба масъалаи муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва танзими бозори меҳнат равона гардид,[8] механизмҳои назорати корфармоён ва қонунигардонии қисми муҳоҷиронро ҷорӣ кард. Ислоҳоти соли 1990 Immigration Act of 1990 бошад, бо зиёд кардани квотаҳо ва татбиқи барномаи диверсификатсионӣ сиёсати ҷалби муҳоҷиронро васеъ намуда,[10] ба мутобиқсозии низоми муҳоҷират ба талаботи иқтисоди муосир мусоидат кард.

Дар марҳилаи баъдӣ, махсусан дар шароити афзоиши таҳдидҳои амниятӣ, қонуни соли 1996 Illegal Immigration Reform and Immigrant Responsibility Act [4] ва санадҳои марбут ба давраи пас аз ҳамлаҳои террористии 11 сентябри 2001, аз ҷумла USA PATRIOT Act, ба пурзӯр намудани назорати муҳоҷират ва ҳамгироии он бо сиёсати амнияти миллӣ заминаи устувор гузоштанд.[18] Ин тағйирот боиси сахттар гардидани механизмҳои депортатсия, афзоиши санҷишҳои амниятӣ ва тавсеаи ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират гардиданд. Дар натиҷа, имрӯз низоми муҳоҷиратии ШМА ба пояи ҳамон Қонуни асосӣ (Immigration and Nationality Act) амал мекунад, аммо дар шакли такмилёфтаи он ҳамчун қисми United States Code Title 8 татбиқ гардида, тавассути ниҳодҳое чун U.S. Citizenship and Immigration Services ва Department of Homeland Security амалӣ карда мешавад.[14]

Дар муқоиса бо ШМА, сиёсати муҳоҷиратии Канада яке аз низомҳои бештар танзимшуда ва идорашаванда дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Пояи ҳуқуқии он ба Қонуни Immigration and Refugee Protection Act 2001 (IRPA) такя мекунад, ки тартиби қабул, ҳифзи паноҳандагон ва додани мақоми истиқомати доимиро танзим менамояд.[4] Хусусияти фарқкунандаи моделӣ канадӣ истифодаи низоми холгузорӣ (points-based system) мебошад, ки дар доираи барномаҳои иқтисодӣ, махсусан системаи Express Entry, имконият медиҳад муҳоҷирон аз рӯи меъёрҳои объективӣ, аз ҷумла сатҳи таҳсилот, таҷрибаи касбӣ, дониши забон ва мутобиқшавӣ ба бозори меҳнат интихоб карда шаванд.[9] Ин равиш нишон медиҳад, ки Канада муҳоҷиратро пеш аз ҳама ҳамчун абзори рушди иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти демографӣ истифода мебарад, дар ҳоле ки татбиқи ин сиёсат тавассути ниҳодҳое чун Immigration, Refugees and Citizenship Canada амалӣ гардида, шаффофият ва самаранокии идоракунии равандҳои муҳоҷиратро таъмин менамояд.[3]

Илова бар ин, сиёсати муҳоҷиратии Канада бо сатҳи баланди банақшагирии стратегӣ ва идоракунии давлатӣ фарқ мекунад, ки дар доираи нақшаҳои солонаи қабули муҳоҷирон (Immigration Level Plan) амалӣ мегардад.

Ҳукумат ҳар сол миқдор ва сохтори муҳоҷиронро аз рӯи категорияҳо иқтисодӣ, оилавӣ ва башардӯстона муайян намуда, онро бо талаботи бозори меҳнат ва афзоиши демографӣ мутобиқ месозад. Дар ин замина, барномаҳои минтақавӣ, аз ҷумла Provincial Nominee Programs (PNPs) нақши муҳим бозида, ба вилоятҳо имконият медиҳанд, ки муҳоҷирони мувофиқ ба ниёзҳои маҳаллиро мустақилона интихоб намоянд. Чунин равиши чандсатҳа, ки тавассути Immigration Refugees and Citizenship Canada ҳамоҳанг карда мешавад, ба Канада имкон медиҳад, ки сиёсати муҳоҷиратиро ҳамчун абзори муассири рушди иқтисодӣ, танзими бозори меҳнат ва нигоҳдории тавозуни иҷтимоӣ истифода барад

Дар ҳамин замина, низоми муҳоҷиратии ШМА бештар ба сохтори категориявии раводидҳо такя мекунад, ки яке аз воситаҳои асосии танзими раводидҳои муҳоҷират ба шумор меравад. Ин низом чандин гурӯҳҳои раводидҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла барои мутахассисони баландихтисос (масалан, раводиди кории H-1B), кормандони муваққатӣ, сармоягузорон ва донишҷӯён пешбинӣ шудаанд. Ҳамзамон, муҳоҷирати оилавӣ дар ШМА мавқеи калидӣ дорад, зеро қисми зиёди раводидҳо ба хешовандони шаҳрвандон ва сокинони доимии кишвар ҷудо карда мешаванд. Ин хусусият нишон медиҳад, ки бар хилофи модели интихобии Канада, низоми амрикоӣ бештар ба омезиши омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, махсусан пайвастагии оилавӣ, такя намуда, сохтори мураккаб ва чандқабатаи танзими муҳоҷиратро ташкил медиҳад.

Илова бар ин, ШМА барномаҳои башардӯстонаеро амалӣ менамояд, ки ба додани паноҳгоҳ ва мақоми гуреза марбут мебошанд. Ин барномаҳо ба ҳифзи шахсоне равона шудаанд, ки дар кишварҳои аслии худ ба таъқиби сиёсӣ, динӣ ё иҷтимоӣ дучор мегарданд ва ба ҳимояи байналмилалӣ ниёз доранд. Дар баробари ин, яке аз унсурҳои муҳими низоми муҳоҷиратии ШМА барномаи лотереяи “грин-карт” (Diversity Visa Program) мебошад, ки ба шаҳрвандони кишварҳое, ки сатҳи муҳоҷираташон ба ШМА паст мебошад, ки тавассути он ҳар сол шаҳрвандони кишварҳое, ки сатҳи муҳоҷираташон ба ШМА паст аст, имкони гирифтани мақоми истиқомати доимӣ фароҳам оварда мешавад. Ин барнома ҳамчун воситаи таъмини гуногунрангии этникӣ ва ҷуғрофии муҳоҷирон хизмат намуда, дар баробари дигар категорияҳои муҳоҷират ба тавозуни сиёсати муҳоҷиратии кишвар мусоидат мекунад.

Чи хеле, ки дар боле қайд карда будем, сиёсати муҳоҷиратии Канада бо тартиби нисбатан муназзам ва низомноки интихоби муҳоҷирон фарқ мекунад. Механизми марказӣ дар ин раванд низоми «Express Entry» мебошад, ки бар асоси баҳодиҳии холӣ (points-based system) амал мекунад. Дар доираи ин система нишондиҳандаҳое ба назар гирифта мешаванд, аз қабили сатҳи таҳсилот, ихтисоси касбӣ, таҷрибаи корӣ, синну сол ва донистани забонҳои расмии кишвар-англисӣ ё фаронсавӣ, ки ба мутобиқшавии иқтисодии муҳоҷирон мусоидат менамоянд.

Ғайр аз барномаҳои федералии муҳоҷират, дар Канада низоми барномаҳои музофотӣ амал мекунад, ки ба минтақаҳо имкон медиҳад мутахассисони зарурӣ барои бозори меҳнати маҳаллӣ мустақилона ҷалб гарданд. Чунин механизм ба тақсимоти самараноки ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ дар ҳудуди кишвар мусоидат менамояд.

Дар сиёсати муҳоҷиратии Канада барномаҳои ҳифзи башардӯстона ва ҳамгироии оилаҳо низ мавқеи муҳим доранд. Давлат ҳар сол шумораи назарраси гурезаҳоро қабул намуда, барои ҳамгироии онҳо дар ҷомеа шароити мусоид фароҳам менамояд.

Муқоисаи моделҳои муҳоҷиратии ШМА ва Канада нишон медиҳад, ки ҳар ду кишвар ҳадафи умумӣ доранд, ҷалби сармояи инсонӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ. Аммо усулҳо барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба таври назаррас фарқ мекунанд.

Модели амрикоӣ ва канадӣ дар самтҳои муҳоҷиратӣ бо мақсад ва механизми татбиқ фарқ мекунад. Моделӣ амрикоӣ бо мураккабӣ ва парокандагии бештар тавсиф мешавад. Қисми зиёди муҳоҷирати ба ШМА тавассути барномаҳои муттаҳидшавии оилаҳо амалӣ мегардад, дар ҳоле ки муҳоҷирати меҳнатӣ тавассути низоми квотаҳо ва маҳдудиятҳо танзим мешавад, ки баъзан бо норасоии қувваи корӣ дар баъзе соҳаҳои иқтисод меорад.

Баръакс, модели канадӣ бештар ба муҳоҷирати иқтисодӣ равона шудааст. Истифодаи низоми холбандӣ ба давлат имкон медиҳад довталабонеро интихоб намояд, ки ба талаботи иқтисоди миллӣ бештар мувофиқат мекунанд. Илова бар ин, низоми канадӣ бо дараҷаи баланди шаффофият ва пешгӯишавандагӣ фарқ мекунад, ки ба самаранокии татбиқи сиёсати муҳоҷиратӣ ва муттаҳидшавии муҳоҷирон мусоидат мекунад.

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки Штатҳои Муттаҳидаи Амрико то ҳол яке аз кишварҳои бузургтарини қабулкунандаи муҳоҷирони байналмилалӣ боқӣ мемонад. Тибқи арзёбиҳои созмонҳои байналмилалӣ, дар ин кишвар зиёда аз 45 миллион муҳоҷирон ва

шаҳрвандони хориҷӣ зиндагӣ мекунанд, ки қисми назарраси аҳолии умумиро ташкил медиҳанд.

Канада низ нишондиҳандаҳои баланди ҷалби муҳоҷиронро нишон медиҳад. Дар солҳои охир ин кишвар ҳамасола зиёда аз 400 ҳазор сокини доимии нав қабул менамояд. Ҳамзамон, ҳиссаи муҳоҷирон дар шумораи умумии аҳолии Канада нисбат ба ШМА баландтар буда, аз 20 фоиз бештар аст.

Сохтори ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ дар ин ду кишвар низ фарқиятҳои муайянро нишон медиҳад. Дар ШМА қисми зиёди муҳоҷирон аз кишварҳои Амрикои Лотинӣ ва Осиё меоянд. Дар Канада бошад, кишварҳои асосии пайдоиши муҳоҷирон Ҳиндустон, Чин, Филиппин, Афғонистон ва як қатор давлатҳои дигари Осиё мебошанд.

Таҳлили сиёсати муҳоҷиратии ШМА ва Канада имкон медиҳад, ки як қатор монандиҳо ва фарқиятҳо муайян кард шаванд. Ба монандиҳои асосӣ метавон инҳоро дохил кард:

– истифодаи муҳоҷират ҳамчун воситаи рушди иқтисодӣ;

– мавҷудияти барномаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва оилавӣ;

– пешниҳоди паноҳгоҳ ва ҳифзи гурезаҳо;

– ҷалби фаъолонаи мутахассисони баландихтисос.

Ҳамзамон миёни ин ду кишвар фарқиятҳои назаррас низ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, низоми муҳоҷиратии Канада бештар марказонидашуда ва идорашаванда мебошад, дар ҳоле ки низоми амрикоӣ мураккабтар буда, аз қарорҳои сиёсӣ бештар вобаста дорад. Ғайр аз ин, Канада механизмҳои интихоби иқтисодии муҳоҷиронро фаъолтар истифода мебарад.

Самаранокии сиёсати муҳоҷиратӣ то андозае аз таъсири он ба рушди иқтисодӣ ва бозори меҳнат вобаста аст. Дар ШМА муҳоҷирон дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисод, аз ҷумла бахши технологияҳои баланд, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ, нақши муҳим доранд. Бисёре аз ширкатҳои бузурги технологӣ бо иштироки муҳоҷирон таъсис ёфта ё рушд кардаанд.

Дар Канада низ сиёсати муҳоҷиратӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ҷалби мутахассисони баландихтисос имкон медиҳад пиршавии демографии аҳолӣ ҷуброн карда шуда, рушди устувори бозори меҳнат таъмин гардад. Илова бар ин, давлат ба барномаҳои ҳамгироии муҳоҷирон сармоягузории фаъолона мекунад, ки ба мутобиқшавии муваффақонаи онҳо дар ҷомеа мусоидат менамояд. [5]

Аз 21 январи соли 2026 маҳдудиятҳо дар додани баъзе навъҳои визаҳои муҳоҷиратӣ ҷорӣ гардиданд. Ин маҳдудиятҳо бо шаҳрвандони тақрибан 75 кишвар (аз ҷумла Русия, Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Узбекистон ва ғайра) татбиқ мешаванд ва ба визаҳое дахл доранд, ки ҳуқуқи иқомати доимӣ, кор ва дархости паноҳандагиро фароҳам меоранд.[17] Дар баробари ин визаҳои сайёҳӣ (B1/B2) ҳанӯз дода мешаванд, аммо раванди дарёфти онҳо назар ба пештара мураккабтар гардидааст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ низ бо чунин маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ шудаанд, аммо дар миёни онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон зикр намешавад. Илова бар ин, аз 11 апрели 2025 барои баъзе гурӯҳҳои муҳоҷирон низоми сабти номи ҳатмӣ ҷорӣ гардидааст, ки ҳадафи он муайян намудани шахсони бе ҳуҷҷат мебошад.[13] Дар маҷмӯъ, назорат бар равандҳои муҳоҷиратӣ тадриҷан пурзӯр гардида, сиёсати муҳоҷиратии кишвар мураккабтар мешавад.

Дар солҳои охир ШМА сиёсати муҳоҷиратии худро сахттар намуда истодааст, ки ҳадафи он коҳиш додани шумораи муҳоҷирон ва ҳамзамон афзоиши даромадҳои давлатӣ мебошад. Чи хеле, ки дар боло қайд карда будем, аз 21 январи соли 2026 додани баъзе навъҳои визаҳои муҳоҷиратӣ ба шаҳрвандони тақрибан 75 кишвар, аз ҷумла Россия, Беларус ва Қазоқистон муваққатан қатъ гардид. Ҳамзамон, дар моҳи декабри соли 2025 барномаи Diversity Visa “корти сабз” (Green Card Lottery) низ муваққатан боздошта шуд.[15] Бо вуҷуди ин, аз 10 апрели соли 2026 тағйироти нав дар қоидаҳои барнома ҷорӣ гардиданд, ки ба пурзӯр намудани санҷиш, аз ҷумла тасдиқи шахсияти довталабон ва баланд бардоштани шаффофияти раванд равона шудаанд. Ин тағйирот ба аз нав оғоз гардидани барнома ишора

намекунад, балки бештар ба такмил ва сахттар намудани механизми интихоб марбут мебошад. Дар маҷмӯъ, шаҳрвандони кишварҳои гуногун, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд дар доираи барнома мазкур (дар сурати фаъол будани он дар даврaҳои қабул) иштирок намуда, барои дарёфти иқомати доимӣ дархост пешниҳод намоянд.

Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду кишвар моделҳои нисбатан самараноки идоракунии равандҳои муҳоҷиратиро татбиқ менамоянд, аммо низоми канадӣ бо сохтори муназзамтар ва равонашавии возеҳ ба талаботи иқтисодии давлат фарқ мекунад. Дар айни замон, модели амрикоӣ ҷараёни восеи муҳоҷиронро таъмин намуда, нақши пешсафи кишварро ҳамчун яке аз марказҳои асосии муҳоҷирати байналмилалӣ нигоҳ медорад. Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур муайян гардид, ки муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон ба ШМА ва Канада дорои хусусияти бисёрҷанба буда, зери таъсири маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбад. Сабаби асосии муҳоҷират, пеш аз ҳама, вазъи иқтисодии дохилии кишвар, сатҳи нисбатан пасти маош, камбуди ҷойҳои корӣ, маҳдудияти имкониятҳои касбӣ ва хоҳиши беҳтар намудани шароити зиндагӣ мебошад. Дар баробари ин, омилҳои ҷалбкунанда (pull factors), аз ҷумла сатҳи баланди рушди иқтисодӣ дар ШМА ва Канада, имкониятҳои васеи таҳсил, пешрафти илм ва технология, кафолати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ низ ба интихоби ин кишвар ҳамчун самтҳои афзалиятноки муҳоҷират таъсири назаррас мерасонанд.

Таҳлил нишон дод, ки муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон ба ШМА ва Канада, гарчанде аз лиҳози шумора нисбат ба муҳоҷират ба дигар кишварҳо камтар бошад ҳам, аз ҷиҳати сифат ва таъсир аҳамияти махсус дорад. Аксари муҳоҷиронро ҷавонони таҳсилдида, мутахассисони соҳаҳои гуногун, донишҷӯён ва шахсоне ташкил медиҳанд, ки дорои қобилиятҳои касбӣ ва зеҳнии баланд мебошанд. Ин ҳолат, аз як тараф, имконияти рушди инфиродӣ ва касбии муҳоҷиронро фароҳам меорад, вале аз тарафи дигар метавонад ба раванди «фирори мағзҳо» дар Тоҷикистон оварда расонад.

Таҳлили муқоисавии сиёсати муҳоҷиратии ШМА ва Канада нишон дод, ки ҳар ду кишвар моделҳои нисбатан самараноки идоракунии равандҳои муҳоҷиратиро татбиқ менамоянд. Низоми канадӣ бо сохтори муназзамтар ва равонашавӣ ба талаботи иқтисод фарқ мекунад, дар ҳоле ки моделӣ амрикоӣ ҷараёни васеи муҳоҷиронро таъмин намуда, нақши пешсафи кишварро ҳамчун яке аз марказҳои асосии муҳоҷират нигоҳ медорад.

Хулоса. Муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон ба ШМА ва Канада аз лиҳози шумора нисбат ба дигар кишварҳо камтар бошад ҳам, аз ҷиҳати сифат ва таъсир аҳамияти махсус дорад. Аксари муҳоҷирон ҷавонони таҳсилкарда ва мутахассисони соҳаҳои гуногун мебошанд, ки имконияти рушди инфиродӣ ва касбӣ доранд, аммо ҳамзамон хатари “фирори мағзҳо” барои Тоҷикистон вуҷуд дорад.

Дар охир мехоҳем якчанд тавсияҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоем, ки иборатанд аз:

1. Ҳукумат бояд низоми ҷалби муҳоҷиратро таҳким бахшад, хосса муҳоҷирони баландихтисос ва дорои малакаҳои зурурӣ барои бозори меҳнат интихоб ва дастгирӣ карда шаванд.
2. Ташкили барномаҳои омӯзишӣ ва ҳамгироии муҳоҷирон барои мутобиқшавии муваффақонаи онҳо ва таъмин гардидан ба шароити кор ва ҷомеа.
3. Бо афзоиши сатҳи муҳофизат ва риояи меъёрҳои байналмилалӣ, шароити муназзами муҳоҷират ва бозори меҳнат дар дохили кишвар фароҳам карда шавад.
4. Ташкили барномаҳои баргашт ва ҳамкорӣ бо муҳоҷирон, то таҷриба ва малакаҳои онҳо барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ истифода гардад.
5. Ба роҳ мондани ҳамкории муассир бо диаспораҳо ва табдил додани онҳо ба шарикони стратегӣ дар соҳаҳои иқтисод, илм ва дипломатия

АДАБИЁТ

1. Дороншоева Н.Ш. “Таҳқиқи ҷанбаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии муносибатҳои байналмилалии ШМА ва Канада” нақшаи инфиродии шуъбаи ШМА ва Канадаи ИОМДОА АМИТ дар соли 2024 саҳ.4

2. Ульмасов Р. У. Муҳоҷират ва демография дар Тоҷикистон. – Душанбе: Мехроч Граф, 2023. – 398–400 с.

3. 2025 Annual Report to Parliament on Immigration/[Манбаи электронӣ] https://www. canada.ca/en/immigration-refugees-citizenship/corporate/pub lications-manuals/annual-report-parliament-immigration-2025.html (санаи мурочиат: 18.03.2026).

4. Illegal Immigration Reform and Immigrant Responsibility Act of 1996 (IIRAIRA)/[Манбаи электронӣ] https://www.ebsco.com/research-starters/ history/illegal-immigration-reform-and-immigrant-responsibility-act-1996-iiraira(санаи мурочиат: 02.04.2026).

5. Immigration and Nationality Act of 1952//[Манбаи электронӣ] https:// www.ebsco.com/research-starters/history/immigration-and-nationality-act-1952#immigration-and-nationality-act-of-1952;McCarran-WalterAct// [Манбаи электронӣ]https://www.ebsco.com/research-starters/ history/mccar ran-walter-act (санаи мурочиат: 05.04.2026).

6. Immigration and Nationality Act of 1965//[Манбаи электронӣ] https://www. ebsco.com/research-starters/history/immigration-and-nationality-act-1965 (санаи мурочиат: 06.04.2026).

7. Immigration and Refugee Protection Act S.C. 2001, c. 27/[Манбаи электронӣ]https://www. statutes.ca/s-c-2001-c-27 (санаи мурочиат: 12.04.2026).

8. Immigration Reform and Control Act of 1986/ /[Манбаи электронӣ] https://www.eeoc.gov/history/immigration-reform-and-control-act-1986 (санаи мурочиат: 01.04.2026).

9. Permanent Residency Express Entry Canada Guide/ /[Манбаи электронӣ] https://wildmountainimmigration.com/wp-content/uploads/2024/04/Express-Entry-Download.pdf (санаи мурочиат: 02.04.2026).

10. Pub. L. 101-649 Immigration Act of 1990/[Манбаи электронӣ] https://www. justice.gov/sites/default/files/eoir/legacy/ 2009/03/04/IMMACT1990.pdf (санаи мурочиат: 07.04.2026).

11. Ryazantsev S. V., Pismennaya E. E., Rakhmonov A.K. Youth Migration from Tajikistan to OECD Member Countries: History and Present-Day Trends. Oriental Studies, Vol. 16, № 6 (2023). /[Манбаи электронӣ] https://www. isras.org/index.php?page_id=2722&id=13012 (санаи мурочиат: 09.04.2026).

12. Sharapov O. M., Ulmasov R. U. (2019). The main tendencies of integration processes in the post-soviet space. Indonesian Journal of Education Methods Development, /[Манбаи электронӣ] https://ijemd.umsida.ac.id/index.php /ijemd/article/view/320(санаи мурочиат: 10.04.2026).

13. The New Registration Requirement: Frequently Asked Questions/[Манбаи электронӣ] https://www.ilrc.org/community-resources/new-registration-requirement-frequently-asked-questions?utm_sourc(санаи мурочиат: 04.04.2026).

14. TITLE 8—ALIENS AND NATIONALITY/ /[Манбаи электронӣ] https://www.govinfo.gov/content/pkg/USCODE-2020-title8/pdf/USCODE-2020-title8.pdf(санаи мурочиат: 25.03.2026).

15. Trump administration suspends green-card lottery after Brown shooting /[Манбаи электронӣ] https://www.washingtonpost.com/immigration/2025 /12/19/trump-brown-university-kristi-noem-green-card/?utm (санаи мурочиат: 24.03.2026).

16. Ulmasov R. U., Kurbanov N. (2018). Globalization of Migration Processes: on the Threshold of the New Migration Reality. /[Манбаи электронӣ] https://www.shs-conferences.org/articles/shsconf/pdf/2018/11/shsconf_cild iah2018_01225.pdf (санаи мурочиат: 02.04.2026).

17. United States – DOS Suspends Immigrant Visa Issuance for 75 Countries/[Манбаи электронӣ] https://kpmg.com/xx/en/our-insights/gms-flash-alert/2026/flash-alert-2026-028.html?utm(санаи мурочиат: 30.03.2026).

18. UNITING AND STRENGTHENING AMERICA BY PROVIDING APPROPRIATE TOOLS REQUIRED TO INTERCEPT AND OBSTRUCT TERRORISM (USA PATRIOT ACT) ACT OF 2001/ /[Манбаи электронӣ] https://www.congress.gov/107/plaws/publ56/PLAW-107publ56.pdf(санаи мурочиат: 10.04.2026).

МИГРАЦИЯ ГРАЖДАН ТАДЖИКИСТАНА В КАНАДУ И США: ИЗУЧЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ, ЭКОНОМИЧЕСКИХ И СОЦИАЛЬНЫХ АСПЕКТОВ

В данной статье изучаются и анализируются актуальные вопросы миграции граждан Республики Таджикистан и ее влияние на развитие политических, экономических, социальных и культурных аспектов в условиях глобализации. На основе научных источников и официальных данных обсуждаются интересы, препятствия и проблемы, с которыми сталкиваются граждане в процессе миграции. Изучение темы показывает, что вопрос миграции граждан Республики Таджикистан является одним из актуальных вопросов и требует глубокого и всестороннего анализа. Результаты анализа показывают, что изучение миграции сегодня должно осуществляться с использованием научного метода и на основе конкретных доказательств.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, Соединенные Штаты Америки, Канада, иммиграция, экономика, программы, квоты, легальная миграция, нелегальная миграция, политические факторы, экономические факторы, глобальные факторы.*

MIGRATION OF CITIZENS OF TAJIKISTAN TO CANADA AND THE USA: STUDY OF POLITICAL, ECONOMIC, AND SOCIAL ASPECTS

This article examines the current problems of migration of citizens of the Republic of Tajikistan and its impact on the development of political, socio-economic, cultural factors and within the framework of globalization. Based on scientific sources and official data, the advantages, obstacles and problems faced by migrants during migration are considered. As the study of the issue has shown us, the issue of immigration of citizens of the Republic of Tajikistan is a very relevant issue and needs in-depth analysis. From the results of the analysis, it became clear to us that the migration of citizens of the Republic of Tajikistan needs a specific study today.

Keywords: *Republic of Tajikistan, United States of America, Canada, immigration, economy, programs, quotas, legal migration, illegal migration, political factors, economic factors, global factors.*

Маълумот оид ба муаллифон:

Дороншоева Некбахт Шоқосумовна, номзади илмҳои сиёсӣ, мудири Шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 935219683. Почтаи электронӣ: nekbaht2004@mail.ru. ORCID: 0000-0003-1232-5569

Халилова Мадина Рауфжоновна, магистранти курси 2-юми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, телефон: Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +992 00 222 44 77, почтаи электронӣ: madinahalilova10@gmail.com

Сведения об авторах:

Дороншоева Некбахт Шокосумовна, кандидат политических наук, заведующая отделом США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru. ORCID: 0000-0003-1232-5569

Халилова Мадина Рауфжоновна магистрант 2-го курса Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992-00-222-44-77, электронная почта: madinahalilova10@gmail.com

Information about Authors:

Doronshoeva Nekbakht Shoqosumovna. Candidate of Political Science's, head of the US and Canadian Department of the Institute for the study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru. ORCID: 0000-0003-1232-5569

Khalilova Madina Raufzhonovna master’s student, 2nd year, of the Institute for the study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +992 00 222 44 77, Email: madinahalilova10@gmail.com

МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ СУЛҲ ДАР ШАРҚИ НАЗДИК ДАР ДОИРАИ ҶАҲОНИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА ҲАМГИРОИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

РАҲМОНЗОДА АЗИМҶОН ШЕРАЛӢ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақолаи мазкур асосҳои назарияаии сиёсати хориҷӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ таҳлил ва таҳқиқ гаштааст. Барои муайян кардан ва дарк кардани назарияҳо ва қонуниятҳои равандҳои ҳамгироӣ, ки дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ба амал меоянд, кӯшиш карда шудааст. Ҳадафи асосии мақола ҷустуҷӯи назарияҳо оид ба сиёсати хориҷӣ, равандҳои ҳамгироӣ ва низом дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Инчунин, таъкид гардидааст, ки муносибатҳои байни субъектҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ одатан дар асоси соҳибихтиёрӣ, вобастагӣ, тобеият ва дигар унсурҳо ташаккул меёбанд. Давлатҳо манфиатҳои миллии худро тавассути сиёсат амалӣ мекунанд. Аз ин рӯ, сиёсати хориҷӣ ҷузъи муҳимми предмети муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ асосан ба ноил шудан ба як мақсад: нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани низоми мавҷудаи муносибатҳои ҷамъиятии ҳар як кишвари муайян нигаронида шудааст.

Калидвожаҳо: *сиёсати хориҷӣ, ҳамгироӣ, ҳамгироии байналмилалӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, назария, низом, зернизом, ҷаҳонишавӣ, манфиатҳои миллӣ, низоми ҷаҳонӣ, геосиёсӣ, марҳалаи муосир, иқтисодӣ, сиёсӣ.*

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати низоми муносибатҳои байналмилалӣ омӯзиши асосҳои назариявии сиёсати хориҷӣ ва равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ аҳаммияти хос пайдо кардааст. Давлатҳо дар муҳити мураккаби геополитикӣ ва иқтисодӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими амният ва баланд бардоштани рақобатпазирии худ сиёсати хориҷии фаъол ва мутавозинро татбиқ менамоянд.

Сиёсати хориҷӣ ҳамчун маҷмӯи тадбирҳо ва равандҳое, ки муносибатҳои давлатро бо кишварҳои дигар ва созмонҳои байналмилалӣ танзим мекунад, яке аз воситаҳои муҳими таъмини манфиатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, ҳамгироии байналмилалӣ ҳамчун раванди наздикшавии иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳо ба ташаккули низоми ягонаи ҳамкорӣ ва вобастагии мутақобила мусоидат менамояд.

Мақсади мақола – омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва консептуалии сиёсати хориҷии давлатҳо, таҳлили моҳият ва нақши ҳамгироии байналмилалӣ дар низоми муносибатҳои ҷаҳонӣ, инчунин муайян намудани робитаи байни сиёсати хориҷӣ ва равандҳои ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳо мебошад. Инчунин, мақола ба баррасии аҳаммияти ин равандҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири онҳо ба таҳкими манфиатҳои миллӣ ва рушди ҳамкории байналмилалӣ равона гардидааст.

Маводҳо ва усулҳо. Дар раванди таҳияи мақолаи “Асосҳои назариявии сиёсати хориҷӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ” аз маҷмӯи васеи маводҳои илмӣ ва манбаъҳои иттилоотӣ истифода бурда шуд. Аз ҷумла, адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин гузоришҳо ва таҳлилҳои созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун манбаи асосӣ хидмат намуданд.

Барои таҳлили амиқ таҷрибаи кишварҳо дар самти сиёсати хориҷӣ ва равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Инчунин, ҷараёни тадқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ ва системавӣ истифода гардиданд:

Натиҷаҳо. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили мавзуи «Асосҳои назариявии сиёсати хориҷӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ» як қатор хулосаҳои илмӣ ба даст омаданд:

– муайян гардид, ки сиёсати хориҷӣ яке аз воситаҳои асосии ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад;

– собит карда шуд, ки ҳамгироии байналмилалӣ раванди муҳими наздикшавии давлатҳо дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, ба таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд мусоидат мекунад;

– маълум гардид, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ робитаи байни сиёсати хориҷӣ ва равандҳои ҳамгироӣ боз ҳам зичтар гардида, ба ташаккули низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ таъсир мерасонад;

– муайян карда шуд, ки давлатҳо тавассути ҳамгироии байналмилалӣ метавонанд сатҳи амният, суботи иқтисодӣ ва рақобатпазирии худро баланд бардоранд;

– баррасии истифодаи низомҳои ҳамкорӣ ва созмонҳои байналмилалӣ барои густариши сиёсати хориҷии муосир аҳаммияти калидӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот собит менамоянд, ки сиёсати хориҷӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ ҳамчун унсурҳои ба ҳам вобаста дар рушди давлатдорӣ ва таҳкими мавқеи кишварҳо дар низоми ҷаҳонӣ нақши муҳим доранд.

Муҳокима. Натиҷаҳои таҳқиқи мавзуи “Асосҳои назариявии сиёсати хориҷӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ” нишон медиҳанд, ки сиёсати хориҷӣ ҳамчун воситаи муҳими татбиқи манфиатҳои миллӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ нақши калидӣ мебозад. Дар шароити муосир, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва афзоиши вобастагии мутақобилаи давлатҳо тавсиф меёбад, аҳаммияти сиёсати хориҷии муассир боз ҳам бештар мегардад.

Ҳамгироии байналмилалӣ бошад, ҳамчун раванди наздикшавии давлатҳо дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, имконият фароҳам меорад, ки кишварҳо тавассути ҳамкорӣ ба ҳалли масъалаҳои умумӣ, аз ҷумла амният, рушди иқтисодӣ ва пешрафти иҷтимоӣ ноил гарданд. Ин раванд боиси ташаккули низоми мураккаби робитаҳои байналмилалӣ мегардад, ки дар он давлатҳо ба ҳамдигар бештар вобаста мешаванд.

Сиёсати хориҷӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ бо ҳам робитаи зич доранд: сиёсати хориҷӣ ҳамчун абзори татбиқи манфиатҳои миллӣ истифода мешавад, дар ҳоле ки ҳамгироии байналмилалӣ муҳити мусоид барои густариши ин манфиатҳо фароҳам меорад. Ин ду раванд якдигарро пурра намуда, ба таҳкими суботи байналмилалӣ ва рушди устувор мусоидат мекунанд.

Шакли асосии ҳамкорӣ дар татбиқи сиёсати хориҷии давлат муносибатҳои дуҷониба байни давлатҳо мебошад. Ташаккули сиёсати хориҷӣ ва муайян кардани манфиатҳои давлатро як қатор омилҳо, аз ҷумла омилҳои таърихӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва заминаи геосиёсӣ муайян мекунанд.

Дар асри XXI равандҳои ҳамгироӣ ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ аҳаммияти хоса пайдо намуда, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонанд. Дар баробари ин, вазъи муносибатҳои байналмилалӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба ин равандҳо таъсир мерасонад. Тағйироти ин омилҳо хусусияти сиёсати хориҷӣ ва шакли ҳамгироии давлатҳоро муайян мекунанд.

Мувофиқи тафсири Энсиклопедияи ҷаҳонӣ, “сиёсати хориҷӣ фаъолияти мақсаднок ва муносибатҳои байналмилалии давлатҳои дигар мебошад. Татбиқи сиёсати хориҷӣ аз сиёсати дохилии давлат вобаста ба стратегияи геосиёсии он таъсир мегирад. Омодагӣ ва таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ низ ба сиёсати хориҷии давлат таъсир мерасонанд” [7, 210].

Муҳаққиқи амрикоӣ Г. Моргентау моҳияти илмии сиёсати хориҷиро омӯхта, фаъолияти изҳорот ва амалҳоро тавсиф намудааст. Вай таъкид мекунад, ки давлати соҳибистиқлол ҳангоми татбиқи сиёсати хориҷӣ ба амалкарди дигар давлатҳо дар сатҳи байналмилалӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ вокуниш нишон медиҳад. Сиёсати хориҷӣ идомаи сиёсати дохилии давлат дониста шуда, барои татбиқи манфиатҳои миллӣ масъул мебошад [2, 563].

Омилҳои муносибатҳои сиёсати хориҷӣ хусусияти рафтори давлатро дар низоми байналмилалӣ муайян мекунанд [5, 489]. Омӯзиши низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳим ва мукаммали илми ҷаҳонӣ мебошад. Низоми муосири муносибатҳои байналмилалиро бе равандҳои ҷаҳонишавӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Раванди ҷаҳонишавӣ як равандест, ки бо афзоиши ҳамгироӣ мухолифат дорад ва ҳамзамон тамоюлҳои умумӣ ва мушаххасро дар бар мегирад. Вазифаи умумии низоми муносибатҳои байналмилалӣ дохил намудани субъектҳо ба низоми ҷаҳонӣ мебошад. Ҳамгироии фаъолона робитаҳои субъектҳо ва ҷамъиятҳоро дар соҳаҳои гуногун таъмин намуда, рушди ҳамаҷониба таъмин мегардад.

Масъалаҳои сиёсии минтақавӣ самараноктар ҳал мешаванд, аммо таъсиси созмони минтақавии муассир зарур аст. Асоси рушди минтақавӣ дар фазои пасошӯравӣ омода будани давлатҳоро барои гузаштан ба зинаи нави рушди муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ин равандро дастгирӣ намуда, имконият фароҳам меорад, ки мушкилоти минтақавӣ ҳамоҳанг ва ҳамаҷониба ҳал шаванд.

Олими амрикоӣ Ҷ. Доннеллӣ ҷанбаҳои ахлоқии сиёсати хориҷии давлатро аз нуқтаи назари реализми сиёсӣ таҳқиқ кардааст. Вай сиёсати хориҷиро бо марҳалаҳои таърихӣ ва равандҳои дохилии сиёсии давлат дар низоми байналмилалӣ алоқаманд медонад. Доннеллӣ таъкид мекунад, ки хусусиятҳои сиёсати хориҷии давлат бо низоми муайяншудаи муносибатҳои байналмилалӣ зич алоқамандand.

Олимони олмонӣ Ф. Ратсел ва англис Ҳ. Макиндер ҷуғрофияи давлатҳоро ҳамчун омили асосӣ дар сиёсати хориҷӣ медонанд [19, 431–432]. Аз нигоҳи онҳо, сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ бо тағйирёбандаҳои ҷуғрофӣ шакл мегиранд.

Намояндаи мактаби либералии муносибатҳои байналмилалӣ Ҷ. Розенау се ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати хориҷиро муайян мекунад:

1. Сиёсати хориҷӣ ҳамчун маҷмӯи самтҳо, ки сиёсати хориҷиро дар асоси таҷрибаи таърихӣ, афзалиятҳои стратегӣ ва шароити ҷаҳонӣ ташаккул медиҳанд;

2. Сиёсати хориҷӣ ҳамчун маҷмӯи ӯҳдадориҳо ва нақшаҳои амал дар стратегияҳои сиёсати хориҷӣ бо назардошти муҳити беруна;

3. Сиёсати хориҷӣ ҳамчун шакли рафтор дар марҳалаи эмпирикӣ, ки амалҳои мушаххасро дар бар мегирад [4, 19–21].

Олимони амрикоӣ Р. Мансбах ва Р. Хопкинс сиёсати хориҷиро ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ ва асос барои рафтори байналмилалӣ медонанд [16, 134]. Онҳо омилҳои таъсиррасон ба сиёсати хориҷиро ба панҷ гурӯҳ тақсим мекунанд: беруна, инфиродӣ, нақш, давлатӣ ва иҷтимоӣ.

– Омилҳои беруна имкониятҳо ва мавқеи стратегии давлатро нисбат ба дигар давлатҳо дар низоми байналмилалӣ дар бар мегиранд.

– Омилҳои инфиродӣ ба шахсияти сиёсӣ, арзишҳо ва сабки роҳбарӣ дахл доранд.

– Омилҳои нақш маҷмӯи меъёрҳои иҷтимоӣ ва вазифаҳои расмиро дар бар мегиранд.

– Омилҳои давлатӣ бо сохтори муассисаҳои давлатӣ ва тақсимоти қудрат алоқамандand.

– Омилҳои иҷтимоӣ зуҳуроти фарҳангӣ, иқтидори иқтисодӣ, захираҳои табиӣ ва муттаҳидии иҷтимоиро фаро мегиранд [12, 138–153].

Олими аврупоӣ Ҷ. Моделский сиёсати хориҷиро ҳамчун фаъолияти низомӣ тавсиф мекунад, ки қудрати вуруд ва баромадро дар бар мегирад [8, 43–45].

Олими рус М. Хрусталев сиёсати хориҷиро “як навъи мушаххаси фаъолияти иҷтимоии одамон” мешуморад, ки аз муҳити беруна ва дохилӣ таъсир мегирад [38, 9].

Нақши сиёсати хориҷӣ дар татбиқи вазифаҳои асосии давлат, аз ҷумла таъмини истиқлолият, амният ва манфиатҳои ҷамъиятӣ бениҳоят муҳим аст. Сиёсати хориҷӣ бо фароҳам овардани шароити мусоиди беруна ба ҳалли мушкилоти дохилӣ низ мусоидат мекунад.

Дар замони муосир, нақши сиёсати хориҷӣ дар ҳамгироии давлатҳо ва сатҳҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Ҳамгироӣ дар соҳаи иқтисод, сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҳлил ва татбиқ карда мешавад.

Олими аврупоӣ У. Уоллес робитаи ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсиро муайян карда, ҳамгироии “расмӣ” ва “ғайрирасмӣ”-ро фарқ мекунад [6, 10–11]. Олими рус Л. Линдберг ҳамгироии сиёсиро ҳамчун раванде медонад, ки давлатҳо ихтиёран ҳокимияти сиёсати хориҷии худро ба маркази муттаҳидшуда медиҳанд [18, 6].

Олими амрикоӣ Э. Хаас ҳамгироиро ҳамчун интиқоли ваколатҳои давлатӣ ба маркази фавқуттабӣ тавсиф мекунад [10, 18], вале С. Хоффман таъкид мекунад, ки давлатҳо дар муҳимтарин соҳаҳо эътимод ба худ ва худкифоии миллиро афзалтар медонанд [15, 882–883].

Пажуҳишгари аврупоӣ Б. Баласса ҳамгироиро ҳамчун раванд ва ҳолати кор, ки ба бартараф кардани монеаҳо байни воҳидҳои иқтисодии давлатҳои гуногун нигаронида шудааст, муайян мекунад [9, 174–175].

Ҳамгироӣ се сатҳ дорад: зерминтақавӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ. Ҳамгироии зерминтақавӣ байни давлатҳои ҳамсоя, минтақавӣ ба сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ таъсир мерасонад ва ҷаҳонӣ тавассути муассисаҳои байналмилалӣ амалӣ мешавад.

М. Каплан “раванди ҳамгироӣ ин муттаҳидшавии ду ё зиёда қисм ба як кулли ягона” медонад [17, 156]. Р. Арон низоми байналмилалиро ҳамчун маҷмӯи воҳидҳои сиёсӣ тавсиф мекунад [1, 103]. К. Валс таъкид мекунад, ки сохтори низом ба рафтори давлатҳо таъсири ғайримустақим мерасонад.

Р. Гилпин тағйироти низомиро тавассути ҳамкорӣ, идоракунии умумӣ ва таҳаввули субъектҳо фарқ мекунад [9, 13–14]. П. Сиганков низоми байналмилалиро ҳамчун моделҳое медонад, ки рафтори субъектҳо ва иттиҳодияҳоро таҳлил мекунад [10, 40–41].

Ҳамин тариқ, асосҳои назариявии сиёсати хориҷӣ ва ҳамгироии байналмилалиро мавриди омӯзиш қарор дода ба чунин хулоса расидем:

– ҳамгироии байналмилалӣ бо низоми байналмилалӣ алоқаманд аст;

– равандҳои ҳамгироӣ барои ташаккули низомҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ замина фароҳам мекунанд;

– давлатҳои дорои қудрати иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши меҳварӣ доранд;

– сиёсати хориҷӣ воситаи асосии татбиқи ҳамгироӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад;

– ҳамгироии давлатҳо бояд ҳамгироии низомҳои миллии иқтисодӣ ва сиёсии онҳоро ба низоми ҷаҳонӣ таъмин кунад.

АДАБИЁТ

1. Берталанфи Л. Общая теория систем: критический обзор // Исследования по общей теории систем. – М.: Прогресс, 1969.
2. Воронов К. Четвёртое расширение ЕС: тормоз или стимул интеграции // Международная экономика и международные отношения. - 1996. - № 8.
3. Кизима С., Бакин А. Системные аспекты организации и функционирования Европейского союза // Европейский союз: история, политика, экономика, право: Международная научно-практическая конференция. Сб. научи. тр.: Белгосуниверситет, 1998.
4. Кременюк В. Формирование системы международного общения // Дипломатический вестник. - М., 1987.
5. Луков В. Современные дипломатические переговоры: проблемы развития // Дипломатический вестник. - М., 1987.
6. Парсонс Т. О социальных системах / Под ред. В. Чесноковой и С. Балановского. - М.: Академ. Проект, 2002.
7. Рахмонзода А.Ш. Трансформация системы международных отношений Республики Таджикистан в условиях глобализации. Душанбе: «Дониш», 2024. – 222 с.
8. Deutsch, Karl W. National integration. – Berlin: IIVG, 1977.
9. Deutsch M. Subjective Features of Conflict Resolution: Psychological, Social and Cultural Influences / M.Deutsch // New Directions in Conflict Theory: Conflict Resolutions and Conflict Transformations / ed. by R.Vayrynen. – London, 1991.
10. Fisher R. International Conflict for Beginners. – N.Y., 1969.
11. Kaplan M. System and Process in International Politics. – N.Y., 1957

12. Kissinger H.A. The Troubled Partnership, A Reappraisal of the Atlantic Alliance. – N.Y.: McGraw-Hill, 1965.
13. Mitrany D. The Functional Theory of Politics. – London: Martin Robertson, 1975.
14. Mitrany D. A Working Peace System. – Chicago: Quadrangle Books, 1966.
15. Morgenthau H.J. Politics among Nations: The Struggle for Power and Peace. – New York, 1985.
16. Neumann I. Russia as Central Europe`s Constituitng Other / I.Neumann // East European Politics and Societies. – 1993. – Vol. 7. – № .2.
17. Pietras Z. J. Podstawy teorii stosunkow midzynarodowych. — Lublin, 1986.
18. Schelling T. The Strategy of Conflict. – Cambridge: Mass., 1963.
19. Wallace W. Foreign Policy and Political Process. – London, 1971.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ И МЕЖДУНАРОДНОЙ ИНТЕГРАЦИИ

В данной статье анализируются и исследуются теоретические основы внешней политики и международной интеграции. Предпринята попытка определить и понять теории и закономерности интеграционных процессов, происходящих в современной системе международных отношений. Основная цель статьи – поиск теорий внешней политики, интеграционных процессов и системы международных отношений.

Также подчеркивается, что отношения между основными субъектами международных отношений обычно формируются на основе суверенитета, зависимости, подчинения и других элементов. Государства преследуют свои национальные интересы посредством политики. Поэтому внешняя политика считается важной частью предмета международных отношений. Внутренняя и внешняя политика в основном направлена на достижение одной цели: сохранение и укрепление существующей системы общественных отношений каждой страны.

Ключевые слова: *внешняя политика, интеграция, международной интеграции, международные отношения, теория, система, подсистема, глобализация, национальные интересы, мировая система, геополитика, современный этап, экономический, политический.*

THEORETICAL FOUNDATIONS OF FOREIGN POLICY AND INTERNATIONAL INTEGRATION

This article analyzes and explores the theoretical foundations of foreign policy and international integration. An attempt has been made to identify and understand the theories and patterns of integration processes occurring in the modern system of international relations. The main purpose of the article is to search for theories of foreign policy, integration processes and the system of international relations.

It is also emphasized that relations between the main subjects of international relations are usually formed on the basis of sovereignty, dependence, subordination and other elements. States pursue their national interests through politics. Therefore, foreign policy is considered an important part of the subject of international relations. Domestic and foreign policies are mainly aimed at achieving one goal: maintaining and strengthening the existing system of social relations of each country.

Key words: *foreign policy, integration, international integration, international relations, theory, system, subsystem, globalization, national interests, world system, geopolitics, modern stage, economic, political.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми таърих, дотсент, ходими пешбари илмӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

Сведение об авторе: Рахмонзода Азимджон Шерали – Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, кандидат исторических наук, дотцент, ведущий научный сотрудник. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

Information about the author: Rahmonzoda Azimjon Sherali - Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Leading Researcher. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

НАҚШИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР НИЗОМИ ҶАҲОНИИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИНТАҚАВӢ

МАДИМАРОВА ГУЛҲАЁ МАДИМАРОВА,
ҒУЛОМОВА ТАҲМИНА
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Мақолаи мазкур ба таҳлили нақши Иттиҳоди Аврупо дар низоми ҷаҳонии созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқот таърихи ташаккул ва рушди Иттиҳоди Аврупо, инчунин ҷойгоҳ ва таъсири он ба низоми байналмилалӣ баррасӣ мегардад. Муаллифон аҳаммияти Иттиҳоди Аврупоро ҳамчун як субъекти муҳимми муносибатҳои байналмилалӣ дар таҳкими амният, рушди иқтисодӣ, танзими ҳуқуқӣ ва ҳифзи арзишҳои демократӣ арзёбӣ менамояд. Иштироки фаъолонаи Иттиҳоди Аврупоро дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони тиҷорати ҷаҳонӣ ва дигар сохторҳои минтақавию байналмилалӣ нишон медиҳад, ки Иттиҳоди Аврупо имрӯз ба унвони як қувваи таъсиргузор дар ташаккули низоми ҷаҳонии ҳамкорӣ ва танзими равандҳои сиёсиву иқтисодӣ баромад мекунад.

Дар асоси таҳлилҳо хулоса карда мешавад, ки нақши Иттиҳоди Аврупо дар замони муосир на танҳо ба масоили дохилии аврупоӣ маҳдуд намешавад, балки ба равандҳои ҷаҳонӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Калидвожаҳо: *Иттиҳоди Аврупо, низоми ҷаҳонӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ, сиёсати хориҷӣ, амният, рушди иқтисодӣ.*

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди муносибатҳои байналмилалӣ Иттиҳоди Аврупо ба яке аз субъектҳои муҳимми низоми ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Нақши он на танҳо дар ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳои аврупоӣ, балки дар ҳалли масъалаҳои амниятӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии сатҳи байналмилалӣ низ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Дар замони ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии тавозуни қудрат дар низоми байналмилалӣ ва пайдоиши таҳдидҳои нави глобалӣ, омӯзиши ҷойгоҳ ва нақши Иттиҳоди Аврупо ҳамчун актори муносибатҳои байналмилалӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Масъалаи ташаккул ва фаъолияти Иттиҳоди Аврупо дар осори бисёр муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Олимон ба монанди Клаус-Дитер Борхардт, Кнуд Эрик Йёргенсен дигарон равандҳои ҳамгироии аврупоӣ, сохтори институтсионалӣ ва нақши байналмилалии Иттиҳоди Аврупоро таҳлил намудаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи таҳаввули Иттиҳоди Аврупо аз як созмони иқтисодӣ ба субъекти фаъоли сиёсати ҷаҳонӣ ҳамоно мавриди омӯзиши минбаъда қарор дорад. Мақсади таҳқиқот муайян намудани хусусиятҳои ташаккул ва рушди Иттиҳоди Аврупо, инчунин таҳлили ҷойгоҳ ва нақши он дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин аз ҷумла, баррасии марҳилаҳои асосии ташаккули Иттиҳоди Аврупо, таҳлили сохтори институтсионалӣ ва принсипҳои фаъолияти он, омӯзиши самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва байналмилалии Иттиҳоди Аврупо ва муайян намудани нақши Иттиҳоди Аврупо дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ гузошта шудаанд. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ҷойгоҳ ва нақши Иттиҳоди Аврупо ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ дар заминаи таҳаввулоти муосири низоми ҷаҳонӣ ва афзоиши таъсири он ба равандҳои байналмилалӣ мавриди таҳлили қарор гирифтааст.

Қисмати асосӣ. Дар асри XXI Иттиҳоди Аврупо ба яке аз субъектҳои асосии низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Агар дар ибтидо ҳадафи асосии Иттиҳоди Аврупо таъмини сулҳ ва барқарорсозии иқтисодиёти харобшудаи кишварҳои пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон мебуд, имрӯз фаъолияти он аз ин доира берун рафта, тамоми самтҳои сиёсати ҷаҳониро фаро мегирад. Дар замони ҷаҳонишавӣ ва пайдоиши таҳдидҳои нави глобалӣ аз терроризм то тағйирёбии иқлим нақши Иттиҳоди Аврупо ҳамчун як созмони минтақавӣ ва

байналмилалӣ бештар эҳсос мегардад. Бо истифода аз равиши ташкилӣ, бахусус таърифи маъруфи пешниҳодкардаи Ричард Дафт, назарияпардозе, ки дар масъалаҳои иқтисод ва идоракунӣ кор мекунад, Иттиҳоди Аврупоро метавон дар шакли умумии худ ҳамчун як созмон, яъне ҳамчун як воҳиди иҷтимоӣ, ки ҳамчун як системаи бошуурона сохташуда таъсис ёфтааст, ки фаъолияташ ба шарофати муносибатҳои мураккаби субъектҳои гуногун ҳамоҳанг карда мешавад, вуҷуд дорад ва фаъолият мекунад, захираҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ муттаҳид мекунад, бо рафтори мақсаднок тавсиф мешавад ва бо муҳити беруна пайваст аст [4, 11-12].

Таърих гувоҳ аст, ки пас аз анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, Аврупо ба як вазъи шадиди иқтисодиву сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид. Ниёз ба таъмини сулҳ, барқарорсозии иқтисод ва пешгирӣ аз такрори низоъҳо боиси пайдоиши ташаббусҳои аввалин барои ҳамгироии минтақавӣ гардид. Маҳз дар ҳамин замина соли 1951 Шартномаи Париж оид ба таъсиси Ҷамъияти ангишт ва пӯлоди Аврупо (ECSC) имзо шуд, ки дар он шаш кишвар Фаронса, Олмони Ғарбӣ, Италия, Белгия, Нидерланд ва Люксембург иштирок карданд [2, с.45]. Ин ҷамъият ҳамчун қадами аввалини ҳамгироии иқтисодӣ хизмат кард.

Дар робита ба ин, соли 1957 бо имзои Шартномаҳои Рим, Ҷамъияти иқтисодии Аврупо (EEC) ва Ҷамъияти энергияҳои атомии Аврупо (EURATOM) таъсис ёфтанд [9, с.62]. Ин марҳала оғози ҳамгироии амиқтарро нишон дод, зеро давлатҳои иштирокчӣ ба барҳам додани монеаҳои гумрукӣ ва рушди бозори ягона равона шуданд.

Ёдовар мешавем, ки яке аз хусусиятҳои асосии ҳамгироии аврупоӣ табиати фаромиллии институтҳои он мебошад. Сохтори институтсионалии Иттиҳоди Аврупо аз ниҳодҳои зерин иборат аст:

- Комиссияи Аврупо – мақоми иҷроия ва ташаббускори қонунгузорӣ;
- Парлумони Аврупо – мақоми намояндагии шаҳрвандон, ки бо роҳи интихоботи мустақим ташкил мегардад;
- Шурои Иттиҳоди Аврупо - мақоми намояндагии давлатҳои аъзо;
- Суди Аврупо- кафили риояи ҳуқуқи иттиҳод ва принсипи афзалияти он.

Ҳамин тариқ, ҳамгироии аврупоӣ дар доираи Иттиҳоди Аврупо намунаи нодири ҳамгироии фаромиллӣ мебошад, ки дар асоси омезиши унсурҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст. Хусусияти асосии он дар тавозуни мураккаби салоҳиятҳои миллӣ ва фаромиллӣ, институтикунонии амиқ ва марҳилавии равандҳои ҳамгироӣ зоҳир мегардад.

Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо барои таҳқиқи минбаъдаи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва таҳияи моделҳои муассири ҳамкории байналмилалӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар солҳои 1970–1980 бошад Иттиҳод марҳалаи васеъшавиро аз сар гузаронд. Британияи Кабир, Ирландия ва Дания соли 1973 ба он ҳамроҳ шуданд. Минбаъд, Юнон (1981), Испания ва Португалия (1986) пайвастанд. Дар ҳамин давра ҷараёни ҳамгироӣ ба сатҳи сиёсиву ҳуқуқӣ ворид шуд ва созмон бештар хусусияти фаромиллӣ гирифт.

Маврид ба зикр аст, ки қадами асосӣ дар ташаккули Иттиҳоди Аврупо имзои Шартномаи Маастрихт (1992) буд, ки дар асоси он Иттиҳоди Аврупо расман таъсис ёфт. Ин шартнома на танҳо ҳамгироии иқтисодиро густариш дод, балки заминаи ҳамкориҳои сиёсӣ, амниятӣ ва иҷтимоиро низ фароҳам овард [7, 23]. Созишномаи Амстердам (соли 1997) мақсадҳои асосии иттиҳодро тасдиқ намуд ва дар масъалаи сиёсати умумии хориҷӣ ва сиёсати бехатарӣ боби махсусро дохил кард. Ба шартнома ҳамчунин дар бобати риояи принсипҳои демократия, ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, пурқувват кардани мубориза бо терроризм, нажодпарастӣ, ҷиноятқорӣ низ шартҳо илова гардиданд.

Шартномаи Нисса бошад (соли 2000) давоми созишномаҳои Рим, Маастрихт ва Амстердам буд, ки ба се принсипи асосӣ такя мекард: ислоҳотҳои дохилии Иттиҳоди Аврупо (тағйиротҳо дар принсипҳои асосии қабули қарорҳо бо аксарияти овозҳо ва маҳдудкунии ҳуқуқи истифодаи вето ба 35 соҳаҳои қонунгузорӣ); қабули кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ба Иттиҳоди Аврупо бо додани ҷойҳо ва овозҳо дар сохторҳои созмон; коркарди сиёсати умумии берунӣ ва мурофиавии Иттиҳоди Аврупо.

Фаъолияти Иттиҳоди Аврупо аз рӯи шартномаи Нисса ба чунин роҳҳои сиёсати он паҳн мешавад: савдо, кишоварзӣ, муҳофизат, нақлиёт, рақобат, андоз, иқтисодӣ, асъор, гумрукӣ, саноат, иҷтимоиёт, сиёсати маданӣ, шуғли аҳолӣ ва тандурустӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда, инкишофи шабакаҳои нақлиёт ва энергетикӣ, тадқиқот ва инкишофи технологӣ, ҳамкории молиявӣ ва техникӣ бо давлатҳои дигар. Ба андешаи муҳаққиқ Борхардт К Иттиҳоди Аврупо дар саҳнаи байналмилалӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунад ва ба бисёр равандҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногун таъсири мустақим мерасонад. Ғайр аз ин, худи Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои узви он иштирокчиёни комилҳуқуқи созмонҳои гуногуни байналмилалӣ мебошанд. Шаклҳои иштирок дар ин созмонҳо (ҳам аз ҷиҳати усул ва ҳам доираи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо) ба таври назаррас фарқ мекунанд, масалан, аз нозир то иштирокчии комил. [2, 67]

Дигар ин ки, дар солҳои 2004 ва 2007 Иттиҳоди Аврупо бузургтарин мавҷи васеъшавии худро аз сар гузаронд, ки дар он кишварҳои Шарқи Аврупо ва Балкан ба узвият пазируфта шуданд. Соли 2009 Шартномаи Лиссабон мавқеи институтсионалии Иттиҳоди Аврупоро боз ҳам мустаҳкам намуд ва ба Иттиҳод мақоми ҳуқуқии ягона бахшид [5, 57].

Ҳангоми таҳлили сиёсати Иттиҳоди Аврупо се равияро мушоҳида метавон кард:

-Иттифоқи иқтисодӣ ва асъорӣ;

- Сиёсати умумии берунӣ ва сиёсати бехатарии Иттиҳоди Аврупо, ки дар он сиёсати аврупоии бехатарӣ ва мудофиа мавқеи асосиро дорад;

-Ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи корҳои дохилӣ ва ҳуқуқӣ.

Ҳамин тариқ, ташаккул ва рушди Иттиҳоди Аврупо равандест, ки аз ҳамгироии иқтисодӣ оғоз ёфта, ба як субъекти пуркудрати сиёсиву байналмилалӣ мубаддал шудааст. Таърих нишон медиҳад, ки ниёзи кишварҳои Аврупо ба сулҳ ва рушди устувор асоси ташкили ин созмонро фароҳам овард ва имрӯз Иттиҳоди Аврупо ба унвони яке аз бозигарони калидии низоми ҷаҳонӣ арзи вуҷуд дорад.

Иттиҳоди Аврупо аз як иттиҳоди иқтисодӣ ба сохтори мураккаби сиёсӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ табдил ёфт, ки на танҳо манфиатҳои иқтисодии кишварҳои узвро ҳимоят мекунад, балки дар самти сиёсати хориҷӣ, амният ва арзишҳои демократӣ нақши муҳим мебозад. Ташаккулёбии он намунаи барҷастаи ҳамгироии минтақавӣ ба шумор меравад, ки таҷрибаи нодири муттаҳидсозии давлатҳоро дар асоси арзишҳои муштарак ва манфиатҳои умумӣ инъикос менамояд.

Ҳамзамон қайд намудан ба маврид аст, ки Иттиҳоди Аврупо ҳадафҳои ҷорӣ намудани шаҳрвандии ягонаи аврупоӣ, аз ҷумла, таъмини озодӣ, амният ва қонуният, мусоидат намудан ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мустаҳкам намудани мавқеи Аврупо дар арсаи байналмилалиро пайгирӣ менамояд [1, 31].

Иттиҳоди Аврупо имрӯз дар аксари созмонҳои байналмилалӣ мақоми калидӣ дорад. Алалхусус Иттиҳоди Аврупо мақоми нозирро дар Ассамблеяи Умумии СММ доро буда, аз бузургтарин сармоягузорон ба буҷети он ба ҳисоб мерава. Яке аз муҳақиқон нақши Иттиҳоди Аврупо дар дар низоми ҷаҳонии созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ муҳим арзёбӣ намуда, овардааст, ки он ҳамчун як актори асосии ҷаҳонӣ ва ҳам як омили таъсиргузор дар муносибатҳои байниҳукуматӣ амал мекунад. Ҳамкории иттиҳод бо созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, ба монанди Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Ҷаҳонии Савдо, салоҳиятҳои берунӣ ва чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқии онро, ки ба ҳамкорӣ ва таъсиррасонӣ мусоидат мекунанд, нишон медиҳад. [4]

Бояд ёдовар шуд, ки Иттиҳоди Аврупо дар доираи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар таъмини амнияти минтақавӣ, идоракунии низоъҳо ва ҳалли буҳронҳо саҳм мегирад [4, 169].

Ҳамзамон Иттиҳоди Аврупо яке аз бозигарони калидии сиёсати иқтисодӣ ва тиҷорати байналмилалӣ мебошад. Танҳо дар соли 2022 ҳаҷми савдои хориҷии Иттиҳоди Аврупо зиёда аз 6,5 триллион евро буд [8, 56].

Иттиҳоди Аврупо дар доираи сиёсати хориҷии худ як қатор барномаҳои минтақавиро роҳандозӣ кардааст:

- Шарикии Шарқӣ (2009) - ин ташаббус барои таҳкими робитаҳо бо кишварҳои Украина, Гурҷистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон ва Беларус равона шудааст.

- Иттиҳод барои баҳри Миёназамин - бо мақсади тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаҳои амният, муҳофизат ва энергетика миёни кишварҳои аврупоӣ ва шимоли Африқо таъсис ёфтааст.

- Осиёи Марказӣ - Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ (2007) ба пешбурди амният, мубориза бар зидди экстремизм ва рушди устувори минтақа нигаронида шудааст [6,203].

Дар замони муосир нақши Иттиҳоди Аврупо ҳамчун субъекти глобалӣ пурзӯр гардид. Он дар масоили муҳимми ҷаҳонӣ, аз ҷумла мубориза бо тағйирёбии иқлим, дастгирии рушди устувор, пешбурди арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, танзими муноқишаҳои байналмилалӣ фаъолона ширкат мекунад.

Сиёсати хориҷии ягонаи Иттиҳоди Аврупо ва фаъолияти Шурои сиёсати хориҷӣ ва амниятӣ имкон медиҳанд, ки Иттиҳод мавқеи муттаҳид дошта, ҳамчун як субъекти глобалӣ шинохта шавад. Муҳаққиқ Васел Р ва Одермат Ҷ дар китоби худ таҳти унвони “Дастури тадқиқотӣ оид ба Иттиҳоди Аврупо ва созмонҳои байналмилалӣ” дар ин бора чунин андешаронӣ намудаст, ки хусусиятҳои беназири ИА, аз ҷумла гуногунии институтсионалии он ва интиқоли салоҳиятҳо аз кишварҳои узв, қобилияти онро барои ҳамкории самаранок дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам ҷаҳонӣ афзоиш медиҳанд. [6]

Тавре маълум, Иттиҳоди Аврупо яке аз бузургтарин иқтисодҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Бозори ягонаи он ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ, сармоя ва нерӯи кориро таъмин намуда, фазои фарохи иқтисодиро ташкил медиҳад. Иттиҳоди Аврупо яке аз шарикони асосии тиҷоратии аксари кишварҳои ҷаҳон буда, дар низоми савдои байналмилалӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунад.

Сиёсати ягонаи тиҷоратӣ ба Иттиҳод имкон медиҳад, ки ҳамчун субъекти ягона дар музокироти байналмилалӣ баромад намояд. Ин омил мавқеи онро дар созмонҳое чун Созмони Ҷаҳонии Савдо таҳким мебахшад.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи Иттиҳоди Аврупо дар арсаи ҷаҳонӣ қобилияти таъсиррасонӣ тавассути меъёрҳо ва арзишҳо мебошад. Дар адабиёти илмӣ ин падида ҳамчун «қудрати меъёрӣ» маъруф аст. Иттиҳод арзишҳои демократия, ҳуқуқи инсон, волоияти қонун ва рушди устуворро дар сиёсати хориҷии худ тарғиб менамояд.

Тавассути созишномаҳои шарикӣ ва ҳамкорӣ, барномаҳои кӯмакҳои молиявӣ ва сиёсати ҳамсоягӣ, Иттиҳод ба ислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳои шарик мусоидат мекунад. Ин раванд нуфузи сиёсии онро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон густариш медиҳад. Бо вуҷуди он ки Иттиҳоди Аврупо иттиҳоди ҳарбӣ нест, он дар соҳаи амният ва мудофиа низ фаъол мебошад. Сиёсати умумии хориҷӣ ва амниятӣ ва ташаккули иқтидори мудофиавӣ ба Иттиҳод имконият медиҳад, ки дар ҳалли буҳронҳои минтақавӣ саҳм гузорад.

Тавре қайд кардем, Иттиҳод бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, ҳамкории фаъол дошта, дар амалиётҳои сулҳҷӯёна ва барномаҳои башардӯстона иштирок менамояд. Ҳамзамон, ҳамкории зич бо Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ яке аз унсурҳои муҳимии таъмини амнияти қитъавӣ ба ҳисоб меравад. Чуноне ки коршиноси Лизенко дар мавриди фаъолият ва робитаи Иттиҳоди Аврупо бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ зикр кардааст, он бо созмонҳои сершумори байналмилалӣ муносибатҳои расмӣ барқарор кардааст, ки ҳузури худро дар ҷаҳон тақвият медиҳад. Ҳамзамон дар ташаккули сиёсат ва чаҳорчӯбаҳо дар дохили созмонҳо ба монанди СММ ва СУС фаъолона иштирок мекунад, ки ин имкониятҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии худро инъикос мекунад [6]

Бо вуҷуди нуфузи назаррас, Иттиҳоди Аврупо дар сиёсати ҷаҳонӣ бо як қатор маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ мебошад. Аввалан, мавҷудияти манфиатҳои гуногуни миллӣ баъзан ба ташаккули мавқеи ягонаи сиёсӣ монеа мегардад. Дуюм, вобастагӣ аз захираҳои энергетикӣ ва мушкилоти дохилии иқтисодӣ ба иқтидори геополитикии он таъсир мерасонанд.

Илова бар ин, тағйирёбии тавозуни қудрат дар низоми байналмилалӣ, афзоиши нақши давлатҳое чун ИМА ва Чин, инчунин буҳронҳои минтақавӣ зарурати бознигарии стратегияи глобалии Иттиҳодро ба миён меорад. Ҳамин тариқ, Иттиҳоди Аврупо дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун яке аз марказҳои асосии қудрати иқтисодӣ, меъёрӣ ва дипломатӣ фаъолият менамояд. Модели ҳамгироии фаромиллии он имкон медиҳад, ки Иттиҳод ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ амал намояд. Бо вуҷуди мавҷудияти мушкилот ва маҳдудиятҳо, Иттиҳоди Аврупо дар таъмини субот, рушди устувор ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ нақши муҳим бозида, яке аз унсурҳои калидии низоми муосири ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки Иттиҳоди Аврупо дар тӯли беш аз ҳафт даҳсола аз як иттиҳоди иқтисодии маҳдуд ба субъекти пуриқтидори сиёсӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтааст. Марҳилаҳои асосии ташаккули он, аз ҷумла таъсиси Ҷамъияти ангишт ва пӯлоди Аврупо, имзои Шартномаҳои Рим, Маастрихт, Амстердам, Нисса ва Лиссабон, ба густариши салоҳиятҳои институтсионалӣ ва таҳкими ҳамгироии фаромиллӣ мусоидат намуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки имрӯз Иттиҳоди Аврупо яке аз марказҳои асосии иқтисоди ҷаҳонӣ буда, тавассути бозори ягона ва сиёсати умумии тиҷоратӣ дар иқтисоди байналмилалӣ мавқеи муҳим дорад. Ҳамзамон, фаъолияти Иттиҳод дар доираи сиёсати хориҷӣ ва амниятӣ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва татбиқи барномаҳои минтақавӣ ба таҳкими нуфузи он дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Инчунин муайян гардид, ки хусусияти фаромиллии институтҳои Иттиҳоди Аврупо ва мавҷудияти механизми қабули қарорҳои муштарак онро аз дигар созмонҳои минтақавӣ фарқ мекунад. Ин омил ба Иттиҳод имкон медиҳад, ки дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ амал намояд. Аз ин рӯ, аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо метавонад ҳамчун модели назариявӣ ва амалӣ барои омӯзиши дигар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва рушди созмонҳои байналмилалӣ истифода гардад

Дар хулоса метавон гуфт, ки Иттиҳоди Аврупо имрӯз яке аз акторони калидии низоми ҷаҳонӣ мебошад. Нақши он на танҳо ба ҳамкориҳои дохилии аврупоӣ, балки ба амнияти байналмилалӣ, танзими равандҳои иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти глобалӣ густариш ёфтааст. Аз ибтидо ҳамчун созмони минтақавӣ барои барқарорсозии иқтисод ва таъмини сулҳ таъсисёфта, он тадриҷан фаъолияти худро ба сиёсати хориҷӣ, амният, ҳамгироии иқтисодӣ ва густариши арзишҳои демократӣ васеъ намуд. Ҳамзамон, он ҳамчун актори глобалӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти минтақавӣ, рушди ҳамкории минтақавӣ ва иҷрои барномаҳои ҷаҳонӣ нақши фаъол дорад. Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо намунаи хубе аз ҳамгироии фаромиллӣ, ки ҳам иқтисодӣ, ҳам сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқиро дар бар мегирад ва барои таҳия ва амалигардонии стратегияҳои ҳамкории байналмилалӣ замина фароҳам меорад.

АДАБИЁТ:

1. Birken S. A. et al. Organizational theory for dissemination and implementation research // Implementation Science. - 2017. -Т. 12. - № 1. - С. 62.
2. Борхардт К.-Д. Азбука права Европейского сообщества. / Серия «Европейский союз: Прошлое, настоящее будущее». Отв. ред. Борко Ю. А. - М.: Межд. изд. Группа «Право», 1994.
3. Fernández N. The European Union as a regional Organization within the meaning of the UN Charter // XXXII Polish Yearbook of International Law. -2013. -PL ISSN 0554-49X.
4. Гребнев Р. Д. Европейский союз как элемент системы глобального управления // Международные отношения. -2024. - № 7. - DOI: 10.35775/PSI.2024.112.7.032.
5. Jørgensen K. E. (ed.). The European Union and international organizations. - London: Routledge, 2009.
6. Lisenco V. The European Union and the international intergovernmental organizations: the legal basis of the relationship // The institutional foundations of intergovernmentalism and supranationalism in the European Union. -2023. - DOI: 10.17803/2311-5998.2018.45.5.104-108.
7. Прохоренко И. Л. Глобальная роль Европейского союза: что и как объясняет организационная теория // Вестник Пермского университета. Политология. -2015. -№ 2. - С. 5.

8. Трубачёва К. И. Иттиҳоди Аврупо ва созмонҳои байниҳукуматии байналмилалӣ: асоси ҳуқуқии муносибатҳо // Вестник Университета имени О. Е. Кутафина (МГЮА). – С. 15–20

9. Wessel R. A., Odermatt J. (ed.). Research handbook on the European Union and international organizations. - Edward Elgar Publishing, 2019.

РОЛЬ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В МИРОВОЙ СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ И РЕГИОНАЛЬНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

Данная статья посвящена анализу роли Европейского Союза в мировой системе международных и региональных организаций. В исследовании рассматриваются история становления и развития Европейского Союза, а также его место и влияние на международную систему. Авторы оценивает значение Европейского Союза как важного субъекта международных отношений в укреплении безопасности, экономическом развитии, правовом регулировании и защите демократических ценностей. Активное участие Европейского Союза в деятельности Организации Объединённых Наций, Организации по безопасности и сотрудничеству в Европе, Всемирной торговой организации и других региональных и международных структур свидетельствует о том, что сегодня ЕС выступает в качестве влиятельной силы в формировании мировой системы сотрудничества и регулировании политических и экономических процессов.

На основе анализа делается вывод, что роль Европейского Союза в современную эпоху не ограничивается исключительно европейскими внутренними вопросами, но оказывает серьёзное воздействие на глобальные процессы.

Ключевые слова: Европейский Союз, мировая система, международные организации, региональное сотрудничество, внешняя политика, безопасность, экономическое развитие.

THE ROLE OF THE EUROPEAN UNION IN THE GLOBAL SYSTEM OF INTERNATIONAL AND REGIONAL ORGANIZATIONS

This article is devoted to the analysis of the role of the European Union in the global system of international and regional organizations. The study examines the history of the formation and development of the European Union, as well as its place and influence within the international system. The authors evaluates the importance of the European Union as a key actor in international relations, contributing to the strengthening of security, economic development, legal regulation, and the protection of democratic values. The active participation of the European Union in the activities of the United Nations, the Organization for Security and Cooperation in Europe, the World Trade Organization, and other regional and international structures demonstrates that the EU today acts as an influential force in shaping the global system of cooperation and regulating political and economic processes.

Based on the analysis, it is concluded that the role of the European Union in the modern era is not limited solely to European internal affairs but has a significant impact on global processes.

Keywords: European Union, global system, international organizations, regional cooperation, foreign policy, security, economic development.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Мадимарова Гулҳаё Мадимарова- ходими пешбари илмии шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. 734025, Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел

Ғуломова Таҳмина - магистри Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. 734025, Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел: (+992) 207 01 01 22; e-mail: takhmina.gulyamova@mail.ru

Сведения об авторах:

Мадимарова Гулхаё Мадимаровна, ведущий научный сотрудник отдела Европы Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33;

Гулямова Тахмина – магистр Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33; тел.: (+992) 207 01 01 22; e-mail: takhmina.gulyamova@mail.ru

Information about authors

Madimarova Gulhayo Madimarovana, Leading Researcher at the Europe Department of the Institute for the Study of Asian and European Countries under the National Academy of Sciences of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33;

Gulyamova Takhmina – Master of the Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33; tel.: (+992) 207 01 01 22; e-mail: takhmina.gulyamova@mail.ru

СТРАТЕГИЯИ ДИПЛОМАТИИ ШМА: ҲАМГИРОИИ НЕРӮИ НАРМ БО МАНФИАТҲОИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

НАҶМИДДИНОВ АКБАРШОҲ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Мақола ба таҳлили стратегияҳои дипломатии Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар заминаи истифодаи "нерӯи нарм" ҳамчун воситаи ҳифзи манфиатҳои амнияти миллӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқот моҳият, хусусиятҳо ва механизмҳои истифодаи нерӯи нарм дар сиёсати хориҷии ШМА мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф робитаи байни нерӯи нарм, дипломатияи оммавӣ ва қудрати ҳушмандро таҳлил намуда, нақши абзорҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ ва дипломатиро дар шароити таҳдидҳо ва низоъҳои байналмилалии муосир арзёбӣ мекунад. Дар асоси назарияҳои Ҷозеф Най, Николас Калл ва Артём Паталах хусусиятҳои амалии дипломатияи оммавӣ ва таъсири он ба амнияти миллӣ баррасӣ гардидааст. Хулоса мешавад, ки нерӯи нарм дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ба унсури муҳими стратегияҳои амниятии давлатҳо табдил ёфта, ҳамчун ҷузъи қудрати ҳушманд барои таҳкими нуфуз, қонуниятнокӣ ва таъсири байналмилалии давлат хизмат мекунад.

Калидвожаҳо: *нерӯи нарм, дипломатияи оммавӣ, амнияти миллӣ, қудрати ҳушманд, сиёсати хориҷӣ, дипломатияи фарҳангӣ, стратегияҳои амниятӣ, иттилоот ва коммуникатсия, ШМА, муносибатҳои байналмилалӣ.*

Муқаддима. Пас аз анҷоми Ҷанги Сард омӯзишу таҳлилҳо нишон доданд, ки сиёсати амниятии давлат дар баробари таҳдидҳо ва чолишҳои беруна наметавонад танҳо бо дарназардошти нерӯи «сахт» ва амалу таҷрибаҳои «сахт» дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ маҳдуд гардад.

Таҷрибаи ҷаҳонии мубориза бо COVID-19, оғози амалиёти махсуси густурдаи Русия ба Украина, шиддат гирифтани муноқишаҳо байни Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии исломии Эрон, инчунин ба ном «бӯҳрони ғояи либералӣ» зарурати такмили равишҳои назариявӣ, консептуалӣ ва методологиро барои дарки омилҳое, ки давлатро ҷолиб мегардонанд, механизми амал кардани ин раванд ва шароити таъсиргузории он ба дигар бозигарони байналмилалиро тақозо менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки нерӯи нарм ҷузъи муҳими низоми амнияти давлат мебошад. Як қатор рӯйдодҳои муҳим дар муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат намуданд, ки назари коҳиши вобастагӣ ба нерӯи сахт ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ, афзоиши вобастагии мутақобилаи давлатҳо дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки имкониятҳои нави таъсир ба аудиторияҳои хориҷиро фароҳам овардаанд, ташаккул ёбад.

Аз ин рӯ, омӯзиши стратегияҳои нерӯи нарми ШМА ва нақши онҳо дар татбиқи сиёсати амниятии давлат аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади асосии таҳқиқот муайян намудани хусусиятҳо, самтҳо, афзалиятҳо ва механизмҳои истифодаи нерӯи нарм дар стратегияҳои дипломатии ШМА ва арзёбии нақши он дар ҳифзи манфиатҳои амнияти миллӣ мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта шудаанд: Таҳлили назариявии мафҳуми «нерӯи нарм» ва робитаи он бо амнияти миллӣ; Омӯзиши шаклҳо ва стратегияҳои дипломатияи оммавии ШМА; Муайян намудани нақши нерӯи нарм дар татбиқи қудрати ҳушманд; Арзёбии таъсири абзорҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ ва дипломатӣ ба сиёсати байналмилалӣ; Таҳлили хусусиятҳои истифодаи нерӯи нарм дар шароити низоъҳои байналмилалӣ ва таҳдидҳои муосир.

Дар раванди таҳқиқи ин мақола **усулҳои умумии** илмӣ ва махсуси таҳлили-сиёсӣ истифода гардиданд. Аз ҷумла усули таҳлилӣ-муқоисавӣ барои муқоисаи стратегияҳои нерӯи нарм дар шароити гуногуни сиёсӣ, усули таҳлили системавӣ барои муайян намудани робитаи

байни нерӯи нарм ва амнияти миллӣ, усули контент-таҳлил барои омӯзиши назарияҳо ва консепсияҳои муҳаққиқони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар усулҳо ба таври васеъ истифода гардидаанд.

Асоси **назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии Ҷозеф Най, Николас Калл, Артём Паталах, Ҳендрик В. Оҳнезорге ва дигар муҳаққиқони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Бо дарназардошти ин омилҳо, зарурати дарки ҳамаҷонибаи контекстҳои амниятӣ ба миён меояд, ки дар онҳо равонасозии нерӯи нарм аз ҷониби субъекти ташаббускор, қабули он аз ҷониби субъекти қабулкунанда ва вокуниши субъекти рақиб мавриди таҳлил қарор мегирад. Барои ҳалли ин масъала, муаллифон ба модели «агрегативӣ»-и пешниҳоднамудаи Артём Паталах рӯ меоранд, ки равандҳои ташаккул, густариш, қабул ва муқовимати нерӯи нармро дар муҳити низоӣ тавассути таҳлили рафтори се актор — «ташаббускор», «қабулкунанда» ва «рақиб» — шарҳ медиҳад. [4,35]

Нерӯи нарм маҷмӯи захираҳо ва воситаҳоест, ки аз ҷониби актори ташаббускор нисбат ба актори қабулкунанда истифода шуда, метавонад дарки ӯ ё рафторашро тағйир диҳад ва ҳамзамон муносибати мусбатро нисбат ба худ ва мутобиқ ба манфиатҳои хеш, нигоҳ дорад. Бо ин асос, нерӯи нарм ҳамчун падидаи ғайринормативӣ арзёбӣ мегардад, ки ба манфиатҳои актори ташаббускор хизмат намуда, тавассути таъсир ба актори қабулкунанда ва ба дастёбии ҳадафҳои мушаххас мусоидат мекунад.

Пас аз муайян намудани заминаи умумии контекстуалии омӯзиши нерӯи нарм ҳамчун абзори амният ва вазифаҳои он, инчунин зарурати таҳияи чаҳорчӯбаи консептуалӣ ва сохтори стратегияҳои асосии истифодаи нерӯи нарм аз ҷониби актори ташаббускор барои таҳлили объектҳои мушаххаси таҳқиқот ба миён меояд.

Табиати ҳамкории байни акторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар асри XXI, инчунин тамоюлҳои ҷаҳоние, ки рӯзномаи байналмилалиро шакл медиҳанд, ба дарки амният ҳамчун падидаи мураккаб ва бисёрсамта мусоидат менамояд. Мувофиқи ин, ҳифзи манфиатҳои амниятии давлат дар шароити байналмилалӣ таҳдидҳою чолишҳоро ба вуҷуд оварда, афзоиши вобастагии мутақобилаи давлатҳоро талаб менамояд, ки дар он равишҳои нави чандир истифода мешаванд. Ин, дар навбати худ, боиси афзоиши таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба иқтидор ва вазифаи чунин падидаҳо, аз ҷумла нерӯи нарм, дар сиёсати амниятии давлат мегардад.

Барои дарки робита ва ҳамбастагии байни нерӯи нарм ва амнияти миллӣ, пеш аз ҳама, зарур аст, ки ин мафҳумҳо ба таври амиқ баррасӣ шаванд. Муаллифи консепсия, Ҷозеф Най, нерӯи нармро чунин муайян мекунад: «қобилияти таъсир расонидан ба дигарон барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ тавассути ҷалб, на маҷбуркунӣ ё пардохт». [5,34]

30. Ҳайдарзода Р.Ҷ., Амониён Т. Ҷанбаҳои сиёсии ташаккулёбии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон ва Россия// Осиё ва Аврупо. 2025. № 1 (21). С. 8-14.

ҶОЙГОҲИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ (ИИАО) ДАР НИЗОМИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мақола ба таҳлили ҷойгоҳи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО) дар низоми созмонҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Бар асоси омӯзиши санадҳои меъёрӣ, назарҳои назариявӣ ва муқоиса бо дигар иттиҳодияҳои ҳамгироӣ муаллиф хусусияти ҳуқуқии ИИАО, хусусиятҳои сохтории он, нақши он дар фазои авруосиёӣ ва ҳамкориаш бо сохторҳои ҷаҳонӣ ва минтақавиро ошкор мекунад. Дар кор ҷанбаҳои назариявӣ-таърихии ташаккули ИИАО, пойдевори ҳуқуқӣ (Аҳдномаи ИИАО соли 2014/2023–2024), механизмҳои институтсионалӣ (Комиссияи иқтисодии авруосиёӣ, Суди ИИАО), муқоиса бо Иттиҳоди Аврупо, АСЕАН, МЕРКОСУР, инчунин мушкилот ва дурнамоҳои рушд баррасӣ шудаанд. Тавсияҳо оид ба тақвияти мавқеи ИИАО тавассути амиқтар кардани ҳамкорӣ бо СҲШ, САад ва дигар созмонҳо пешниҳод гардидаанд. Муаллиф таъкид мекунад, ки ИИАО ҷойгоҳи беназир дорад ҳамчун намунаи ҳамгироии иқтисодӣ бо риояи принсипҳои соҳибихтиёрӣ ва ҳамкории бисёрсатҳа дар ҷаҳони чандқутбӣ.

Калимаҳои калидӣ: *Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО/ЕАЭС), созмонҳои байналмилалӣ, ҳамгироии авруосиёӣ, Аҳдномаи ИИАО, механизмҳои институтсионалӣ, соҳибихтиёрӣ, таҳлили муқоисавӣ, СҲШ, САД, ҷаҳони чандқутбӣ.*

THE PLACE OF THE EURASIAN ECONOMIC UNION (EAEU) IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS

The article is devoted to the analysis of the place of the Eurasian Economic Union (EAEU) in the system of international organizations. Based on the study of normative acts, theoretical approaches and comparative analysis with other integration associations, the author reveals the legal nature of the EAEU, its institutional features, role in the Eurasian space and interaction with global and regional structures. The work examines the theoretical-historical aspects of the formation of the EAEU, legal foundations (Treaty on the EAEU 2014/2023–2024), institutional mechanisms (Eurasian Economic Commission, EAEU Court), comparison with the EU, ASEAN, MERCOSUR, as well as problems and development prospects. Recommendations are proposed to strengthen the position of the EAEU through deepening cooperation with the SCO, CSTO and other organizations. The author emphasizes that the EAEU occupies a unique place as a model of economic integration taking into account the principles of sovereignty and multi-level interaction in a multipolar world.

Keywords: *Eurasian Economic Union (EAEU), international organizations, Eurasian integration, EAEU Treaty, institutional mechanisms, sovereignty, comparative analysis, SCO, CSTO, multipolar world.*

Сведения об авторах: Сангинзода Дониёр Шомахмад – доктор юридических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела Сотрудничества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, х. Рудаки 33; тел.: (+992) 980-85-07-07; Электронная почта: doniyor_sanginov@mail.ru.

Окимшоева Рухсора - кандидат педогогических наук, дотсент, учёный секретарь Института изучения проблем государств Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистан. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, х. Рудаки 33; тел.: (+992) 551894949; Электронная почта: doniyor_sanginov@mail.ru.

Маълумот дар бораи муаллифон: Сангинзода Дониёр Шомаҳмад – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи Ҳамкории Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши мушкилоти кишварҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел.: (+992) 980-85-07-07; почтаи электронӣ: doniyor_sanginov@mail.ru.

Окимшоева Рухсора – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, котиби илмии Институти омӯзиши мушкилоти давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел.: (+992) 551894949; почтаи электронӣ: doniyor_sanginov@mail.ru.

Information about the authors: Sanginzoda Doniyor Shomahmad – Doctor of Law (Grand PhD), Professor, Chief Researcher of the Department of Cooperation of the Commonwealth of Independent States, Institute for the Study of Asian and European Countries Problems, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Tajikistan; tel.: (+992) 980-85-07-07; email: doniyor_sanginov@mail.ru.

Okimshoeva Rukhshora – Candidate of Pedagogical Sciences (PhD equivalent), Associate Professor (Dotsent), Scientific Secretary of the Institute for the Study of Asian and European Countries Problems, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Tajikistan; tel.: (+992) 551894949; email: doniyor_sanginov@mail.ru.

ВНЕШНЕПОЛИТИЧЕСКИЙ КУРС ЭМОМАЛИ РАХМОНА КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ АМЕРИКАНИСТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Дороншоева Некбахт Шоқосумовна,
Юсуфджонов Фаридун Мухаммадиевич -
Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

В статье анализируется влияние внешнеполитического курса Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на развитие американистики в стране. Показано, что становление данного исследовательского направления в Таджикистане происходило не изолированно, а в тесной связи с расширением международной активности государства, институционализацией многовекторной дипломатии и усилением контактов с Соединёнными Штатами Америки. Особое внимание уделяется тому, что участие Эмомали Рахмона в мероприятиях на площадке Организации Объединённых Наций, его визиты в США, а также продвижение Таджикистаном глобальных инициатив в области водной, климатической и экологической повестки сформировали существенную эмпирическую и проблемно-аналитическую базу для исследований по американской тематике. Обосновывается тезис о том, что внешнеполитическая практика Таджикистана под руководством Эмомали Рахмона способствовала расширению академического интереса к США, укреплению прикладного значения политологических исследований и институциональному оформлению американистики как одного из направлений отечественного гуманитарного знания.

Ключевые слова: *Эмомали Рахмон, Республика Таджикистан, внешняя политика, США, американистика, международные отношения, ООН, научно-экспертное сопровождение.*

Введение. В современных условиях внешняя политика государства всё в большей степени выступает не только как сфера дипломатической практики, но и как фактор формирования исследовательских приоритетов, тематических направлений и экспертно-аналитического спроса. Для государств, активно участвующих в международных процессах, развитие специальных страноведческих и регионоведческих направлений становится необходимым условием интеллектуального обеспечения внешнеполитического курса. В этом отношении американистика занимает особое место, поскольку Соединённые Штаты Америки продолжают оставаться одним из ключевых акторов мировой политики, оказывающим влияние на международную безопасность, глобальные институты, климатическую повестку, финансово-экономические процессы и модели политического развития [9; 10].

Для Республики Таджикистан интерес к США обусловлен не только их глобальным статусом, но и практическими задачами национальной дипломатии. По мере укрепления таджикской государственности, расширения международных связей и продвижения собственных инициатив на глобальном уровне возрастала потребность в более системном изучении американского направления. В этой связи развитие американистики в Таджикистане следует рассматривать не как сугубо внутридисциплинарный процесс, а как результат взаимодействия политических, институциональных и международных факторов. Существенное место среди них занимает внешнеполитический курс Эмомали Рахмона, определивший основные параметры международного позиционирования страны и расширивший круг тем, представляющих интерес для политологического и международно-аналитического исследования. [1]

Актуальность темы обусловлена тем, что в отечественной политической науке вопрос о взаимосвязи между внешнеполитической практикой государства и развитием специализированных научных направлений ещё не получил достаточного освещения. Между тем именно внешняя политика нередко становится тем пространством, где возникают новые исследовательские запросы, формируются тематические приоритеты и вырабатывается

экспертная повестка. В таджикском случае эта взаимосвязь особенно заметна применительно к американистике, развитие которой объективно связано с расширением таджикско-американских контактов, участием Республики Таджикистан в глобальных дискуссиях и институциональным укреплением отечественного научного сообщества. [2]

Мы задались целью выявить и охарактеризовать внешнеполитический курс Эмомали Рахмона как один из факторов развития американистики в Республике Таджикистан. Для достижения данной цели ставятся следующие задачи: определить политико-институциональные предпосылки развития американистики; показать значение внешнеполитической активности Таджикистана для расширения исследовательского интереса к США; раскрыть роль международных выступлений, визитов и глобальных инициатив как эмпирической базы для политологического анализа; обосновать необходимость дальнейшего укрепления научно-экспертного сопровождения внешнеполитической деятельности государства.

Методы. Методологическую основу статьи составляют институциональный, проблемно-аналитический и политико-описательный подходы. Институциональный подход позволяет рассматривать американистику как формирующееся направление отечественного научного знания, связанное с деятельностью специализированных исследовательских подразделений, подготовкой кадров и накоплением аналитических материалов. Проблемно-аналитический подход даёт возможность выявить, каким образом внешнеполитическая практика государства трансформируется в объект научного изучения. Политико-описательный подход используется для интерпретации конкретных международных действий, выступлений и инициатив Республики Таджикистан как факторов расширения исследовательского поля.

Теоретически работа опирается на положение о том, что международная активность государства способна формировать новые контуры экспертного знания. В данном случае речь идёт не о прямом «создании» научного направления политическим решением, а о возникновении устойчивого научного интереса в результате расширения дипломатической практики, международных контактов и усложнения внешнеполитической повестки [9; 10]. Именно в таком ключе в статье рассматривается внешнеполитический курс Эмомали Рахмона.

Источниковую базу исследования составили официальные материалы Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, документы и сведения Министерства иностранных дел Республики Таджикистан, официальные материалы Организации Объединённых Наций, а также публикации классиков теории международных отношений и внешней политики. [1-10]

Результаты. Институциональные предпосылки развития американистики в Таджикистане. Развитие любого научного направления связано не только с интеллектуальным запросом, но и с наличием соответствующей организационной базы. В Таджикистане одним из ключевых центров изучения международной и региональной проблематики выступает Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Он был создан постановлением Правительства Республики Таджикистан №466 от 28 октября 2016 г., а в его структуре с 2023 г. действует отдел США и Канады. Сам факт существования такого подразделения свидетельствует о том, что североамериканское направление получило институциональное закрепление в отечественном научном пространстве. [1]

Значение этого обстоятельства выходит за рамки простой организационной детализации. Институционализация американистики через профильный научный отдел означает появление устойчивой исследовательской площадки, где возможно системное изучение внутренней и внешней политики США, двусторонних отношений, глобальных инициатив Вашингтона, а также сравнительное осмысление североамериканского опыта. Иначе говоря, американистика в таджикских условиях постепенно приобретает черты не

случайного набора публикаций по отдельным темам, а относительно оформленного направления политологического и международно-аналитического знания.

Вместе с тем, сама по себе институциональная база не возникает в политическом вакууме. Её укрепление оказывается тесно связанным с общими приоритетами государственной политики, в том числе внешнеполитической. Чем активнее государство присутствует в международных процессах и чем шире круг его внешних контактов, тем выше потребность в экспертном сопровождении соответствующих направлений. В этом смысле развитие американистики в Таджикистане следует рассматривать в контексте более широкого курса на международную активность, последовательно проводимого под руководством Эмомали Рахмона.

Визиты, международные контакты и расширение исследовательской повестки стали объектами исследования статьи. Одним из важных факторов, способствовавших развитию американистики, стали реальные политико-дипломатические контакты Таджикистана с Соединёнными Штатами. По данным подразделение Государственного департамента США, отвечающего за подготовку и публикацию официальной документальной истории внешней политики США, Эмомали Рахмон посещал Соединённые Штаты с рабочим визитом 8-10 декабря 2002 г., а 21 сентября 2023 г. участвовал в президентском саммите С5+1 с Президентом США Джозефом Байденом в Нью-Йорке в рамках недели высокого уровня Генеральной Ассамблеи ООН [2]. Эти факты важны не только в дипломатическом плане. Они показывают, что американское направление во внешней политике Таджикистана имеет конкретное историко-политическое содержание и, следовательно, формирует материал для научного анализа. [1]

Официальное сообщение Министерства иностранных дел Республики Таджикистан о рабочем визите Эмомали Рахмона в Нью-Йорк в сентябре 2023 г. подтверждает, что программа поездки была связана с участием в 78-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН и соответствующими международными мероприятиями [3]. Подобные визиты расширяют поле американистики в двух измерениях. Во-первых, они актуализируют собственно таджикско-американские отношения. Во-вторых, они показывают США как площадку и как одного из центральных акторов многосторонней дипломатии, в рамках которой Таджикистан продвигает свои международные инициативы. Поэтому визиты в США и участие в мероприятиях в Нью-Йорке следует рассматривать как важный эмпирический ресурс для отечественных политологических исследований. [3]

Обсуждение. В политологическом отношении особенно значимо то, что внешнеполитические контакты высокого уровня переводят американскую тематику из абстрактной сферы общего страноведения в плоскость прикладного анализа. США в таком случае выступают не только объектом академического интереса, но и практическим внешнеполитическим направлением, взаимодействие с которым требует более глубокого понимания институциональной логики, дипломатических стилей, стратегических интересов и механизмов принятия решений. Именно здесь возникает естественный запрос на развитие американистики как формы интеллектуального обеспечения внешней политики.

Трибуна ООН и глобальные инициативы Таджикистана служат как содержательная база американистики. Особое место в рассматриваемой проблеме занимает участие Эмомали Рахмона в дискуссиях на площадке Организации Объединённых Наций. Материалы общеполитических дебатов Генеральной Ассамблеи ООН показывают, что в выступлениях Президента Таджикистана устойчиво присутствуют темы изменения климата, таяния ледников, водной безопасности, устойчивого развития и необходимости международного сотрудничества. Так, в выступлении на 79-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН в сентябре 2024 г. подчёркивалось, что более 1000 из 14000 ледников Таджикистана уже полностью растаяли, а также акцентировалось продвижение инициативы по развитию глобальной повестки сохранения ледников [4]. В выступлении на 80-й сессии Генеральной Ассамблеи

ООН в сентябре 2025 г. аналогичная линия была продолжена; при этом было заявлено, что более 1300 ледников полностью исчезли. [5]

В научном смысле подобные выступления важны по нескольким причинам. Во-первых, они демонстрируют устойчивую внешнеполитическую идентичность Таджикистана как государства, последовательно продвигающего вопросы воды, климата и ледников в качестве международного приоритета. Во-вторых, они помещают Таджикистан в пространство активного диалога с глобальными центрами силы, включая США, поскольку именно на площадке ООН пересекаются национальные инициативы, интересы ведущих держав и механизмы международного согласования решений. В-третьих, они расширяют предметное поле американистики: исследователь, изучающий США, неизбежно вынужден учитывать и американскую позицию по вопросам климата, водной дипломатии, устойчивого развития и международного управления. Тем самым трибуна ООН становится не только местом дипломатического самопредставления страны, но и источником проблематики для научного анализа. [4]

Роль Таджикистана в продвижении международной водной и климатической повестки подтверждается и решениями самой ООН. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН 77/158 от 14 декабря 2022 г. провозгласила 2025 год Международным годом сохранения ледников и учредила Всемирный день ледников, отмечаемый ежегодно 21 марта [6]. Позднее, на открытии Международной конференции по сохранению ледников в Душанбе 30 мая 2025 г., заместитель Генерального секретаря ООН прямо поздравила Таджикистан с созывом конференции и подчеркнула роль страны в продвижении данной повестки [7]. Эти документы и заявления имеют не только внешнеполитическое, но и методологическое значение для американистики: они показывают, что американская тематика в Таджикистане может и должна изучаться не только через двусторонние отношения, но и через призму глобальных процессов, где Соединённые Штаты выступают одним из центральных участников. [5]

Таким образом, международные инициативы Таджикистана, озвученные и продвигаемые Эмомали Рахмоном на площадке ООН, фактически расширили смысловые рамки американистики. Она начинает включать в себя не только анализ США как государства, но и исследование того, каким образом американская политика, международные институты и глобальные переговорные площадки соотносятся с интересами Таджикистана. Подобная постановка вопроса существенно усиливает политологическую и прикладную ценность американистики в отечественном академическом пространстве. [4]

Мы рассматриваем внешнеполитический курс Эмомали Рахмона как стимул прикладной политологической экспертизы. Внешнеполитический курс Эмомали Рахмона следует рассматривать как фактор развития американистики прежде всего потому, что он создал устойчивый и воспроизводимый запрос на аналитическое осмысление США. Этот запрос формировался не декларативно, а в результате конкретной внешнеполитической практики: участия в международных форумах, контактов с американской стороной, продвижения инициатив на площадке ООН, а также интеграции Таджикистана в обсуждение мировых проблем. В результате в отечественном научном пространстве усилилась необходимость более системного изучения американской внешней политики, роли США в Центральной Азии, механизмов их глобального влияния и особенностей политико-дипломатического поведения. [2-7]

В данном контексте уместно говорить именно о факторном, а не о прямом причинно-административном воздействии. Проводимый Эмомали Рахмоном внешнеполитический курс объективно расширил содержательную базу для её развития. Иными словами, внешнеполитическая практика стала тем источником фактов, сюжетов, проблем и сравнительных наблюдений, которые подпитывают исследовательский интерес к США и североамериканскому направлению в целом. Такая трактовка представляется более научно корректной и лучше соответствует реальной логике формирования специализированного знания. [1]

Благодаря неизмеримому вкладу Эмомали Рахмона, с практической точки зрения американистика в Таджикистане способна выполнять не только академическую, но и экспертно-прикладную функцию. Она может служить механизмом предварительного анализа, интеллектуального сопровождения внешнеполитических решений, подготовки справочно-аналитических материалов и выработки более глубокого понимания тех международных процессов, в которых участвует Республика Таджикистан. В условиях усложнения мировой политики значение такой функции неизбежно возрастает. Поэтому дальнейшее развитие американистики следует связывать не только с публикационной активностью, но и с её более тесной связью с потребностями внешнеполитической практики государства.

Заключение. Проведённый анализ позволяет сделать вывод о том, что внешнеполитический курс Эмомали Рахмона выступил одним из существенных факторов развития американистики в Республике Таджикистан. Его влияние проявилось не в прямом институциональном «учреждении» данной отрасли знания, а в создании устойчивой внешнеполитической и международно-аналитической среды, в которой изучение США стало объективно востребованным. Визиты в Соединённые Штаты, участие в международных встречах высокого уровня, выступления с трибуны Организации Объединённых Наций, а также последовательное продвижение Таджикистаном глобальных инициатив в сфере воды, климата и сохранения ледников создали значительный эмпирический и проблемный материал для политологических исследований [2-7].

Американистика в Таджикистане развивается как направление, тесно связанное с задачами аналитического обеспечения внешней политики. В этом отношении её перспективы определяются не только внутренней логикой академической специализации, но и общей динамикой международной активности государства. Чем содержательнее участие Таджикистана в глобальных дискуссиях и чем шире спектр его внешнеполитических контактов, тем выше потребность в профильной политологической экспертизе по США и Канаде.

В перспективе целесообразно рассмотреть вопрос о более активном привлечении отечественного научно-экспертного сообщества к аналитическому сопровождению внешнеполитических контактов Республики Таджикистан с США, Канадой и европейскими государствами. В частности, представляется обоснованным участие ученых и исследователей отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана в подготовке справочно-аналитических материалов, экспертных оценок и научном сопровождении соответствующих визитов и переговоров. Такой подход будет однозначно способствовать не только повышению качества экспертного обеспечения внешнеполитической деятельности, но и дальнейшему развитию американистики и канадоведения в Республике Таджикистан.

ЛИТЕРАТУРА

1. Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Официальная страница: структура и направления деятельности. [Электронный ресурс]. URL: https://www.osiyoavrupo.tj/en/about (дата обращения: 16.04.2026).
2. Office of the Historian, U.S. Department of State. Visits by Foreign Leaders of Tajikistan. [Электронный ресурс]. URL: https://history.state.gov /departmenthistory/visits/tajikistan (дата обращения: 16.04.2026).
3. Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. Рабочий визит в город Нью-Йорк Соединённых Штатов Америки. 19 сентября 2023 г. [Электронный ресурс]. URL:https://mfa.tj/ru/ashgabat/view/13376 /rabochii-vizit-v-gorod-nyu-iork-soedinennykh-shtatov-ameriki (дата обращения: 16.04.2026).
4. United Nations General Debate. Statement by Tajikistan at the 79th session of the UN General Assembly. 24 September 2024. [Электронный ресурс].

URL:https://mfa.tj/ru/ashgabat/view/13376/rabochii-vizit-v-gorod-nyu-iork-soedinennykh-shtatov-ameriki (дата обращения: 16.04.2026).

5. United Nations General Debate. Statement by Tajikistan at the 80th session of the UN General Assembly. 23 September 2025. [Электронный ресурс]. URL:https://gadebate.un.org/en/80/tajikistan (дата обращения: 16.04.2026).

6. United Nations General Assembly. Resolution A/RES/77/158 “International Year of Glaciers’ Preservation, 2025”. [Электронный ресурс]. URL:https://docs.un.org/en/a/res/77/158 (дата обращения: 16.04.2026).

7. United Nations in Tajikistan. Deputy Secretary-General’s remarks at the Opening Session of the International Conference for Glaciers’ Preservation. 30 May 2025. [Электронный ресурс]. URL:https://tajikistan.un.org/en/ 295471-deputy-secretary-generals-remarks-opening-session-international-conference-glaciers (дата обращения: 16.04.2026).

8. United Nations Department of Economic and Social Affairs. Tajikistan statement at the General Debate on the SDGs. [Электронный ресурс]. URL:https://tajikistan.un.org/en/295471-deputy-secretary-generals-remarks-opening-session-international-conference-glaciers (дата обращения: 16.04.2026).

9. Nye J.S. Soft Power: The Means to Success in World Politics. New York: PublicAffairs, 2004. 191 p.

10. Keohane R.O. After Hegemony: Cooperation and Discord in the World Political Economy. Princeton: Princeton University Press, 1984. 320 p.

СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ АМРИКОШИНОСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола таъсири сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба рушди амрикошиносӣ дар кишвар таҳлил мешавад. Нишон дода мешавад, ки ташаккули ин самти таҳқиқотӣ дар Тоҷикистон на ба таври ҷудогона, балки дар иртиботи зич бо густариши фаъолияти байналмилалии давлат, институтсионализатсияи дипломатияи бисёрсамта ва таҳкими робитаҳо бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сурат гирифтааст. Таваҷҷуҳи махсус ба он зоҳир мегардад, ки иштироки Эмомалӣ Раҳмон дар чорабиниҳо дар минбари Созмони Милали Муттаҳид, сафарҳои ӯ ба Штатҳои Муттаҳидаи Амрико, инчунин пешбурди ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаи об, иқлим ва муҳити зист заминаи муҳими эмпирикӣ ва масъалавӣ-таҳлилӣ барои таҳқиқоти вобаста ба мавзӯи амрикошиносӣ фароҳам овардааст. Дар мақола асоснок карда мешавад, ки амалияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ба густариши таваҷҷуҳи академӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, таҳкими аҳамияти амалии таҳқиқоти сиёсишиносӣ ва ба ташаккули институтсионалии амрикошиносӣ ҳамчун яке аз самтҳои донишҳои ватанӣ дар соҳаи гуманитарӣ мусоидат намудааст.

Калидвожаҳо: *Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати хориҷӣ, Штатҳои Муттаҳидаи Амрико, амрикошиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, Созмони Милали Муттаҳид, экспертизаи илмӣ, Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиё ва Аврупо.*

EMOMALI RAHMON’S FOREIGN POLICY AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF AMERICAN STUDIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article analyzes the influence of President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon’s foreign policy course on the development of American Studies in the country. It is shown that the formation of this research field in Tajikistan did not occur in isolation, but in close connection with the expansion of the state’s international activity, the institutionalization of multi-vector diplomacy, and the strengthening of contacts with the United States of America. Particular

attention is paid to the fact that Emomali Rahmon's participation in events at the United Nations platform, his visits to the United States, as well as Tajikistan's promotion of global initiatives in the fields of water, climate, and environmental policy, created a significant empirical and problem-analytical basis for research on American issues. The article substantiates the thesis that Tajikistan's foreign policy practice under the leadership of Emomali Rahmon contributed to the expansion of academic interest in the United States, strengthened the applied significance of political studies, and promoted the institutional consolidation of American Studies as one of the fields of national humanities scholarship.

Keywords: *Emomali Rahmon, Republic of Tajikistan, foreign policy, United States of America, American Studies, international relations, United Nations, scientific assessment, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries.*

Сведения об авторах:

Дороншоева Некбахт Шокосумовна, кандидат политических наук, заведующая отделом США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +(992) 935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru. ORCID: 0000-0003-1232-5569

Юсуфджонов Фаридун Муҳаммадиевич, кандидат политических наук, старший научный сотрудник отдела США и Канада Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +(992) 915100005. E-mail: dissertantu@mail.ru

Маълумот оид ба муаллифон:

Дороншоева Некбахт Шоқосумовна, номзади илмҳои сиёсӣ, мудири Шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +(992)935219683. Почтаи электронӣ: nekbaht2004@mail.ru. ORCID: 0000-0003-1232-5569

Юсуфҷонов Фаридун Муҳаммадиевич, номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +(992) 915100005. Почтаи электронӣ: dissertantu@mail.ru.

Information about Authors:

Doronshoeva Nekbakht Shoqosumovna. Candidate of Political Science's, head of the US and Canadian Department of the Institute for the study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +(992)935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru ORCID: 0000-0003-1232-5569

Yusufjonov Faridun Muhammadievich, Candidate of Political Sciences's, Senior Research Fellow at the U.S. and Canada Department of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +(992) 915100005. E-mail: dissertantu@mail.ru.

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ТАРТИБОТИ ГЕОСТРАТЕГИЯИ ҶАҲОНИ МУОСИР ДАР МИСОЛИ ХОВАРИ МИЁНА

ЗИЁЕВ СУБҲИДДИН НАСРИЕВИЧ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақолаи мазкур масъалаи хусусиятҳои асосии тартиботи геостратегии ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар ин мақола назари коршиносони минтақавӣ ва ҷаҳониро роҷеъ ба хусусиятҳои асосии тартиботи геостратегия мавриди корбарӣ қарор додааст.

Муаллиф дар ин мақола панҷ хусусияти асосии тартиботи геостратегии ҷаҳони муосирро таҳқиқ намуда, ӯ бар он назар аст, ки бар хилофи даврони «ҷанги сард» яъне аз «дуқутбӣ» ё солҳои 90-уми асри гузашта дар мисоли якқутбии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ҷаҳони муосири имрӯза дорои марказҳои қудратҳои бузург мебошад. Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Русия, кишварҳои аврупоӣ ва давлатҳои ҷадиди рӯ ба тараққӣ дар тасмимгириҳои ҷаҳонӣ саҳми арзанда мегузоранд. Инчунин афзалияти геоиқтисод бар геополитика аз хусусиятҳои дигари геостратегия дар ин мақола мебошад. Рақобати технологӣ ва амнияти киберӣ, бӯҳрони ниҳодҳои байналмилалӣ, афзоиши аҳамияти минтақавикунонро муаллиф муаллиф мавриди баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: *ҷаҳони бисёрқутба, геополитика, геостратегия, геоиқтисод, минтақа, муносибатҳои байналмилалӣ, ҷаҳони муосир.*

Муқаддима. Геостратегия иртиботи миёни стратегӣ ва унсурҳои географиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Доираи геополитикӣ асоси геостратегияро дар бар мегирад, барои он, ки асоси табиӣ ба корбурди абзорҳо ва иншоот таъсири дақиқ мегузорад. Абзорҳо ва иншоот тибқи шароити географӣ баргузида ва коркард мешаванд. Таҳлилу омӯзиши аҳамияти муҳити зист аслан дар иртибот бо дарки мушкилот, аз он ҷумла пешрафти иқтисодӣ ё сиёсӣ аз манзари байналмилалӣ, геостратегия номида мешавад. Ба дигар шакл, аксари коршиносон ва таҳлилгарон роҷеъ ба робитаи байни макон, доираи ҳудудӣ ва қудрати миллӣ хулосаҳои умумӣ пешкаш намудаанд. Чунин муҳаққиқони «геостратегӣ» арзиш ва боварибахшии фазоро аз манзари иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомӣ арзёбӣ менамоянд ва роҷеъ ба фаъолияти муносибатҳои байналмилалӣ марбут бо амният ва манфиатҳои миллӣ тавсияҳо пешкаш мекунанд.

Муҳаққиқи эронӣ Пирӯз Муҷтаҳидзода «геостратегия»-ро чунин муаррифӣ намудааст: «Геостратегия омӯзиши таъсири омилҳои стратегии муҳити ҷуғрофии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба қарорҳои сиёсии ҳукуматҳо ва таъсири мутақобилаи кишварҳо дар андозагириҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва сиёсати қудрат аст» [8, 56]. Муҳаққиқи дигари эронӣ, сиёсатшиноси варзида Иззатуллоҳ Иззатӣ геостратегияро дар чунин шакл маънидод намудааст: «Геостратегия дар асл илми кашфи робитаҳое аст, ки байни стратегия ва муҳити географӣ вуҷуд доранд» [2, 231]. Тош Демирчӣ сиёсатшиноси турк роҷеъ ба шарҳи геостратегия мегӯяд: «Мавзуи геостратегия омӯзиши унсурҳои географӣ дар асоси стратегия ва ба даст овардани натиҷаҳои стратегӣ мебошад.»

Роҷеъ ба геостратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи манфиатҳои геополитикӣ доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра чунин қайд намудааст: «Геостратегияи Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмуъ аз ҳифзи манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон бо назардошти мавқеи ҷуғрофии мамлакати мо иборат аст. Дар навбати худ манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон аз ҳадафҳо ва вазифаҳое иборатанд, ки давлати мо дар дурнамои дуру наздик барои худ бобати амалисозии манфиатҳои миллӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ муқаррар намудааст. Албатта, ҳангоми иҷрои вазифаҳои гузошта геостратегияи дилхоҳ давлат вобаста ба тағйирёбии вазъият дар ҷаҳон дар ҳолати

таҳаввулот қарор мегирад. Аз ин рӯ, геостратегияи давлатро ҳам бо назардошти ҳолати кунунии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам дар қаринаи таърихи рушди давлатдории миллӣ бояд амалӣ намуд. Таҷрибаи давлатдории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баръало исбот мекунад, ки танҳо тавассути иртибот бо қаринаи таърихӣ метавон геостратегияи давлатро ҳамчун падидаи маҷмуӣ татбиқ намуд. Маҳз мавқеи ҷуғрофии давлат стратегияи онро дар самтҳои гуногун ва дар қаринаи сиёсати хориҷиаш дар арсаи ҷаҳонӣ муқаррар менамояд» [11, 12].

Сиёсатшиноси белорус Ганчаров А.В. роҷеъ ба мафҳуми геостратегия чунин ибрози андеша намудааст: «Геостратегия (стратегияи географӣ) як илми сиёсӣ аст, ки воситаҳо ва усулҳои ноил шудан ба ҳадафи геополитикии як давлат ё гурӯҳи давлатҳои муттаҳид - нигоҳ доштан ва афзун кардани қудрати як давлат ё иттиҳоди давлатҳо ва дар шароити номусоиди бӯҳрон - ба ҳадди ақал расонидани зарар ва барқарор кардани ҳолати аввалаи пеш аз бӯҳронро муайян мекунад» [1, 14].

Телятник Т.Е. коршиноси Донишгоҳи давлатии Кубински шаҳри Краснодар роҷеъ ба хусусиятҳои асосии тартиботи геостратегӣ мақолаи пурмуҳтавое навиштааст. Ҳадафи таҳқиқоти ӯ муайян кардани хусусиятҳои ташаккули нақшаҳои геостратегии давлатҳои муосир дар шароити тағйирёбии воқеияти сиёсӣ мебошад [10, 136-138].

Таҳқиқоти ӯ, фарогири масъалаҳои пандемия буда, дарҷ намудааст, ки муносибатҳои муосири байнидавлатиро метавон ҳамчун рушдёбанда дар муҳити рақобати шадид тавсиф кард. Ин шароит бо афзоиши рӯзафзуни ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва сунъӣ, инчунин тағйироти доимии иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, ки қариб ҳамаи кишварҳоро дар табдили ҷаҳонии тартиботи ҷаҳонӣ ҷалб мекунанд, мураккабтар мегардад.

Методҳо. Тартиботи геостратегии ҷаҳони муосир дар мисоли Ховари Миёна бо раванди гузариш ба бисёрқутбияти глобалӣ тавсиф мешавад, ки дар он коҳиши нисбии нуфузи монополии ИМА бо фаъолшавии низомию сиёсии Русия ва густариши геоиқтисодии Чин ҳамроҳ аст. Ин дигаргуниҳо бо рақобати шадид ва геополитикии лидерҳои минтақавӣ (Эрон, Арабистони Саудӣ ва Туркия) тавассути ҷангҳо ва ташаккули иттифоқҳои нави ғайрианъанавӣ (ба монанди «Созишномаҳои Иброҳим») мураккабтар мегарданд. Дар ин замина, минтақа на танҳо мақоми стратегиро дар бозори энергетикии ҷаҳон нигоҳ медорад, балки бо таҳдидҳои амниятии ғайридавлатӣ (гурӯҳҳои мусаллаҳ) ва бӯҳронҳои фаромиллии экологӣ рӯбарӯ шуда, ҳамчун индикатори асосии тағйироти сохтории сиёсати ҷаҳонӣ баромад мекунад.

Дар назар бояд дошт, ки таҳти таъсири вазъияти тағйирёбандаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, стратегияҳои геополитикии ҳар як давлат ба танзим дароварда мешаванд. Мувофиқан, мо дар соли 2019 дар робита бо пандемияи коронавирус шоҳиди чунин тамоюл гаштем. Имрӯз бошад масъалаи ҷанги Амрико ва Исроил бо Эрон низ аз нигоҳи геостратегӣ ҷомеаи башариро ба ташвиш овардааст, ки метавонад дар ниҳояд ҷомеаро ба ҳамдигарфаҳмӣ оварда расонад. Ҳеҷ як кишваре дар Ховари Миёна ва Итиҳоди Аврупову Амрико боқӣ намонд, ки самтҳои асосии на танҳо сиёсати дохилӣ, балки сиёсати хориҷиро низ аз нав ислоҳ накарда бошад. Қариб ҳамаи кишварҳо маҷбур шуданд, ки афзалиятҳои худро дар сатҳи байналмилалӣ аз нав дида бароянд.

Албатта, муҳим аст, ки ҳар як давлат ҷой ва нақши худро дар низоми ҷаҳонии тағйирёбанда дарк ва баҳодиҳии объективӣ дошта бошад. Дар шароити мураккаби кунунӣ, ҷустуҷӯи иттифоқчиёни геополитикӣ ва шариконӣ иқтисодӣ фаврӣ мегардад [12]. Татбиқи стратегияи амнияти миллӣ низ яке аз авлавиятҳо боқӣ мемонад [5]. Дар баробари таҳдидҳо ба амнияти афрод, ҷомеа ва давлат, ки пеш аз таҳдидҳо вуҷуд доштанд, таҳдидҳои нави минтақавӣ пайдо шудаанд. Албатта, ин бори аввал нест, ки башарият бо чунин мушкилот рӯбарӯ мешавад. Мутаассифона, таърих далелҳои фоҷиабори зиёдеро дар бораи нобудшавии тамоми давлатҳо аз сабаби нотавонии боздоштани силоҳҳои қатли ом дар бар мегирад. Аз ин рӯ, имрӯз, ҳангоми таҳия ё такмил додани стратегияи амнияти миллии давлат, авлавиятҳои асосӣ инҳоянд: ҳифзи аҳолӣ аз хатари нобудшавӣ аз бомбаҳои хатарноки кушанда, таҳияи

барномаҳои бо роҳи мусолаҳатомез ҳал намудани вазъи ҷангӣ ва роҳҳои ҳалли оташбас, дигар чораҳо барои беҳтар кардани вазъи шаҳрвандон, ки ин ба кишварҳои дар ҳоли ҷанг қарордошта тааллуқ дорад.

Донистан ба маврид аст, ки «геостратегия» аз якчанд унсур иборат буда, ҳар кадоми ин унсурҳо бо ҳамдигар қаринаву пайвандӣ доранд, ки инҳо аз кишвар, сарзамин, ҷамъият, ҷомеа, иқтисод, сиёсат ва роҳбурдӣ иборат мебошанд. Дар ҳолати вуҷуд надоштани яке аз ин унсурҳо геостратегия мукаммал арзёбӣ намешавад.

Геостратегия илм ва санъате мебошад, ки фаъолиятҳо дар асоси омилҳои сиёсат, стратегия, география ва баҳра гирифтан аз ин пайванд дар ҳаракатҳои стратегии низомӣ мебошад. Геостратегия илми муносибатҳои геополитикӣ бо стратегия мебошад ва бояд донист, ки барои тарҳрезии низомӣ ва иштироки муассир дар ҷанг ё ҳатто барои дарки дурусти стратегия ва тактикаи низомӣ, огоҳ будан аз таъсири омилҳои географӣ ба амалиётҳои ҳарбӣ ҳатмӣ мебошад. Бинобар ин равиш, ба ҳам омехтани географӣ, мушкилоти глобалӣ ва омилҳои роҳбурдии минтақаҳои муайяни ҷуғрофиро ташкил медиҳад, ки онҳоро ҳамчун минтақаҳои геостратегикӣ донистан мумкин аст.

Вожаи «геостратегия» ва корбурди он дар бархе масъалаҳои марбут ба муносибатҳои қудрат аҳамияти характери географиро мефаҳмонад. Ин хусусиятҳои географӣ то ҷое пас аз пирӯзиву муваффақият ва дар муддати тӯлонӣ аҳамияти худро аз даст намедиҳад. Омили ин дар он аст, ки гулӯгоҳи мушаххас, манбаи мушаххаси нафт, шаҳри калони мушаххас, қаламрави мушаххаси этникӣ ва ҳатто макони мушаххаси рамзӣ манфиатҳои муайянеро дар назари қудратҳои рақиб ифода мекунанд ва ин манфиатҳо, ё баъзан яке аз онҳо, абзорҳои муҳим барои таъмини назорати доимӣ ва соҳибихтиёрии он қаламрав ё муқовимат ба таъсири рақиб дар он макон ҳисобида мешаванд. Масалан, захираҳои нафти Халиҷи Форс манфиатҳои муҳими байналмилалии геостратегиро доранд. Гулӯгоҳи Ҷабал ат-ториқ ва гулӯгоҳҳои Босфор ва Дарданелл, гулӯгоҳ ва канали Суэтс, Тангаи Боб-ул-Мандаб ва тангаи Ҳурмуз даҳсолаҳо ва ҳатто асрҳо мавзуи рақобати геостратегӣ буданд ва мо вазъи геостратегии ин гулугоҳҳо, махсус тангаи Ҳурмузро имрӯзҳо дар доираи ҷанги Амрикову Исроил бо Эрон мушоҳида мекунем, ки бо баста будани тангаи Ҳурмуз чи қадар мушкилотҳои геостратегӣ ва геоиқтисодӣ ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Ин рақобатҳои стратегӣ ба роҳбарони ҳукуматҳо ва ситоди низомии кишварҳо дахл доранд. Онҳо рақобатҳои доимии худро бештар ё камтар махфӣ нигоҳ медоранд ва танҳо дар замони бӯҳрон ё дар лаҳзаи амалӣ кардан ва ҳатто пас аз амалӣ кардани ҳадафҳои худ, онҳо ба мавзӯи баҳси геополитикӣ дар байни шаҳрвандони кишвари худ ё дар сатҳи байналмилалӣ табдил мегарданд.

Ризо Ҳусейнпур қайд намудааст: «Вақте ки Саддом Ҳусейн тасмим гирифт, ки Кувайтро барои назорат кардани захираҳои нафти он ва ба даст овардани хатти соҳилии бештар ишғол кунад, ин масъалаи геополитикӣ набуд, балки масъалаи геостратегӣ буд, зеро нақшаи дақиқи ин амал то замони ҳуҷум ошкор нашуда буд ва танҳо пас аз ишғоли Кувайт дар бисёре аз кишварҳои араб ва дар сатҳи ҷаҳонӣ баҳси бузурги геополитикӣ ба миён омад. Вокуниши низомии ИМА ва тарзи анҷом додани он низ масъалаи геостратегӣ буд, зеро сабабҳои амиқи ин дахолат, инчунин натиҷаи он, то он даме, ки Саддом Ҳусейн пурра мағлуб нашавад, равшан намешуд» [9, 26-28].

Натиҷаҳо. Барои дарки дурусти «тартиботи геостратегии ҷаҳони муосир», ки низоми сиёсати имрӯзаи ҷаҳонро муайян менамояд панҷ хусусиятҳои асосии онро пешкаши хонандагон менамоем:

1. Гузариш ба ҷаҳони бисёрқутба: Муҳаққиқон бар он назаранд, ки бар хилофи даврони «ҷанги сард» яъне аз «дуқутбӣ» ё солҳои 90-уми асри гузашта дар мисоли якқутбии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ҷаҳони мудерни имрӯза дорои марказҳои қудратҳои бузург мебошад. Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Русия, Эрон, кишварҳои аврупоӣ ва давлатҳои нави рӯ ба тараққӣ дар тасмимгириҳои ҷаҳонӣ саҳми арзанда мегузоранд.
2. Афзалияти геоиқтисод бар геополитика: Ин ҷо геоиқтисод афзалияти зиёдтар дорад. Тартиботи нави қудрати давлатҳоро на фақат бо артиши низомӣ, балки бо иқтисодиёти

технологӣ, манбаъҳои энержӣ ва назорат бар болои роҳҳои транзитӣ (ба монанди, лоиҳаи бузурги «Як камарбанд - як роҳ») чен карда мешавад. Дар ин маврид иқтисодиёт ҳамчун «силоҳи геостратегӣ» ба кор бурда мешавад.

3. Рақобати технологӣ ва амнияти киберӣ: Яке дигар аз ин хусусиятҳои асосии геостратегия ин мубориза ҷиҳати соҳиб гардидан ба технологияҳои замонавии пешрафта (ба монанди «зеҳни сунъӣ», «алоқаи 5G», «нимноқилҳо» ва ғайра) ба як ҷузъи асосии стратегияи давлатҳо табдил дода шудаанд. Фазои киберӣ ба майдони нави набардҳои геополитикӣ табдил дода шудааст.

4. Бӯҳрони ниҳодҳои байналмилалӣ: Низоми муносиботи байналмилалӣ, ки пас аз «Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ» шакл гирифтааст, ҳоло ба бунбаст дучор аст. Таъсири ташкилоту созмонҳои минтақавӣ (ба монанди СҲШ, БРИКС ва ғайра) дар рӯбарӯи созмонҳои ғарбӣ афзоиш ёфта истодаанд.

5. Афзоиши аҳамияти минтақавикунонӣ: Дар ин хусус кишварҳо дар минтақаҳои мухталиф кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар атрофи худ иттиҳодҳои хурди минтақавӣ ташкил намоянд, то амният, субот ва манфиатҳои иқтисодии хешро берун аз чаҳорчӯбаи ҷаҳонишавӣ ҳифз карда тавонанд. Ин хусусияти геостратегӣ боиси пайдо шудани «блокҳои нав» дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, Ховари Миёна ва минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором ва дигар минтақаҳо мегардад.

Муҳокима. Геостратегия ин мафҳуми хос дар равобити ҷаҳонии мудерн, қарорҳои хос ва найрангҳои роҳбурдиро фарогир мебошад, ки аз тарафи давлатҳо ва созмонҳои ғайридавлатӣ дар пояи омилҳои географӣ дар амал татбиқ карда мешавад. Он меомӯзад, ки чӣ гуна география ба роҳбурдҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ мутаассир мегардад ва роҳбурди миллатҳоро дар арсаи байналмилалӣ ташаккул медиҳад. Аҳамияти геостратегия дар қобилияти он барои муайян кардани иттифоқҳои геополитикӣ, тақсимоти захираҳо ва сиёсати амниятӣ мебошад, ки аҳамияти доимии мулоҳизаҳои ҷуғрофиро дар динамикаи қудрати ҷаҳонӣ инъикос мекунад. Фаҳмиши геостратегия таҳқиқи ҳам назарияҳои таърихӣ, ба мисли назарияи Маккиндер ва маънои қудрати баҳрии Маҳан ва инчунин мутобинамоии муосирро фаро мегирад, ки рушди технологӣ ва равобити иқтисодиро ба барномарезии стратегӣ дохил мекунанд. Ин василаи байнифаннӣ мураккабии геостратегия ва муассир будани онро ба рушди тавозуни қудрат ва субот дар раванди ҷаҳонӣ шудан таъкид менамояд.

Назарияҳои қаблии геостратегия, ки аз тарафи донишмандоне ба монанди Макиндер ва Алфред Маҳан пешниҳод гардидааст, бинои асосии фаҳми таъсири географӣ ба омилҳои ҷаҳонӣ мебошанд. Назарияи Макиндер чунин аст, ки назорат болои сарзамини Авруосиё бартарии геополитикӣ аз омили ҷойгиршавии марказӣ ва захираҳои бузурги он медиҳад ва роҳбурдҳои ҳам маҳдудкунӣ ва ҳам васеъкунии қудратҳои бузургро дар тӯли асри 20 ташаккул менамояд [6, 421-437]. Аз дигар ҷониб, Маҳан низ аҳамияти қудрати баҳрӣ ва назорати роҳҳои баҳриро таъкид намуда, аҳамияту афзалияту бартарии баҳриро ҷиҳати таъсири ҷаҳонӣ ва амнияти иқтисодӣ таъкид намудааст [7]. Ин назарияҳои классикӣ барои давлатҳо замина гузоштанд, то стратегияҳои геополитикии худро дар асоси бартариҳо ва осебпазириҳои географӣ тасаввур намоянд.

Роҳбурдҳои муосири геостратегӣ дар ҷавоб ба ҷаҳонишавӣ, рушди технологӣ ва тағйир ёфтани манзараҳои геополитикӣ ба таври назаррас таҳаввул ёфтаанд. Мутобиқсозии муосир назарияҳоеро фаро мегирад, ки пайвастагиҳои иқтисодӣ, сабабҳои фарҳангӣ ва таъсири технологияҳои навро, ба мисли қобилиятҳои киберӣ ва қудрати кайҳонӣ ба амнияти миллӣ ва таъсири ҷаҳонӣ муттаҳид месозанд. Масалан, маънои «геоиқтисод» маъруфият пайдо намуда, ба он тамаркуз мекунад, ки чӣ гуна ҳадафҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои тиҷоратӣ твонистаанд ҳамчун абзорҳои стратегияи геополитикӣ истифода гарданд. Инчунин, созмонҳои ғайридавлатӣ, ба мисли корпоратсияҳои фаромиллӣ ва созмонҳои ҷиноятии фаромиллӣ, дар рушди динамикаи геостратегӣ саҳми торафт мутаассир мебозанд ва моделҳои пешинаи таҳлили давлатӣ-марказро ба чолиш бурда мерасонанд [3].

Клаус Доддс ва Мартин Дэвид Ҷонс дар таҳқиқоти хеш чунин қайд менамоянд, ки : «Баррасии рақобати стратегӣ дар минтақаҳои мушаххас, ба монанди Осиё ва Уқёнуси Ором, Ховари Миёна, Аврупо ва Африқо, фаҳмишҳои арзишмандеро дар бораи таъсири геостратегия ба суботи минтақавӣ ва динамикаи низоъҳо фароҳам меорад. Масалан, дар Осиё ва Уқёнуси Ором, қудратмандии Чин ҳамчун як қудрати иқтисодиву низомии ҷаҳонӣ рақобати шадиди стратегиро байни давлатҳои минтақавӣ ва берун аз он ба вуҷуд овард. Кишварҳое ба монанди Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Австралия тавозуни нозукро байни вобастагии иқтисодӣ бо Чин ва ҳамоҳангии амниятӣ бо Иёлоти Муттаҳида пайгирӣ мекунанд ва ба як шабакаи мураккаби иттифоқҳо ва рақобатҳо мусоидат мекунанд. Баҳси Ҷануби Чин нишон медиҳад, ки чӣ гуна даъвоҳои ҳудудӣ ва манфиатҳои захираҳои рақобатӣ бо стратегияҳои васеътари геополитикӣ бо ҳам мепайванданд ва ба суботи минтақавӣ ва амнияти баҳрии ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд» [4, 125].

Чунин ҳолат дар Ховари Миёна геостратегия дар рушди низоъҳо ва созмонҳои минтақавӣ нақши муҳим мегузорад. Захираҳои калони энергетикии минтақа, нуқтаҳои стратегии баҳрӣ ва гуногунии диниву мазҳабӣ ва этникӣ ба аҳамияти геополитикии он таъсир мегузорад. Низоъҳо ба мисли ҷанги шаҳрвандии кишвари Сурия ва низои кишвари Яман аз ҷониби абарқудратҳои минтақавӣ ва бозигарони сатҳи ҷаҳонӣ, ки рӯзномаҳои гуногуни геополитикӣ доранд, таъсир мерасонанд. Мисол, рақобат миёни Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Ҷумҳурии Исломии Эрон инъикоси хатҳои васеътари чолишҳои мазҳабӣ ва геополитикӣ мебошанд, ки ноустувории минтақавӣ ва бӯҳронҳои башардӯстонаро шадидтар мегардонанд. Иштироки абарқудратҳои беруна ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Русия ва Иттиҳоди Аврупо манзараи геополитикиро боз ҳам мураккабтар намуда, пайвастагии низоъҳои маҳаллиро бо манфиатҳои бузурги стратегии ҷаҳонӣ нишон медиҳад.

Клаус Д. Ва Мартин Д. Чунин нигоштаанд: «Дар Иттиҳоди Аврупо геостратегия инчунин ба суботи минтақавӣ таъсир менамояд, гарчанде ки бо динамикаи дигар дар муқоиса бо Осиё ва Уқёнуси Ором ва Ховари Миёна ба назар мерасад. Ҳамроҳшавии Қрим аз тарафи Федератсияи Русия ва низоъи давомдор дар шарқи Украина бозгӯйкунандаи он аст, ки чӣ гуна орзуҳои геополитикӣ бо нигарониҳои амнияти минтақавӣ робита доранд. Вокунишҳои НАТО ва таҳримҳои иқтисодии Иттиҳоди Аврупо алайҳи Федератсияи Русия рақобати стратегиро дар Аврупои Шарқӣ таъкид менамояд, ки на танҳо ба суботи минтақавӣ, балки ба ҳамоҳангии геополитикӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ низ таъсир мерасонанд» [7].

Дар минтақаи Африқо, мулоҳизаҳои геостратегӣ дар низоъҳое ба мисли «Шохи Африқо» ва минтақаи Соҳил ба таври намоён мушоҳида мегарданд. Дар Шохи Африқо, мубориза ҷиҳати назорат болои роҳҳои баҳрӣ ва захираҳои табиӣ низоъҳоеро, ки қудратҳои минтақавӣ ба мисли Эфиопия, Эритрея ва Сомалӣ, ҳамчунон бозигарони беруна, ки мехоҳанд роҳу усулҳои тиҷоратӣ ва мубориза бо терроризмро ба роҳ монанд, ба вуҷуд меорад. Дар Соҳил, ҳузури гурӯҳҳои ҷиҳодӣ ва мубориза барои назорат бар захираҳо бозигарони минтақавӣ, аз ҷумла Молӣ, Нигерия, Буркина-Фасо ва нерӯҳои байналмилалиро ба монанди СММ ва кишвари Фаронса ҷалб намудааст, ки таъсири дуҷонибаи мураккаби амният, манофеи иқтисодӣ ва стратегияҳои геополитикӣ мебошад.

Геостратегия ва таъсироти он дар минтақаҳои хатарнок нақши муҳимро мебозад. Вақтҳои зиёд, ҷанбаҳои геополитикӣ метавонанд танишҳоро шадидтар созанд ё, баръакс, имкониятҳои ҳамкориро, ки дар онҳо манфиатҳои муштарак вуҷуд доранд, равнақ диҳанд. Тавре ки маълум аст, қарорҳо дар бораи ҷойгиршавии нерӯҳои низомӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва дипломатии кишварҳо, таъсири амиқе ба рафтори давлатҳо ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо мерасонанд.

Ҷойгиркунии иқтидорҳои низомӣ ва захираҳои стратегӣ, ки бо манфиатҳои геополитикӣ иртибот доранд, на танҳо таъсири мустақим ба амният, балки ҳатто бар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, аз ҷумла саркӯб кардани низоъҳои мавҷуда ё ташкили шароити нав барои ҳамкорӣ миёни кишварҳо мегузорад. Вақтҳои муайян метавонанд ҳолатҳоеро таъмин кунанд, ки

рақобат ва зиддиятҳои сиёсӣ бо шароити муносибатҳои мусбӣ бо ҳамзамон муаррифӣ шаванд.

Рақобати стратегӣ дар минтақаҳои Осиё ва Уқёнуси Ором, Ховари Миёна, Иттиҳодияи Аврупо ва Африқо бозгӯйкунандаи он аст, ки кишварҳо бо истифода аз бартариҳои ҷуғрофӣ ва созишномаҳои геополитикӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нуфузу мавқеи худро дар равобити байналмилалӣ афзун намуда, манфиатҳои иқтисодӣ ва амниятии худро таъмин намоянд.

Ба илова, ҳисобҳои геостратегӣ на танҳо ба масъалаҳои низомӣ, балки ба рушди иқтисодӣ, амнияти энергетикӣ ва таъсири фарҳангӣ низ шомил мешаванд, ки нишон медиҳад, ки рақобати муосири геополитикӣ хусусияти бисёрҷанбаи худро дорад.

Ҷадвал: геостратегия ва таъсири он ба суботи сиёсӣ ва низоъҳову чолишҳои минтақавӣ

Минтақа	Масъалаҳо ва низоъҳои асосӣ	Актерҳои геостратегӣ	Таъсир ба субот
Осиё ва Уқёнуси Ором	Баҳсҳои баҳри Чини Ҷанубӣ, рақобати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии ХалқиЧин, ҳамгироии АСЕАН	Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, кишварҳои АСЕАН	Хатарҳои амнияти баҳрӣ, тағйироти иттифоқҳои минтақавӣ
Ховари Миёна	Ҷанги шаҳрвандии Сурия, низои Яман, рақобати Эрон ва Арабистони Саудӣ	Эрон, Арабистони Саудӣ, Иёлоти Муттаҳида, Федератсияи Русия	Танишҳои мазҳабӣ, бӯҳронҳои башардӯстона
Аврупо	Аннексияи Қрим, низоъи шарқи Украина	Федератсияи Русия, НАТО, Иттиҳоди Аврупо	Амнияти минтақавӣ, ҳамоҳангии геополитикии ҷаҳонӣ
Африқо	Низоъҳо дар Шохи Африқо, ноустувории Соҳил	Қудратҳои минтақавии Африқо, СММ, Фаронса	Таҳдидҳои амниятӣ, бӯҳронҳои башардӯстона

Дар ҷадвали боло масъалаҳо ва низоъҳои калидие, ки аз таъсири геостратегия дар минтақаҳои Осиё ва Уқёнуси Ором, Ховари Миёна, Аврупо ва Африқо ба вуҷуд омадаанд, нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар он иштироки давлатҳо ва субъектҳои гуногун ва чӣ гуна таъсири онҳо ба субот ва амният дар ин минтақаҳо баррасӣ шудааст, шомил гардидааст.

Таъсири геостратегия дар равандҳои иқтисодӣ амиқ мебошад, ки ба динамикаи тиҷорати ҷаҳонӣ ва тақсимоти захираҳои табиӣ таъсир мерасонад. Ҷараёнҳои молӣ ва хизматрасонӣ, ки дар маҷмуъ шохаи муҳими иқтисодии кишварҳо мебошанд, бо назорати захираҳои стратегӣ, аз ҷумла энергия, маъданҳо ва дигар маводи зарурӣ иртиботи зиёд доранд. Миллатҳо барои таъмини дастрасии устувор ба ин захираҳо, дар соҳаи геостратегия нақши муҳимро мебозанд ва аксар вақт иттифоқҳо ва муносибатҳои иқтисодиро барои пешбурди манфиатҳои геополитикӣ худ ташкил мекунанд.

Геостратегия на танҳо масирҳои тиҷорати ҷаҳонӣ, балки рушди инфрасохторро низ муайян мекунад. Он муқаррар мекунад, ки кадом минтақаҳо ба марказҳои асосии тиҷорат ва сармоягузорӣ табдил меёбанд. Масалан, Ташаббуси “Як камарбанд ва як роҳ"-и Чин (BRI) ба мақсади тақвияти пайвастшавӣ байни Осиё, Аврупо ва Африқо тавассути лоиҳаҳои инфрасохторӣ шуруъ шудааст, ки бо ин кор шаклҳои нави тиҷорат ва иттифоқҳои иқтисодиро дар ин минтақаҳо ба вуҷуд меорад. Дар ҳамин ҳол, танишҳои геополитикӣ метавонанд занҷирҳои таъминот ва ҷараёнҳои тиҷоратро ба осонӣ халалдор кунанд, чунон ки дар ҳолатҳои татбиқи таҳримҳо ва маҳдудиятҳои тиҷоратӣ аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ, дида мешавад.

Ҷадвали 2: Паймонҳо ва вобастагиҳои иқтисодӣ

Нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ	**Ҳадафҳо ва вазифаҳо**
Афзоиши ҳаҷми тиҷорат	Афзоиши ҳаҷми тиҷорат тавассути ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба андозаи 10% солона
Сармоягузории инфрасохторӣ	Дар даҳсолаи оянда барои беҳтар кардани пайвастшавӣ 1 триллион доллярро ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ сармоягузорӣ кунед
Вобастагии захираҳо	Барои кам кардани вобастагӣ аз минтақаҳои мушаххас, манбаъҳои энергияро гуногунранг кунед
Созишномаҳои ҳамкории иқтисодӣ	Барои осон кардани дастрасӣ ба бозор бо шарикони калидӣ созишномаҳои дуҷонибаи тиҷоратиро имзо кунед

Дар ҷадвали болозикр нишондиҳандаҳои асосии фаъолият ва ҳадафҳои марбут ба иттифоқҳо ва вобастагиҳои иқтисодӣ, ки аз таъсири геостратегия баромадаанд, муаррифӣ шудаанд. Ҳадафҳои стратегӣ, ки дар ин ҷадвал инъикос ёфтаанд, аз қабили афзоиши ҳаҷми тиҷорат, сармоягузорӣ ба инфрасохтор, гуногун кардани манбаъҳои энергия ва рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ тавассути созишномаҳои тиҷоратӣ, нишон медиҳанд, ки геостратегия чӣ гуна метавонад сиёсат ва иттифоқҳои иқтисодиро ба ҳам ворид кунад. Ин кӯшишҳо бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои геополитикӣ ва тақвияти манфиатҳои миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ равона шудаанд.

Технология дар тағйир додани манзараҳои геостратегӣ нақши муҳим мебозад, таъсири онро дар тарзи шаклгирии қудрати миллатҳо, амалисозии ҷосусӣ ва идоракунии амнияти миллӣ дар асри рақамӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Раванди босуръати пешрафти технологияҳо, ба монанди зеҳни сунъӣ, ҳисоббарории квантӣ ва технологияҳои кайҳонӣ, тасаввуроти анъанавии бартарии низомӣ ва рақобатпазирии иқтисодиро тағйир медиҳад. Дар соҳаи мудофиа бошад, миллатҳо бештар ба системаҳои автоматикӣ ва мошинҳои бесарнишин сармоягузорӣ мекунанд, ки на танҳо қобилиятҳои низомиро афзоиш медиҳанд, балки масъалаҳои ахлоқӣ ва стратегиро дар бораи ҷойгиркунии онҳо дар минтақаҳои низоъ низ ба миён меоранд. Илова бар ин, ҳамгироии инфрасохтори рақамӣ ба бахшҳои муҳими иқтисод, ба монанди молия, энергетика ва телекоммуникатсия осебпазирии бештарро дар муқобили таҳдидҳои киберӣ ба вуҷуд овардааст, ки барои коҳиш додани хатарҳо, чораҳои амнияти киберӣ ва ҳамкории байналмилалӣ лозим шудааст.

Амнияти киберӣ имрӯз як ҷузъи муҳим дар геостратегияи муосир аст, зеро давлатҳо ва фаъолиятҳои ғайридавлатӣ аз осебпазирии таҳаввулоти рақамӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ истифода мекунанд. Ҳамлаҳои киберӣ метавонанд хидматҳои асосӣ ва муҳимро халалдор созанд, фикрҳои ҷамъиятиро бо маъракаҳои сохташудаи бардурӯғ таҳриф кунанд ва суботи сиёсиро печида созанд, ки дар натиҷа мушкилоти ҷиддӣ барои амнияти миллӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ба вуҷуд меоранд. Шакли нав ва рушдёфтаи ҷанги иттилоотӣ, ки дар он платформаҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳайси воситаи стратегӣ истифода мешаванд, мураккабии геополитикиро бештар мекунад, зеро он ба эҳсосоти ҷамъиятӣ, равандҳои интихоботӣ ва муносибатҳои дипломатӣ таъсири назаррас мерасонад. Аз ин рӯ, кишварҳо ба дифоъи киберӣ, тавонманд кардани иқтидорҳои иктишофӣ ва таҳкими меъёрҳои байналмилалӣ барои муқовимат бо ин таҳдидҳо ва ҳифзи манфиатҳои геополитикии худ бештар сармоягузорӣ мекунанд.

Ҷадвали 3: Мулоҳизаҳои амнияти киберӣ ва ҷанги иттилоотӣ

Рушди технологӣ	**Таъсирот ба манзараи геостратегӣ**	**Масоил ва мушкилоти аввалӣ**
Зеҳни сунъӣ	Қобилиятҳои ҳарбӣ ва рақобатпазирии иқтисодиро	Масъалаҳои хулқ ва атвор, ченаки банизом дароваранда ҷиҳати

	тақвият медиҳад	истифодаи зеҳни сунъӣ
Ҳисоббарории квантӣ	Криптография ва коркарди иттилоотро инқилобӣ мегардонад	Масъалаҳои амнияти миллӣ, рақобат барои бартарии квантӣ
Инфрасохтори киберамният	Инфрасохтори муҳимро аз таҳдидҳои киберӣ муҳофизат мекунад	Ҳамкории байналмилалӣ, устуворӣ бар зидди ҳамлаҳои мураккаби киберӣ
Ҷанги иттилоотӣ	Ба афкори ҷамъиятӣ ва суботи сиёсӣ тавассути манипулятсияи рақамӣ таъсир мерасонад	Ҷавобҳои танзимкунанда, ҳифзи равандҳои демократӣ аз дахолати хориҷӣ

Технология дар ташаккул ва таҳаввулоти манзараҳои геостратегӣ нақши муҳиму тағйирдиҳанда мебозад, ки таъсири амиқ ба тавсеаи қудрати давлатҳо, идоракунии амният ва эҷоди рақобат дар сатҳи глобалӣ мерасонад. Ин пешрафтҳо, ки дар соҳаҳои зеҳни сунъӣ, қобилиятҳои киберӣ ва технологияҳои кайҳонӣ таъсири назаррас доранд, имкониятҳоро барои тавсеаи усулҳои геополитикӣ ва стратегӣ ба таври васеъ равона мекунанд. Барои мисол, зеҳни сунъӣ қудрати низомиро тавассути таҳлили пешгӯӣ ва системаи худкор тақвият дода, барномаҳояи стратегии ҷанг ва таъмини амниятро аз нав месозад. Аз тарафи дигар, истифодаи дороиҳои кайҳонӣ имконият медиҳад, ки паймоиш, муошират ва назорат дар сатҳҳои гуногун, ҳам барои амалиётҳои низомӣ ва ҳам барои фаъолиятҳои иқтисодӣ, дар шакли дақиқ ва муассир ба амал дароранд.

Дар давраи рақамисозӣ, амнияти киберӣ ва ҷанги иттилоотӣ ба унсурҳои муҳим ва ҷудонашавандаи геостратегия мубаддал гардидаанд. Давлатҳо ва инчунин бозигарони ғайридавлатӣ аз имкониятҳои фазои киберӣ барои анҷоми ҷосусӣ, вайрон кардани фаъолияти инфрасохтори муҳим ва таъсиргузорӣ ба афкори ҷомеа истифода мекунанд. Пайвастани ҷанги иттилоотӣ бо шабакаҳои иҷтимоӣ таъсири маъракаҳои дезинформатсиониро ба суботи сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ боз ҳам бештар мегардонад. Аз ин рӯ, ҳифзи фазои киберӣ ва муқобила бо паҳншавии иттилооти бардурӯғ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Ин раванд талаб мекунад, ки низомҳои боэътимоди амнияти киберӣ таҳия шаванд, ҳамкориҳои байналмилалӣ тақвият ёбанд ва чораҳои пешгирикунанда барои муқовимат бо таҳдидҳои рӯзафзуни киберӣ амалӣ гарданд.

Ҷадвали 4: Нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ барои пешрафтҳои технологӣ

Соҳаи технологӣ	Нишондиҳандаҳои асосӣ	Ҳадафҳо ва вазифаҳо
Зеҳни сунъӣ	Ҳамгироӣ ба амалиётҳои низомӣ	Ба даст овардани 80% мустақилият дар истифодаи системаҳои бесарнишин
Технологияи кайҳонӣ	Ҷойгиркунии гуруҳи моҳвораҳо	Ба роҳ мондани 50 моҳвораи нав барои назорати ҷаҳонӣ то соли 2030
Амнияти киберӣ	Вақти вокуниш ба ҳодисаҳо	Коҳиш додани вақти вокуниш ба ҳодисаҳои киберӣ то 50%
Ҳисоббарории квантӣ	Қобилияти рамзгузорӣ	Рушд додани стандартҳои рамзгузории муқовимат ба квант то соли 2030

Ҷадвали 5: Ҳадафҳо ва вазифаҳои амнияти киберӣ

Самти амнияти киберӣ	Ҳадафҳо ва вазифаҳо
Ҳифзи инфрасохтори муҳим	Баланд бардоштани устувории шабакаҳои барқӣ бар зидди ҳамлаҳои киберӣ
Амнияти иттилоотӣ	Кам кардани ҳолатҳои ихроҷи маълумот то 30% ҳар сол
Ҳамкории байналмилалӣ	Имзои созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти киберӣ бо 10 кишвари нав
Мубориза бар зидди иттилооти бардурӯғ	Ҷорӣ намудани мониторинги воқеии шабакаҳои иҷтимоӣ барои ошкор кардани иттилооти бардурӯғ

Дар ҷадвали боло зикргардида ҳадафҳо ва вазифаҳои ченшаванда, ки ба пешрафтҳои технологӣ ва мулоҳизаҳои амнияти киберӣ дар ҷодаи геостратегия марбутанд, таҳлил шудаанд.

Якчанд тамоюли нав ва пешгӯиҳои миқдорӣ нишон медиҳанд, ки дар соҳаи геостратегӣ мушкилот ва имкониятҳои муҳим дар ҳоли пешомаданд ва нақши он дар рушди амалиёти ҷаҳонӣ мукаммал хоҳад шуд. Яке аз асосиитарин мушкилот афзоиши рақобат барои захираҳои асосӣ аст, ки аз пешгӯиҳо дар бораи болоравии талабот ба энергия, маъданҳо ва захираҳои об баробар меояд. Ба ҳайси намуна, то соли 2050, истеъмоли энергияи глобалӣ тақрибан 50% зиёд хоҳад шуд, ки ин барои идоракунии дуруст ва стратегӣ захираҳои табиӣ ва маневрҳои геополитикӣ, ки барои таъмини дастрасӣ ва кам кардани вобастагӣ заруранд, зарурияти махсусро ба миён меорад.

Дар даҳсолаҳои оянда, геостратегия ба истифодаи технологияи пешрафта ва мубориза бо камбуди манбаъҳои табиӣ барои нигоҳ доштани нуфузи геополитикӣ ва амнияти миллӣ диққат хоҳад кард. Пешгӯишаванда аст, ки интиқол ба бисёрқутбӣ ва рушди қудратҳои нав, аз ҷумла Чин, Ҳиндустон ва Бразилия, дар муқоиса бо қудратҳои анъанавӣ, ба монанди Иёлоти Муттаҳида ва Иттиҳоди Аврупо, назар ба пешина таъсири бештаре хоҳад дошт. Ин ҷаҳони бисёрқутбӣ эҳтимолан шоҳиди рақобати шадид дар соҳаҳои стратегӣ хоҳад буд, ки дар онҳо равандҳои тиҷоратӣ, бартарии технология ва иттифоқҳои геополитикӣ нақши муҳим хоҳанд дошт.

Нақши геостратегия ба назар мерасад, ки аз доираи анъанавии низомӣ ва дипломатӣ фаротар рафта, ба соҳаҳои иқтисодии муосир, ҷангҳои киберӣ ва устувории экологӣ эътибори бештар медиҳад. Миллатҳо барои коҳиш додани хатарҳо ва истифодаи имкониятҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ба манбаъҳои энергияи барқароршаванда, инфрасохтори амнияти киберӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бештар сармоягузорӣ хоҳанд кард. Барои сиёсатмадорон муҳим аст, ки стратегияи муассир ва дурустеро таҳия намоянд, ки бо истифода аз ин динамикаҳои мураккаб, манфиатҳои миллӣ ва ҳамкориҳои глобалиро ба таври мувозинатшуда муттаҳид созанд ва дар натиҷа барои субот ва шукуфоии ҷаҳони муосир саҳм гузоранд [13].

Ҷадвали 6: Тамоюлҳо ва пешгӯиҳои оянда

Тамоюл/Пешгӯӣ	Маълумот/Омор
Афзоиши талаботи ҷаҳонӣ ба энергия	Интизор меравад то соли 2050 истеъмоли энергия 50% зиёд шавад
Бозори зеҳни сунъӣ	Пешбинӣ мешавад, ки ҳаҷми бозори ҷаҳонии зеҳни сунъӣ то соли 2030 ба 733 миллиард доллар мерасад
Мушкилоти камбуди захираҳо	Афзоиши рақобат барои захираҳои маъданӣ, об ва энергия
Динамикаи ҷаҳони бисёрқутбӣ	Қудратҳои нав ба мисли Эрон, Чин ва Ҳиндустон таъсири бештар пайдо мекунанд

Хулоса. Таҳқиқи геостратегия нақши асосии онро дар корҳои ҷаҳонӣ ошкор мекунад ва назарияҳои классикиро бо мураккабиҳои муосир омезиш медиҳад. Натиҷаҳои асосӣ таъсири пойдори географӣ ва қудрати баҳриро, ки ҳоло бо истифода аз низоми давлатӣ ва пешрафтҳои технологӣ тақвият дода мешаванд, нишон медиҳанд. Таъсиргузорон ва ҷонибҳои манфиатдор бояд ин динамикаро бо сармоягузориҳои стратегӣ дар амнияти киберӣ, инфрасохтор ва рушди устувор барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва мусоидат ба суботи ҷаҳонӣ паймоиш кунанд. Қабули навоварӣ ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти фаромиллӣ ва ташаккули тартиботи байналмилалии ҳамкорӣ, ки сулҳ ва шукуфоиро дар ҷаҳони босуръат рушдёбанда тақвият медиҳад, муҳим дониста мешавад.

Хусусиятҳои асосии тартиботи геостратегии ҷаҳони муосир дар мисоли минтақаи Ховари Миёнаро метавон дар 5 банди мушаххаси зерин хулоса кард:

1. Гузариш ба бисёрқутбӣ: Нуфузи анъанавии ИМА коҳиш ёфта, нақши абарқудратҳои нав ба мисли Чин (дар бахши дипломатия ва иқтисод) ва Русия (дар бахши ҳарбӣ-сиёсӣ) ба таври чашмрас афзоиш ёфтааст.
2. Фаъолшавии қудратҳои минтақавӣ: Кишварҳои калидии минтақа (Арабистони Саудӣ, Эрон, Туркия ва Исроил) сиёсати мустақили геополитикиро пеш гирифта, барои лидерӣ ва васеъ кардани ҳавзаи нуфузи худ рақобат мекунанд.
3. Аҳамияти геоиқтисодии энергетика ва долонҳои транзитӣ: Ховари Миёна ҳамчун махзани асосии нафту газ ва чорроҳаи лоиҳаҳои бузурги транзитии ҷаҳонӣ (ба монанди "Як камарбанд, як роҳ"-и Чин ва долони ИМА-Ҳиндустон) мавқеи марказии худро ҳифз мекунад.
4. Шиддат гирифтани низоъҳои амниятӣ ва "ҷангҳои прокси": Минтақа бо бӯҳронҳои тӯлонӣ (Сурия, Яман, Фаластин ва Исроил) ва ҷангҳои бавосита (прокси) тавассути гурӯҳҳои ғайридавлатӣ тавсиф мешавад, ки суботи глобалиро зери хатар мегузоранд.
5. Ташаккули иттифоқҳои нави тактикӣ: Барои таъмини манфиатҳои худ, кишварҳо аз идеологияҳои пешина даст кашида, ба блокҳои нав (мисли пайвастани Арабистони Саудӣ, Эрон ва Аморот ба БРИКС ё созишномаҳои оддисозии муносибатҳо) рӯ меоранд.

АДАБИЁТ

1. Гончаров А. В., Стратегическая география. Что это такое? — Минск: Беларускае геаграфичнае таварыства, 2008. - 14 с.
2. Иззатуллоҳ Иззатӣ. Геополитика дар қарни XXI. Теҳрон: Самт, 1380.-569 с.
3. Каплан, Р. Д. Анархияи оянда: Шикастани орзуҳои пас аз ҷанги сард. Ню Йорк: Китобҳои қадимӣ? 1994.-458 с.
4. Клаус Доддс ва Мартин Дэвид Ҷонс. Геополитика: Муқаддимаи хеле кӯтоҳ. 1985.-423 с.
5. Макеев А. В. Геополитический путь России в координатах безопасности / А. В. Макеев // Пространство и Время. 2010. №2. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/geopoliticheskiy-put-rossii-v-koordinatahbezopasnosti (дата обращения: 14.07.2021).
6. Макиндер, Х. Ҷ. Меҳвари ҷуғрофии таърих. Маҷаллаи географӣ, 1904. 23 (4), С. 421-437.
7. Маҳан, А. Т. Таъсири қудрати баҳрӣ ба таърих. Бостон: Литтл, Браун, 1890.-429 с.
8. Пирӯз Муҷтаҳидзода. Ҷуғрофияи таърихии Халиҷи Форс (Халиҷи Форс: номе куҳантар аз таърих). Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1392.-451 с.
9. Ризо Ҳусейнпури Пуён. Таҳлил ва омӯзиши омезиши сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Озарбойҷон бо воқеиятҳои геополитикӣ. Рисолаи магистрӣ. Теҳрон: Донишгоҳи Тарбияти Мударис, 2006. С. 28-26
10. Телятник Т.Е. Особенности формирования геостратегий современных государств в контексте глобализационных процессов // Международный научно-исследовательский журнал ▪ № 8 (110) ▪ Часть 3 ▪ Август. 2021. С.-136-138.
11. Ҳайдарзода Р.Ҷ. “Геостратегия ва геополитикаи Президенти Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ”. //Маҷаллаи «Осиё ва Аврупо»- №3 (19) -2024.-С.12.
12. Csurgai G. Geopolitical Analysis: A Multidimensional Approach to Analyze Power Rivalries in International Relations / G. Csurgai. Rome, Aracne Editrice, 2019.
13. The Role of Geostrategy in Contemporary Global Affairs // https://www.todaers.org/post/gdpi-working-papers-the-role-of-geostrategy-in-contemporary-global-affairs . Jul 16, 202410 min read. Таърихи муроҷиат: 22.04.2026.

ОСНОВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ СОВРЕМЕННОГО МИРОВОГО ГЕОСТРАТЕГИЧЕСКОГО ПОРЯДКА

В данной статье рассматриваются основные особенности геостратегического порядка современного мира. Автор использует взгляды региональных и глобальных экспертов на основные особенности геостратегического порядка.

В статье автор анализирует пять основных особенностей геостратегического порядка современного мира и считает, что, в отличие от эпохи «холодной войны», то есть от «биполярности» или 90-х годов прошлого века, например, однополярности Соединенных Штатов, современный мир сегодня имеет центры великих держав. Китайская Народная Республика, Российская Федерация, европейские страны и новые развивающиеся страны вносят значительный вклад в принятие глобальных решений. Также одной из других особенностей геостратегии в данной статье является приоритет геоэкономики над геополитикой. Автор рассматривает технологическую конкуренцию и кибербезопасность, кризис международных институтов и возрастающую важность регионализации.

Ключевые слова: многополярный мир, геополитика, геостратегия, геоэкономика, регион, международные отношения, современный мир.

MAIN FEATURES OF THE MODERN WORLD GEO-STRATEGIC ORDER

This article discusses the main features of the modern world geo-strategic order. In this article, the author presents the views of regional and global experts on the main features of the geo-strategic order.

In this article, the author examines five main features of the modern world geostrategic order, which are the transition to multipolarity. The author believes that, unlike the Cold War era, i.e., from bipolarity or the 1990s, for example, the unipolar United States, the modern world today has centers of great powers. The People's Republic of China, the Russian Federation, European countries, and emerging economies make a significant contribution to global decision-making. The priority of geoeconomics over geopolitics is also one of the other features of geostrategy in this article. The author discusses technological competition and cybersecurity, the crisis of international institutions, and the increasing importance of regionalization.

Keywords: multipolar world, geopolitics, geostrategy, geoeconomics, region, international relations, modern world.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Зиёев Субҳиддин Насриевич, номзади илмҳои филология, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 927040908. Почтаи электронӣ: rakesh-23@mail.ru.

Сведения об авторе:

Зиёев Субхиддин Насриевич, кандидат филологических наук, заведующий отделом Среднего и Ближнего Востока ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: +992 92-704-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru.

About the author:

Ziyoev Subhiddin Nasrievich, candidate of philological sciences, head of the Middle and Near East department of the ISPAEC NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: +992 92-704-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru

ҲАМКОРИИ ҲАРБӢ-ТЕХНИКИИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ ИДМ БО ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

САЛИМОВ АКБАР ҲАЛИМОВИЧ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақолаи мазкур ҳамкории ҳарбӣ-техникии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин, ҷанбаҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ, аз ҷумла таъмини ҳифзи сарҳад, расонидани кӯмак ва таъмини таҷҳизоти ҳарбию техникӣ, омодасозӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони ҳарбӣ баррасӣ мешаванд.

Мавриди ба қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ бо истифода аз таҷриба ва иқтидори ҳарбӣ-техникии кишварҳои аъзо ба созишномаҳои ҳамкории дастаҷамъӣ дар соҳаи амният ва мудофиа ҳамроҳ шуд, ки ба таҳким ва рушди иқтидори мудофиавии он мусоидат мекунад. Ҳамкориҳои ҳарбию техникӣ дар шароити таҳдиду хатарҳои муосир яке аз омилҳои асосии таъмин ва таҳкими амнияти миллӣ ва минтақавӣ мебошад.

Калидвожаҳо: *Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Қувваҳои мусаллаҳ, ҳамкорӣ, мудофиа ва амният, кӯмаки ҳарбӣ-техникӣ, амнияти минтақавӣ.*

Муқаддима. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ) ҳамчун созмони байналмилалӣ пас аз барҳамхурдани Иттиҳоди Шуравӣ на танҳо бо мақсади нигоҳ доштани муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва ғайраи минтақавӣ, инчунин ба ҳайси механизми ягонаи ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа ва амният низ таъсис дода шуд. Барои давлатҳои аъзои ИДМ дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ зарурати таъсис додани низоми нави амниятӣ ба миён омад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари эълон намудани истиқлоли давлатӣ ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, хусусан ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дучор гардид. Дар ин замина, саҳми кишварҳои аъзои ИДМ ҷиҳати нигоҳдории амну субот, ташаккул ва рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ техники муассир мебошад.

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи асосии мақолаи мазкур таҳлили илмии ҳолат, заминаҳои ҳуқуқӣ ва дурнамои ҳамкориҳои ҳарбӣ, ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои ИДМ дар шароити таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир мебошад.

Қисмати асосӣ. Дар ҷаҳони муосир ва дар шароити афзояндаи таҳдиду хатарҳо ба амнияти минтақавӣ ҳамкории ҳарбӣ-техникии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аҳамияти хоса пайдо кард. Дар чаҳорчӯбаи ин ҳамкориҳо ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти кишварҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла, фаъолияти гурӯҳҳои нозирони низомӣ, таъмини амнияти марзҳо, ширкат дар амалиёти посдори сулҳ, ҳамчунин таъмини таҷҳизоти низомӣ ва омодасозии мутахассисони низомӣ баррасӣ мешавад.

Қобили зикр аст, ки ҳамкориҳои бисёрҷонибаи ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз солҳои аввали таъсисёбии иттиҳоди зикргардида яке аз самтҳои калидии муносибатҳои байнидавлатӣ ба шумор меравад. Ҳадафи асосии ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ дар доираи ИДМ пеш аз ҳама такмилу таҳкими иқтидори мудофиавии кишварҳои аъзо барои пешгирӣ аз ҳамагуна таҳдиду хатарҳо дар минтақа мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар баробари самти афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб ёфтанаш, инчунин асоси таъмини сулҳу субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ ва чолишҳои мураккаби амниятӣ, ки аз ноустувории минтақавӣ дарак медиҳанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди таҳдиду хатарҳои терроризму ифротгароӣ дар сафи пеши мубориза қарор дорад.

Пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор мушкилоти ҷиддии амниятӣ ва мудофиавӣ дучор шуд, ки дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва паҳншавии терроризму ифротгароӣ боз ҳам шадидтар гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтидори ҳарбӣ ва инфрасохтори мудофиавии кишвар ҳисороти зиёд расонида, зарурати таъмини силоҳ, техникаи ҳарбӣ ва омодасозии мутахассисони низомиро ба вуҷуд овард.

Дар шароити душвори геополитикӣ ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил омили асосии ташкил ва барқарорсозии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ ва мудофиавии давлати тозатаъсиси соҳибистиқлол гардид. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ як қатор кишварҳои пешрафтаи ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар ироаи кӯмакҳои башардӯстона, таъмини мудофиаи ҳарбӣ ва бо аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ таъмин намудани Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштанд.

Федератсияи Русия яке аз аввалин кишварҳоест, ки дар доираи ҳамкориҳои бисёрҷониба дар ба эътидол овардани вазъи душвори сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоштааст. Марҳилаи ибтидоии кумакҳои ҳарбию техникии Федератсияи Русия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 1993 бо сафари расмии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Русия оғоз шуд [3]. Зимни ин сафар миёни ду кишвар як қатор созишномаҳо дар соҳаи ҳарбӣ-техникӣ ба имзо расиданд, ки барои татбиқи Шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки дуҷониба ибтикори онҳо гардиданд.

Илова бар ин, бо кӯмаки моливу техникӣ ва дастгирии Федератсияи Русия дар соли 2000 нахустин воҳидҳои зиддиҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омодагии ҷангӣ ворид шуданд. Дар ин замина, Федератсияи Русия ба ихтиёри нерӯҳои мудофиаи ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуаи зиддимушакии “Печора-2М”-ро тақдим намуд [3].

Қобили зикр аст, ки Федератсияи Русия аввалин шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ мебошад. Яке аз унсурҳои асосии ин ҳамкориҳо фаъолияти пойгоҳи низомии дивизияи 201-и Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Русия, воқеъ дар шаҳрҳои Душанбе ва Бохтар мебошад, ки вазифаи асосии он ҳифзи сарҳади ҷанубии ИДМ ва таъмини суботу амнияти минтақа мебошад. Тибқи созишномаҳои мавҷуда миёни Маскав ва Душанбе, Федератсияи Русия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли техникаи ҳарбӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ кӯмак мерасонад, ҳамзамон муассисаҳои таълимии олии ҳарбии ФР кадрҳои низомии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро омода ва бозомӯзӣ мекунад [5]. Ҳузури пойгоҳи низомии дивизияи 201 дар шаҳри Душанбе ва манотиқи дигари кишвар дар таъмини амнияти минтақа нақши ҳалкунандаро дорад, зеро он бо аслиҳа, техника ва техникаи ҳарбии муосир, аз ҷумла, системаҳои пешрафтаи мудофиаи ҳавоӣ, ҳавопаймоҳои ҷангӣ ва мошинҳои зиреҳпӯши ҷангӣ муҷаҳҳаз аст. Ин пойгоҳ инчунин барои вокуниши фаврӣ ба таҳдиду хатарҳои фаромарзӣ ва пешгирии буҳронҳои эҳтимолии минтақавӣ хизмат мекунад.

Илова бар ин, аз соли 2004 дар шаҳри Нораки Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баландии беш аз ду ҳазор метр аз сатҳи баҳр Маркази оптикӣ-электронии “Окно” дар ҳолати навбатдории шабонарӯзӣ қарор дорад. Ин марказ хамчун воситаи самарабахши таъмин намудани кор ва идоракунии киштиҳои кайҳонӣ дар мадорҳои баланд аҳамияти махсус дорад ва нақши он дар вазъияти фавкулодда махсусан муҳим дониста мешавад. Боиси тазаккур аст, ки аз соли 2006 маркази болозикр моликияти Федератсияи Русия мебошад [3].

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Д.В. Забиров дар баробари қувваҳои зиддиҳавоӣ, Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушд ёфтанд. Аз ҷумла зикр гардидааст, ки дар соли 2006 ҷониби Федератсияи Русия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 чархболи “Ми-8” ва 2 чархболи “Ми-24”, инчунин 4 адад тайёраҳои таълимӣ-ҷангии “Л-39” -ро туҳфа намуд. Соли 2007 кӯмаки ҳарбӣ-техникӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли воридоти аслиҳаву техникаи ҳарбӣ дар ҳаҷми 50 млн.доллар таъмин гардид [3].

Маълум аст, ки соли 2014 зимни сафари кории Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Русия Сергей Лавров ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибҳо Барномаи муштараки навсозии

Қуввахои мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул карданд [1]. Федератсияи Русия дар чорчӯбаи иҷрои барномаи мазкур тааҳҳуд кардааст, ки дар раванди таҳким ва афзоиши иқтидори низомиву фаннии Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак хоҳад кард.

Қобили зикр аст, ки дар соли 2012 миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия Созишнома оид ба тамдиди ҳузури пойгоҳи низомии дивизияи 201-уми Русия ба имзо расид, ки тибқи он фаъолияти пойгоҳи болозикр дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2042 тамдид карда шуд. Соли 2014 инҷониб Федератсияи Русия ба Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон чархболҳои Ми-24 ва Ми-8, беш аз 300 адад техникаи зиреҳпӯши ҷангӣ, аз ҷумла мошинҳои зиреҳпӯши ҷангии Т-72Б1, БМП-2, БТР-80, БТР-70 ва БРДМ-2М, инчунин маҷмуаи зидди ҳамлаҳои мушакӣ, алоқа ва таҷҳизоти топографиро ба таври ройгон пешниҳод намуд [4].

Дар ин замина, яке аз самтҳои муҳимми кӯмаки низомӣ таълим ва бозомӯзии кадрҳои низомии Қуввахои Мусаллах ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии ҳарбии Федератсияи Русия мебошад. Таъсири мусбӣ ба баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ, маҳорати касбӣ ва омодагии ҷангии Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути курсҳои такмили ихтисос дар академияҳои ҳарбии Федератсияи Русия, инчунин иштирок дар машқҳои мунтазам дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (САД) мебошад.

Аҳамияти ин раванд бо назардошти таҳдиду хатарҳои доимӣ дар марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон махсусан бузург арзёбӣ мешавад.

Ҷумҳурии Қазоқистон дар навбати худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ мерасонад. Боиси тазаккур аст, ки кӯмаки бебозгашти низомии Ҷумҳурии Қазоқистон ба Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, ки 24 декабри соли 2018 ба имзо расидааст, амалӣ карда мешавад. Дар доираи созишномаи мазкур Ҷумҳурии Қазоқистон барои рушди иқтидори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷҳизоти зеринро интиқол дод:

– лавозимоти ҷангӣ (тирҳо, снарядҳо, минаҳо ва норинҷакҳо) – 173 500 адад;
– артиллерия ва лавозимоти таълимӣ – 346 адад;
– таҷҳизоти ҳамлаҳои ҳавоӣ – 35 000 адад;
– воситаҳои ҳифзи радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ – 1000 адад;
– таҷҳизоти муҳандисӣ – 420 адад;
– амволи ақибгоҳ - 4903 адад;
– таҷҳизоти кӯҳнавардӣ – 38150 адад;
– доруворӣ – 16547 адад;
– таҷҳизоти алоқа – 60 адад [6].

Мавриди ба зикр аст, ки ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Созишномаи амалкунандаи байни ҳукуматҳои ду кишвар дар бораи ҳамкориҳои низомӣ, ки 23 апрели соли 1998 ба имзо расидааст [7], сурат мегирад. Кӯмакҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Беларус ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар шакли таъмиру таҷдиди аслиҳа ва техникаҳои ҳарбии аз Иттиҳоди Шуравӣ боқимонда ва интиқоли техникаву лавозимоти дигари муосири ҳарбӣ сурат мегирад.

Боиси қайд аст, ки ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон дар соҳаи илму маориф, аз ҷумла дар соҳаи омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи ҳарбӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Ҳар сол Ҷумҳурии Озарбойҷон беш аз 10 донишҷӯи тоҷикро барои омода кардани афсарон, мутахассисони ихтисосҳои гуногуни ҳарбӣ дар Донишкадаи олии ҳарбии ба номи Ҳайдар Алиев ба таълим фаро мегирад [8]. Чунин ҳамкориҳо далели муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории бисёрҷонибаи миёни ду кишвар ба шумор меравад.

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Узбекистон низ дар дурнамои ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ нақши фаъол дорад. Зимни сафари ҳайати низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии

Узбекистон бо сардории собиқ вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковник Ш. Мирзо, Созишномаи иловагӣ дар бораи таълими донишҷӯёни тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии Ҷумҳурии Узбекистон ба имзо расид [2]. Аз ин ҷост, ки мактабҳои олии ҳарбии Ҷумҳурии Узбекистон дар доираи курсҳои такмили тахассусии хизматчиёни ҳарбӣ ва пас аз хатми муаасиса барои Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон афсарони сатҳи баланди касбӣ тайёр мекунанд.

Хулоса. Ҳамин тариқ, таҳлили ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи ҳарбӣ-техникӣ бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои аъзои ИДМ ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

- кӯмаки ҳарбию техникии давлатҳои аъзои ИДМ, пеш аз ҳама Федератсияи Русия ҳамчун шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз унсурҳои асосии низоми таъмини амният ва суботи миллӣ ва минтақавӣ арзёбӣ мегардад;

- кӯмаки ҳарбию техникӣ дар раванди таҷдид ва таҳкими иқтидори ҳарбии Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар шароити ноамнӣ дар марзҳои ҷанубии кишвар аҳамияти калон дорад;

- тайёр кардан ва бозомӯзии кадрдои баландихтисос дар муассисаҳои ҳарбии кишварҳои аъзои ИДМ омили муҳими таъмини фаъолияти босамари сохторҳои гуногуни Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадрҳои сатҳи баланди соҳавӣ мебошад;

- ҳамкории ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои ИДМ ва кишварҳои аъзои САД ҳамкориҳои мутақобилан судманд арзёбӣ мегардад;

- ҳамкории кишварҳои аъзои ИДМ дар соҳаи ҳарбӣ-техникӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфта, ба рушди равандҳои ҳамгироӣ дар фазои пасошуравӣ мусоидат мекунад;

АДАБИЁТ

1. Встреча Эмомали Рахмона с Министром иностранных дел Российской Федерации Сергеем Лавровым. Исполнительный комитет СНГ. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: URL: https://eccis.org/news/3386/vstreca-emomali-rahmona-s-ministrom-inostrannyh-del-rossijskoj-federacii-sergeem-lavrovym (дата обращения: 30.10.2025).

2. Главы Минобороны Таджикистана и Узбекистана провели переговоры и подписали новый документ, касающийся военного образования. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: URL: https://tj.sputniknews.ru/20220809/minoborony-tajikistan-uzbekistan-peregovory-1050594590.html (дата обращения: 04.11.2025).

3. Забиров Д.В. //Вестник РУДН. Серия: ГОСУДАРСТВЕННОЕ И МУНИЦИПАЛЬНОЕ УПРАВЛЕНИЕ. 2017. Т. 4. № 4. С. 343–354.

4. Обороноспособность Таджикистана укрепляется военным сотрудничеством с Россией. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: URL: https://tj.sputniknews.ru/20240223/russia-oborona-tajikistan-armiya-1061813155.html (дата обращения: 27.10.2025).

5. Соглашение между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан о статусе 201-й военной базы РФ от 5 октября 2012 г. – М., 2012.

6. Соглашение между Правительством Республики Казахстан и Правительством Республики Таджикистан об оказании безвозмездной военно-технической помощи. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: URL: https://adilet.zan.kz/rus/docs/P1800000868 (дата обращения: 03.11.2025).

7. Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Республики Беларусь о военно-техническом сотрудничестве от 23 апреля 1998 года. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=16460 (дата обращения: 03.11.2025).

8. Таджикистан-Азербайджан: дорогами дружбы и сотрудничества. Посольство Республики Таджикистан в Азербайджанской Республики. [Электронный ресурс]. - Режим

доступа: URL: https://mfa.tj/ru/baku/view/8313/tadzhikistan-azerbaidzhan-dorogami-druzhby-i-sotrudnichestva (дата обращения: 04.11.2025).

ВОЕННО-ТЕХНИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ГОСУДАРСТВ СНГ С РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН

В статье анализируется военно-техническое сотрудничество государств -членов Содружества Независимых Государств с Республикой Таджикистан. Кроме того, рассматриваются основные направления выше подчёркнутого взаимодействия, в частности вопросы обеспечения охраны государственной границы, оказания военно-технической помощи, поставок вооружения и военной техники, а также подготовки и повышения квалификации военных кадров.

Следует отметить, что после обретения государственной независимости Республика Таджикистан основываясь на опыт и военно-технический потенциал государств-участников, присоединился к соглашениям о коллективном сотрудничестве в сфере безопасности и обороны, что способствовало развитию и укреплению оборонного потенциала ВС Республики Таджикистан. Военно-техническое сотрудничество в условиях современных угроз и вызовов считается одним из решающих факторов обеспечения и укрепления национальной и региональной безопасности.

Ключевые слова: Содружество Независимых Государств, Республика Таджикистан, Российская Федерация, Вооруженные силы, сотрудничества, военно-техническая помощь, обороны и безопасность, региональная безопасность.

MILITARY-TECHNICAL COOPERATION BETWEEN THE CIS MEMBER STATES AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article analyzes the military-technical cooperation between the member states of the Commonwealth of Independent States (CIS) and the Republic of Tajikistan. Additionally, the main areas of the above-mentioned cooperation are considered, particularly points related to ensuring the state border protection, military-technical aid, supplying weapons and military equipment, also training and advanced training of military personnel.

It should be emphasized that, after gaining state independence, based on experience and military-technical potential of the participating states, Republic of Tajikistan joined agreements on collective cooperation in the field of security and defense, which promoted to the improvement and strengthening of the defense capability of the Armed Forces of the Republic of Tajikistan. Military-technical cooperation under conditions of modern threats and challenges is considered one of the main factors of to ensure and strengthen of the national and regional security.

Keywords: Commonwealth of Independent States, Republic of Tajikistan, Russian Federation, Armed Forces, cooperation, military-technical aid, defense and security, regional security.

Маълумот дар бораи муаллиф: Салимов Акбар Ҳалимович, ходими калони илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. **Телефон:** +992 92-861-40-27, **E-mail:** salimov@osiyoavrupo.tj

Сведение об авторе: **Салимов Акбар Халимович**, старший научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, **адрес**: г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. **телефон:** +992 92-861- 40-27; **E-mail**: salimov@osiyoavrupo.tj

Information about Author: **Salimov Akbar Halimovich**, senior research fellow of Department of South-East Asia of the Institute for Asian and European Studies of NAST, **address:** Dushanbe, Rudaki avenue, 33. **Phone:** +992 92-861-40-27; **E-mail**: salimov@osiyoavrupo.tj

ТАЪСИРИ ОМИЛИ АФҒОНӢ БА ҲАМКОРИҲОИ МУТАҚОБИЛИ ТОҶИКИСТОНУ РОССИЯ ДАР ДОИРАИ СААД

ЗУБАЙДУЛЛО ДАВЛАТОВ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола таъсири омили афғонӣ ба ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф аҳамияти геополитикии Осиёи Марказӣ ва нақши Тоҷикистонро ҳамчун сарҳадӣ ҷанубии Созмон дар таъмини амнияти минтақавӣ баррасӣ менамояд. Таҳлил карда мешавад, ки ноустувории сиёсӣ ва низомӣ дар Афғонистон, махсусан баъд аз соли 2021, боиси тақвияти ҳамкориҳои ҳарбӣ, техникӣ ва сиёсӣ байни Тоҷикистон ва Россия гардидааст.

Дар мақола масъалаҳои таҳкимӣ ҳифзи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва нақши СААД дар муқовимат бо таҳдидҳои фаромиллӣ таҳқиқ шудаанд. Хулоса бояд таъкид намоем, ки омили афғонӣ яке аз омилҳои калидии рушди шарикии стратегии Тоҷикистону Россия дар самти амнияту суботи минтақа ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Афғонистон, Федератсияи Россия, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, амнияти минтақавӣ, сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ҳамкориҳои ҳарбӣ, терроризм, ифротгароӣ, геополитика.

Муқаддима. Дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ масъалаҳои таъмини амният ва суботи минтақавӣ аҳамияти махсус пайдо намудаанд. Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи дорои аҳамияти муҳими геополитикӣ дар чорроҳаи манфиатҳои қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ қарор дорад. Дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон беш аз 1400 километр сарҳади муштарак дорад, дар таъмини амнияти минтақа нақши калидӣ мебозад. Ноустувории сиёсию низомии Афғонистон, фаъолияти гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар таҳдидҳои фаромиллӣ ба амнияти давлатҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон ва Федератсияи Россия таъсири мустақим мерасонанд.

Баъди моҳи августи соли 2021 ва ба сари қудрат омадани ҳаракати «Толибон» вазъи амниятӣ дар Афғонистон ба яке аз масъалаҳои муҳими рӯзномаи ҳамкориҳои минтақавӣ табдил ёфт. Дар чунин шароит ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аҳамияти бештар пайдо намуда, масъалаи таҳкими сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва рушди механизмҳои амнияти дастаҷамъӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши таъсири омили афғонӣ ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар доираи СААД аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиш ва таҳлили таъсири омили афғонӣ ба рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор мегиранд:

- муайян намудани хусусиятҳои асосии вазъи сиёсию амниятии Афғонистон ва таъсири он ба минтақаи Осиёи Марказӣ;
- таҳлили нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарҳади ҷанубии минтақаи масъулияти СААД;
- омӯзиши самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи амният ва мудофиа;
- арзёбии нақши СААД дар таҳкими ҳифзи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва муқовимат ба таҳдидҳои фаромиллӣ;

- муайян намудани дурнамо ва аҳамияти ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар таъмини амнияти минтақавӣ дар шароити таъсири омили афғонӣ.

Осиёи Маркази дар фазои муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи муҳими геополитикиро ишғол менамояд. Дар таъмини амнияту суботи минтақа ҳамкориҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (САД) нақши муҳим дорад. Муддати тулонист, ки Афғонистон барои давлатҳои ҳамҷавор ва минтақа ба сифати манбаи таҳдид шинохта шудааст. Анқариб тайи панҷоҳ сол аст, ки вазъияти Афғонистон аз ҷиҳати сиёсию низомӣ хеле мураккаб боқӣ мемонад. Баъд аз ба сари ҳокимият омадани таҳрики толибон моҳи августи соли 2021 вазъият боз ҳам печидатар гардид. Чунин ранг гирифтани вазъ такмил додани иқтидори дифоии сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки сарҳади ҷанубии минтақаи САД шумурда мешавад тақозо менамояд.

Методҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот маҷмӯи усулҳои илмии назариявӣ ва таҳлилӣ истифода шудаанд. Пеш аз ҳама, методи таҳлили сиёсӣ барои омӯзиши вазъи амниятии Афғонистон ва таъсири он ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия татбиқ гардид. Ҳамчунин, усули таҳлили муқоисавӣ барои баррасии тағйироти ҳамкориҳои дуҷониба то ва баъд аз таҳаввулоти сиёсии Афғонистон дар соли 2021 истифода шуд.

Методи таҳлили ҳуҷҷатҳо барои омӯзиши санадҳои меъёриву ҳуқуқии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, қарорҳои мақомоти олии САД, суханрониҳо ва изҳороти расмии роҳбарони давлатҳои аъзо ба кор гирифта шуд. Илова бар ин, усули таҳлили системавӣ имконият фароҳам овард, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар доираи САД ҳамчун ҷузъи низоми амнияти минтақавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Заминаи манбаъшиносии таҳқиқотро асарҳои илмӣ, мақолаҳои таҳлилӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маводи иттилоотии сохторҳои давлатӣ ташкил медиҳанд.

Дар сарсухани китоби «Буҳрони Афғонистон ва амнияти минтақавӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо)» аз ҷумла чунин навишта шудааст: «Масъалаи Афғонистон як буҳрони мураккаби чандзинаӣ буда, ҳам сатҳи миллӣ, ҳам сатҳи минтақавӣ ва ҳам сатҳи байналмилалиро фаро мегирад. Бинобар ин, ҳангоми омӯзиши моҳияти ин масъала бояд таваҷҷуҳ дошт, ки домана ва таъсири масъалаи Афғонистон басе васеътар аз сатҳи худи ин кишвар мебошад»[1,5].

Табиист, ки Тоҷикистону Россия дар самти таъмини амният дар сарҳадот манфиатҳои муштарак доранд. Ҳар ду давлат хуб дарк мекунанд, ки доман паҳн кардани ифротгароӣ, терроризм ва қочоқи маводи мухаддир аз ҳудуди Афғонистон натанҳо боиси халалдор шудани амнияти онҳо балки тамоми қитъаи Авруосиё буда метавонад. Таҷрибаи ҷаҳони собит мекунад, ки ба ҳам мувофиқ наомадани манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ дар ин гушаи ҷаҳон вазъиятро аз пештара дида бештар муташаниҷ мегардонад.

Бинобар сабаби ҷойгиршавии ҷуғрофӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи масъулияти САД мавқеи «буферӣ» - ро дар самти таҳдидҳои ҷанубӣ ишғол менамояд. Барои пешгирӣ аз ин хатару таҳдидҳо Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии техникию ҳарбӣ мерасонад. Чунин ёрӣ ба тарзи машқҳои якҷояи ҳарбӣ, таъмиру такмили техникаи ҳарбӣ ва тайёр кардани мутахасисони соҳибкасб ба роҳ монда мешавад. Мавҷуд будани таҳдиду хатарҳо аз самти Афғонистон барои вусъати муносибатҳои ҳамгироии ҳарбӣ ҷонибҳоро водор менамояд.

Авзои мутушаниҷи Афғонистон, таҳдиду хатарҳои ифротию террористӣ аз ин кишвар ба сулҳу суботи давлатҳои Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Имрӯз ин вазъият ба масъалаи ҳалталаби минтақа табдил ёфтааст. Шояд дар чанд соли минбаъда идеологияҳои тундрави ифротӣ дар ин кишвар бештар паҳн шуда, хатари густариши он ба давлатҳои минтақа ва аз ҷумла ба Тоҷикистон меафзояд. Амнияту суботи Афғонистон ба манфиати амнияту суботи ҳамсоякишварҳо мусоидат карда метавонад. Аз ин ҷиҳат давлатҳои Осиёи Марказӣ ба суботу сулҳи Афғонистон манфиатдоранд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16 09.2021 дар Ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ

суханронӣ намуда таъкид намуданд, ки«... зарурати идомаи кори муштараки пайваста оид ба ҳар чи зудтар ба итмом расонидани ҳамоҳангсозии Барномаи мақсадноки байнидавлатии СААД ҷиҳати таҳкими қитъаи сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро зарур мешуморем»[2].

Дар ҷаласаи якҷояи Шӯрои вазирони мудофиа ва корҳои хориҷӣ дар Душанбе 16.09.2021 оид ба вазъи сиёсӣ – ҳарбии Афғонистон қабул карда шуд. Дар изҳорот аз ҳамаи мазҳабиёни Афғонистон даъват ба амал оварда шуд, ки аз даргириҳои яроқнок худдорӣ намоянд. Вазъ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон нигаронкунанда боқи мемонад. Кишварҳои узви СААД ҳангоми буҳрони шудани вазъият ба Тоҷикистон ҳама гуна кумакҳои лозимии ҳарбӣ ва ҳарбӣ – техникиро мерасонанд. Дар ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ 16.09.2021 дар шаҳри Душанбе дар ин бора Дабири кулли СААД Станислав Зас таъкид намуда буданд. Дар ин ҷаласаи СААД панҷ адад изҳорот қабул гардид, ки яке аз онҳо изҳороти дастҷамъонаи давлатҳои аъзои СААД«Дар бораи вазъи Афғонистон» номгузори шуда буд. Дар ҳамин изҳорот аз ҷумла чунин омадааст: «Кишварҳои узви СААД ҳамчунин ба саркӯби ҳама гуна таҳдидҳои амниятӣ, ки аз қаламрави Афғонистон сар мезананд, даъват мекунанд ва азми худро барои истифодаи захираҳои мавҷуда дар СААД барои таъмини амнияти кишварҳои узв тасдиқ мекунанд»[3].

Дар моддаи 7 оинномаи СААД уҳдадории давлатҳои аъзо омадааст, ки мутобиқ ба он давлатҳои узв вазифадоранд бо ҳамдигар аз рӯи масъалаҳои рӯзмараи байналмилалии ба амнияту манфиаташон дахл дошта бо ҳам маслиҳат намуда мавқеъгириашонро бо ҳам мутобиқ намоянд. Дар ҳолати мавҷуд будани таҳдид ба суботу амният, дахлнопазирии сарҳадҳои яке аз давлатҳои аъзои СААД дигар давлатҳо таъҷилан ниҳоди машваратии Созмонро даъват намуда, чораҳо меандешанд. Ин андеша дар моддаи 7 уми Оинномаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ чунин баён шудааст: «Барои ноил шудан ба ҳадафҳои Созмон, давлатҳои аъзо ҷиҳати дар доираи он ташаккул додани низоми муассири амнияти дастҷамъӣ тадбирҳои муштарак меандешанд, ки мудофиаи дастҷамъиро дар сурати ба миён омадани таҳдид ба амният, субот, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрӣ, инчунин татбиқи ҳуқуқ ба мудофиаи дастҷамъиро таъмин менамояд»[4].

Омили афғонӣ ба муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар чаҳорчуби Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ нақши муайянкунанда дошта боиси мустаҳкам шудани иттиҳоди ҳарбии Тоҷикистону Россия гардидааст. Носуботи дар Афғонистон бахусус баъди ба сари ҳукумат омадани таҳрики толибон моҳи августи соли 2021 дар ин кишвар доман паҳн кард.Таҳдиду хатарҳо аз Афғонистон аз ҳар ду давлат вокунишҳои дастҷамъонаро тақозо менамояд.

Созмон (СААД) сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро сарҳади ҷанубии худ шуморида ҳифзи онро самти афзалиятноки фаъолияти худ меҳисобад. Бо ин мақсад моҳи ноябри соли 2024 Барномаи мақсадноки байнидавлатӣ оид ба мустаҳкамгардонии қитъаҳои сарҳад қабул карда шуд, ки таъмини қушунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо силоҳ ва техникаи ҳарбӣ пешбини менамояд. Дар назар аст, ки соли 2026 низ таҳвили силоҳ барои қушукнҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дода шавад.

Дар самти муқовимат ба воридшавии ҷангиён, паҳншавии идеологияи ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ки аз марзи Афғонистон сар мезанад муштаракан вокуниш ба роҳ мемонанд.

Пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди таъсиси «камарбанди амниятӣ» - ро дар атрофи Афғонистон Федератсияи Россия дар чаҳорчуби СААД ҷонибдори менамояд. Дар СААД барои пешгири аз таҳдиду хатарҳо гуруҳи кории махсус фаъолият дорад, ҳар сари чанд вақт тамринҳои муштараки ҳарбӣ ташкил карда мешаванд, ки ба таҳкиму такмили ҳамоҳангсозии вокунишҳо ҳангоми рахнаи марҳади давлатӣ нигаронида мешаванд.

Як қатор таҳдидҳои сарҳадие ҳастанд, ки боиси пешрафт кардани ҳамкориҳои ҳарбӣ мегарданд. Ин таҳдидҳо пеш аз ҳама фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ дар сарҳад, қочоқи маводи мухаддир, зафъи назорати сарҳад аз ҷониби Афғонистон. Табиист, ки чунин сурат

гирифтани вазъ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба шарики калидии Россия табдил дода ҳамкориҳои ҳарбии онҳоро боз ҳам густурдатар мегардонад.

Бо ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи таъмини амнияту субот дар Сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ба масъалаи минтақавӣ ва байналмилалӣ табдил ёфт. Ҳоло ин масъала аз ҷониби Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дастгирии ҳамешагӣ ёфта истодааст.Тоҷикистон бо Афғонистон беш аз 1400 км сарҳади муштарак дошта ба ҳамкориҳои ҳарбӣ дар қитъаи масъулияти Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ниёзи бештар дорад.

Дар иҷлосияи САД, ки 2.12.2020 барпо гардид Президенти Федератсияи Россия В.В. Путин чунин қайд намуд: «Мехоҳам таъкид кунам, ки Тоҷикистон дар ҷилавгирӣ аз таҳдидҳое, ки аз кишварҳои ҳамсоя меоянд, нақши муҳим дорад». Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин афзуд, ки ба Тоҷикистон то ҳадди имкон бо истифода аз имкониятҳои сох торҳои низомии Россия дар ин ҷумҳурӣ кумак хоҳад кард.[5]

Масоҳати умумии кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ зиёда аз 20,3 миллион км – ро дар бар гирифта аҳолии он то ибтидои соли 2026 194 миллион нафарро ташкил медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъиро ҳамчун василаи таъмини амнияти минтақа ва байналмилалӣ дидан мехоҳад. Фаъол намудани ҳамкориҳои ҳарбию сиёсӣ, ҷоннок намудани ҳамгироиҳои ҳарбию техникии давлатҳои узви Созмон на танҳо ба манфиати Тоҷикистон балки ба манфиати куллӣ давлатҳои минтақа мебуд. Метавон бо эътимоди комил таъкид намуд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арафаи таҷлили ҷашни муҳимтарини миллӣ – 35 солагии истиқлолияти давлатӣ имкон дорад, ки бо ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чаҳорчуби Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти таъмини суботу амнияти комил ҳисагузор бошад.

28 ноябри соли 2024 сарони давлатҳои узви САД аз натиҷаи ҷаласаи Шурои амнияти дастаҷамъи Барномаи мақсадноки байнидавлатии Созмон оид ба таҳкими сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро қабул намуданд. Мақсад аз Барнома таҳкими минбаъдаи сарҳад буда дар он интиқоли техникаи ҳарбӣ ва аз ҷиҳати техникӣ такмили дифои сарҳад, таъмини Ҷумҳурии Тоҷикистон бо яроқу аслиҳа дар назар дошта шудааст. Ин барномаи мақсаднок барои 5 сол таҳрези шуда то соли 2030 давом хоҳад кард. Ҷомаи амал пушидани Барномаи мазкур бешубҳа натиҷаи фаъолияти самараноки Тоҷикистон дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ буда мустаҳкам намудани сарҳади ҷанубии Созмонба манфиати ҳамаи давлатҳои узв хоҳад буд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон узвият дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аҳамияти муҳиме барои таъмини амнияту субот дорад. Ин созмон ба сифати сипари амниятӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ хизмат мекунад. Аҳамияти асосии САД барои Тоҷикистон аз инҳо иборат аст:

Ҳифзи сарҳади давлатӣ. Таҳкими сарҳади Тоҷикистону Афғонистоняке аз авлавиятҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Барномаи ҳадафманди САД, ки то соли 2030 амал хоҳад намуд ба таъмини нерӯҳои сарҳадӣ бо техникаи муосири ҳарбӣ ва силоҳ нигаронида шудааст.

Мубориза бо таҳдидҳои муосир.Замони муосир таҳдиду хатарҳои зиёде эҷод намудааст. Дар пешгирӣ аз терроризм ва ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили фаромилӣ САД нақши калидӣ мебозад.

Ҳамкории ҳарбӣ – техникӣ. Барои солҳои 2026 – 2030 нақшаи рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ тартиб дода шудааст, ки барои таҷҳизонидани нерӯҳои мусаллаҳи кишвар, омодабошии ҷангии онҳо тариқи машқҳои муштарак ба монанди «Бародарии шикастнопазир - 2025» ва «Рубеж 2025» ба дараҷаи баланди сифати бардошта мешавад.

Амнияти иттилоотӣ ва киберӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро дар чаҳорчуби СААД баҳри муқовимат бо киберҷиноятҳо, истифодаи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои нави рақамӣ аз тарафи гурӯҳҳои радикалӣ тақвият медиҳад.

Кафолати амнияти дастаҷамъӣ. Мувофиқи оинномаи СААД, дар сурати таҳдид ба амният, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон, кишварҳои аъзои Созмон вазифадоранд, ки кумаки зарурӣ, аз ҷумла низомӣ расонанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, СААД танҳо созмони низомӣ набуда балки кафолати муҳим барои таъмини амнияту суботи минтақавӣ дар вазъи муташаниҷи геополитикии ҷаҳон мебошад.

Хулоса. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки омили афғонӣ яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба ҳисоб меравад. Ноустувории сиёсӣ ва низомии Афғонистон, фаъолияти гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, қочоқи маводи мухаддир ва дигар таҳдидҳои фаромиллӣ зарурати тақвияти ҳамкориҳои ҳарбӣ, ҳарбӣ-техникӣ ва сиёсиро байни ду кишвар ба вуҷуд овардааст.

Муайян гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарҳади ҷанубии минтақаи масъулияти СААД дар таъмини амнияти минтақавӣ мавқеи муҳим дорад. Дар ин замина Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои аъзои СААД барои таҳкими иқтидори мудофиавии Тоҷикистон, муҷаҳҳазсозии қӯшунҳои сарҳадӣ ва баргузории машқҳои муштараки ҳарбӣ мусоидат менамоянд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки татбиқи Барномаи мақсадноки байнидавлатии СААД оид ба таҳкими сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ва такмили механизмҳои вокуниши дастаҷамъӣ ба таҳдидҳои амниятӣ барои таъмини субот дар Осиёи Марказӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар маҷмӯъ, омили афғонӣ на танҳо ҳамчун манбаи таҳдид, балки ҳамчун ангезаи таҳкими шарикии стратегии Тоҷикистону Россия дар соҳаи амният ва рушди механизмҳои амнияти дастаҷамъӣ дар фазои СААД арзёбӣ мегардад.

Адабиёт

1. Буҳрони Афғонистон ва амнияти минтақавӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо). Душанбе, «Ирфон»,2014,188 саҳ. С.-5
2. Иштироки Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон дар Ҷаласаи Шӯрои амнияти дастҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ Манбаи электронӣ. https://mfa.tj/tg/main/view/8622/ishtirok-dar-jalasai-shuroi-amniyati-dastjamii-sozmoni-ahdnomai-amniyati-dastjami-saad
Санаи дархост:14.04.2026
3. Дар ҷаласаи якҷояи ШВКХ, ШВМ ва ККША СААД иштирокчиён оид ба вазъи низомӣ-сиёсии минтақа мубодилаи афкор намуданд. Манбаи электронӣ. https://khovar.tj/2021/09/dar-alasai-yak-oyai-shvkh-shvm-va-kksha-saad-ishtirokchiyon-oid-ba-vazi-nizom-siyosii-minta-a-mubodilai-afkor-namudand/Санаи дархост:16.04.2026
4. Оинномаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ.Манбаи электронӣ: https://odkb-csto.org/documents/ Санаи дархост:21.04.2026
5. Суханронии В. Путин зимни нишасти (видеоии) саронии СААД. Манбаъи электронӣ: http//www/sputnik.tj.com.Санаии дархост:19.01.2021.

ВЛИЯНИЕ АФГАНСКОГО ФАКТОРА НА ВЗАИМНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА И РОССИИ В РАМКАХ ОДКБ

В статье анализируется влияние афганского фактора на взаимное сотрудничество Республики Таджикистан и Российской Федерации в рамках Организация Договора о коллективной безопасности. Автор рассматривает геополитическое значение Центральной Азии и роль Таджикистан как южного пограничного рубежа Организации в обеспечении региональной безопасности. Анализируется, что политическая и военная нестабильность в

Афганистан, особенно после 2021 года, привела к укреплению военного, технического и политического сотрудничества между Таджикистан и Россия.

В статье исследуются вопросы укрепления охраны таджикско-афганской границы, борьбы с терроризмом, экстремизмом, незаконным оборотом наркотических средств, а также роль Организация Договора о коллективной безопасности в противодействии транснациональным угрозам. Делается вывод, что афганский фактор является одним из ключевых факторов развития стратегического партнёрства Таджикистан и Россия в сфере безопасности и стабильности региона.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, Афганистан, Российская Федерация, Организация Договора о коллективной безопасности, региональная безопасность, таджикско-афганская граница, военное сотрудничество, терроризм, экстремизм, геополитика.

THE INFLUENCE OF THE AFGHAN FACTOR ON THE MUTUAL COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND RUSSIA WITHIN THE FRAMEWORK OF THE CSTO

The article analyzes the influence of the Afghan factor on mutual cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation within the framework of the Collective Security Treaty Organization. The author examines the geopolitical significance of Central Asia and the role of Tajikistan as the southern border of the Organization in ensuring regional security. It is analyzed that political and military instability in Afghanistan, especially after 2021, has led to the strengthening of military, technical, and political cooperation between Tajikistan and Russia.

The article explores issues related to strengthening the protection of the Tajik–Afghan border, combating terrorism, extremism, and illicit drug trafficking, as well as the role of the Collective Security Treaty Organization in countering transnational threats. It is concluded that the Afghan factor is one of the key drivers of the strategic partnership between Tajikistan and Russia in the field of security and regional stability.

Keywords: Republic of Tajikistan, Afghanistan, Russian Federation, Collective Security Treaty Organization, regional security, Tajik–Afghan border, military cooperation, terrorism, extremism, geopolitics.

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич-ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; Телефон: 005507647, почтаи электронӣ: davlatov5757@mail.ru

Сведения об авторе:Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич-старший научный сотрудник отдела Содружества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33; Телефон: 005507647, электронная почта: davlatov5757@mail.ru

About the author: Davlatov Zubaydullo Abdulloevich- Senior Researcher, Department of the Commonwealth of Independent States, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33; Phone: 005507647, e-mail:

УДК 327(575.3):37

ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ ТАДЖИКИСТАНА СО СТРАНАМИ ШОС В ОБЛАСТИ ОБРАЗОВАНИЯ

ВОХИДОВА МАДИНА
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

В статье рассматриваются основные направления сотрудничества Республики Таджикистан со странами Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) в сфере образования. Проведен анализ институциональных механизмов взаимодействия, деятельности Совещания министров образования государств-членов ШОС, а также этапов формирования и развития Университета ШОС.

Особое внимание уделено вопросам академической мобильности, студенческого обмена, цифровизации образовательного пространства и реализации совместных научно-образовательных проектов. Исследуются современные тенденции интеграции таджикских вузов в международное образовательное пространство, расширение межвузовского сотрудничества и участие Таджикистана в гуманитарных инициативах ШОС. В статье подчеркивается роль Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в развитии образовательной дипломатии и укреплении научного взаимодействия в рамках организации.

Сделан вывод о том, что сотрудничество в образовательной сфере способствует развитию человеческого капитала, укреплению региональной стабильности и формированию единого гуманитарного пространства ШОС.

***Ключевые слова**: ШОС, Таджикистан, образование, Университет ШОС, академическая мобильность, гуманитарное сотрудничество, цифровизация образования, международное сотрудничество, студенческий обмен, образовательная интеграция, межвузовское взаимодействие.*

Введение. В условиях глобализации образование становится одним из ключевых направлений международного сотрудничества. Шанхайская организация сотрудничества (ШОС) как важная региональная платформа играет значительную роль в развитии гуманитарного и научного взаимодействия. Республика Таджикистан, являясь активным участником данной организации, вносит существенный вклад в формирование единого образовательного пространства.

В последние годы сотрудничество Таджикистана со странами ШОС в сфере образования значительно расширилось, особенно в области академической мобильности, совместных научных проектов и цифровизации образования. Данный процесс способствует не только повышению качества образования, но и укреплению дружественных связей и развитию человеческого капитала.

Методология исследования. В процессе исследования был использован комплекс теоретических и эмпирических научных методов. В частности, системный анализ применялся для изучения сотрудничества Республики Таджикистан со странами-членами Шанхайской организации сотрудничества в сфере образования. Сравнительный метод позволил рассмотреть особенности развития образовательного взаимодействия на различных этапах и между государствами-участниками.

Также использовался метод анализа документов для изучения официальных актов ШОС, совместных программ, межгосударственных соглашений и статистических материалов. Статистико-аналитический метод применялся для выявления тенденций развития академической мобильности, в частности динамики студенческих обменов.

Кроме того, метод контент-анализа использовался для изучения образовательных программ и гуманитарных инициатив в рамках ШОС.

Целью данного исследования является изучение основных направлений и тенденций сотрудничества Республики Таджикистан со странами ШОС в сфере образования.

Система образования в странах ШОС в последние годы стало заметно важнее, чем это казалось два десятилетие назад. Страны партнёры через совместные программы, научные проекты и студенческие обмены пытаются создать общее гуманитарное и интеллектуальное пространство. Процесс не всегда идёт стремительно, но прогресс виден. Особенно это проявляется среди молодёжи так как студенты заводят знакомства, обмениваются мнениями, находят точки соприкосновения и глубже постигают жизненные опыты и общие интересы друг друга. Человеческие общение и культурный обмен очень важен для стабильности и развития региона стран ШОС [3. с. 56].

В последние годы Республика Таджикистан очень активнее учувствует в системе сотрудничества образования стран-членов ШОС. Это не ограничивается всего лишь подписанием документов, деклараций или участием в официальных научных мероприятиях. Страна постепенно усиливает своё участие в формировании общего и единого образовательного пространства поддерживая совместные инициативы и взаимодействие между учебными заведениями стран ШОС. Сегодня благодаря этой деятельностью образовательные учреждение стран-члены ШОС лучше понимают друг друга что способствует укреплению взаимоотношения и доверия. Сегодня развития системы образования в стране напрямую связанно с постоянными усилиями Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. Приоритетными направлениями для Правительства республики являются расширение сотрудничества между Вузами, академическая мобильность и внедрение актуальных методов обучения в систему образования страны. Эти условия направлены не только для преобразования внедрённой политики образования, но и на формирование более активной и гибкой образовательной системы, которая будет отвечать потребностям времени [7].

Внешняя образовательная политика Правительства Республики Таджикистан учитывая приоритеты ШОС, охватывает различные направление взаимодействия такие как развитие сотрудничества между Вузами, поддержка академической мобильности студентов и преподавателей, увеличение числа квот по совместным научным исследованиям и самое главное подготовки специалистов нового поколения отвечающим вызовам меняющегося мира. Цифровизация системы образования также является одним из ключевых аспектов «Национального стратегия развития образования Таджикистана на период до 2030 года» [6].

Взаимодействие Вузов стран-участниц ШОС продолжает играть важную роль. Благодаря этим связям Таджикистан не только активно учувствует в международных образовательных инициативах, но и уверенно и постепенно усиливает свои позиции в гуманитарной и научной областях организации.

В рамках организации формируется устойчивая система культурно-гуманитарного сотрудничества, особенно заметная в сфере образовательных обменов. Студенты, преподаватели и научные сотрудники образовательных учреждений получают возможность обучаться, проходить стажировки и трудоустроиться в университетах стран-участниц ШОС. Эти обмены выходят за рамки формальных процедур и создают реальные профессиональные связи между странами. Важную роль в данном процессе играет участие Таджикистана в Университете ШОС. Через эту платформу укрепляются научные-академические связи, устанавливаются новые научные контакты и расширяется сотрудничество между учреждениями. Для Таджикистана это не просто участие в глобальной структуре, а возможность более активно интегрироваться в образовательные системы и научное пространство организации. Молодёжные и культурные проекты также играют очень большую роль. Они способствуют межкультурному диалогу, содействуют улучшению взаимопониманию между молодыми поколениями и способствуют преодолению культурных различий между странами что в современных условиях это является особо актуальным [1. с. 114].

Правительство Республики Таджикистана постепенно улучшает систему образования в стране. Тут речь идёт не только о повышении национальной системы образования, хотя и

это безусловно имеет большое значения. Параллельно с этим наблюдается укрепление Таджикистана в международной арене в образовательной среде что свидетельствует о расширении академических связей и повышении интереса к совместным научно-исследовательским проектам. Этот процесс показывает, как образование трансформировалось из сугубо внутреннего элемента государственной политики в важнейший компонент её внешней гуманитарной стратегии. В результате этой политики Таджикистан получает уникальные возможности для обмена передовым опытом подготовки высококвалифицированных кадров и укрепления своего влияния в образовательном пространстве ШОС.

Сегодня таджикские Вузы всё чаще учувствуют в международных образовательных проектах и программах. Это особенно ярко проявляется в деятельности Таджикского национального университета, Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, Таджикского технологического университета и Российско-Таджикского славянского университета. Эти учреждения активно развивают партнёрские отношения с зарубежными образовательными заведениями, учувствуют в рейтингах, совместных проектах и внедряют новые образовательные программы обучения. Всё это положительно влияет на качество образования и подготовке специалистов, востребованных не только внутри страны, но и на глобальном рынке труда [12. с. 19].

Сеть УШОС была создана ещё 2007 году для того, чтобы объединить образовательные возможности стран-участников организации. Сейчас она включает десятки университетов и их уже более 80, аз из Таджикистана 10 университетов это Таджикский национальный университет, Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, Таджикский государственный медицинский университет имени А. Сино, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, Таджикский технический университет имени академика М. Осими, Технологический университет Таджикистана, Таджикский аграрный университет и Российско-Таджикский Славянский университет и постепенно превращается в важный механизм академического сотрудничества в регионе.

Особое внимание в рамках этой площадки уделяется подготовке специалистов в сферах STEM, IT, энергетики, экологии, медицины и гуманитарных наук. Тут всё чаще появляются новые возможности, совместные образовательные программы, исследовательские проекты и самое главное устойчивые научные контакты между университетами [10. с. 19]. Таджикские университеты постепенно набирают популярность на международной образовательной среде организации. Каждый год студенты выезжают на обучение в ведущие вузы стран ШОС. В тоже время сами университеты Таджикистана всё больше принимают иностранных студентов. Сейчас особенно активно развиваются программы двойных дипломов в бакалавриате и магистратуре. Проводятся больше совместные конференции, встречи, научные обсуждение и именно в таких площадках нередко рождаются идеи, которые потом превращаются в реальные проекты и новые исследования [12. с. 16].

Студенческий обмен и академическая мобильность остаются ключевыми показателями эффективности образовательного сотрудничества на пространстве организации. В последние годы значительно возросло число таджикских студентов, обучающихся в Вузах стран ШОС. Эта направление вероятно сохраниться и в дальнейшем что указывает не только на укрепление академических связей между странами-участниками, но и на постепенное объединение их образовательных систем. В этой стремлении Вузы ищут новые способы взаимодействия, трансформируются методы подготовки специалистов, увеличивается пространство для научного и профессионального диалога. В перспективе такие изменения способствуют улучшению человеческого капитала и образовательные взаимодействия

становится более стабильным, практичным и ориентированным на конкретные нужды стран ШОС [4. с. 4].

Диаграмма 1: Тенденции и перспективы изменения числа таджикских студентов в странах-участницах ШОС с 2020 по 2024 год

Год	Россия	Китай	Узбекистан	Казахстан
2020	20200	2700	115	175
2021	22100	3100	285	205
2022	22800	3700	375	275
2023	23200	4100	710	320
2024	28728	5400	980	400



Диаграмма показывает как Таджикистан сотрудничает в области образования с другими странами-членами ШОС. Россия сохраняет свою значимость в образовательном контексте. К 2024 году свыше 2800 студентов из Таджикистана обучились в российских высших учебных заведениях, что подтверждает её статус одного из самых востребованных направлений для таджикской молодёжи. Китай занимает второе место. Там учатся более 5000 таджикских студентов и их число растёт с каждым днём. Особенно популярны IT инженерные специальности, медицина и изучения китайского языка. Узбекистан и Казахстан становятся всё более популярными среди студентов из Таджикистана.

Инициатива в области образования является частью обширной стратегии сотрудничества между Таджикистаном и Китаем. Программы академического обмена и стипендии, финансируемые китайским правительством и университетами, способствуют формированию нового поколения специалистов с международной подготовки. И да, необходимо учитывать тот факт, что между Министерством образования и науки Республики Таджикистан и Министерством образования Китайской Народной Республики подписано соглашение о взаимном признании дипломов в сфере образования и учёных степеней [8.]. Этот образовательный процесс выходит за рамки простого обучения. Он закладывает фундамент для будущего экономического, научного и технологического развития обеих стран.

В тоже время всё больше очевидным становиться интерес китайской молодёжи к таджикской культуре и образовательной системе. Китайские студенты всё чаще становятся участниками программ таджикских Вузов, изучают языки, историю региона и культурное наследие страны. Для большинства из них это не просто обучение за границей. Это шанс

глубже узнать традиции таджикского общества, специфику Центральной Азии и культурную среду, которая ранее была им мало знакома [8].

Диаграмма 2: Китайские студенты в вузах Таджикистана (2020-2024)



За последние годы количество китайских студентов, обучающихся в университетах Таджикистана значительно возросло. В 2020 году их было около 180 человек, а к 2024 году эта цифра почти удвоилась и составила примерно 350 студентов. К примеру, в Таджикском государственном педагогическом университете обучаются более 50 китайских студентов что говорить о вышеупомянутым фактам. Стоить отметить, что в 2024 году Китайская ассоциация высшего образования Шанхайской организации сотрудничества и Китайский центр международного научного обмена при Министерстве образования Китайской Народной Республики присвоили 89 специальностям Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни международную институциональную аккредитацию что и есть другой факт об интересе китайских студентов в обучении в данном университете или тот факт, что этот университет занял первое место в рейтинге высших учебных заведений Республики Таджикистан по версии Министерства образования Китайской Народной Республики в 2024 году.

Подобные инициативы постепенно становятся важной основой для формирования общего гуманитарного пространства внутри организации. И это, наверное, один из самых устойчивых форматов международного сотрудничества в области образования [13. с. 63]. Всё это свидетельствует об ориентированной на образование политике Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. В своих выступлениях он постоянно подчёркивает важность подготовки высококвалифицированных специалистов, продвижения научных исследований и укрепления межгосударственного сотрудничества в сфере образования. Наиболее отчётливо эта позиция была выражена на саммите глав государств ШОС в Душанбе 2021 году, где основное внимание было уделено усилению гуманитарных, научных и образовательных связей между странами-участниками организации. Эти предложения впоследствии были зафиксированы в итоговых документах ШОС [5. с. 51].

В современном образовательном сотрудничестве стран ШОС Совещание министров образования занимает ключевое место. Эта платформа со временем превратилась в центральное место для обсуждения общих стратегий и запуска новых гуманитарных проектов. На заседаниях поднимаются вопросы студенческих обменов, цифровизации

учебных программ, развития УШОС и укрепления связей между учебными заведениями. Однако сегодня эти встречи вышли за рамки формальных обсуждений. Теперь это живая площадка для обмена передовым опытом и поиска совместных решений. Основное внимание уделяется созданию единого образовательного пространства и внедрению передовых технологий [9. с. 65].

Образовательное сотрудничество в рамках ШОС развивалось постепенно и последовательно. В 2006 году в Пекине прошло первое Совещание министров образования стран-участниц. Через два года на встрече в Нур-Султане, была предложена концепция УШОС, которая впоследствии стала важным элементом гуманитарного сотрудничества организации. В последующие годы темы совещаний стали более разнообразными. На встрчах в Новосибирске, Бишкеке, Барнауле и Душанбе обсуждались вопросы улучшения качества высшего образования, развитяи университетской сети, запуска совместных образовательных программ и совершенствования нормативно-правовой базы. К 2018 году страны ШОС подписали соглашение об учреждениее УШОС и уствердили план его развития. На более поздных встречах в Москве и Урумчи основными темами стали цифровизаиция образования, взаимодействие с молодёжю и внедрение инновационнах методик обучения [8].

Развитие сотрудничества в образовании в ШОС с 2006 по 2025 год делиться на три этапа. Первый (2006-2012) был посвещён началу проекта созданию УШОС и определению направлений взаимодействия. Второй (2012-2018) официальному оформлению УШОС и в разработке правил и запуску организационных процессов. Третий (2025-2025) переходу практической модернизации, внедрению цифровых технологий, академической мобильности и новым методам обучения что отражает стремления ШОС адаптировать систему образования к новым глобальным условиям.

Таким образом, взаимодействия Таджикистана со странами ШОС в образовательной сфере сегодня уже не ограничиваеться в обычными инициативами а представляет собой устойчивую систему сотрудничества. Республика активно учавствует в академических обменах, научных исследованиях, цифровых программах и развития УШОС. Эти все усилия постепенно укрепляют позиции страны не только в региональном но и в мировом образовательном пространстве.

Заключение. Результаты исследования показывают, что сотрудничество Республики Таджикистан со странами-членами ШОС в сфере образования последовательно расширяется и способствует развитию человеческого капитала и формированию единого образовательного пространства. Академическая мобильность, совместные проекты и развитие Университета ШОС являются ключевыми факторами данного процесса. В целом, образовательное сотрудничество в рамках ШОС имеет не только научный характер, но и служит важным инструментом укрепления взаимопонимания и региональной стабильности.

ЛИТЕРАТУРА

1. Каримов, Ш. А. Культурно-гуманитарные проекты ШОС и развитие литературных связей [Текст] / Ш. А. Каримов // Центральная Азия и Кавказ. – 2020. – № 4. – С. 112–121.

2. Лузянин, С. Г. Гуманитарное сотрудничество в рамках Шанхайской организации сотрудничества: культура, образование, наука [Текст] / С. Г. Лузянин. – М.: ИД «Форум», 2012. – С. 87–112.

3. Майтдинова, Г. М. Углубление международного сотрудничества в центральноазиатской зоне ответственности ШОС: векторы взаимодействия и перспективы [Текст] / Г. М. Майтдинова // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2021. – Спец. выпуск ЦСИ при Президенте РТ. – С. 52–79.

4. Маркази барномаҳои байналмилалӣ: дирӯз, имрӯз ва фардо [Текст]: мусоҳиба / Абдулқодири Раҳим // Ҷумҳурият. – 18.03.2024. – № 52. – С. 3–5.

5. Назаров, Н. К. Литературные фестивали и конкурсы как форма межкультурного диалога в Центральной Азии [Текст] / Н. К. Назаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологии. – 2020. – № 2. – С. 47–55.

6. Национальная стратегия развития образования на период до 2030 года, от 1 ноября 2024 г., № 583. https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=166875#

7. Рахмон, Э. Интервью Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Национальному информационному агентству «Ховар» по случаю 20-летия ШОС [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе: офиц. публикация, 16.08.2021. – Режим доступа: TNU Official Website (дата обращения: 07.01.2026).

8. Совещания министров образования государств-членов Шанхайской организации сотрудничества (2006–2025 гг.): протоколы заседаний, информационные сообщения и итоговые документы [Текст]. – Пекин; Астана; Новосибирск; Бишкек; Барнаул; Душанбе; Москва; Урумчи: Секретариат ШОС, 2007–2025.

9. Соглашение между правительствами государств-членов Шанхайской организации сотрудничества о сотрудничестве в области образования [Текст]. – Астана, 15 июня 2006 г. // Шанхайская организация сотрудничества. Документы и материалы. – Пекин: Секретариат ШОС, 2007. – С. 63–71.

10. Соглашение об учреждении Университета Шанхайской организации сотрудничества [Текст]. – Астана, 17 октября 2018 г. // Шанхайская организация сотрудничества. Документы и материалы. – Пекин: Секретариат ШОС, 2019. – С. 17–23.

11. Стратегия развития Шанхайской организации сотрудничества до 2025 года [Текст]. – Уфа, 10 июля 2015 г. // Шанхайская организация сотрудничества. Документы и материалы. – Пекин: Секретариат ШОС, 2016. – С. 14–21.

12. Университет Шанхайской организации сотрудничества: концепция и практика реализации [Текст]. – Пекин: Секретариат ШОС; Министерство образования КНР, 2012. – С. 9–27.

13. Шанхайская организация сотрудничества. Гуманитарное сотрудничество: документы и материалы [Текст]. – Пекин: Секретариат ШОС, 2015. – С. 55–72.

ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ УЗВИ СҲШ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Дар мақола самтҳои асосии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар соҳаи маориф мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф усулҳои муассисавии ҳамкорӣ, фаъолияти Машваратҳои вазирони маорифи давлатҳои аъзои СҲШ ва марҳилаҳои ташаккул ва рушди Донишгоҳи СҲШ-ро баррасӣ намудааст.

Таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои мубодилаи академӣ, ҳаракати донишҷӯён, рақамикунонии фазои таълимӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ-таълимӣ равона гардидааст. Дар мақола равандҳои муосири ҳамгироии донишгоҳҳои Тоҷикистон ба фазои байналмилалии таҳсилот, густариши ҳамкории байнидонишгоҳӣ ва иштироки Тоҷикистон дар ташаббусҳои гуманитарии СҲШ таҳлил мешаванд. Ҳамчунин нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Рахмон дар рушди дипломатияи маориф ва таҳкими ҳамкориҳои илмӣ таъкид мегардад.

Хулоса карда мешавад, ки ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ба рушди сармояи инсонӣ, таҳкими суботи минтақавӣ ва ташаккули фазои ягонаи гуманитарии СҲШ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: СҲШ, Тоҷикистон, маориф, Донишгоҳи СҲШ, ҳаракати академӣ, ҳамкории гуманитарӣ, рақамикунонии маориф, ҳамкории байналмилалӣ, мубодилаи донишҷӯён, ҳамгироии таҳсилот, ҳамкории байнидонишгоҳӣ.

COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND SCO MEMBER STATES IN THE FIELD OF EDUCATION

The article examines the main directions of cooperation between the Republic of Tajikistan and the member states of the Shanghai Cooperation Organization (SCO) in the field of education. The study analyzes institutional mechanisms of interaction, the activities of the Meetings of Ministers of Education of the SCO member states, and the stages of formation and development of the SCO University.

Particular attention is paid to academic mobility, student exchanges, digitalization of the educational environment, and the implementation of joint scientific and educational projects. The article explores current trends in the integration of Tajik universities into the international educational space, the expansion of interuniversity cooperation, and Tajikistan's participation in humanitarian initiatives within the SCO framework. Special emphasis is placed on the role of the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, in strengthening educational diplomacy and scientific cooperation.

It is concluded that educational cooperation contributes to human capital development, regional stability, and the formation of a common humanitarian space within the SCO.

Keywords: SCO, Tajikistan, education, SCO University, academic mobility, humanitarian cooperation, digitalization of education, international cooperation, student exchange, educational integration, interuniversity cooperation.

Сведение об авторе

Вохидова Мадина Абдухоликовна – Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, соискатель кафедры всеобщей истории и международных отношений ,734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121, Тел.: (+992) 550 70 77 00, E-mail.: vohidovamadinakhon@gmail.com

Маълумот дар бораи муаллиф

Воҳидова Мадина Абдухолиқовна – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, унвонҷуи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, Тел.: (+992) 550 70 77 00, E-mail.: vohidovamadinakhon@gmail.com

Information about the author

Vohidova Madina Abdukholiqovna – Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, applicant in the Department of World History and International Relations, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121, Ph.: (+992) 550 70 77 00, E-mail.: vohidovamadinakhon@gmail.com

МАВҚЕИ ГЕОСИЁСИИ ИНДОНЕЗИЯ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБӢ

СОҲИБИ БАҲРУЛО
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола мавқеи геосиёсӣ ва сиёсати хориҷии Индонезия дар шароити ташаккули низоми бисёрқутбии ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки сиёсати хориҷии Индонезия ба принсипҳои бетарафии фаъол, эҳтиром ба соҳибихтиёрии давлатҳо, ҳалли осоиштаи баҳсҳо ва густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба асос ёфта, арзишҳои «Ҷунбиши адами тааҳҳуд» ва консепсияи сиёсати хориҷии «озод ва фаъол»-ро инъикос менамояд.

Муаллиф аҳамияти стратегии Индонезияро дар минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором таҳлил намуда, нақши онро дар таъмини амнияти баҳрӣ, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва идоракунии таъсири рақобати қудратҳои бузург баррасӣ мекунад. Истифодаи самараноки имкониятҳои геостратегӣ ва геоиқтисодӣ аз ҷониби ҳукумати Индонезия ба кишвар имкон медиҳад, ки нуфузи худро дар минтақа ва низоми байналмилалии муосир тақвият бахшида, манфиатҳои миллии худро дар шароити ҷаҳони бисёрқутбӣ ҳифз намояд.

Калидвожаҳо: *Индонезия, геосиёсат, сиёсати хориҷӣ, ҷаҳони бисёрқутбӣ, Ҳинду Уқёнуси Ором, ASEAN, амнияти баҳрӣ, Ҷунбиши адами тааҳҳуд, сиёсати озод ва фаъол, геоиқтисодиёт*

Муқаддима.Дар ибтидои асри XXI низоми муносибатҳои байналмилалӣ тадриҷан аз шакли якқутбӣ ба низоми бисёрқутбӣ гузашт. Дар чунин шароит қудрати ҷаҳонӣ миёни якчанд марказҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ тақсим гардида, рақобати онҳо барои ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ шиддат гирифтааст. Ташаккули низоми бисёрқутбӣ ба мураккаб гардидани муҳити байналмилалӣ, афзоиши рақобатҳои геосиёсӣ, таҳдидҳои амниятӣ ва буҳронҳои иқтисодиву молиявӣ мусоидат намудааст.«Бархурди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, ки боиси буҳрони сиёсии байни Ҷумҳурии Украина ва Федератсияи Русия, Исроил ва Фаластин, Лублон, Эрон ва дигар минтақаҳои ҷаҳонро фаро гирифта»**[5,90]**, тағйироти геосиёсии муосир метавонанд ба суботи сиёсӣ ва рушди иқтисодии ҷаҳонӣ таъсири ҷиддӣ расонанд.

Дар чунин шароит омӯзиши сиёсати хориҷии давлатҳое, ки дар минтақаҳои муҳими геостратегӣ ҷойгир мебошанд, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ҷумҳурии Индонезия, ки дар чорроҳаи роҳҳои муҳими баҳрии байналмилалӣ қарор дорад, яке аз чунин давлатҳо ба ҳисоб меравад. Мавқеи геосиёсӣ ва геоиқтисодии он Индонезияро ба яке аз бозигарони калидии минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором табдил додааст. Ҳамзамон, рақобати қудратҳои бузург, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Русия ва Иттиҳоди Аврупо, ба самтҳои асосии сиёсати хориҷии ин кишвар таъсири назаррас мерасонад.

Аз замони ба даст овардани истиқлолият Индонезия сиёсати хориҷии «озод ва фаъол»-ро ҳамчун принсипи асосии фаъолияти байналмилалии худ интихоб намудааст[1]. Ин сиёсат ба кишвар имкон додааст, ки аз ҳамроҳшавӣ ба эътилофҳои ҳарбӣ худдорӣ намуда, ҳамзамон дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ ва рушди ҳамкориҳои бисёрҷониба нақши фаъол дошта бошад. Принсипҳои мазкур бо арзишҳои «Ҷунбиши адами тааҳҳуд» ҳамоҳанг буда, то имрӯз асоси фаъолияти дипломатии Индонезияро ташкил медиҳанд.

Таҳаввулоти босуръати низоми байналмилалӣ аз Индонезия тақозо менамояд, ки ба шароити нави геосиёсӣ мутобиқ гардида, имкониятҳои мавҷударо барои таҳкими амнияти миллӣ, рушди иқтисодӣ ва густариши нуфузи минтақавии худ самаранок истифода намояд. Аз ин рӯ, омӯзиши мавқеи геосиёсии Индонезия ва сиёсати хориҷии он дар шароити ҷаҳони бисёрқутбӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Омилҳои зерин ҷойгоҳи геосиёсии Индонезияро асоснок менамояд.

Якум, «Индонезия, ҳамчун давлати бузургтарин архипелагии ҷаҳон, мавқеи ҷуғрофии муҳими стратегӣ дорад, ки дар байни ду қитъа ва ду уқёнус ҷойгир аст. Ин Индонезияро ба маркази муҳими баҳрӣ дар минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором табдил медиҳад. Ҷумҳурии Индонезия дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҷойгир буда, аз лиҳози ҳудуд бо масоҳати 1 919 440 км² яке аз кишвари калонтарин дар минтақа мебошад. Ин давлат дар ҷазираҳои Архипелаги Маллак ва қисми ғарбии ҷазираи Гвинеяи Нав ҷойгир буда, онро обҳои уқёнусҳои Ором ва Ҳинд иҳота намудааст»[4, 142].

Аҳамияти стратегии Индонезия дар минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором аз мавқеи «стратегии ҷуғрофӣ, аҳолии зиёд, рушди иқтисодӣ, захираҳои табиӣ, ки дар таъсири назарраси геосиёсӣ ва геоиқтисодиро дар минтақа ва берун аз он таъмин менамояд»[8], пуштибонӣ карда мешавад. Ҷойгиршавии он дар чорроҳаи уқёнусҳои Ҳинд ва Уқёнуси Ором, инчунин байни қитъаҳои қитъавии Осиё ва Австралия, ба Ҷакарта таъсири назарраси геостратегӣ барои тиҷорати баҳрии ҷаҳонӣ тавассути назорати як қатор нуқтаҳои бузург ва хурди баҳрӣ медиҳад.

Дуюм, аҳолии зиёд ва бозори ҷавони Индонезия. Аз рӯи шумораи аҳолӣ **(279 миллион нафар)** дар ҷаҳон пас аз Чин, Ҳиндустон ва Иёлоти Муттаҳида дар ҷои чорум, аз рӯи шумораи аҳолии қобили меҳнат ҷойи панҷум ва инчунин аз рӯи шумораи аҳолии мусалмонон (220 миллион) бузургтарин кишвар аст. Суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолии Индонезия «аз соли 2000 то 2020 1,75%**[11]** -ро ташкил додааст.

Истеъмоли дохилӣ, ки 5-6%-ро ташкил медиҳад, омили калидии рушди устувори иқтисодии кишвар мебошад. Зиёда аз нисфи аҳолии кишвар то 30-сола аст**[7]**, ки ба кишвар имкон медиҳад, ки технологияҳои нави пешрафтаро фаъолона таҳия намояд ва аҳолӣ нисбатан зуд ба истифодаи онҳо мутобиқ шаванд. Табақаи миёнаи босуръат рушдёбанда низ ба рушди фаъоли бозори молҳои истеъмолӣ мусоидат мекунад.

Сеюм, Индонезия дар масирҳои тиҷоратии байни Аврупо ва Ховари Миёна, аз як тараф ва Осиёи Шарқӣ ва дигар кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором, аз тарафи дигар мавқеи стратегӣ дорад. Тақрибан 40% ҷараёни тиҷорати ҷаҳонӣ ва 50% таъминоти нафт ва гази ҷаҳонӣ аз гулӯгоҳи Малакка мегузарад[12], ки асосан аз Ховари Миёна то кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором мерасанд, Индонезия онро якҷоя бо Малайзия, Сингапур ва Таиланд назорат менамоянд.

Чорум, захираҳои иқтисодӣ. Иқлими намноки экваторӣ ба рушди кишоварзӣ, асосан бахши плантатсия барои зироатҳои хӯрокворӣ ва саноатӣ мусоидат менамояд. Индонезия аз рӯи истеҳсоли равғани нахл дар ҷаҳон (36 миллион тонна дар соли 2018) дар ҷои аввал, аз рӯи истеҳсоли каучуки табиӣ ва латекс дар ҷаҳон ҷои дуюм (4,7 миллион тонна дар як сол) ва истеҳсолкунандаи пешбари какао, қаҳва ва ҳанут мебошад. Мавқеи ҷазираи Индонезия ба он имкон медиҳад, ки моҳидориро дар минтақаи иқтисодии худ фаъолона рушд диҳад. Дар кишвар конҳои маъданҳои асосӣ, аз ҷумла нафт, гази табиӣ, ангишт, металлҳои ранга (қалъагӣ, мис, никел), металлҳои қиматбаҳо (тилло, нуқра) ва дигар захираҳои маъданӣ коркард мешаванд, ки шароити мусоидро барои рушди истеҳсолоти саноатии ватанӣ фароҳам меорад. Индонезия дар ҷаҳон «аз рӯи истеҳсоли мис (2,9 миллион тонна дар як сол) дар ҷои дуюм, аз рӯи ангишт (255,7 миллион тонна муодили нафт) дар ҷои панҷум, аз рӯи нафт (825,000 баррел дар як сол) дар ҷои 24-ум, аз рӯи гази табиӣ (75 миллиард м3 дар як сол) дар ҷои 10-ум, аз рӯи никел (1,8 миллион тонна дар як сол) дар ҷои шашум ва аз рӯи қалъагӣ (29,600 тонна дар як сол) дар ҷои сеюм»**[12]** қарор дорад.

Панҷум, корхонаҳои хурду миёна. Зиёда аз 41 миллион корхонаҳои хурду миёна (99,95% ҳамаи корхонаҳо дар Индонезия) тақрибан 60,6% ММД-и кишварро истеҳсол мекунанд. Имкониятҳои назаррас дар навсозии ин корхонаҳои хурду миёна, ки асосан аз усулҳои анъанавӣ ва таҷҳизоти кӯҳна истифода мебаранд, мавҷуданд.

Шашум, иқтисоди бозори кушоди Ҳукумати Индонезия. Барои содда кардани қоидаҳои мавҷудаи тиҷорат, таъсиси як равзанаи ягона ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ равона кардааст.

Таҳқиқоти мазкур дар асоси маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҳлилӣ анҷом дода шудааст. Барои омӯзиши мавқеи геосиёсии Индонезия ва сиёсати хориҷии он дар шароити ташаккули низоми бисёрқутбии ҷаҳонӣ усулҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ, геосиёсӣ ва системавӣ истифода гардиданд.

Методҳо ва усулҳои таҳқиқ (Methods).

Усули таърихӣ имкон дод, ки раванди ташаккул ва таҳаввули сиёсати хориҷии Индонезия аз давраи ба даст овардани истиқлолият то марҳилаи муосир мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши консепсияи сиёсати хориҷии «озод ва фаъол» дар рушди муносибатҳои байналмилалии кишвар муайян карда шавад.

Бо истифода аз усули таҳлили геосиёсӣ ҷойгоҳ ва аҳамияти стратегии Индонезия дар минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором, нақши он дар роҳҳои муҳими баҳрии байналмилалӣ ва таъсири рақобати қудратҳои бузург ба сиёсати хориҷии кишвар арзёбӣ гардид.

Усули таҳлили муқоисавӣ барои омӯзиши муносибатҳои Индонезия бо қудратҳои асосии ҷаҳонӣ, аз ҷумла Амрико, Чин, Русия ва Иттиҳоди Аврупо истифода шуда, умумият ва фарқияти манфиатҳои стратегӣ ва самтҳои ҳамкории онҳо муайян карда шуданд.

Дар доираи усули системавӣ сиёсати хориҷии Индонезия ҳамчун ҷузъи таркибии низоми муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ гардида, таъсири омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба қабули қарорҳои сиёсати хориҷии давлат таҳлил карда шуд.

Ҳамчунин, усули таҳлили ҳуҷҷатҳо барои омӯзиши санадҳои расмии давлатӣ, консепсияҳои сиёсати хориҷӣ, ҳисоботҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва адабиёти илмии марбут ба мавзӯъ истифода гардид. Маҷмӯи усулҳои мазкур имконият фароҳам овард, ки хусусиятҳо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии Индонезия дар шароити низоми бисёрқутбии ҷаҳонӣ ҳамаҷониба таҳқиқ карда шаванд.

Натиҷаҳо (Results).

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки Индонезия ба шарофати мавқеи беназири ҷуғрофии худ дар байни ду қитъа, яъне Осиё ва Австралия ва ду уқёнус Ҳинд ва Ором аз аҳамияти баланди геостратегӣ бархӯрдор мебошад. Ин мавқеъ кишварро ба яке аз марказҳои муҳими баҳрии минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором табдил додааст.

Таҳлил собит намуд, ки аҳамияти стратегии Индонезия ба маҷмӯи омилҳои ҷуғрофӣ, демографӣ, иқтисодӣ ва захираҳои табиӣ асос ёфтааст. Ҷойгиршавии кишвар дар чорроҳаи роҳҳои асосии баҳрии байналмилалӣ ба он имкон медиҳад, ки дар таъмини амнияти баҳрӣ ва устувории ҷаҳонии таъминот нақши муҳим бозад, аз ҷумла, Индонезия дар назорати роҳҳои муҳими баҳрӣ, аз қабили гулӯгоҳҳои Малакка, Сунда ва Ломбок, саҳми назаррас дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқ инчунин нишон доданд, ки захираҳои фаровони табиӣ, аз ҷумла нафту газ, никел, ангиштсанг ва дигар маъданҳои стратегӣ, мавқеи геоиқтисодии кишварро тақвият мебахшанд. Ин омилҳо барои рушди иқтисодӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд.

Таҳқиқ ҳамчунин муайян намуд, ки Индонезия тавассути иштироки фаъолона дар фаъолияти Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ASEAN) ва дигар сохторҳои байналмилалӣ тавонистааст нуфузи сиёсӣ ва дипломатии худро дар минтақа тақвият бахшад. Кишвар дар рушди ҳамкориҳои бисёрҷониба, ташаккули меъёрҳои минтақавӣ ва нигоҳдории субот дар минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором нақши муҳим мебозад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки омезиши мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ, иқтидори демографӣ, захираҳои иқтисодӣ ва фаъолияти фаъоли дипломатӣ ба Индонезия имконият медиҳад, ки дар шароити ташаккули низоми бисёрқутбии ҷаҳонӣ манфиатҳои миллии худро ҳимоя намуда, нақши худро дар сиёсати минтақавӣ ва байналмилалӣ густариш диҳад.

Индонезия, ҳамчун давлати бузургтарин архипелагии ҷаҳон, мавқеи ҷуғрофии муҳими стратегӣ дорад, ки дар байни ду қитъа ва ду уқёнус ҷойгир аст. Ин Индонезияро ба маркази муҳими баҳрӣ дар минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором табдил медиҳад. Дар давраи президентии Прабово Субианто, ки соли 2024 оғоз ёфт, сиёсати хориҷии Индонезия бо назардошти динамикаи торафт мураккаб ва бисёрқутбаи ҷаҳонӣ таваҷҷӯҳи зиёдро ба худ ҷалб кардааст.

Аҳамияти стратегии Индонезия дар минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором аз мавқеи стратегии ҷуғрофӣ, демографӣ, иқтисодӣ ва захираҳо буда, истифодаи самаронокии стратегия аз ҷонибаи Ҳукумати Индонезия мебошад, ки таъсири назарраси геосиёсӣ ва геоиқтисодиро дар минтақа ва берун аз он таъмин мекунанд. Ҷойгиршавии он дар чорроҳаи уқёнусҳои Ҳинд ва Уқёнуси Ором, инчунин байни қитъаҳои қитъавии Осиё ва Австралия, ба Ҷакарта таъсири назарраси геостратегӣ бар тиҷорати баҳрии ҷаҳонӣ тавассути назорати як қатор нуқтаҳои бузург ва хурди баҳриро медиҳад. Пеш аз ҳама, Индонезия як нуқтаи калидии баҳрӣ - гулӯгоҳи Малаккаро, ки уқёнусҳои Ҳинд ва Уқёнуси Оромро мепайвандад, бартарӣ дорад[8]. Ин гузаргоҳи муҳим кӯтоҳтарин ва аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳимтарин роҳи баҳриро ифода мекунад, ки минтақаҳои бойи Осиёи Ғарбиро бо марказҳои саноатӣ ва тиҷоратии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мепайвандад ва ногузирии геостратегии онро дар динамикаи тиҷорати ҷаҳонӣ ва амнияти энергетикӣ табдил медиҳад. Гулӯгоҳи Сунда ва Ломбок - дар архипелаги Индонезияро назорат менамояд.

Бартарии стратегии Индонезия бо пойгоҳи васеи захираҳои табиии он боз ҳам бештар тақвият меёбад. Илова бар он истеҳсолкунандаи пешбари моҳӣ дар ҷаҳон аст, инчунин дорои захираҳои назарраси карбогидридҳо, аз ҷумла 2,41 миллиард баррел нафти хом ва 35,3 триллион метри мукааби стандартии гази табиӣ мебошад[9]. Дар ин замина, аҳамияти стратегии Индонезия дар минтақаи Ҳинду Уқёнуси Оромро метавон гуфт, ки дар ҷаҳони бисёрқутбӣ метавонад истогари намояд. Бартарии он дар нуқтаҳои муҳими баҳрӣ, ба монанди гулӯгоҳи Малакка, гулӯгоҳи Сунда ва гулӯгоҳи Ломбок, нақши онро ҳамчун бозигари калидӣ дар тиҷорати ҷаҳонӣ ва суботи минтақавӣ нақши назаррас дорад. Таъсири геосиёсии он бо захираҳои назарраси захираҳои табиӣ ва ҳузури афзояндаи иқтисодии он боз ҳам бештар тақвият меёбад. Бо вуҷуди ин, таъсири стратегии Индонезия на танҳо аз дороиҳои геоиқтисодии он бармеояд - он инчунин дар роҳбарии дипломатии он дар дохили ASEAN инъикос ёфтааст, ки дар он Ҷакарта дар ташаккули меъёрҳои минтақавӣ ва ташаббусҳои бисёрҷониба барои рафъи мураккабии рақобати қудратҳои бузург нақши муҳим дорад.

Муҳокима (Discussion)

Анҷоми Ҷанги Сард боиси тағйироти амиқ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ гардида, тавозуни қудратро дар сатҳи ҷаҳонӣ дигаргун сохт. Дар натиҷа, бисёр давлатҳо маҷбур шуданд, ки самтҳои сиёсати хориҷии худро бо шароити нави байналмилалӣ мутобиқ намоянд. Индонезия низ аз ин раванд истисно набуд ва сиёсати хориҷии худро ба рушди ҳамкориҳои бисёрҷониба ва густариши робитаҳо бо қудратҳои асосии ҷаҳонӣ, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷопон ва Ҳиндустон, равона намуд.

Асоси назариявӣ ва амалии ин равандро консепсияи сиёсати хориҷии «озод ва фаъол» ташкил медиҳад, ки аз ҷониби яке аз асосгузорони сиёсати хориҷии Индонезия Муҳаммад Хатта пешниҳод гардида буд[2]. Мувофиқи ин консепсия, Индонезия бояд мустақилияти худро дар қабули қарорҳои сиёсати хориҷӣ ҳифз намуда, ҳамзамон дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ нақши фаъол дошта бошад. Ин принсип ба Ҷакарта имкон дод, ки бидуни ҳамроҳ шудан ба блокҳои сиёсӣ ё ҳарбӣ бо давлатҳои гуногун муносибатҳои судманд барқарор намуда, сулҳ, суботи минтақавӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷонибаро тақвият бахшад.

Дар шароити ташаккули низоми бисёрқутбии ҷаҳонӣ сиёсати «озод ва фаъол» ба яке аз воситаҳои муҳими ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини мустақилияти стратегии Индонезия табдил ёфтааст. Ин сиёсат ба кишвар имконият медиҳад, ки муносибатҳои мутавозинро ҳам бо давлатҳои ғарбӣ ва ҳам бо қудратҳои рӯ ба рушди Осиё нигоҳ дорад.

Яке аз самтҳои муҳими татбиқи ин сиёсат масъалаи амнияти баҳрӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ мебошад. Дар ин замина, Баҳри Ҷанубии Чин ҳамчун яке аз

минтақаҳои ҳассоси рақобати геополитикӣ аҳамияти махсус дорад. Бо вуҷуди он ки Индонезия худро ҷонибдори ҳалли осоиштаи баҳсҳо ва риояи ҳуқуқи байналмилалӣ медонад, ин кишвар дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва тамомияти арзии худ, бахусус дар минтақаи ҷазираҳои Натуна, мавқеи устуворро пеш гирифтааст. Кӯшишҳои Ҷакарта барои тақвияти ҳузури давлатӣ дар ин минтақа нишон медиҳанд, ки Индонезия сиёсати мувозинатиро бо ҳифзи қатъии соҳибихтиёрии миллӣ ҳамоҳанг месозад.

Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки сиёсати хориҷии Индонезия дар шароити ҷаҳони бисёрқутбӣ ба принсипҳои мустақилият, мувозинат ва бисёрҷонибагарӣ асос ёфта, ба кишвар имкон медиҳад, ки мавқеи худро ҳамчун яке аз бозигарони муҳим дар минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором ва низоми байналмилалии муосир таҳким бахшад.

Хулоса .

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон дод, ки Индонезия дар шароити ташаккули низоми бисёрқутбии ҷаҳонӣ мавқеи муҳими геосиёсӣ ва геоиқтисодиро ишғол менамояд. Мавқеи мусоиди ҷуғрофии кишвар дар байни ду қитъа ва ду уқёнус, назорати роҳҳои муҳими баҳрии байналмилалӣ, захираҳои фаровони табиӣ ва иқтидори бузурги демографӣ ба Индонезия имконият медиҳанд, ки ҳамчун яке аз бозигарони калидии минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором амал намояд.

Таҳлил нишон дод, ки сиёсати хориҷии Индонезия бар асоси консепсияи «озод ва фаъол» ташаккул ёфта, ба ҳифзи мустақилияти сиёсӣ, таъмини манфиатҳои миллӣ ва рушди ҳамкориҳои бисёрҷониба нигаронида шудааст. Дар шароити рақобати афзояндаи геополитикӣ миёни қудратҳои бузург, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷакарта сиёсати мутавозинро пеш гирифта, кӯшиш менамояд муносибатҳои созандаро бо ҳамаи шарикони асосии байналмилалӣ нигоҳ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқ инчунин собит сохтанд, ки Индонезия на танҳо аз имкониятҳои геостратегӣ ва геоиқтисодии худ истифода мебарад, балки тавассути иштироки фаъол дар созмонҳо ва форумҳои байналмилалӣ, бахусус ASEAN ва G20, дар таҳкими суботи минтақавӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ саҳми назаррас мегузорад.

Дар маҷмӯъ, метавон хулоса намуд, ки мавқеи геосиёсии Индонезия дар ҷаҳони бисёрқутбӣ ба омезиши омилҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва дипломатӣ асос ёфта, ба кишвар имконият медиҳад, ки нуфузи минтақавӣ ва байналмилалии худро густариш дода, дар ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ нақши фаъол дошта бошад.

Адабиёт

1. Куклин, Н. С. Концептуальные основы внешней политики Индонезии / Н. С. Куклин. – Москва : Общество с ограниченной ответственностью Издательство "Аспект Пресс", 2023. – 152 с. – ISBN 978-5-7567-1256-8. – EDN LQWJGV.
2. Малетин, Н. П. Внешняя политика Индонезии, 1959-1972 гг : учебное пособие / Н. П. Малетин. – Москва, 1979. – 208 с. – EDN PJBYRD.
3. Мухаммадализода, П. М. Основные факторы участия стран Юго-Восточной Азии в функционировании многополярного мира / П. М. Мухаммадализода // Евразийское пространство: экономика, право, общество. – 2026. – № 4. – С. 65-69. – EDN FLYGHC.
4. Соҳиби, Б. Таҳлили универсиалии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Индонезия / Б. Соҳиби // Международные отношения и безопасность. – 2023. – №. 4(8). – Р. 142-151. –С-142 EDN CGHYVB.
5. Сохиби, Б. Процесс мирной дипломатии Республики Таджикистан в урегулировании политических конфликтов / Б. Сохиби // Азия и Европа. – 2026. – № 1(25). – С. 90-95. – EDN EHWVRX.
6. Хайдаров Р.Д. Формирование трехполярного мира и перспективы обеспечения безопасности в Евразии: взгляд из Таджикистана//Евразийский юридический журнал. -№4(167). - 2022.-С.17-21. EDN: LGPCFB
7. About Indonesia. (Манбаи электронӣ) URL: https://www.uobgroup.com/asean-insights/indonesia-fact-sheet.page?utm_source=chatgpt.com [санаи дархост:25.03.2026]
8. Gill, D. M. (2023), “Indonesia’s triumphs and limitations as it stakes claim to leadership in Southeast Asia,” Observer Research Foundation, Issue Brief No. 621 (March, 2023), p. 3-6. Available at: (Манбаи

электронӣ) URL: https://www.orfonline.org/research/indonesia-s-triumphs-and-limitations-as-it-stakes-claim-to-leadership-in-southeast-asia [санаи дархост:17.05.2026]

9. Mona Siahaan (2023), “Total proven natural gas reserves in Indonesia 2019-2023,” Statista, 23 October 2024, Available at: (Манбаи электронӣ) URL: https://www.statista.com/statistics/755095/indonesia-total-proven-gas-reserves/ [санаи дархост:07.04.2026]

10. Natural Resources of Indonesia: Major Minerals, Energy & Agriculture (Манбаи электронӣ) URL: https://geographyworlds.com/blog/natural-resources-of-indonesia/?utm_source=chatgpt.com [санаи дархост:15.02.2026]

11. Population Growth in Indonesia for the Period 2010-2025 (Манбаи электронӣ) URL: https://databoks.katadata.co.id/en/demographics/statistics/69fd8f909eb66/population-growth-in-indonesia-for-the-period-2010-2025?utm_source=chatgpt.com [санаи дархост:10.04.2026]

12. Selat Malaka: Jalur Sempit yang Menopang Energi Dunia (Манбаи электронӣ) URL: https://www.idntimes.com/news/world/selat-malaka-jalur-sempit-yang-menopang-energi-dunia-00-84mpg-d3dsmk?utm_source=chatgpt.com [санаи дархост:01.02.2026]

ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ИНДОНЕЗИИ В УСЛОВИЯХ МНОГОПОЛЯРНОГО МИРА

В статье исследуются геополитическое положение и внешняя политика Индонезия в условиях формирования многополярной мировой системы. Автор подчёркивает, что внешняя политика Индонезии основывается на принципах активного нейтралитета, уважения государственного суверенитета, мирного урегулирования споров и расширения многостороннего сотрудничества, отражая ценности Движение неприсоединения и концепцию внешней политики «свободной и активной».

Автор анализирует стратегическое значение Индонезии в регионе Индо-Тихоокеанский регион, рассматривая её роль в обеспечении морской безопасности, развитии регионального сотрудничества и управлении последствиями соперничества крупных держав. Эффективное использование правительством Индонезии своих геостратегических и геоэкономических возможностей позволяет стране укреплять своё влияние в регионе и современной международной системе, а также защищать национальные интересы в условиях многополярного мира.

Ключевые слова: Индонезия, геополитика, внешняя политика, многополярный мир, Индо-Тихоокеанский регион, АСЕАН, морская безопасность, Движение неприсоединения, политика «свободной и активной» внешней политики, геоэкономика.

INDONESIA'S GEOPOLITICAL SITUATION IN A MULTIPOLAR WORLD

This article examines Indonesia's geopolitical position and foreign policy in the context of an emerging multipolar world system. The author emphasizes that Indonesia's foreign policy is based on the principles of active neutrality, respect for state sovereignty, peaceful dispute resolution, and expanded multilateral cooperation, reflecting the values of the Non-Aligned Movement and the concept of a "free and active" foreign policy.

The author analyzes Indonesia's strategic importance in the Indo-Pacific region, examining its role in ensuring maritime security, developing regional cooperation, and managing the consequences of major power rivalry. The Indonesian government's effective use of its geostrategic and geoeconomic capabilities allows the country to strengthen its influence in the region and the contemporary international system, as well as protect its national interests in a multipolar world.

Keywords: Indonesia, geopolitics, foreign policy, multipolar world, Indo-Pacific, ASEAN, maritime security, Non-Aligned Movement, free and active foreign policy, geoeconomics.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сохиби Баҳруло-ходими калони илмии Шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, суроға:734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33; тел.:(+992) 917-82-02-02; Email:sohibbahrulo@gmail.com

Сведения об автора: Сохиби Бахруло- старший научный сотрудник Отдела Европы Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, тел.:(+992)917820202; Email:sohibbahrulo@gmail.com

About the author:Sohibi Bahrulo- Senior Research Fellow,Department of Europe Institute of studying of the Issues of Asian and European countries. 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33, tel.: (+992) 917820202; E-mail:sohibbahrulo@gmail.com

УДК: 323.1:316.346.32 - 053.6

ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОИВУ СИЁСИИ ҶАВОНОН ДАР ҲИФЗ ВА ТАҲКИМИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБА

ДОСТИЕВА ДИЛАФРӮЗ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои иҷтимоиву сиёсии ҷавонон дар ҳифз ва таҳкими арзишҳои миллӣ дар шароити ҷаҳони бисёрқутба мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф масъалаҳои муқовимати насли ҷавон ба равандҳои яксонсозии фарҳангӣ ва таъсири ҷаҳонишавӣ, махсусан тавассути воситаҳои ахбори омма ва интернетро баррасӣ менамояд.

Дар таҳқиқот ҷавонон ҳамчун неруи фаъоли иҷтимоӣ, ворисон ва ҳамзамон навсозони суннатҳои миллӣ муаррифӣ гардида, нақши онҳо дар эҳёи арзишҳои миллӣ тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои инноватсионӣ таъкид мешавад. Ҳамчунин, аҳамияти рақамикунонӣ, аз ҷумла эҷоди муҳтавои миллӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва моделсозии рақамии ёдгориҳои таърихӣ, ҳамчун унсури муҳимми "неруи нарм" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Илова бар ин, нақши дипломатияи ҷавонон ва тарбияи ватандӯстӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ таҳлил гардидааст. Таҷрибаи кишварҳои гуногун, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, нишон медиҳад, ки нигоҳ доштани мувозинат байни арзишҳои миллӣ ва равандҳои ҷаҳонӣ омили муҳимми рушди устувори ҷомеа мебошад.

Дар натиҷа, муаллиф ба хулосае меояд, ки ҳифзи ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ раванди динамикӣ ва эҷодкорона буда, танҳо ҷавонони дорои худшиносии баланди миллӣ метавонанд дар таъмини соҳибихтиёрии фарҳангии давлат дар низоми муосири байналмилалӣ нақши калидӣ бозанд.

Калидвожаҳо: *мавқеъ, ҷавонон, арзишҳои миллӣ, ҳувияти миллӣ, мероси фарҳангӣ, ҷаҳони бисёрқутба, раванди ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ.*

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ташаккули ҷаҳони бисёрқутба масъалаи ҳифз ва рушди ҳувияти миллӣ, мероси фарҳангӣ ва нақши ҷавонон дар ин раванд аҳамияти махсус касб менамояд. Ҷавонон имрӯз на танҳо ҳамчун ворисони фарҳанг, балки ҳамчун субъекти фаъоли иҷтимоӣ ва эҷодкорони муҳтавои фарҳангӣ баромад мекунанд. Бо таъсири технологияҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва равандҳои муҳоҷират, тарзи дарк ва интиқоли арзишҳои миллӣ тағйир ёфта, зарурати омӯзиши илмии масъалаи мутобиқсозии фарҳанги миллӣ ба воқеиятҳои нави ҷаҳонӣ ба миён омадааст.

Дар баробари ин, афзоиши таъсири фарҳангҳои оммавӣ, густариши равандҳои ассимилятсионӣ ва коҳиш ёфтани робитаи баъзе ҷавонон бо арзишҳои суннатӣ метавонанд ба заифшавии худшиносии миллӣ мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши роҳҳо ва механизмҳои ҷалби ҷавонон ба ҳифз, эҳё ва рушди мероси фарҳангӣ дар шароити муосир аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мубрамияти мавзӯъ инчунин бо он асос меёбад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ ба таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва дастгирии ташаббусҳои фарҳангии ҷавонон равона гардидааст. Дар чунин шароит таҳқиқи нақши ҷавонон дар ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ, истифодаи имкониятҳои рақамикунонӣ, дипломатияи фарҳангӣ ва навовариҳои эҷодӣ барои таҳкими мавқеи фарҳанги миллӣ дар фазои байналмилалӣ аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши ҷавонон ҳамчун ворисон ва ҳомиёни мероси фарҳангӣ дар шароити ҷаҳони бисёрқутба барои дарки равандҳои муосири фарҳангӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди устувори ҷомеа аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Методологияи таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои таърихӣ, таҳлилӣ ва муқоисавӣ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот масъалаи нақши ҷавонон дар ҳифз ва рушди мероси фарҳангӣ дар шароити ҷаҳони бисёрқутба мавриди таҳлил қарор гирифт. Бо истифода аз усули муқоисавӣ таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо дар самти таҳкими ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ баррасӣ шуд.

Ҳамчунин, дар таҳқиқот усули системавӣ барои муайян намудани робитаи байни ҷавонон, фарҳанг, рақамикунонӣ ва сиёсати давлатӣ истифода гардид. Пояи назариявии таҳқиқотро осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳо ва барномаҳои байналмилалӣ ва давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Мероси фарҳангӣ ҳам унсурҳои моддӣ, аз ҷумла ёдгориҳои меъморӣ ва таърихиро дар бар мегирад ва ҳам арзишҳои ғайримоддӣ, ба мисли забон, расму оин, анъанаҳо ва санъатро. Ҳифз ва рушди ин мерос то андозаи зиёд ба фаъолнокӣ, маърифати фарҳангӣ ва ҳисси масъулияти шаҳрвандии ҷавонон вобаста мебошад.

Мафҳуми «давомнокии мероси фарҳангӣ» реша дар анъанаҳои фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ дошта, дар осори классикони илми ҷомеашиносӣ, аз ҷумла Эмил Дюркгейм, инъикоси худро ёфтааст. Ин мафҳум ба интиқоли арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ аз як насл ба насли дигар ишора намуда, пояи устувории фарҳангиро таъмин менамояд.

Дар шароити муосир ҷавонон на танҳо қабулкунандагони ғайрифаъоли арзишҳои фарҳангӣ мебошанд, балки онҳоро фаъолона тафсир намуда, ба воқеиятҳои нави иҷтимоӣ мутобиқ месозанд. Ин раванд, махсусан барои фарҳангҳои миллӣ дар ҷаҳони бисёрқутба аҳамияти хос дорад, зеро дар чунин муҳит ҷаҳонишавӣ на ба аз байн рафтани ҳувиятҳо, балки ба тақвият ва барҷастатар гардидани онҳо мусоидат мекунад [11].

Дар як қатор кишварҳо нақши ҷавонон ҳамчун ворисони мероси фарҳангӣ дар сатҳи сиёсати давлатӣ махсус таъкид мегардад. Бо ин мақсад, барномаҳо ва лоиҳаҳое, аз қабили «Фарҳанги рақамӣ» ва ташаббусҳо оид ба тарбияи ватандӯстии ҷавонон роҳандозӣ шудаанд, ки ба омӯзиш, ҳифз ва муаррифии сарвати таърихию фарҳангӣ равона гардидаанд.

Ба андешаи муҳаққиқи амрикоӣ Лора Дейви, созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ЮНЕСКО, ҷавононро ҳамчун ҳомиёни ояндаи мероси фарҳангӣ эътироф менамоянд. Барномаҳо ва ташаббусҳое чун «World Heritage Youth Forum» ва «Young European Heritage Makers» далели равшани ин раванд мебошанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна ҷавонон тавассути таҳсил, иштироки фаъол дар лоиҳаҳои амалӣ ва истифодаи усулҳои муосир метавонанд на танҳо аҳамияти мероси фарҳангиро дарк намоянд, балки дар ҳифз ва тарғиби он низ саҳми муассир гузоранд [12]

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Турсунов Т. Х., «технологияҳои муосири рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои рушди дипломатияи фарҳангии Тоҷикистон дар заминаи ваҳдати миллӣ дурнамои нав фароҳам меоранд. Истифодаи платформаҳои рақамӣ на танҳо имконият медиҳад, ки мероси ғании фарҳангии кишвар дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ гардад, балки инчунин ба таҳкими ваҳдати дохилӣ тавассути муттаҳид сохтани гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ва иҷтимоӣ дар атрофи арзишҳои умумии фарҳангӣ мусоидат менамояд» [10].

Воқеан ҳам, дар шароити муосир ҷавонон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба таблиғ ва муаррифии фарҳанги миллӣ фаъолона машғул буда, дар паҳн намудани арзишҳои суннатӣ, забон, расму оин ва санъати миллӣ саҳми назаррас мегузоранд. Ин таҷрибаҳо собит месозанд, ки технологияҳои рақамӣ метавонанд ҳамчун воситаи пуриқтидор барои ҳифз, рушди фарҳанг ва тақвияти худшиносии миллӣ хизмат намоянд.

Бо вуҷуди ин, як қатор мушкилот, аз қабили муҳоҷират ва таъсири афзояндаи фарҳангҳои бегона, метавонанд ба равандҳои худшиносӣ ва ҳамбастагии фарҳангии ҷавонон таъсири манфӣ расонанд. Ин омилҳо дар баъзе ҳолатҳо боиси суст гардидани робитаи ҷавонон бо арзишҳои миллӣ ва ҳатто парокандашавии онҳо дар фазои иҷтимоӣ мегарданд.

Дар баробари ин, таҷрибаҳои мусбат нишон медиҳанд, ки ташаббусҳои ҷавонон метавонанд дар ҳифз ва эҳёи мероси фарҳангӣ самаранок бошанд. Лоиҳаҳои амалишуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки ба рушди ҳунарҳои мардумӣ,

фолклор ва анъанаҳои миллӣ равона гардидаанд, гувоҳи инанд. Чунин ташаббусҳо на танҳо ба нигоҳдории арзишҳои фарҳангӣ мусоидат мекунанд, балки ҳисси худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ҳамбастагии иҷтимоии ҷавононро низ тақвият мебахшанд [6].

Дар шароити ҷаҳони бисёрқутба, давомнокии мероси фарҳангӣ ба рушди муколамаи байнитамаддунҳо мусоидат намуда, заминаи ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми байни халқҳоро фароҳам меорад. Ҷавононе, ки фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллии худро хуб медонанд, одатан барои ҳамкории созанда ва мутақобилан судманд бо намояндагони дигар миллатҳо бештар омода мебошанд. Ин раванд, дар навбати худ, ба таҳкими суботи байналмилалӣ ва рушди муносибатҳои осоишта мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҷавонон нақши муҳим доранд. Ташаббусҳо ва барномаҳои муштарак, аз қабили форумҳои ҷавонон дар доираи «Шоҳроҳи абрешим» ва лоиҳаҳои гуногуни аврупоӣ, имконият фароҳам меоранд, ки таҷрибаҳои пешқадам мубодила гарданд. Дар доираи чунин ҳамкориҳо ҷавонон аз кишварҳои мухталиф метавонанд дар лоиҳаҳои ҳифз ва рушди мероси фарҳангӣ якҷоя иштирок намуда, донишу малакаҳои худро такмил диҳанд ва робитаҳои фарҳангиву иҷтимоиро густариш бахшанд.

Бо ин роҳ, ҳамкории байналмилалии ҷавонон на танҳо ба ҳифзи арзишҳои миллӣ, балки ба таҳкими ҳамбастагии ҷаҳонӣ ва рушди фарҳанги муколама мусоидат менамояд [13].

Ҷавонон ҳамчун ворисони мероси фарҳангӣ, омили муҳими амалӣ барои таъмини рушди устувори фарҳангҳои миллӣ дар шароити ҷаҳони бисёрқутба ба ҳисоб мераванд. Иштироки фаъоли насли ҷавон на танҳо ба ҳифз ва нигоҳдории мероси таърихӣ мусоидат мекунад, балки заминаи рушди эҷодкоронаи онро барои наслҳои оянда фароҳам месозад. Бо ин мақсад, ҳамоҳангсозии кӯшишҳои давлат, ҷомеа ва ниҳодҳои таълимӣ ҷиҳати дастгирӣ ва тарбияи ҷавонони соҳибмаърифат ва худшинос аҳамияти калидӣ дорад.

Муҳаққиқони рус С. М. Володко ва Е. С. Сиделникова дар мақолаи худ таҳти унвони «Национальная идентичность и глобализация» таъкид менамоянд, ки ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди мубодилаи босуръати иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ барои ҳувияти миллӣ ҳам имкониятҳои нав ва ҳам чолишҳои ҷиддиро ба миён меорад. Дар чунин шароит, ҷавонон ҳамчун субъекти фаъоли иҷтимоӣ баромад намуда, дар ҳифзи асолати фарҳангӣ ва муқовимат ба равандҳои яксонсозӣ ва якрангшавии фарҳангӣ нақши муҳим мебозанд.

Аз ин лиҳоз, таҳкими худшиносии миллӣ, рушди фарҳанги маънавӣ ва ҷалби ҷавонон ба равандҳои ҳифз ва рушди мероси фарҳангӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати фарҳангии давлат дар шароити муосир маҳсуб меёбад.

Дар ҳақиқат, ҳувияти миллӣ ҳамчун маҷмӯи тасаввурот, арзишҳо ва меъёрҳо дар бораи забон, таърих, анъана, арзишҳои маънавӣ ва рамзҳои миллӣ фаҳмида мешавад, ки онҳо одамонро дар доираи як миллат муттаҳид месозанд ва ҳисси мансубият ба ҷомеаи ягонаи миллӣро тақвият медиҳанд.

Мутафаккири дигар Кармалюк С. П. чунин иброз менамояд, ки «дар шароити ҷаҳонишавӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, интернет ва фарҳанги оммавӣ раванди коҳиш ёфтани марзҳои анъанавии байни фарҳангҳо ба амал меояд. Ҷавонон, ки бештар зери таъсири ин омилҳо қарор доранд, дар муқобили интихоби мураккаб байни тамоюлҳои космополитӣ ва ҳифзи решаҳои фарҳангии худ қарор мегиранд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бидуни амалӣ намудани чораҳои мақсадноки давлатӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати таҳкими ҳувияти миллӣ, насли ҷавон метавонад дар хатари аз даст додани робитаи устувор бо фарҳанги миллӣ қарор гирад».

Ин андешаҳо аҳамияти баланд доштани сиёсати фарҳангӣ ва тарбиявиро дар самти таҳкими худшиносии миллӣ, махсусан дар миёни ҷавонон, дар шароити ҷаҳони муосир боз ҳам равшантар месозанд [5].

Мувофиқи равишҳои ЮНЕСКО, гуногунии фарҳангӣ ҳамчун яке аз манбаъҳои калидии рушди тамаддуни башарӣ эътироф мегардад. Дар ин замина, ҷавонон вазифадоранд, ки на ба гӯшанишинӣ ва ҷудоии фарҳангӣ, балки ба ҳамгироии эҷодкоронаи унсурҳои ҷаҳонӣ бо нигоҳдории хусусиятҳои миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Эъломия оид ба гуногунии

фарҳангӣ ҳуқуқи ҷавононро ба дастрасӣ, ҳифз ва рушди фарҳанги худ дар шароити ҷаҳонишавӣ махсус таъкид мекунад [4].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти тарбияи ҷавонон ба таҳкими ҳувияти миллӣ ва баланд бардоштани худшиносии фарҳангӣ равона гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки барои муқовимат ба чолишҳои муосири ҷаҳонӣ доштани дониши амиқи таърихӣ ва фарҳангӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар ин раванд баргузории форумҳо, барномаҳо ва ташаббусҳои ҷавонон нақши муҳим дар таҳкими ин самт мебозанд.

Ҷаҳонишавӣ раванди муҳоҷиратро низ пурзӯр намуда, ба ташаккули ҳувиятҳои гибридӣ дар миёни ҷавонон мусоидат мекунад. Масалан, ҷавонони тоҷик дар хориҷи кишвар, аз ҷумла дар Русия, унсурҳои фарҳанги миллии худро бо воқеиятҳои муҳити нав муттаҳид намуда, як навъ ҳувияти синтетикӣ ё омехтаро ташаккул медиҳанд, бе он ки робитаи худро бо решаҳои миллӣ пурра аз даст диҳанд.

Ба андешаи як зумра коршиносон, дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷавонон ба яке аз қишрҳои пешбарандаи тағйироти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ табдил ёфтаанд. Ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти онҳо таъсири мустақим ва амиқ расонида, боиси афзоиши суръати тағйироти иҷтимоӣ мегардад. Дар натиҷа, мақоми иҷтимоии ҷавонон низ ба таври назаррас тағйир ёфта, онҳо дар раванди ташаккули ҷомеаи муосир нақши фаъолтар касб мекунанд [1. с.70].

Дар ин замина, намунаҳои мусбат фаъолияти ҷавононро дар самти эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, баргузории фестивалҳои фарҳанги миллӣ ва амалӣ намудани аксияҳои ватандӯстона фаро мегиранд. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин ташаббусҳо ҳазорон ҷавононро муттаҳид намуда, ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат мекунанд.

Дар шароити ҷаҳони бисёрқутба ҳифзи ҳувияти миллӣ ҳамчун омили муҳими суботи иҷтимоӣ баромад менамояд. Ҳувияти қавии миллӣ дар миёни ҷавонон метавонад сатҳи осебпазириро ба равандҳои номатлуб, аз ҷумла экстремизм, коҳиш дода, ваҳдати шаҳрвандиро таҳким бахшад. Аз ин рӯ, давлатҳо ин захираро ҳамчун манбаи муҳим барои рушди дарозмуддати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фаъолона истифода мебаранд.

Ҳувияти миллӣ ҳамзамон рушди соҳаҳои эҷодиро, аз қабили этно-мӯд, ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ, дастгирӣ менамояд. Дар ин самт ҷавонон стартапҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ таъсис медиҳанд, ки бар пояи унсурҳои суннатӣ асос ёфта, фарҳанги миллӣ ва арзишҳои анъанавиро ба бартарии рақобатпазир дар бозори муосир табдил медиҳанд.

Тадқиқотҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки мавҷудияти ҳувияти устувор ба баланд шудани сатҳи тобоварии ҷавонон ба стрессҳои марбут ба ҷаҳонишавӣ мусоидат намуда, дар онҳо ҳисси эътимод ба худ ва ҳавасмандии бештарро барои ноил шудан ба муваффақиятҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ ташаккул медиҳад.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷавонони фаъол аз имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, ки қаблан зикр гардиданд, барои тарғиб ва пахши фестивалҳо, инчунин баргузор намудани машғулиятҳои омӯзишӣ (мастер-класс) оид ба ҳунарҳои суннатӣ истифода мебаранд. Ин раванд на танҳо ба ҳифзи фарҳанг мусоидат мекунад, балки тавассути рушди этно-туризм ва соҳаҳои эҷодӣ имкониятҳои нави иқтисодиро низ фароҳам меорад [9].

Барномаҳои давлатӣ, аз қабили «Фарҳанги рақамӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври фаъол ташаббусҳои ҷавононро дар самти рақамикунонии бойгониҳои таърихӣ ва таъсиси осорхонаҳои интерактивӣ дастгирӣ менамоянд. Дар доираи чунин барномаҳо, лоиҳаҳои гуногун ба тарғибу муаррифии мероси фарҳангии форсӣ-тоҷикӣ дар фазои рақамии ҷаҳонӣ равона гардидаанд.

Рақамикунонӣ дар ин раванд ҷавононро аз истеъмолкунандагони ғайрифаъоли иттилоот ба эҷодкорони фаъоли муҳтавои фарҳангӣ табдил медиҳад. Ин ҳолат ба таҳкими мавқеи фарҳангҳои миллӣ дар шароити ҷаҳони бисёрқутба мусоидат намуда, имкониятҳои навро барои муаррифии арзишҳои миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам меорад.

Дар ду даҳсолаи охир рақамикунонӣ ба яке аз самтҳои калидии рушди кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Он дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла иқтисодиёт, маориф ва тандурустӣ васеъ татбиқ мегардад. Омезиши технологияҳои рақамӣ бо иқтисодиёт, ки ҳамчун «иқтисоди рақамӣ» маъруф аст, имрӯз ба унсури ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфта, нақши муҳимеро дар рушди устувори ҷомеаҳо мебозад [2, с.178].

Истифодаи технологияҳои рақамӣ ба ҷавонон имкон медиҳад, ки суннатҳои миллиро навсозӣ карда, онҳоро дар ҷаҳони муосир бидуни гум кардани асолати миллӣ тарғиб намоянд. Бинобар ин, дар шароити ҷаҳони бисёрқутба омезиши анъанаҳо ва технологияҳои нав ба яке аз самтҳои муҳими рушди устувори фарҳанг табдил меёбад.

Дизайнерҳо, мусиқичиён ва ҳунармандони ҷавон нақшу нигорҳои мардумиро бо этномӯд, мусиқии муосирро дар асоси фолклор ва санъати рақамиро бо унсурҳои миллӣ мутобиқ месозанд. Чунин лоиҳаҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон ва Русия, тавонистаанд дар бозори ҷаҳонӣ бомуваффақият рақобат кунанд.

Дар ин раванд маориф нақши калидӣ дорад, зеро стартапҳои донишҷӯӣ ва инкубаторҳо инноватсияҳоро дар соҳаи фарҳанг дастгирӣ менамоянд. Ҷавонон барномаҳо барои омӯзиши забонҳо ва суннатҳо, моделсозии 3D-и артефактҳо ва рушди навъҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи ҳунарҳои мардумиро таҳия мекунанд. Ин амалҳо ба ҳифзи арзишҳои анъанавӣ ва эҳтиром ба мероси фарҳангӣ мусоидат мекунанд. Дар шароити ҷаҳони бисёрқутба чунин навовариҳо «неруи нарм»-и кишварҳоро тақвият мебахшанд.

Намунаҳо аз кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳанд, ки соҳибкорони ҷавон чӣ гуна абрешимбофиро бо дизайни муосир эҳё мекунанд ё фестивалҳое ташкил медиҳанд, ки анъанаҳои миллӣ ва технологияҳои иттилоотиро муттаҳид месозанд. Ҳамин тариқ, навовариҳои ҷавонон анъанаҳои миллиро ба манбаи динамикии рушд дар ҷаҳони муосир табдил медиҳанд.

Дипломатияи ҷавонон низ ба омили муҳими муколамаи байнифарҳангӣ мубаддал гашта, ба ҳифз ва тарғиби фарҳанги миллӣ тавассути мубодила ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат мекунад. Дар ҷаҳони бисёрқутба ҷавонон ҳамчун қисми муҳими «дипломатияи мардумӣ» баромад намуда, робитаҳои байни тамаддунҳоро таҳким мебахшанд [7]. Дипломатияи ҷавонон қолабҳои зеҳниро коҳиш дода, ба ҳамзистии осоиштаи фарҳангҳо мусоидат мекунад. Дар ниҳоят, ин навъи дипломатия фарҳанги миллиро тавассути муколамаи боз ва эҳтиромона дар шароити ҷаҳони бисёрқутба таҳким мебахшад.

Тарбияи ватандӯстӣ дар ҷавонон худшиносии миллиро ташаккул медиҳад, ки он яке аз пояҳои асосии ҳифзи фарҳанг ба ҳисоб меравад. Дар ҷаҳони бисёрқутба чунин худшиносӣ ба ассимилятсияи номувофиқ муқовимат карда, робитаи наслҳо ва эҳсоси ифтихор аз мероси фарҳангиро тақвият мебахшад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти худшиносиро дар рушди ҷавонон борҳо таъкид намудаанд. Дар ин раванд оила, мактаб, воситаҳои ахбори омма, баргузории фестивалҳо, аксияҳои ватандӯстона ва муҳтавои медиавӣ оид ба қаҳрамонон ва арзишҳои миллӣ нақши муҳим мебозанд. Ҳамзамон, иштироки ҷавонон дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳисси масъулиятро барои рушди минбаъдаи Ватан тақвият медиҳад.

Хулоса. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷавонон дар шароити ҷаҳони бисёрқутба ҳамчун неруи муҳими иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ҳифз, интиқол ва рушди мероси миллӣ нақши калидӣ мебозанд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ ва густариши фазои иттилоотӣ, дар баробари ба миён овардани як қатор чолишҳо, барои муаррифӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ низ имкониятҳои нав фароҳам месозанд.

Муайян гардид, ки иштироки фаъоли ҷавонон дар ташаббусҳои фарҳангӣ, дипломатияи ҷавонон, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ ба таҳкими худшиносии миллӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва густариши муколамаи байнифарҳангӣ мусоидат менамояд. Дар ин раванд сиёсати давлатӣ, низоми маориф, оила ва ҷомеа ҳамчун омилҳои муҳими тарбияи ҷавонони соҳибмаърифат ва ватандӯст баромад мекунанд. Таҳқиқот собит намуд, ки ҳифзи ҳувияти миллӣ дар миёни ҷавонон яке аз шартҳои муҳими суботи

иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ, дастгирии ташаббусҳои эҷодии ҷавонон ва истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ метавонанд барои таҳкими мавқеи фарҳанги миллӣ дар фазои ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд.

Адабиёт

1. Раҳмонзода, А. Сиёсати ҷавонон ҳамчун унсури муносибатҳои байналмилалии муосир // Маҷаллаи Осиё ва Аврупо. – 2025. – № 4(24). – С. 69–76.
2. Қурбонзода, Ф. Нақши рақамикунонӣ дар рушди иқтисоди Русия // Маҷаллаи Осиё ва Аврупо. – 2025. – № 3(23). – С. 178–182.
3. Володько, С. М., Сидельникова Е. С. Национальная идентичность и глобализация [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://elib.psu.by/handle/123456789/36215 (дата обращения: 01.04.2026).
4. Все разные, все уникальные. Молодежь и Всеобщая декларация ЮНЕСКО о культурном разнообразии [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000134556_rus (дата обращения: 01.04.2026).
5. Кармалюк С. П. Влияние глобализации на формирование национальной идентичности и новые стратегии поведения украинской молодежи [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://st-hum.ru/content/ (дата обращения: 07.04.2026).
6. Крыжановская Н. М. Популяризация культурного наследия в молодёжной среде [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://lib-dpr.ru/docs/reading/legacy/rept/Kryzhanovskaya.pdf (дата обращения: 07.04.2026).
7. Молодежная дипломатия в многополярном мире: как стать частью нового поколения международников [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://iq-media.ru/career/ (дата обращения: 07.04.2026).
8. Свистунова, Я. В. Формирование культурных ценностей у молодежи как национальная задача государства [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://elar.urfu.ru/bitstream/10995/120003/1/978-5-7996-3584-8_2022_069.pdf (дата обращения: 03.04.2026).
9. Стартовал проект «Национальная пресса – 150: Молодежь и медиаграмотность в цифровую эпоху» [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://azertag.az/ru/xeber/startoval_proekt_nacionalnaya_pressa___150_molodezh_i_mediagramotnost_v_cifrovuyu_epohu-3766435. (дата обращения: 01.04.2026).
10. Турсунов Т. Х. Дипломатияи фарҳангии Тоҷикистон дар заминаи ваҳдати миллӣ [Манбаи электронӣ]. https://amit.tj/tj/diplomatiyai-farkhangii-tochikiston-dar-zaminai-vakhdati-milli?page=77 (санаи мурочиат: 20.04.2026).
11. Шапинская Е. Н. Роль культурного наследия в образовании и воспитании российской молодёжи [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-kulturnogo-naslediya-v-obrazovanii-i-vospitanii-rossiyskoy-molodyozhi (дата обращения: 01.04.2026).
12. Davey L. Revitalizing Traditions: How Youth are Preserving Cultural Heritage [Electronic resource]. – Available at: https://www.europeanheritagedays.com/EHD-Programme/Press-Corner/News/Revitalizing-Traditions-How-Youth-are-Preserving-Cultural-Heritage (accessed: 20.04.2026).
13. UN cultural agency promotes power of youth to preserve cultural heritage [Electronic resource]. – Available at: https://news.un.org/en/story/2017/04/555462 (accessed: 08.04.2026).

СОЦИАЛЬНЫЕ И ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ МОЛОДЕЖИ В ЗАЩИТЕ И УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В МНОГОПОЛЯРНОМ МИРЕ

В данной статье анализируются социально политические особенности молодежи в контексте сохранения и укрепления национальных ценностей в многополярном мире. Автор рассматривает вопросы сопротивления молодого поколения процессам культурной

гомогенизации и влияния глобализации, особенно через средства массовой информации и Интернет

В исследовании молодежь рассматривается как активная социальная сила, наследники и новаторы национальных традиций, и подчеркивается их роль в возрождении национальных ценностей посредством использования цифровых технологий и инновационных инструментов. Также обсуждается важность цифровизации, включая создание национального контента в социальных сетях и цифровое моделирование исторических памятников, как важного элемента «мягкой силы».

Кроме того, анализируется роль молодежной дипломатии и патриотического воспитания в формировании национального самосознания и укреплении национального единства. Опыт различных стран, в частности Республики Таджикистан и Российской Федерации, показывает, что поддержание баланса между национальными ценностями и глобальными процессами является важным фактором устойчивого развития общества.В результате автор приходит к выводу, что сохранение национальной идентичности в контексте глобализации является динамичным и творческим процессом, и только молодые люди с высоким уровнем национального самосознания могут сыграть ключевую роль в обеспечении культурного суверенитета государства в современной международной системе.

Ключевые слова: молодежь, национальная идентичность, культурное наследие, многополярный мир, глобализация, цифровизация, самосознание, патриотизм.

SOCIAL AND POLITICAL CHARACTERISTICS OF YOUTH IN THE PROTECTION AND STRENGTHENING OF NATIONAL VALUES IN A MULTIPOLAR WORLD

This article analyzes the sociopolitical characteristics of youth in the context of preserving and strengthening national values in a multipolar world. The author examines the younger generation's resistance to cultural homogenization and the impact of globalization, particularly through media mass and the internet. The study presents youth as an active social force, as both inheritors and innorators of national traditions, and emphasizes their role in reviving national values through the use of digital technologies and innovative tools. It also discusses the importance of digitalization, including the creation of national content on social media and the digital modeling of historical monuments, as a key element of "soft power."

Furthermore, the role of youth diplomacy and patriotic education in shaping national identity and strengthening national unity is analyzed. The experience of various countries, particularly the Republic of Tajikistan and the Russian Federation, demonstrates that maintaining a balance between national values and global processes is an important factor in the sustainable development of society.

As a result, the author concludes that the conclusion that the preservation of national identity in the context of globalization is a dynamic and creative process, and only young people with a high level of national self-awareness can play a key role in ensuring the cultural sovereignty of the state in the modern international system.

Keywords: youth, national identity, cultural heritage, multipolar world, globalization, digitalization, self-awareness, patriotism.

Маълумот дар бораи муаллиф: Достиева Дилафруз Маҳмадуллоевна, ходими хурди илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33. Телефон:110884188. E.mail sharqimiyona@gmail.com.

Сведения об авторе: Достиева Дилафруз Махмадуллоевна, младший научный сотрудник отдела Южной и Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы, Национальной академии наук Таджикистана, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. Телефон: 110884188. E. mail. sharqimiyona@gmail.com.

About the author: Dostieva Dilafruz Makhmadulloevna, Junior Researcher Department of South and East Asian, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Phone: 110884188. E. mail. sharqimiyona@gmail.com.

НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ ҶУМҲУРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР НИЗОМИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ (САД) ДАР ЗАМИНАИ ТАҲАВВУЛОТИ ГЕОПОЛИТИКИИ АФҒОНИСТОН

СУДУРОВ САЙДАЛӢ АМИРОВИЧ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола таҳаввули институтсионалӣ, нақш ва ҷойгоҳи геостратегии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар низоми Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (САД) дар заминаи трансформатсияи «омили Афғонистон» ва болоравии таҳдидҳои гибридӣ мавриди таҳқиқи амиқи консептуалӣ қарор гирифтааст. Дар асоси усулҳои таҳлили низомӣ ва неореализм, детерминантҳои асосии манофеи миллии Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон ҳамчун давлатҳои аъзои созмон муайян гардида, хусусиятҳои сиёсати амниятии кишварҳои ғайриузв (Ӯзбекистон ва Туркманистон) дар минтақа мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф таъсири ҳаракати Толибонро ба стратегияи мудофиавии САД арзёбӣ намуда, зиддиятҳои дохилии созмонро дар заминаи «парокандагии стратегӣ» ошкор месозад. Дар натиҷаи таҳқиқот, аҳамияти амалии ташаббуси Пешвои миллат оид ба таъсиси «Камарбанди амниятӣ» дар атрофи Афғонистон асоснок карда шуда, сенарияҳои пешгӯишавандаи рушди амнияти минтақавӣ ва моделҳои ҳамкории эътилофии САД бо сохторҳои ғайриузв ҷамъбаст гардидаанд.

Калидвожаҳо: *САД, Осиёи Марказӣ, «омили Афғонистон», Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, манофеи миллӣ, геополитикаи минтақавӣ, таҳдидҳои гибридӣ, амнияти асимметрӣ, «Камарбанди амниятӣ», ҳамгироии ҳарбӣ-сиёсӣ, бӯҳрони эътимод.*

Муқаддима. Таҳаввулоти геополитикии охир дар фазои пасошӯравӣ ва болоравии назарраси таҳдидҳои ноҳамгун (асимметрӣ) ва гибридӣ, зарурати бозбинии куллӣ ва таҳлили сохтории низомҳои амнияти минтақавиро ба миён гузоштааст. Дар ин замина, минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун як гиреҳи муҳимми геополитикии қораи АвруОсиё ва объекти манофеи стратегии қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ боқӣ мемонад.

Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (САД), ки ҳадафи марказию стратегии он таъмини субот, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва амнияти дастаҷамъии давлатҳои аъзо мебошад, имрӯз бо давраи нави имтиҳонҳои институционалӣ ва озмоишҳои ҳарбӣ-сиёсӣ рӯбарӯ шудааст [15].

Бозгашти ҳаракати Толибон ба сари қудрат дар Афғонистон дар моҳи августи соли 2021 ва тағйироти назаррасу динамикӣ дар сиёсати хориҷию мудофиавии кишварҳои калидии минтақа, стратегияи умумии дифоии САД-ро ба таҳаввулоти ҷиддӣ ва реформатсияи тактикӣ водор намуд. Ин вазъият тақозо мекунад, ки моделҳои таъмини амнияти миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, чӣ кишварҳои аъзои созмон ва чӣ давлатҳои ғайриузв, дар заминаи ин таҳдидҳои нав ба таври мукаммал ва системавӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гиранд.

Дараҷаи омӯзиши масъала. Масъалаҳои амнияти минтақавӣ ва нақшу ҷойгоҳи САД дар Осиёи Марказӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ қарор доштаанд. Хусусиятҳои геополитикии минтақа, детерминантҳои (омилҳои муайянкунандаи) амниятии Тоҷикистон ва таҳлили фаъолияти неруҳои харобкори беруна дар корҳои консептуалию фундаменталии С.С. Ятимов [17] ва С. Сафаров [14] ба таври амиқ баррасӣ шудаанд.

Масъалаҳои институционалии САД, уҳдадориҳои коалисионии (эътилофии) ҳарбӣ ва стратегияи геополитикии Федератсияи Русияро дар ин самт А.И. Никитин [7] ва А.А. Казанцев [2] мавриди омӯзиш қарор додаанд. Таъсири бевоситаи «омили Афғонистон», содироти тундгароӣ ва таҳдидҳои фаромарзӣ дар таҳқиқоти густурдаи А.А. Князев [3] инъикоси худро ёфтаанд.

Фарқияти консептуалӣ ва амалии моделҳои амниятии кишварҳои ҳамсояи минтақа дар асарҳои муҳаққиқони барҷастае чун М.Т. Лаумулин (Қазоқистон) [5], А.А. Джекшенкулов

(Қирғизистон) [4], А. Маҳмадазимов (Тоҷикистон) [12], Р. Сайфуллин (Ӯзбекистон) [13], М.Х. Хаитов (Туркманистон) [16] ва дигарон ба таври алоҳида мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили муқоисавию низомии ин моделҳо ва баҳодиҳии онҳо ба низоми амнияти ноҳамгун (асимметрӣ) пас аз воқеаҳои бӯҳронии солҳои охир ва ташаббусҳои нави умумиминтақавӣ дар адабиёти илмӣ камтар ба назар мерасад, ки ин омил зарурати навиштани мақолаи мазкурро асоснок мекунад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади асосии мақола - ошкор намудани хусусиятҳои иштироки ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар низоми САД ва арзёбии таҷрибавии (эмпирикии) таъсири трансформацияи «омили Афғонистон» ба стратегияҳои мудофиавии миллии онҳо мебошад. Барои расидан ба ин мақсади стратегӣ, вазифаҳои илмии зерин гузошта ва ҳал карда шуданд:

- Муайян ва намудбандии омилҳои шаклдиҳандаи (детерминантҳои) манофеи миллии Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон дар доираи сохтори САД;

- Таҳлили сиёсати амниятию мудофиавии кишварҳои ғайриузви созмон (Ӯзбекистон ва Туркманистон) ва муайян кардани самаранокии моделҳои мустақили онҳо;

- Арзёбии таъсири таҳдидҳои ноҳамгуни аз ҳудуди Афғонистон пайдошуда ба устувории институционалии САД;

- Асосноккунии илмии ташаббуси «Камарбанди амниятӣ» ҳамчун консепсияи фарогири ҳамоҳангсозии мудофиавӣ дар минтақа.

Навгонии илмӣ. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал пас аз тағйироти куллии геополитикии солҳои охир дар минтақа, сиёсати амниятии кишварҳои аъзо ва ғайриузви САД дар Осиёи Марказӣ дар асоси андешаҳои мактабҳои сиёсии тамоми ҷумҳуриҳои минтақа, на ҳамчун сегментҳои ҷудогона, балки ҳамчун як низоми ягонаи дорои «амнияти ноҳамгун» (асимметрӣ) мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтааст. Инчунин, дар мақола консепсияи «Камарбанди амниятӣ»-и Пешвои миллат бори аввал ҳамчун пули пайвасткунандаи моделҳои коалисионию (эътилофию) дуҷонибаи амнияти Осиёи Марказӣ аз нигоҳи илми сиёсатшиносии муосир асоснок карда шудааст.

2. МЕТОДҲО ВА УСУЛҲОИ ТАҲҚИҚ

Асоси методологии ин пажӯҳишро омезиши мукаммали усулҳои таҳлили низомӣ-сохторӣ ва принсипҳои бунёдии назарияи неореализм дар муносибатҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд. Ин заминаи назариявӣ имкон медиҳад, ки рафтори стратегӣ ва детерминантҳои (омилҳои муайянкунандаи) сиёсати хориҷию мудофиавии кишварҳои Осиёи Марказӣ на ҳамчун ҳаракатҳои тасодуфӣ, балки ҳамчун вокуниши мантиқии давлатҳо ба шароити анархияи низоми байналмилалӣ ва кӯшиши табиии онҳо барои таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад. Дар ин чорчӯба, «омили Афғонистон» ҳамчун як таҳдиди берунии сохторӣ баррасӣ мешавад, ки давлатҳои минтақаро ба интихоби ин ё он модели амниятӣ (эътилофӣ, дуҷониба ё бетараф) маҷбур месозад.

Барои ба даст овардани хулосаҳои дақиқи илмӣ ва коркарди маълумоти таҷрибавӣ (эмпирикӣ), дар мақола маҷмӯи усулҳои махсуси сиёсатшиносӣ истифода шудаанд:

- *Таҳлили муқоисавӣ (компаративизм):* Ин усул ҷиҳати муқоисаи низомии Доктринаҳои ҳарбӣ, стратегияҳои амнияти миллии кишварҳои аъзои САД (Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон) ва давлатҳои ғайриузву бетарафи минтақа (Ӯзбекистон, Туркманистон) истифода шудааст. Тавассути ин усул тафовути детерминантҳои амниятии кишварҳо ошкор ва моделҳои мудофиавии онҳо муайян карда шуданд.

- *Усули намудбандӣ (типологизатсия):* Барои гурӯҳбандии моделҳои таъмини амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ бар асоси нишондиҳандаҳои мақоми ҳуқуқӣ дар созмонҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, хусусияти таҳдидҳои қабулшаванда ва дараҷаи ҳамгироии ҳарбӣ истифода гардидааст.

- *Сенариясозии прогностикӣ (дурнамосозӣ):* Ин усул барои муайян кардани дурнамои рушд ва таҳаввули вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ дар сарҳади ҷанубии минтақаи масъулияти САД ва арзёбии самаранокии консепсияи «Камарбанди амниятӣ» дар сурати афзоиш ёфтани таҳдидҳои ноҳамгун (асимметрӣ) истифода шудааст.

- *Манбаъшиносӣ ва базаи маводи таҳқиқот:* Базаи манбаъҳои таҳқиқотро маводи расмӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд:

1. Ҳуҷҷатҳои стратегии мудофиавии кишварҳои Осиёи Марказӣ (Доктринаҳои ҳарбӣ ва қонунҳо дар бораи мудофиа).

2. Созишномаҳои байналмилалӣ ва гузоришҳои расмии таҳлилии Котиботи СААД, ки омори воқеиро дар бораи машқҳои ҳарбӣ ва таъминоти техникӣ инъикос мекунанд [11].

3. Изҳороти расмӣ, нотаҳои дипломатӣ ва маводи иттилоотии Вазоратҳои корҳои хориҷии кишварҳои минтақа, ки мавқеи геополитикии давлатҳоро нисбат ба равандҳои ҳамгироӣ нишон медиҳанд [9, 10].

Татбиқи ин маҷмӯи методҳо имкон дод, ки таҳқиқот аз доираи тавсифи оддии воқеаҳо берун шуда, хусусияти мукаммали назариявӣ ва амалӣ пайдо кунад.

3. НАТИҶАҲО

Таҳқиқи низомии сиёсати мудофиавии кишварҳои минтақа нишон дод, ки сохтори амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар шароити муосири таҳаввули «омили Афғонистон» ба таври эмпирикӣ ба ду сегменти асосии стратегӣ ҷудо шудааст: аввал, эътилофии (коалисионии) ҳарбӣ (Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон), ки амнияти худро дар доираи уҳдадориҳои дастаҷамъии созмон таъмин менамоянд; ва дуюм, дуҷонибаю бетараф (Ӯзбекистон, Туркманистон), ки ба стратегияи мустақилияти соҳибихтиёр такя мекунанд.

Барои амиқтар нишон додани ин тафовутҳо ва хусусиятҳои омилҳои (детерминантҳои) амниятии ҳар як кишвар, дар асоси таҳлили муқоисавии Доктринаҳои ҳарбӣ ва изҳороти расмии вазоратҳои хориҷии кишварҳои минтақа [9, 10], нишондиҳандаҳои консептуалии зерин ҷамъбаст ва намудбандӣ (типологизатсия) карда шуданд.

Таҳлили муқоисавии моделҳои амниятии кишварҳои Осиёи Марказӣ

Кишвар	***Мақом дар СААД***	***Самти асосии таҳдид***	***Модели таъмини амният***
Тоҷикистон	Аъзо / Сарҳадӣ	Ҷанубӣ (Афғонистон)	Эътилофи ҳарбӣ + Пойгоҳи 201
Қазоқистон	Аъзо	Трансмиллӣ / Дохилӣ	Бисёрсамтӣ (Многовекторӣ) + СААД
Қирғизистон	Аъзо	Наздимарзӣ / Экстремизм	Ҳамгироӣ бо СААД + Пойгоҳи Кант
Ӯзбекистон	Ғайриузв	Сарҳадӣ / Терроризм	Мустақилияти стратегӣ + Дуҷониба
Туркманистон	Ғайриузв	Иқтисодӣ-сарҳадӣ	Бетарафии доимии мутлақ

Таҳлили ҷадвали мазкур собит месозад, ки дар Осиёи Марказӣ як низоми дорои «амнияти ноҳамгун» (асимметрӣ) ҳукмфармост, ки дар он ҷойгоҳ ва нақши кишварҳо дар СААД вобаста ба наздикии ҷуғрофии онҳо ба манбаи таҳдид (Афғонистон) муайян карда мешавад.

Далелҳои мушаххас ва маълумоти омории бадастомада нишон медиҳанд, ки пас аз тағйироти сиёсии августи соли 2021 дар Кобул, уҳдадориҳои ҳарбӣ-техникӣ ва фаъолияти тактикии СААД дар самти сарҳади ҷанубӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳандаҳоро дар се самти асосии натиҷавии зерин ҷамъбаст намудан мумкин аст:

1. Сафарбаркунии неруҳои зудамали ҳарбӣ: Дар доираи машқҳои муштараки ҳарбию стратегии созмон, аз ҷумла бӯҳронҳои моделии «Боевое братство», «Эшелон» ва «Рубеж», котиботи СААД нишондиҳандаҳои сафарбаркуниро ба таври рекордӣ боло бурд. Тибқи гузоришҳои расмӣ, дар наздикии сарҳади Тоҷикистону Афғонистон зиёда аз 5000 нафар ҳайати шахсии Неруҳои дастаҷамъии вокуниши фаврӣ (НДВФ) ва то 700 воҳиди техникаи вазнини ҳарбӣ, аз ҷумла авиатсияи оперативию тактикӣ, сафарбар ва ҳамоҳанг карда шуданд [11]. Ин натиҷа нишон медиҳад, ки механизми вокуниши эътилофии (коалисионии) созмон дар ҳолати омодабоши баланд қарор дорад.

2. Кӯмакҳои ҳарбӣ-техникии мақсаднок: Таҳлили сохтори таъминоти ҳарбии ҷумҳуриҳои наздимарзӣ нишон дод, ки САД ҳамчун донори асосии модернизатсияи Артишҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон баромад мекунад. Тибқи маълумоти расмии таҳлилӣ, зиёда аз 98% аслиҳа, воситаҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ (ПВО) ва техникаи махсуси ҳарбие, ки ин ду ҷумҳурӣ дар доираи кӯмакҳои техникии байналмилалӣ мегиранд, аз ҳисоби кӯмакҳои имтиёзноки Федератсияи Русия ва барномаҳои мақсадноки давлатии созмон таъмин карда мешавад [7]. Ин омил вобастагии стратегии амнияти ин кишварҳоро аз низоми САД устувор мегардонад.

3. Муқовимат бо таҳдидҳои асимметрӣ (гибридӣ): Натиҷаҳои таҳқиқоти сохтории созмон нишон медиҳанд, ки дар баробари таҳдидҳои ҳарбии анъанавӣ, САД бахши мубориза бо кибер таҳдидҳо ва қочоқи маводди мухаддирро таҳким бахшидааст. Махсусан, амалиёти доимии «КАНАЛ» ва «НЕЛЕГАЛ» дар фазои Осиёи Марказӣ имкон доданд, ки роҳҳои маблағгузории гурӯҳҳои тундгаро аз ҳисоби иқтисоди соягии (теневая экономика) Афғонистон ба таври назаррас маҳдуд карда шаванд [11].

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҷрибавии (эмпирикии) таҳқиқот нишон медиҳанд, ки низоми САД дар шароити муосир натанҳо як сохтори сиёсӣ, балки воситаи асосии нигоҳдории тавозуни стратегӣ ва амнияти эътилофии ҳарбӣ дар сарҳадҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад, гарчанде ки мавҷудияти моделҳои алтернативии Ӯзбекистон ва Туркманистон зарурати ҳамоҳангсозии нави умумиминтақавиро талаб мекунад.

4. МУҲОКИМА

Таҳлили амиқи натиҷаҳои бадастомада ва муқоисаи онҳо бо пажӯҳишҳои муҳаққиқони пешбари минтақавӣ нишон медиҳад, ки дар илми сиёсатшиносии муосири ватанию хориҷӣ оид ба мақоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар низоми САД ва дурнамои рушди он ду назария ва консепсияи асосии мухолиф мавҷуд аст. Ин фарқиятҳо усулан аз детерминантҳои (омилҳои муайянкунандаи) амнияти миллии ҳар як ҷумҳурӣ ва тарзи баҳодиҳии онҳо ба «омили Афғонистон» сарчашма мегиранд.

Назарияи аввал, ки бештар ба мактаби неореализми сохторӣ наздик аст, бар он устувор мебошад, ки таҳдидҳои фаромарзии аз Афғонистон бармехеста хусусияти умумӣ ва экзистенсиалӣ (ҳаётан муҳим) дошта, боздорандагии онҳо танҳо дар формати коалисионии (эътилофи) ҳарбӣ имконпазир аст. Академик С.С. Ятимов ин масъаларо ба таври консептуалӣ баррасӣ намуда, дуруст таъкид месозад, ки бӯҳрони Афғонистон як гиреҳи мураккаби зиддиятҳои геополитикии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ буда, ноустувории дарозмуддати ин кишвар аз ҷониби неруҳои харобкори беруна барои содироти тундгароӣ ва бесуботсозии фазои амниятии Осиёи Марказӣ ба таври мақсаднок истифода мешавад [17, с. 66].

Ин дидгоҳи стратегиро коршиноси қирғиз А.А. Джекшенкулов аз нигоҳи давлатҳои дорои потенсиали маҳдуди ҳарбӣ-техникӣ қувват бахшида, қайд мекунад, ки барои кишварҳои хурди минтақа созмони САД ягона воситаи самарабахши боздорандагии ҳарбӣ ва кафолати ҳифзи соҳибихтиёрӣ дар шароити маҳдудияти ресурсҳои дохилии мудофиавӣ мебошад [4, с. 88]. Мантиқан, барои Душанбе ва Бишкек, САД натанҳо як созмони сиёсӣ, балки сипари воқеии ҳарбӣ ва механизми таъмини устувории марзҳо ба шумор меравад.

Назарияи дуюм, ки бештар бар прагматизми сиёсӣ ва консепсияи «стратегияи многовекторӣ» (бисёрсамтӣ) такя мекунад, нақши САД-ро на ҳамчун воситаи мудофиаи берунӣ, балки ҳамчун фишанги ҳифзи суботи дохилисиёсӣ ва мувозинати геополитикӣ арзёбӣ менамояд. Дар ин замина, сиёсатшиноси маъруфи қазоқ М.Т. Лаумулин ба хусусияти амалии (прагматикии) иштироки Қазоқистон дар созмон ишора карда, мегӯяд, ки барои Остона созмони САД бештар фишанги таъмини суботи дохилисиёсӣ, ҳифзи инфрасохтори стратегӣ ва пешгирии таҳдидҳои гибридӣ мебошад, ки ин хусусиятро воқеаҳои бӯҳронии январи соли 2022 ба таври амалӣ исбот намуданд [5, с. 42]. Ба ин тартиб, барои Қазоқистон, ки бо Афғонистон марзи мустақим надорад, детерминантаҳои (омилҳои) амниятӣ бештар хусусияти фаромарзӣ ва дохилӣ доранд.

Дар ин замина, мавқеи кишварҳои ғайриузви созмон, ки моделҳои алтернативии амниятро пеш гирифтаанд, диққати махсусро талаб мекунад. Сиёсатшиноси шинохтаи ӯзбек, профессор Р. Сайфуллин қайд мекунад, ки Тошканд аз блокҳои ҳарбӣ-сиёсии эътилофӣ (аз ҷумла СААД) ба таври огоҳона ва стратегӣ дурӣ меҷӯяд, зеро сиёсати мудофиавии Ӯзбекистон ба принсипи устувори «чандирӣ ва мустақилияти стратегӣ» ва роҳ надодан ба ҷойгиршавии пойгоҳҳои ҳарбии хориҷӣ дар қаламрави худ асос ёфтааст [13, с. 54]. Ба ақидаи ӯ, Ӯзбекистон амнияти миллии худро на тавассути уҳдадориҳои эътилофии СААД, балки тавассути таҳкими пайвастаи иқтидори мудофиавии миллии худ ва дипломатияи фаъолу мустақили дуҷониба бо Кобул таъмин менамояд.

Ин модели мустақилияти стратегиро дар шакли дигар, яъне бетарафии ҳуқуқӣ, Ашқобод низ пайравӣ мекунад. Коршиноси туркман М.Х. Хаитов бартариҳои геоиқтисодии ин моделро нишон дода, қайд мекунад, ки дур будан аз блокҳои ҳарбӣ ва риояи қатъии мақоми бетарафии доимии мутлақ, имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои бузурги трансмиллии иқтисодӣ-энергетикӣ (ба монанди сохтмони хатти гази ТАПИ - Туркманистон-Афғонистон-Покистон-Ҳиндустон) дар шароити мураккаби геополитикӣ бехатар ва муваффақона амалӣ карда шаванд [16, с. 74].

Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот: Муқоиса ва амиқсозии ин андешаҳои мухталифи мактабҳои сиёсии минтақа собит месозад, ки имрӯз дар Осиёи Марказӣ як низоми дорои амнияти ноҳамгун (асимметрӣ) шакл гирифтааст, ки дар он ҷудоии сегментҳои эътилофӣ ва дуҷониба ба чашм мерасад. Ин ҳолат метавонад дар сурати буҳронӣ шудани «омили Афғонистон» боиси парокандагии стратегии минтақавӣ гардад.

Аз ин рӯ, дар шароити мавҷудияти чунин моделҳои мухталиф ва баъзан зиддиятнок, ташаббуси стратегии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъсиси консепсияи «Камарбанди амниятӣ» дар атрофи Афғонистон [8] аҳамияти аввалиндараҷаи амалӣ пайдо мекунад. Ин ташаббус метавонад ҳамчун пули ягонаи пайвасткунанда ва ҳамоҳангсози ин моделҳои мухталиф хизмат кунад. Хусусияти беназири ин консепсия дар он зоҳир мегардад, ки он на рақобати ҳарбӣ ва блоксозиро дар минтақа, балки механизми чандир ва фарогири ҳамоҳангсозии умумиминтақавиро дар формати «давлатҳои аъзои СААД + кишварҳои ғайриузв (Ӯзбекистон ва Туркманистон)» пешниҳод менамояд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки амнияти ноҳамгуни (асимметрӣ) минтақа ба як низоми мукаммал ва устувори амнияти дастаҷамъӣ бар зидди таҳдидҳои фаромарзӣ табдил ёбад.

ХУЛОСА.Таҳқиқи системавӣ ва таҳлили муқоисавию таҷрибавии нақш ва ҷойгоҳи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар низоми СААД, инчунин омӯзиши детерминантҳои амниятии онҳо дар шароити трансформатсияи «омили Афғонистон» имкон медиҳад, ки хулосаҳои консептуалии зерини илмӣ ва амалӣ бароварда шаванд:

1. Институционализатсия ва кафолати суботи эътилофӣ (коалисионӣ): Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) дар шароити муосири геополитикӣ ягона сохтори бисёрҷонибаи дорои механизми воқеии ҳарбӣ-ҳуқуқӣ ва потенсиали сафарбаркунии тезгард дар минтақа боқӣ мемонад. Таҳқиқот собит намуд, ки барои кишварҳои наздимарзӣ, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон, созмон натанҳо як заминаи сиёсӣ, балки кафили асосии нигоҳдории тавозуни стратегӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ аз таҳдидҳои фаромарзӣ мебошад. Модернизатсияи ҳарбӣ-техникии Артишҳои минтақа аз ҳисоби барномаҳои мақсадноки созмон вобастагии устувори амнияти эътилофиро нишон медиҳад.

2. Трансформацияи «омили Афғонистон» ва таҳдидҳои ноҳамгун: Таҳлили вазъияти кунунии Афғонистон нишон дод, ки таҳдидҳои берунии аз ин ҳудуд пайдошаванда хусусияти мураккаби гибридӣ ва ноҳамгун (асимметрӣ) касб намудаанд. Имрӯз фаолияти неруҳои харобкори беруна натанҳо дар шакли таҳдидҳои ҳарбии анъанавӣ, балки бештар дар қолаби содироти идеологияи тундгароӣ, киберҳамлаҳо, ҷанги иттилоотӣ ва маблағгузории ғайриқонунӣ аз ҳисоби иқтисоди соягии Афғонистон зоҳир мешавад. Ин ҳолат аз кишварҳои

минтақа ва сохторҳои САДД тақозо менамояд, ки дар заминаи мудофиаи физикии марзҳо, низоми амнияти иттилоотӣ ва кибермудофиаро низ ба таври назаррас таҳким бахшанд.

3. Амнияти ноҳамгун ва зарурати ҳамоҳангсозии минтақавӣ: Сиёсати прагматикӣ ва моделҳои мудофиавии Ӯзбекистон (мустақилияти стратегӣ) ва Туркманистон (бетарафии доимии мутлақ) нишон медиҳанд, ки дар Осиёи Марказӣ як низоми амнияти ноҳамгун шакл гирифтааст. Таҳлили муқоисавӣ собит месозад, ки таъсиси як низоми ягона ва устувори амнияти минтақавӣ бидуни ҳамоҳангсозии стратегӣ ва муколамаи доимии ин кишварҳои ғайриузв бо сохторҳои амниятии САДД ғайриимкон аст. Ҷудоии сегментҳои эътилофӣ метавонад дар сурати афзоиши бӯҳронҳо амнияти умумии минтақаро зери хатар гузорад.

4. Ташаббуси «Камарбанди амниятӣ» ҳамчун модели фарогир ва пешниҳодҳои амалӣ: Бо мақсади пайваст кардани моделҳои мухталифи амниятии кишварҳои аъзо ва ғайриузви САДД, консепсияи стратегии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъсиси «Камарбанди амниятӣ» дар атрофи Афғонистон ҳамчун пули ягона ва чандири ҳамоҳангсозии умумиминтақавӣ арзёбӣ мешавад. Дар ин замина, дар доираи ин консепсия пешниҳодҳои илмию амалии зерин ворид карда мешаванд:

- *Таъсиси як Шӯрои ҳамоҳангсози доимии минтақавӣ оид ба мониторинги таҳдидҳои фаромарзӣ* бо иштироки намояндагони вазоратҳои мудофиа ва хадамоти махсуси давлатҳои аъзои САДД ва кишварҳои Ӯзбекистону Туркманистон.

- *Коркарди платформаи муштараки иттилоотӣ* ҷиҳати пешгирии паҳншавии мафкураи тундгароёна дар фазои электронии Осиёи Марказӣ.

- *Пешниҳод карда мешавад*, ки дар доираи концепцияи «Камарбанди амниятӣ»-и пешниҳодкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон як Шӯрои ҳамоҳангсози доимӣ оид ба мониторинги таҳдидҳои фаромарзӣ таъсис дода шавад.

АДАБИЁТ

1. Закон Республики Узбекистан «Об оборонной доктрине Республики Узбекистан» // Национальная база данных законодательства Республики Узбекистан (Lex.uz). – Ташкент, 2018 (с изм. и доп. 2024).

2. Казанцев А. А. Интеграционные процессы в сфере безопасности на постсоветском пространстве: роль ОДКБ // Международная аналитика. – 2017. – № 2. – С. 33–45.

3. Князев А. А. Афганский кризис и безопасность Центральной Азии (XIX – начало XXI вв.). – Душанбе: Дониш, 2004. – 240 с.

4. Джекшенкулов А. А. Новые независимые государства Центральной Азии в системе международных отношений. – М.: Книга и бизнес, 2002. – 196 с.

5. Лаумулин М. Т. Центральная Азия в эпоху postmoderna и геополитики // Центральная Азия и Кавказ. – 2019. – Т. 22, № 3. – С. 35–48.

6. Наумкин В. В. Нация, государство и безопасность в Центральной Азии // Вестник Московского университета. Серия 12. Политические науки. – 2018. – № 4. – С. 7–21.

7. Никитин А. И. Две колыбели ОДКБ: эволюция задач и потенциала Организации Договора о коллективной безопасности // Международная жизнь. – 2022. – № 5. – С. 24–33.

8. Раҳмон Э. Суханронӣ дар Иҷлосияи Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ // Ҷумҳурият. – 2024. – 18 январ. – № 12 (24863).

9. Официальный сайт Министерства иностранных дел Республики Казахстан. – URL: https://www.gov.kz/memleket/entities/mfa/ (дата обращения: 19.05.2026).

10. Официальный сайт Министерства иностранных дел Туркменистана. – URL: https://www.mfa.gov.tm/ (дата обращения: 04.05.2026).

11. Официальный сайт Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ). – URL: https://odkb-csto.org/documents/ (дата обращения: 02.06.2026).

12. Маҳмадазимов А. Новая геополитика Центральной Азии. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 180 с.

13. Сайфуллин Р. Г. Национальная безопасность Узбекистана в контексте современных региональных вызовов. – Ташкент: Шарк, 2012. – 164 с.

14. Сафаров С. Афганистан и безопасность государств Центральной Азии. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 196 с.

15. Устав Организации Договора о коллективной безопасности (принят 7 октября 2002 года, с изменениями и дополнениями). – М.: Секретариат ОДКБ, 2021. – 36 с.

16. Хаитов М. Х. Конституционная реформа в Туркменистане: особенности и преемственность // Государство и право. – 2018. – № 10. – С. 70–78.

17. Ятимов С. С. Геополитические процессы в Центральной Азии (в контексте национальной безопасности Республики Таджикистан). – Душанбе: Ирфон, 2019. – 284 с.

РОЛЬ И МЕСТО СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В СИСТЕМЕ ОДКБ В КОНТЕКСТЕ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ТРАНСФОРМАЦИЙ В АФГАНИСТАНЕ

В статье подвергнуты глубокому концептуальному анализу институциональная эволюция, роль и геостратегическое положение республик Центральной Азии в системе Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) в контексте трансформации «афганского фактора» и роста гибридных угроз. На основе системного подхода и методов неореализма определены ключевые детерминанты национальных интересов Таджикистана, Казахстана и Кыргызстана как государств-членов организации, а также проведен сравнительный анализ особенностей политики безопасности государств, не входящих в её состав (Узбекистана и Туркменистана). Автор оценивает влияние прихода к власти движения Талибан на оборонную стратегию ОДКБ и выявляет внутренние противоречия организации в контексте «стратегической фрагментации». В результате исследования обоснована практическая значимость инициативы Лидера нации по созданию «Пояса безопасности» вокруг Афганистана, а также обобщены прогностические сценарии развития региональной безопасности и модели коалиционного взаимодействия ОДКБ со странами, не являющимися членами организации.

Ключевые слова: *ОДКБ, Центральная Азия, «афганский фактор», Таджикистан, Казахстан, Кыргызстан, национальные интересы, региональная геополитика, гибридные угрозы, асимметричная безопасность, «Пояс безопасности», военно-политическая интеграция, кризис доверия.*

THE PLACE AND ROLE OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES WITHIN THE CSTO SYSTEM IN THE CONTEXT OF GEOPOLITICAL DEVELOPMENTS IN AFGHANISTAN

This article provides a profound conceptual analysis of the institutional evolution, role, and geostrategic positioning of the Central Asian republics within the Collective Security Treaty Organization (CSTO) framework against the backdrop of the "Afghan factor" transformation and the rise of hybrid threats. Utilizing a systems approach and the theoretical models of neorealism, the study identifies the core determinants of the national interests of Tajikistan, Kazakhstan, and Kyrgyzstan as member states, while offering a comparative analysis of the security policies pursued by regional non-members (Uzbekistan and Turkmenistan). The author assesses the impact of the Taliban regime on the CSTO's defense strategy and exposes the organization's internal contradictions in the context of "strategic fragmentation." Conclusively, the study substantiates the practical significance of the initiative proposed by the Leader of the Nation regarding the establishment of a "Security Belt" around Afghanistan. Furthermore, it outlines prognostic scenarios for regional security developments and structures models for coalition interaction between the CSTO and regional non-member states.

Keywords: *CSTO, Central Asia, "Afghan factor", Tajikistan, Kazakhstan, Kyrgyzstan, national interests, regional geopolitics, hybrid threats, asymmetric security, "Security Belt", military-political integration, crisis of trust.*

Маълумот дар бораи муаллиф: **Сударов Сайдали Амирович** – ходими калони илмии шӯъбаи ИДМ-И Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел. +992 00 988 57 57, E-mail: sudurzoda60@gmail.com

Сведения об авторе: Сударов Сайдали Амирович – старший научный сотрудник отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел. +992 00 988 57 57, E-mail: sudurzoda60@gmail.com

About the author: Sudurov Saidali Amirovich- senior researcher, the Department of Commonwealth of Independent States, Institute for Asian and European Studis of National Academy of Sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue,33. Phone: +992 00 988 57 57, E-mail: sudurzoda60@gmail.com

МЕХАНИЗМИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР АСОСҲОИ БЮРОКРАТИЯИ ЭЛЕКТРОНӢ

АБДУЛЛОЕВ НУРАЛӢ СОДИҚОВИЧ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқ ва таҳлили низоми донишҳои сиёсӣ – таҳавулоти нави низоми идоракунии давлатӣ ва бӣюрократияи электронӣ ҳамчун омили самаранок гардонидани раванди кори низоми идоракунии давлатӣ бахшида шудааст. Муаллиф кушиш намудааст, ки дар мақола масъалаи механизми баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ дар заминаи бюрократияи электронӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шавад. Мазмуни бюрократияи электронӣ ҳамчун шакли муосири идоракунии давлатӣ, нақши технологияҳои рақамӣ дар такмили равандҳои маъмурӣ, қабули қарорҳо ва татбиқи сиёсати давлатӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф нишон медиҳад, ки рақамисозии идоракунии давлатӣ танҳо дар доираи як низоми муназзами институтсионалӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ метавонад самаранокии устуворро таъмин намояд. Дар мақола робитаи байни бюрократияи электронӣ, шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва сатҳи иштироки шаҳрвандон таҳлил гардида, аҳаммияти он барои рушди низоми маъмурӣ ва инкишофи минбаъдаи идоракунии давлатӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотиву рақамӣ асоснок карда мешавад.

Калидвожаҳо: *идоракунии давлатӣ, самаранокии идоракунӣ, бюрократияи электронӣ, идоракунии рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ислоҳоти маъмурӣ, хизматрасониҳои давлатӣ, шаффофият, қабули қарор, ҷомеаи иттилоотӣ.*

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди ҷомеа, ки бо равандҳои босуръати рақамисозӣ, иттилоотикунонӣ ва афзудани талабот ба танзими самараноки муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ тавсиф мегардад, масъалаи баланд бардоштани иқтидор ва тавоноии идоракунии давлатӣ ба яке аз самтҳои калидии тадқиқоти илмӣ ва сиёсати амалии давлатҳо табдил ёфтааст. Давлатҳои муосир, новобаста аз сатҳи рушди иқтисодӣ ва низоми сиёсӣ, ба зарурати бознигарии шаклҳо, усулҳо ва механизмҳои идоракунии давлатӣ рӯ ба рӯ гардидаанд, зеро тарҳҳои анъанавии бюрократӣ на ҳамеша қодиранд ба талаботи нави ҷомеаи иттилоотӣ, таҳуими шаффофият ва самаранокии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мусоидат кунанд.

Дар ҳамин замина, бюрократияи электронӣ ҳамчун шакли нав ва муосири ташкили фаъолияти идоракунии давлатӣ зуҳур намуда, имконият фароҳам меорад, ки раванди самаранокии идоракунии давлатӣ дар асоси технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда шаванд. Татбиқи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми идоракунии давлатӣ на танҳо боиси соддагардонии равандҳои маъмурӣ мегардад, балки ҳамзамон ба коҳиш ёфтани монеаҳои бюрократӣ, паст шудани сатҳи коррупсия, баланд шудани шаффофият ва афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои давлатӣ мусоидат менамояд.

Механизми баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ дар асосҳои бюрократияи электронӣ ҳамчун маҷмӯи муназзами воситаҳо, усулҳо ва равандҳо баромад мекунад, ки ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, такмили қабули қарорҳо, баланд бардоштани сатҳи масъулиятнокӣ ва таъмин намудани дастрасии баробари шаҳрвандон ба хизматрасониҳои давлатӣ равона шудааст.

Аҳамияти илмии баррасии ин мавзӯъ аз он иборат аст, ки сохтор ва хусусиятҳои механизми амалии бюрократияи электронӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ба таври зарурӣ таҳлил намуда, робитаи байни рақамисозии равандҳои маъмурӣ ва сатҳи воқеии таҳкимбахшии идоракуниро ошкор созад. Дар навбати худ, аҳаммияти амалӣ ва сиёсии масъала дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои чунин таҳқиқот метавонанд ҳамчун асоси назариявӣ ва методологӣ барои такмили сиёсати давлатӣ, таҳкимбахшии низоми маъмурӣ ва

рушди устувори низоми идоракунии давлатӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ истифода гарданд.

Қисмати асосӣ. Муҳити нави иттилоотӣ, ки бо низомҳои мураккаб ва бисёрсатҳии коркарди маълумот тавсиф меёбад, ба яке аз унсурҳои калидии устувории идоракунии давлатӣ табдил ёфта, заминаи институтсионалии фаъолияти самаранок ва ҳамоҳанги дастгоҳи маъмуриро фароҳам месозад. Маҳз тавассути чунин низомҳо имконияти сабукгардонии равандҳои идоракунӣ, афзоиши суръат ва дақиқии қабули қарорҳои сиёсӣ, инчунин фаъолгардонии марҳилаҳои таҳия, татбиқ ва назорати сиёсати давлатӣ ба вуҷуд меояд, ки дар маҷмуъ ба баланд бардоштани сифатҳои корӣ ва мутобиқшавии давлат ба талаботи ҷомеаи муосири иттилоотӣ мусоидат менамояд. Инфрасохторҳои рақамӣ на танҳо механизми татбиқи сиёсати давлатиро танзим менамоянд, балки ба фазои иҷтимоию сиёсии васеъе, ки дар он фаъолияти сиёсӣ ҷараён мегирад, таъсири амиқ мерасонанд ва ҳамчун заминаи ташаккули равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ баромад мекунанд. «Дар натиҷа, ҳукуматҳо ва сохторҳои давлатӣ дар аксари кишварҳо бо технологияҳо ва системаҳои иттилоотии рақамӣ муҷаҳҳаз гардида, сатҳи баланди иштироки рақамӣ, дастрасии иттилоот ва шаффофияти фаъолияти давлатиро дар муносибат бо ҷомеа таъмин менамоянд» [24]. Дар шароити рушди босуръати муҳити иттилоотию рақамӣ татбиқи механизмҳои муосири муошарати бевосита бо шаҳрвандон на танҳо ҳамчун василаи интиқоли иттилоот, балки ҳамчун унсури муҳими иштирок, бозхурд ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои иҷтимоӣ баромад намуда, ба таҳкими эътимоди ҷамъиятӣ, баланд бардоштани масъулиятнокии идоракунӣ ва самаранокии сиёсати давлатӣ мусоидат менамояд. Фосилаи мавҷуда байни давлат ва шаҳрвандон, инчунин ҷомеа ҳамчун маҷмӯи унсурҳои иҷтимоӣ, сатҳи мураккабии идоракунии давлатиро афзоиш дода, масъалаи такмили самаранокии низоми бюрократиро ба миён меорад. Давлат наметавонад аз равандҳои муосири рушди технологияҳои иттилоотию рақамӣ ақиб монад, дар ҳоле ки ҷомеа низ дар доираи шаклҳои анъанавии хизматрасониҳои маъмурӣ ва идоракунии давлатӣ на ҳамеша имкони қонеъ сохтани ниёзҳои рӯзафзуни худро пайдо мекунад.

Дар воқеияти муосир ташаккули модели нави идоракунии рақамӣ, ё худ бюрократияи электронӣ, ба як зарурати объективӣ табдил ёфтааст, ки дар он технологияҳои рақамӣ дар маркази низоми идоракунии давлатӣ қарор мегиранд. Дар ин замина муҳим аст, ки сохторҳои институтсионалии ҷомеа дар ҳамбастагӣ бо механизмҳои назоратӣ ва танзимии сиёсиву ҳуқуқии идоракунии давлатӣ таҳти таъсири Интернет ташаккул ёфта, аз равандҳои умумии идоракунӣ канор намонанд. Ҳар гуна хориҷшавии унсурҳои институтсионалии ҷомеа ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо сохторҳои давлатӣ аз раванди танзими давлатӣ ва қабули қарор метавонад ба пайдоиши мушкилоти ғайримарказонидашуда дар низоми идоракунии давлатӣ ва танзими равандҳои ҷамъиятӣ оварда расонад. «Дар ҳамин асос, тарҳи муосири идоракунии рақамӣ ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалӣ барои таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои самаранок дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва қабули қарорҳо дар муҳити мураккаб ва рӯзафзуни рақамӣ хизмат менамояд» [4].

Асосҳои назариявии дарки марҳалаҳои рақамисозии идоракунии давлатӣ ва хусусиятҳои давраи рақамӣ дар таҳқиқоти П. Данливи ва Х. Маргеттс ба таври муфассал инъикос ёфтаанд [11, 5, 10]. Масоили вобаста ба ташаккули фарогир ва хусусиятҳои сохтории тарҳи идоракунии рақамӣ ҳамчунин мавриди таваҷҷуҳи илмии Ҷ. Фишенден ва М. Томпсон қарор гирифтаанд [13]. Қисме аз тадқиқотҳо ба омӯзиши ҷанбаҳои алоҳидаи идоракунии рақамӣ ва бюрократияи электронӣ равона гардида, аз ҷумла М. Холсфорт нақши технологияҳои рақамиро дар равандҳои ислоҳоти низоми татбиқи сиёсати иҷтимоии давлати муосир таҳлил намудааст [16]. «Дар ҳамин замина, Д. Бертот, М. Янссен, Й. Двиведи ва дигар муҳаққиқон аҳаммияти рақамисозии идоракунӣ ва рушди хизматрасониҳои давлатиро таъкид кардаанд» [9,19,12]. «Дар навбати худ, Б. Глик таҷрибаи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар фаъолияти мақомоти давлатӣ бо равиши интиқодӣ арзёбӣ намудааст» [14].

Таҳқиқоти Х. Маргеттс асосан ба омӯзиши падидаи маълумоти васеъ дар раванди ташаккули идоракунии рақамии давлатӣ равона гардидаанд, дар ҳоле ки як қатор муҳаққиқони дигар, аз ҷумла Й. Хохтл, П. Парисек ва Ф. Шолхаммер, ба таҳлили таъсири густариши рақамикунонӣ ва иттилоот дар равандҳои қабули қарорҳои давлатӣ ва сиёсӣ диққати махсус зоҳир намудаанд [13,7,17,16]. Дар марҳалаи муосири инкишофи идоракунии давлатӣ, ки бо фарогирии ҳамаҷонибаи равандҳои рақамисозӣ тавсиф меёбад, як силсила тарҳҳо ва консепсияҳои идоракунӣ ҳамчун заминаи назариявӣ ва таҳкурсии тағйироти минбаъда хизмат мекунанд.

«Аз солҳои 80-уми асри XX то ибтидои солҳои 2000-ум дар кишварҳое, ки ба фарҳанги ташкилотии англо-амрикоӣ тааллуқ доранд, консепсияи нави менеҷменти давлатӣ ҳамчун равиши асосии ислоҳоти идоракунӣ мавқеи ҳукмронро ишғол намуд» [18]. Дар чаҳорчӯби ин равиши назариявӣ ва амалии идоракунӣ маҷмӯи тадбирҳои ислоҳотии дорои хусусияти сохторӣ роҳандозӣ гардид, ки моҳияти онҳо дар бознигарии шаклҳои анъанавии ташкилоти давлатӣ ифода меёфт. Аз ҷумла, раванди ҷудосозӣ ва хурдгардонии сохторҳои бузурги маъмурӣ, ворид намудани унсурҳои танзими идоракунӣ ва рақобати институтсионалӣ ба фаъолияти бахши давлатӣ, инчунин ташкили механизмҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайримоддии хизматчиёни давлатӣ амалӣ карда шуд. Дар доираи ин раванд технологияҳои рақамӣ бештар мақоми воситавӣ ва такмилдиҳанда дошта, истифодаи онҳо пеш аз ҳама ба самаранокгардонии равандҳои маъмурӣ, баланд бардоштани суръат ва сифати пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, ҳамчунин коҳиш додани хароҷоти ташкилӣ ва идоракунӣ равона гардида буд.

Бо фаро расидани ибтидои асри XXI дар низоми идоракунии сиёсӣ ва давлатӣ як тарҳи сифатан нав ташаккул ёфтааст, ки дар маркази он истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию рақамӣ қарор гирифт. Ин марҳила бо гузариш аз парадигмаи менеҷменти нави давлатӣ ба шаклҳои пешрафтаи идоракунии рақамӣ ва бюрократияи электронӣ тавсиф шуда, на танҳо тағйироти усулӣ, балки як гардиши амиқ ва стратегии сиёсиро ифода менамояд, ки дар натиҷаи густариши Интернет ва рақамигардонии ҳамаҷонибаи равандҳои сиёсӣ имконпазир гардид.

«Мавҷудияти чунин навъи идоракунӣ дар натиҷаи рақамигардонии ҷомеа ҳамчун мутобиқшавии фарҳангӣ ба дастовардҳои асосии технологӣ, ҳамзамон рақамигардонии сохторҳои давлатии маъмурӣ ва азнавҳамҷоякунии онҳо дар сатҳҳои ташкилотӣ ва молиявию буҷавӣ, инчунин наздикшавии равандҳои истеҳсол ва истеъмоли хизматрасониҳои давлатӣ дар занҷираи “ҳукумат-шаҳрванд” имконпазир гаштааст, ки дар он ҳукумат дар заминаи иртиботи бардавоми бозгашт бо шаҳрвандон, нақши истеҳсолкунандаи фаъоли хизматрасонӣ ва сиёсати ҷамъиятиро мебозад» [3, 60].

«Таъсири интернет ҳамчун технологияи нахустине, ки ба зиндагии шаҳрвандон назар ба маъмурияти давлатӣ зудтар ворид шуд, беназир аст. Илова бар ин, атрофи як қатор равандҳои технологӣ ҳаракатҳои фарҳангӣ-шабакавии нав, аз ҷумла ҳаракати «манбаъи боз» (open-source), «дастрасии озод» (open access) ва «стандартҳои кушода» (open standards) ба вуҷуд омаданд, ки дар нимаи солҳои 2000-ум бо ташаккули ҳаракат барои додаҳои кушода ё худ маълумотҳои озод (open data) ба авҷи худ расиданд» [3].

Пешсафони ин равияи назариявӣ, аз ҷумла Тим О’Райли ва К. Маламуд, дар соли 2007 маҷмӯи меъёрҳо ва усулҳои бунёдии марбут ба иттилооти кушодаро таҳия карданд, ки дар оянда ба мисли асос ва бунёди назариявию амалӣ барои ташаккули модели идоракунии рақамӣ хизмат намуд.

Мазмуни ин принсипҳо ба таъмини дастрасии фарогири иттилоот барои ҳамаи гурӯҳҳои ҷомеа, рioяи дақиқият ва комилияти маълумот, афзалият додан ба иттилооти ибтидоӣ, таъмин намудани воридшавии саривақтӣ ва фаврии иттилоот ба гардиши ҷамъиятӣ, пешгирӣ аз инҳисоршавии иттилоот, инчунин истифодаи форматҳои озод ва паҳнсозии маълумот дар асоси иҷозатномаҳои кушода равона гардида, заминаи институтсионалӣ ва меъёрии рушди идоракунии рақамии давлатиро ташаккул доданд [1].

Дар доираи консепсияи Тарҳи идоракунии рақамӣ ҳукумат на ҳамчун як сохтори маҳудуд ва иерархии анъанавӣ, балки ба сифати маҷмӯи платформаҳои иттилоотии кушода ва ҳамгиро арзёбӣ мегардад, ки дорои қобилияти рушдёбандагӣ, тағйирпазирӣ ва мутобиқшавӣ мебошанд. Ин платформаҳо метавонанд мутобиқи мақсадҳо ва вазифаҳои мушаххаси ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, субъектҳои бахши хусусӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ танзим гардида, дар шакли механизмҳои мутобиқшуда ва функсионалӣ фаъол шаванд, ки дар маҷмуъ заминаи ҳамкории шабакавӣ, мубодилаи самараноки иттилоот ва татбиқи устувори сиёсати давлатиро дар шароити рақамигардонии умумикорӣ фароҳам меоранд. Муаллифи консепсияи «ҳукумат ҳамчун платформа», Тим О’Рейли [21], чунин тарҳро дар асоси таҷрибаи муваффақи татбиқи «DC Mobile Apps» тавзеҳ медиҳад. Ин платформа маҷмӯи барномаҳои мобилиро дар бар мегирад, ки бо ташаббуси воҳиди технологии ҳукумати шаҳри Вашингтон дар самти идоракунии шаҳрӣ таҳия шудаанд.

Ҷиҳати фарқкунандаи ин таҷриба он аст, ки ҳукумати шаҳри Вашингтон ба равандҳои таҳияи барномаҳо барномасозони мустақил ва шаҳрвандонро низ ҷалб намуд, ки чунин равиши ифтитоҳӣ ва ҳамкорӣ ба ташаккули фарҳанги нави идоракунии рақамии кушода замина фароҳам овард. Маҳз чунин фарҳангро Хадамоти рақамии Ҳукумати Британияи Кабир, ки дар сохтори Девони Вазирон фаъолият мекунад, ҳамчун намунаи муосири амалисозии ТИР тарғиб менамояд [15].

Ин хадамот ташвиқи платформаи ягонаи барномасозӣ барои низоми идоракунӣ ва бюрократияи давлатиро дар мадди аввал қарор дода, барои рушди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли рақамӣ нармафзорҳоеро таҳия менамояд, ки истифода аз онҳо барои шаҳрвандон ройгон ва дастрас ба таври самаранок сурат мегирад. Барои расидан ба ин ҳадаф, онҳо аз маҷмӯи маҳсулоти иттилоотии кушода истифода мебаранд ва стандартҳои ягонаи техникиро ҷорӣ месозанд, ки ҳамоҳангӣ ва мутобиқати амалии ҳамаи замимаҳои рақамиро таъмин менамояд.

Дар шароити муосир доираи манбаъҳои тавлидкунандаи иттилооти бузург ба таври пайваста васеъ гардида, на танҳо шабакаҳои фаъоли ҷамъоварии иттилоот, аз қабили амалиёти рақамии корбарон, кликҳои муҳити веб, муошират мобилӣ ва табодули паёмакҳо, истеҳсоли мундариҷа ва фаъолияти шабакаҳои иҷтимоиро фаро мегирад, балки ҳамзамон манбаъҳои ғайрифаъолро низ дар бар мегирад, ки дар натиҷаи сабти худкори равандҳо ва мушоҳидаҳои системавӣ ба вуҷуд меоянд ва дар маҷмуъ заминаи ташаккули фазои умумии иттилоотии ҷомеаи рақамиро таъмин менамоянд. «Пешрафтҳои соҳаи омӯзиши мошинӣ (machine learning), ки ба истеҳсол, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва таҳлили миқдори азими маълумот равона шудаанд, имкони бознигарии куллии мазмун ва такмили ҳар як марҳалаи қабули қарорҳои давлатӣ дар пояи технологияи навро фароҳам месозанд» [6].

Дар натиҷа, таҳқиқгарон метавонанд бо истифода аз усулҳо ва алгоритмҳои муосири коркарди маълумоти бузург, ин маълумотро бо пойгоҳҳои иттилоотии мавҷудаи давлатӣ муқоиса намоянд ва афзоиши маълумоти навро нисбат ба масъалаҳои иҷтимоӣ муҳим ба даст ованд. Ин раванд дар навбати худ имкони пешниҳоди роҳҳои самараноктарини ҳалли мушкилоти ҷамъиятиро фароҳам меорад.

«Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ) то соли 2017 се маркази бузурги маълумоти бузург ва ҳисоббарориҳои рақамӣ барои мониторинги вазъи ҷиноятқории шаҳрӣ ва пешгӯии хатарҳои эҳтимолӣ таъсис дода шудааст» [20]. Илова бар ин, «Чин нақша дорад, ки маркази ягонаи миллӣ барои коркард ва нигоҳдории маълумоти бузургро таъсис диҳад» [43].

Намунаи дигари татбиқи амалии ин технологияҳо ширкати «Didi Chuxing» дар Чин мебошад, ки он тавассути истифодаи абзорҳои таҳлили додаҳои бузург ва платформаҳои рақамӣ ҳамкории институтсионалиро бо мақомоти полиси роҳии ёздаҳ шаҳри кишвар ба роҳ монда, заминаи беҳтарсозии мониторинги ҳаракати нақлиёт, баланд бардоштани сатҳи амнияти роҳҳо ва самаранокии идоракунии равандҳои нақлиётии шаҳриро фароҳам сохтааст. «Ширкат тавассути ҷамъоварии маълумот аз телефонҳои мобилии ронандагон ва камераҳои

назорати роҳ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шиносоии қонуншиканони ҳаракати роҳ мусоидат мекунад ва саҳифаҳои электронии ронандагонро ташкил медиҳад» [9].

Дар соҳаи таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва ҳифзи тартибот аз хатарҳо мақомоти давлатӣ ба марҳалаи сифатан нав ворид гардидаанд, ки дар он истифодаи имкониятҳои коркард ва таҳлили ҳамгирои маълумотҳои бузург нақши калидӣ мебозад. Муттаҳидсозии ҷараёнҳои мухталифи иттилоотӣ, аз ҷумла сабтҳои иртиботи телефонӣ ва маълумоти геолокатсионии дастгоҳҳои мобилӣ, ки аз минтақаҳои осебпазир ё осебдида ирсол мегарданд, шароити муайянсозии дақиқи макони воқеии шаҳрвандони дар хатар қарордоштаро фароҳам сохта, барои қабули қарорҳои фаврӣ ва ҳадафнок заминаи боэътимоди иттилоотӣ эҷод менамояд. Ҳамзамон, татбиқи низомҳои мониторинги автоматикӣ, ки маълумоти паҳншударо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои рақамии видеоӣ ва манбаъҳои визуалӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил мекунанд, дар ҳолати сар задани офатҳои табиӣ аҳаммияти стратегии ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Илова бар ин, рушд ва ҷорӣ намудани барномаҳои махсуси мобилӣ ба аҳолӣ имконият медиҳад, ки дар вазъиятҳои изтирорӣ ба ҳамкории мустақим бо хадамоти наҷот ва шабакаҳои худкӯмакрасонӣ ҷалб гардида, иттилооти марбут ба ҷойгиршавӣ, вазъи саломатӣ, ташхиси ибтидоии тиббӣ ва нуқтаҳои хизматрасонии тиббиро ба таври фаврӣ интиқол диҳанд. Ҷорӣ намудани технологияи маълумоти бузург дар амалияи идоракунӣ ва бюрократияи давлатӣ ба ташаккули тарҳи муосири идоракунии муассир ё худтанзимнамоӣ мусоидат мекунад.

Афзоиши фаъолияти иктишофи рақамӣ аз ҷониби давлатҳо ва корпоратсияҳои ҷаҳонӣ, мавҷудияти заъфҳои технологияҳои воридотӣ ва таҳдиди силоҳҳои киберӣ боиси эҳтиёҷ ба муҳофизати иловагии маълумоти шахсӣ ва ҳуқуқ ба махфият мегардад. Мутаассифона, на ҳамаи давлатҳо имкони таъмин ва ҳимояи пурраи соҳибихтиёрии рақамиро доранд.

«Дар натиҷа, дар як қатор кишварҳо ҳаракатҳои иҷтимоие ташаккул ёфтаанд, ки ба ҳимояи «ҳуқуқҳои рақамӣ» равона шудаанд» [22], ва «дастрасӣ ба шабакаи Интернет ба сифати яке аз ҳуқуқҳои бунёдии рақамӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ» [5], Иттиҳоди Аврупо [23,8] ва қонунгузории миллии як қатор кишварҳо эътироф шудааст.

Таъмини сатҳи баланди амнияти рақамӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои рақамии шаҳрвандон ҳамчун шарти бунёдӣ барои ташаккули эътимоди ҷамъиятӣ ва омодагии ҷомеа ба қабули ислоҳоти рақамӣ баромад мекунад, зеро маҳз ин омилҳо заминаи сиёсӣ - иҷтимоии гузариш ба тарҳи рақамии идоракунии давлатиро фароҳам месозанд. Дар ҳолати заиф будани механизмҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ ва таъмини соҳибихтиёрии рақамии давлат, дар шуури ҷамъиятӣ эҳсоси нобоварӣ, тарс ва муқовимат нисбат ба навовариҳои технологӣ ташаккул ёфта метавонад, ки ин раванд ба сустшавии ислоҳоти рақамӣ оварда мерасонад. Дар баробари ин, тарҳи идоракунии рақамӣ ҳамчун натиҷаи марҳалаҳои муҳимми рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва густариши иштироки шаҳрвандон дар равандҳои қабули қарор таҷассум меёбад, вале татбиқи амалии он ҳанӯз ҳам бо як қатор масъалаҳои мураккаб рӯ ба рӯ мебошад. Аз ҷумла, зарурати ташкили истеҳсоли мунтазам ва низомманди маҷмӯаҳои нави маълумоти кушода дар ҳамаи зинаҳо ва бахшҳои идоракунии давлатӣ, ҳамгироии самараноки онҳо бо истифода аз технологияҳои маълумотҳои бузург, инчунин таъмини устувори амнияти рақамӣ ва риояи ҳуқуқҳои рақамии шаҳрвандон бояд ҳамчун афзалиятҳои стратегии сиёсати давлатӣ пазируфта шаванд. Ҳамзамон, ин тарҳ на танҳо воситаи ташкили идоракунии муосир, балки ҳамчун воситаи таҳлилӣ низ хизмат мекунад, ки мутобиқ ба сатҳи рушд ва такомули технологияҳои рақамӣ ташаккул ёфта, имконият медиҳад дараҷаи татбиқ ва ҳамоҳангии онҳоро дар низоми идоракунии давлатӣ дар миқёси миллӣ ва байналмилалӣ ба таври илмӣ арзёбӣ намуд.

Хулоса. Бюрократияи электронӣ ҳамчун шакли муосири ташкили фаъолияти давлатӣ имконият фароҳам меорад, ки раванди қабули қарор, татбиқи сиёсати давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо дар асоси шаффофият, суръат ва самаранокӣ амалӣ гарданд. Самаранокии воқеии идоракунии давлатӣ дар шароити рақамӣ танҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки механизмҳои электронӣ бо ислоҳоти маъмурӣ, такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, рушди

иқтидор ва ҳамоҳангсозии фаъолияти институтҳои давлатӣ таъмин гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот собит месозанд, ки бюрократияи электронӣ ба коҳиш ёфтани монеаҳои маъмурӣ, баланд шудани сатҳи самаранокӣ ва афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ мусоидат намуда, ҳамчун омили калидии муосирсозии идоракунии давлатӣ ва рушди устувори давлат дар ҷомеаи иттилоотӣ баромад мекунад.

АДАБИЁТ

1. Архипова З.В. Трансформация «электронного правительства» в «цифрово правительство» // Известия Байкальского государственного университета, 2016.-№ 5. – С. 818-824.
2. Дмитриева Н.Е., Стырин Е.М. Открытое государственное управление: задачи и перспективы в России // Вопросы государственного и муниципального управления, 2014-№ 1. – С. 127-148.
3. Косоруков А. А., Кшеменецкая М.Н. Модель цифрового управления на современном этапе развития государственного управления // Социодинамика. Рубрики "Государство и гражданское общество", 2019 №1. - С. 57 - 69
4. Михайлов С.Н. Перспективная модель государственного управления на федеральном, региональном и муниципальном уровнях в условиях ускоряющейся цифровизации [Электроные ресурси] URL: https://www.google.com/url?sa=t&rct=j&q=&esrc=s&source=web&cd=2&cad=rja&uact=8&ved=0ahUKEwi4g9vV3ZjWAhVBYJoKHcFmCBUQFggsMAE&url=http%3A%2F%2Fwww.sefkursk.ru%2F2017%2Fwp (дата обращения: 05.09. 2024)
5. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 18 декабря 2013 г. № 68/167. Право на неприкосновенность личной жизни в цифровой век [Электронный ресурс] URL: http://www.lawtrend.org/wpcontent/uploads/2014/06/2013_UN_68_167.pdf (дата обращения: 15.12.2024).
6. Соловьев А.И. Принятие и исполнение государственных решений: Учеб. пособие для студентов вузов – М.: ЗАО Издательство «Аспект Пресс», 2014. – 494 с.
7. Card J. Open Data is at the Centre of London’s Transition into a Smart City. Monday 3, August 2015 [Electronic resource] URL: https://www.theguardian.com/media-network/2015/aug/03/open-datalondon-smart-city-privacy (date of aplication: 05.09. 2024).
8. Charter of Fundamental Rights of the European Union // Official Journal of the European Union, 2007. № 1 - P. 303.
9. China to build integrated big data center [Electronic resource] URL: http://www.chinadaily.com.cn/china/2017-05/17/content_29388627.htm (date of application: 10.12.2024)
10. Dunleavy P., Hood C. From Old Public Administration to New Public Management // Public Money and Management, 1994.-July-September. – P. 9-16.
11. Dunleavy P., Margetts H. The Second W ave of Digital Era Governance: a quasiparadigm for government on the web // Philosophical Transactions of the Royal Society A, 2013. – Volume 371, Issue 1987. – P. 1-17.
12. Dwivedi Y. Trustworthiness of digital government services: deriving a comprehensive theory through interpretive structural modelling // Information Systems Frontiers, 2017.-№ 2. – P. 197-212.
13. Fishenden J., Thompson M. Digital Government, Open Architecture, and Innovation: W hy Public Sector IT W ill Never Be the Same Again // Journal of Public Administration Research and Theory, 2013.-№ 23(4). - PP. 977-1004.
14. Glick B. W hy GDS doesn't matter-the questions for UK digital government // Computer W eekly, 2015. August 19th [Electronic resource] URL: http://www.computerweekly.com/blog/ComputerW eekly-Editors-Blog/W hy-GDS-doesnt-matter-the-questions-for-UK-digital-government (date of aplication: 05.09. 2024)

15. Government Digital Service [Electronic resource] URL: https://www.gov.uk/government/organisations/government-digital-service (date of application: 20.11. 2024)

16. Hallsworth M. Applying Behavioural Insights: Simple W ays to Improve Health Outcomes, W orld Innovation Summit for Health, Doha, 2016 [Electronic resource] URL: http://www.wishqatar.org/app/media/download/2740 (date of aplication: 05.09. 2024)

17. Hao Y. The Opportunity, Challenges and Solutions of the Management of Government Data in the Age of Big Data // Chinese Public Administration, 2015.-№ 6. – P. 127-130;

18. Hood C, Jackson M. Administrative Argument. Aldershot, UK: Dartmouth Publishing Co., 1991. - 221 p.

19. Janssen M., Rana N., Slade E. & Dwivedi Y. Trustworthiness of digital government services: deriving a comprehensive theory through interpretive structural modelling // Public Management Review, 2017.-№. 3 – P. 1-25.

20. Inspur Group to invest RMB10 bln to build cloud computing center in China [Electronic resource] URL: http://en.xfafinance.com/html/Companies/2016/185229.shtml (date of application: 26.11.2024)

21. O'Reilly T. Government As a Platform [Electronic resource] URL: http://chimera.labs.oreilly.com/books/1234000000774/ch02.html (date of application: 10.11. 2024)

22. Postigo H. Cultural Production and the Digital Rights Movement // Information Communication and Society, 2012.-№ 8. – P. 1165-1185.

23. Regulation (EU) 2016/679 of the European Parliament and the Council of 27 April 2016 on the protection of natural persons with regard to the processing of personal data and on the free movement of such data, and repelling directive 95/46/EC (General Data Protection Regulation) [Electronic resource] URL: https://publications.europa.eu/en/publication-detail/-/publication/3e485e15-11bd-11e6-ba9a-01aa75ed71a1/language-en (date of application: 20.12.2024)

24. UN E-Government Survey 2016 // [Electronic resource] http://workspace.unpan.org/sites/Internet/Documents/UNPAN97453.pdf (date of application: 26.08.2018).

МЕХАНИЗМ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ НА ОСНОВЕ ЭЛЕКТРОННОЙ БЮРОКРАТИИ

Статья посвящена одному из важных вопросов исследования и анализа системы политического знания – новым разработкам в системе государственного управления и электронной бюрократии как фактору повышения эффективности процесса работы государственного управления. Автор предпринял попытку научного анализа вопроса механизма повышения эффективности государственного управления на основе электронной бюрократии. Рассматриваются содержание электронной бюрократии как современной формы государственного управления, роль цифровых технологий в совершенствовании административных процессов, принятия решений и реализации государственной политики. Автор показывает, что цифровизация государственного управления может обеспечить устойчивую эффективность только в рамках систематической институциональной, правовой и информационной системы. В статье анализируется взаимосвязь между электронной бюрократией, прозрачностью деятельности государственных органов и уровнем участия граждан, а также обосновывается ее важность для развития административной системы и дальнейшего развития государственного управления в условиях информационного и цифрового общества.

Ключевые слава: государственное управление, эффективность управления, электронная бюрократия, цифровое управление, информационные технологии,

административная реформа, государственные услуги, прозрачность, принятие решений, информационное общество.

A MECHANISM FOR IMPROVING PUBLIC ADMINISTRATION EFFICIENCY BASED ON ELECTRONIC BUREAUCRACY

Annotation. This article addresses a key issue in the research and analysis of political knowledge: new developments in public administration and electronic bureaucracy as a factor in improving the efficiency of public administration processes. The author attempts to scientifically analyze the mechanism for improving public administration efficiency based on electronic bureaucracy. The article examines the nature of electronic bureaucracy as a modern form of public administration, as well as the role of digital technologies in improving administrative processes, decision-making, and the implementation of public policy. The author demonstrates that digitalization of public administration can ensure sustainable efficiency only within the framework of a systematic institutional, legal, and information system. The article analyzes the relationship between electronic bureaucracy, transparency of government activities, and citizen participation, and substantiates its importance for the development of the administrative system and the further advancement of public administration in the information and digital society.

Keywords: public administration, governance efficiency, electronic bureaucracy, digital governance, information technology, administrative reform, public services, transparency, decision-making, information society.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Абдуллоев Нуралӣ Содиқович, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, н. Сино, кучаи Мояковский 6, хонаи 36. тел.: (+992) 900-10-16-82. E-mail: 230219971a@gmail.com

Информация об авторе

Абдуллоев Нурали Содикович, ассистент кафедры политологии и связям с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: Душанбе, н.п. Сино, ул. Мояковского, д. 6, каб. 36. тел.: (+992) 900-10-16-82. Электронная почта: 230219971a@gmail.com

Information about Author:

Abdulloev Nurali Codikovich, assistant of the Department of Political Science and Public Relations Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: Dushanbe, n.p. Sino, Moyakovsky str., 6, off. 36. Tel.: (+992) 900-10-16-82. E-mail: 230219971a@gmail.com

АНДЕШАҲОИ ҶОЗЕФ НАЙ ОИД БА НИЗОМИ НАВИ ҶАҲОНӢ ВА МАНФИАТҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ ИМА ДАР ОН

МӮМИНОВ МУСТАҚИМ АБДУВАКИЛОВИЧ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақола ба таҳлил андешаҳои коршиноси мамуносибатҳои байналмиллалӣ, неолиберализт ва асосгузори консепсияи нерӯи нарм Ҷозеф Най оиди низоми наи ҷаҳонӣ ва манфиатҳои геополитикии ИМА дар он бахшида шудааст. Муаллиф, дар заминаи таҳлили мақолаи маъруфи Ҷозеф Най "What New World Order?", ки баҳори соли 1992 дар маҷаллаи номдори амрикоии "Foreign Affairs" ба нашр расидааст, андешаҳои Ҷозеф Найро баррасӣ намудааст. Зикр мегардад, ки мафҳуми "низоми нави ҷаҳонӣ" аз ҷониби риштаҳои гуногуни илм омӯхта мешавад, вале таҳлил нисбатан воқеъбинона оиди ояндаи низоми нави ҷаҳонӣ ҳамоно баррасии он аз дидгоҳи манфиатҳои геополитикӣ мебошад, ки дар ин самт таҳлили Ҷозеф Най ҳатто барои имрӯз муҳимму зарур маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: *низоми нави ҷаҳонӣ, ояндаи ҷаҳон, ҷаҳони дуқутба, ҷаҳони бисёрқутба, се блоки иқтисодӣ, гегемонияи униполярӣ, баҳамвобастагии бисёрсатҳа, манфиатҳои геополитикӣ, манфиатҳои геополитикии ИМА, ҳимояи манфиатҳо.*

Муқаддима. Низоми нави ҷаҳонӣ ҳамчун мафҳуми тавсифкунандаи назми нави глобалии баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ шакл гирифта, аз ҷониби муҳаққиқони риштаҳои гуногуни илм аз қабили сиёсатшиносону дипломатон ва таърихшиносону иқтисоддонҳо мавриди корбурди ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Вале, ба замми ҳамаи ин нигоҳи нисбатан воқеигарона ва объективии таҳлили низоми нави ҷаҳонӣ ҳамоно таҳлил масъалаи мазкур аз дидгоҳи геополитикӣ мебошад. Назари муҳаққиқони геополитика дар ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ муассир буда, дар давраи Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ низомсозони ҷаҳон – давлатҳои ғолиби қудрати баҳрӣ, маҳз дар заминаи андешаи геополитиконе амсоли Ҳелфорд Маккиндер ва Николас Спикмэн тарҳи нави геополитикии ҷаҳонро ба манфиати қудратҳои баҳрӣ амалӣ намуда буданд, ки то замони муосир таъсири он дар муайянсозии тавозуни қудратҳо назаррас боқӣ мемонад.

Қисмати асосӣ. Баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон дар ИМА дар заминаи доктринаи "Доираи амрикоӣ"-и классики геополитика Н. Спикмэн [9] ва шогирдони ӯ - неоатлантистоне ба мисли У. Кирк [5], Д. Мейниг [8], С. Коэн [1], Ҳ.Киссинҷер [6], К. Грэй[2], З. Бжезинский[11] диди худро вобаста ба ояндаи геополитикии низоми ҷаҳонӣ, алалхусус аҳамияти геополитикии Авруосиё баён намуда буданд.

Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва яккатоз гардидани ИМА дар ҷаҳони муосир нигоҳҳои илмии нав вобаста ба пажӯҳиш ва тавсифу тафсири низоми ҷаҳонӣ шакл гирифтанд. Солҳои 90-уми асри XX дар ин самт муҳаққиқони ғарбӣ, алалхусус пажӯҳишгарони риштаи муносибатҳои байналмиллаӣ пешсаф буданд.

Яке аз чунин пажӯҳишгарон риштаи муносибатҳои байналмиллалӣ, муҳаққиқи амрикоӣ, собиқ муовини вазири мудофиаи ИМА оид ба амнияти байналхалқӣ, профессори Институти идоракунии давлатии ба номи Ҷон Кеннедӣ, неолиберализт Ҷозеф Най мебошад, ки дар омӯзиши мавзӯи низоми нави ҷаҳонӣ нақши бориз гузоштааст. Ӯ истифодаи истилоҳи "низоми нави ҷаҳонӣ"-ро аз тарафи собиқ президенти ИМА – Ҷорҷ Буш, ҳангоми ҳуҷуми ӯ ба хоки Ироқ дар амалиёти "Тӯфон дар биёбон" аз нигоҳи сиёсӣ-фалсафӣ таҳлил намуда, ба хулосае мерасад, ки амалкарди ҳукумати онвақтаи ИМА "амали либералонеро мемонад, ки мувофиқи принсипи реализми сиёсӣ амал намудаанд" [4]. Тавре маълум аст, низоми нави ҷаҳоние, ки ИМА созмон додан мехост, бояд маҳз баъди ҳуҷум ба хоки Ироқ барпо карда мешуд. Истифодаи ибораи "низоми нави ҷаҳонӣ" низ аз ҷониби Ҷорҷ Буш-падар маҳз ба ҳуҷуми аввали ИМА ба хоки Ироқ 11 сентябри соли 1990 вобаста буд. Он замон собиқ президенти ИМА зикр намуда буд, ки "мо ҳоло дар лаҳзаи бисёр ҳассос ва муҳимме қарор

дорем. Буҳрон дар халиҷи Форс, ба ҳамаи ҷиддият нигоҳ накарда, ба мо имконияти нодиреро барои ҳамкорӣ ато кард. Аз умқи ин замони ноором бояд, ҳадафи панҷуми мо - *низоми нави ҷаҳонӣ* ба вуҷуд ояд" [3]. Чӣ тавре собиқ сарвазири Британияи Кабир бону Маргаретт Теттчер, ки дар амалиёти Ироқ иштирок доштааст, баъдтар дар китоби худ ишора намуд: "ҳамин тавр мафҳуми низоми нави ҷаҳонӣ ба вуҷуд омад" [12]. Ҳамин тавр, таҷовузи Ироқ ба Қуввайт, ки баҳонаи ҳуҷуми ИМА ба хоки Ироқ гардида буд, заминагузори тавлиди консепсияи амрикоии низоми нави ҷаҳонӣ гардид, низоми нави ҷаҳоние, ки бояд дар заминаҳои харобаҳои Ироқ созмон меёфт. Ҷозеф Най таъкид менамояд, ки "бо баинобатгирии он, ки Иттиҳоди Шӯравии нисбатан қавӣ ба Ироқ имконият намедод, то ба хоки Қуввайт таҷовуз бикунад, пас метавон ҳадс зад, ки Қуввайт қурбонии низоми нави ҷаҳонӣ шуд, на сабаби он" [4]. Ба хилофи интизориҳои Ф.Фукуяма оиди "хотимаи таърих ва тантанаи либерализм", Ҷозеф Най бар он назар аст, ки ҷаҳони постбиполиярии баъди ҷанги сард хотимаи таърих набуда, баръаск ҷаҳон шоҳиди бозгашти таърих ба сарчашмаҳои гуногуншакли моҷароҳои байналхалқӣ хоҳад шуд. [4] Ба андешаи ӯ, қудратҳои пуштибони миллатгароӣ ва фаромилликунонӣ ба қуввахои муқобили ҳам муборизабаранда табдил хоҳанд ёфт ва мисли дигар кишварҳои низоми нави ҷаҳонӣ, ИМА низ ба таври ногузир ба муколамаи миёни қудратҳои миллӣ ва фаромиллӣ кашида хоҳад шуд.

Ҷозеф Най дар заминаи мақолаи худ "What New World Order?", ки баҳори соли 1992 дар маҷаллаи номдори амрикоии "Foreign Affairs" ба нашр расида буд, панҷ варианти эҳтимолии низоми нави ҷаҳонии оянда – 1)бозгашт ба ҷаҳони дуқутба, 2) ҷаҳони бисёрқутба, 3) модели се блоки иқтисодӣ, 4) гегемонияи униполярӣ ва 5) баҳамвобастагии бисёрсатҳаро, ки аз ҷониби коршиносони гуногун муайян шудаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ ва интиқоди ҷиддӣ қарор додааст[4]:

1. Бозгашт ба ҷаҳони дуқутба. Баъзе муҳақиқон то ҳодисаҳои августӣ ва фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ бар ин назар буданд – менависад Ҷозеф Най – ки Руссия боз муттаҳид гардида, имкони тавлиди фазоеро соҳиб мегардад, ки низоми байналхалқиро ба ҷанги сард боз гардонад. Вале, аз нав мутамарказсозии фазои пасошӯравӣ аз ҷониби Руссия эҳтимоли кам дорад, зеро маҳз мутамарказгардонии қатъӣ сабаб гардид, ки давлат ба талаботи Инқилоби сеюми саноатӣ – истифодаи чандири иттилоот, ки заминагузори рушди иқтисодӣ мегардад, ҷавоб гуфта натавонист. Аз ин хотир варианти мазкур, яъне бозгашт ба ҷаҳони дукутбаро Ҷозеф Най дар он рӯзҳо аз эҳтимол дур медонист.

2. Ҷаҳони бисёрқутба. Ба андешеи Ҷозеф Най, дар қиёс бо низоми бисёрқутбаи асри Х1Х низоми нави ҷаҳонии охири асри ХХ ва ибтидои асри ХХ1 эҳтимоли камтари бисёрқутба буданро дорад. Зеро низоми Версалии асри Х1Х ба тавозуни қуввахои якчанд давлатҳои абарқудрати дорои иқтидори баробар асос ёфта буд. Ба андешаи муҳаққиқ низоми нави шаклгиранда мисли низоми Версал буда наметавонад, зеро давлатҳои абарқутрати муосир тавозуни баробари қуввахоро соҳиб нестанд: Руссия аз мушкилоти иқтисодӣ танқисӣ кашида истода, ислоҳоти иқтисодии он кори як даҳсола нест, Чин кишвари инкишофёбанда буда, эҳтимолан дар садаи оянда низ чунин боқӣ мемонад, Аврупо аз рӯйи миқдори аҳолӣ ва иқтисодиёт ва захираҳои инсонӣ баробаркудрат ба ИМА мебошад, вале ба он ягонагии сиёсӣ, ки имкони ҳамчун воҳиди том амалкарданро диҳад, намерасад, Ҷопон низ бояд баъзе ислоҳотро дар сиёсати ҳарбию этникӣ амалӣ намояд, то ин ки ҳамвазни ИМА гардад ва дар абарқудрати ҷаҳонӣ гардидан бо ӯ сабқат намояд. Зимнан бояд қайд кунем, ки ин интиқоди Ҷозеф Най, ки солҳои 90-уми асри ХХ оиди эҳтимоли ояндаи бисёрқутба доштани низоми ҷаҳонӣ намуда буд, ба назари мо имрӯзҳо хеле баҳсбарангез ва ҳатто дур аз воқеият гардидааст. Зеро бо сипаришавии се даҳсола имрӯз Чин аз нигоҳи рушди иқтисодӣ (вобаста ба нишондиҳандаҳои ППС) аз ИМА пештар рафтааст ва ташкили иттиҳоди иқтисодие мисли BRICS (аввал BRIC, баъд бо ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ – BRICS ва билохира бо якҷошавии АМА, Эрон ва Эфиопия - BRICS+) имрӯз натанҳо ба ИМА, балки ба иттиҳоди иқтисодии ташкилкардаи ИМА - "Ҳафтгонаи бузург" (G7 – ва ё гурӯҳи ҳафтгона Group of 7) барои қудрати пешбарандаи иқтисоди ҷаҳонӣ шудан таҳдид менамояд. Имрӯзҳо ҳиссаи

иттиҳоди BRICS+ нисбат ба Group of 7 дар иқтисоди ҷаҳонӣ зиёдтар аст. Вале ба ҳар навъ ҳеҷ давлате дар алоҳидагӣ аз нигоҳи қудрати сиёсӣ, иҷтисодӣ, идеологӣ ва ҳарбӣ наметавонад бо ИМА ба танҳоӣ сабқат кунад. Ҳамин тариқ, имкони барпосозии низоми нави ҷаҳонии бисёрқутба баъди фурӯпошии низоми дуқутба аз нигоҳи Ҷозеф Най эҳтимоли камтар дорад.

3. Модели се блоки иқтисодӣ. Мазмуни модели мазкур аз он иборат аст, ки Аврупо ва Ҷопон ба қудрати бузурги иқтисодӣ табдил ёфта, ҷаҳон аз се блоки иқтисодӣ – блоки осиёӣ – атрофи иенаи ҷопонӣ, блоки нимкурраи ғарбӣ – атрофи доллари амрикоӣ ва блоки аврупоӣ, ки боқимондаи фазои пасошӯравиро низ муттаҳид хоҳад намуд, атрофи воҳиди ягонаи асъори аврупоӣ (ба андешаи оптимистон) ва ё маркаи олмонӣ (ба андешаи пессимистон) мттаҳид хоҳад шуд. Мазмуни ин модели низоми нави ҷаҳониро, баррасӣ намуда, Ҷозеф Най таъкид менамояд, ки онҳое модели мазкурро имконпазир медонанд, сараввал қадрати ҳарбиро ба инобат намегиранд. Ҳамзамон, ба андешаи муҳаққиқ модели пешниҳодгардида се мушкилии ҷиддиеро дар худ дорад:

1) Он ба самти тамоюли ҷаҳонии технологӣ мувофиқат намекунад, зеро ҳарчанд ки тиҷорат минтақавии дохилиблокӣ афзоиш ёбад ҳам, аксар ширкатҳо дар доираи блок маҳдуд нагардида, кӯшиш мекунанд, то бозори ҷаҳониро соҳиб гарданд. Воқеан, бо гузашти вақт мо шоҳид гардидем, ки давлатҳо дар доираи як минтақаи иқтисодӣ маҳдуд намегарданд. Барои мисол, Чин, ки бояд тобеи блоки осиёӣ ва дар сояи Ҷопон мемонд, аз он фарсахҳо убур намуда, имрӯзҳо аз нигоҳи рушди ММД (аз рӯйи қобилияти харидори асъор – 37 трлн $) - дар ҷойи аввал, афзоиши номинали ММД (18 трлн $) баъди ИМА дар ҷойи дуюм қарор дошта, бузургтарин истеҳсолкунандаи молу хизматрасониҳо миёни давлатҳои муосир мебошад. [10]

2) Блокҳои минтақавии иқтисодӣ ба манфиатҳои миллии баъзе давлатҳои хурди ҳамин блок мувофиқат намекунад, зеро ба онҳо низоми глобалӣ барои ҳимоя аз таҷовузи эҳтимолии ҳамсояҳои қудратмандашон зарур аст.

3) Дидгоҳи мазкур ба масъалаҳои амният диққати зарурӣ равона намесозад. Маълум аст, ки давлатҳои Аврупо ва Ҷопон баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз нигоҳи таъминоти амнияти ҳарбӣ аз ИМА вобастаанд ва эҳтимоли кам дорад, ки ИМА дар шароити рақобати иқтисодии миёни блокҳо, ки дар он “мизоҷони” ҳарбӣ-амниятиаш дар тарафи дигари “сангар” қарор мегиранд ва ба рақибони асосии иқтисодӣ табдил мегарданд, “хизматрасонии амниятӣ”-и худро идома диҳад.

Ҳамин тариқ, модели низоми нави ҷаҳонии се блоки иқтисодӣ мушкилоти зиёди воқеигардӣ дошта, ба назари Ҷозеф Най ғайриэҳтимолӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

4. Ҳокимияти якқутба. Тавре Ҷозеф Най қайд мекунад, баъзе муҳаққиқон аз қабили Чарлз Крутҳаммер, бар ин назаранд, ки ҷанг дар халиҷи Форс маънои оғози низоми Рах Americana аст, ки дар он ҷаҳон ба гегемонияи амрикоӣ розӣ хоҳад шуд. Ба андешаи Ҷозеф Най “муқаддимаи дидгоҳи мазкур дуруст аст, зеро фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷаҳон танҳо як давлати абарқудратро боқӣ гузошт, аммо набояд аз он хулосаи ба ҳокимияти якқутба расидани ҷаҳонро намуд” [4]. Аввал ин ки, таъкид менамояд Ҷозеф Най, ҷаҳон баъди соли 1970 аз нигоҳи иқтисодӣ секутба аст (ИМА, Аврупо ва Ҷопон) на якқутба, яъне ИМА аз нигоҳи иқтисодӣ аллакай наметавонад дар ҷаҳон даъвои ҳокимияти ягонаро намояд. Сониян, ҷорисозии гегемония аз он нигоҳ, ки паҳнномоии ҳокимият тавассути баҳамалоқамандии фаромиллӣ сурат мегирад, эҳтимоли камтар дорад, яъне тамоми давлатҳо аз нигоҳи иқтисодӣ, молиявӣ, иттиллоотиву фарҳангӣ ба ҳам алоқаманд буда, раванди глобализатсионӣ талаб мекунад, ки инкишофу пешрафти яке аз онҳо аксаран тавассути рушди субъектони дигар амалӣ карда мешавад. Маҳз раванди глобализатсияи бозори истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасонӣ аз ҷониби ширкатҳои фаромиллӣ омили асосии интиқоли сармоя ба давлатҳои “ҷаҳони сеюм” гардиданд, зеро бо ин роҳ ширкатҳои мазкур хароҷоти худро кам, нархи маҳсулотро арзон ва доираи бозорҳо фурӯшро васеъ мегардонанд. Ин омил сабаби бавуҷудоии давлатҳои дигари аз нигоҳи иқтисодӣ инкишофёфта мегардад, ки метавонад дар оянда ба давлати гегемон барои ҳукмрони ҷаҳон гардидан сабқат намояд, ки мисоли барҷастаашро мо дар рушди босуръати иқтисодиву технологӣ ва ҳатто ҳарбию идеологии

Чин дар ибтидои асри XX1 мушоҳида менамоем. Солисан, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мушкилоти зиёди глобалӣ аз қабили фурӯши маводи нашъаовар, паҳншавии пандемияҳо, ВНМО, муҳоҷирати байналхалқӣ, гармшавии иқлим ва ғайра мавҷуд аст, ки аз доираи назорат ва идораи давлати алоҳида берун буда, он ҳатто имкони танзим тавассути қудрати ҳарбиро намедиҳад. Аз ин хотир ҳеҷ як давлат, аз ҷумли ИМА, дар танҳоӣ наметавонад, ки ҷилави паҳншавии ин мушкилотро бигирад ва инони идораи ҷаҳонро ба дасти худ гирад. Ҳамин тариқ, Ҷозеф Най модели мазкури ояндаи низоми ҷаҳониро низ ғайриэҳтимолӣ медонад.

5) Модели баҳамвобастагии бисёрсатҳа. Варианти охирине, ки Ҷозеф Най ҳамчун модели эҳтимолии низоми нави ҷаҳонӣ таҳлилу баррасӣ намудааст, модели баҳамвобастагии бисёрсатҳаи давлатҳо буда, мавофиқи он низоми нави ҷаҳонӣ ба иэрархияи аҳромшакли сесатҳаеро (ва ё торти сеқабата) мемонад, ки дар он қабати болоии ҳарбӣ якқутба аст, зеро ҳеҷ давлате аз нигоҳи иқтидори ҳарбӣ ба ИМА ҳамдастӣ карда наметавонад. Қабати миёнаи иқтисодӣ сесатҳа буда, ин низом аллакай ду даҳсолает амал мекунад. Ин ҷо Ҷозеф Най ҳамон се блоки иқтисодӣ – ИМА, Аврупо ва Ҷопонро дар назар дорад, ки аз солҳои 70-уми асри XX то ибтидои асри XX1 асоси иқтисодии низоми ҷаҳониро ташкил медоданд. Қабати поёнӣ ҳамкории фаромиллии фаромиллиро дар назар дорад, ки диффузияи ҳокимиятро инъикос менамояд. Ба андешаи Ҷозеф Най мушкилии асосии дарки модели мазкурро қудрати ҳарбӣ ташкил медиҳад, зеро ба андешаи ӯ низоми нави ҷаҳонӣ бояд танҳо ба тавузуни қудрати ҳарбӣ асос наёбад, зеро шароити муосири муайянкунии тавоноии давлатҳо танҳо бо иқтидори ҳарбӣ маҳдуд нашуда, заминаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва идеологиро низ фаро мегирад. Ҷаҳони глобализатсионии муосир торафт хусусияти гибридӣ касб намуда истода, дар як минтақаи он (мисли Шарқи Наздик) агар тавозуни қудрати ҳарбӣ василаи дурандешонаи таъмини тартибот бошад, дар минтақаи дигар – масалан Аврупо, консепсияи соҳибихиёрии тақсимшавандаву вогузоршаванда (дар мисоли Иттиҳоди Аврупо) дар низмои нави ҷаҳонӣ нақши бориз хоҳад дошт. Ҳамин тариқ, модели мазкури низоми нави ҷаҳонӣ низ аз камбудиҳо орӣ набуда, таҳаввулу такмил мехоҳад.

Ҷозеф Най бар ин назар аст, ки бо вуҷуди ҳамаи зиддияту мушкилиҳо бо гузуашти айём дар таърихи инсоният имконияти таъмини “сулҳи абадӣ”, ки ҳанӯз аз эҳтимол дур нест. Ӯ дар баррасии масъалаи мазкур ду мактаби асосии омӯзиши масоили муносибатҳои байналмиллалӣ – либерализм ва реализми сиёсиро таҳлил намуда, ба хулосае мерасад, ки ҳам дидгоҳи реалистона, ки асоси ҳамаро дар қувва, хосатан қувваи ҳарбӣ медонад ва ҳам модели либералии низоми нави ҷаҳонӣ, ки заминаи таъмини тартиботро ҳамгироии иқтисодиву сиёсӣ дар доираи ташкилоту сохторҳои глобалӣ мебинад, мушкилиҳои зиёдеро доро мебошад. Маҳз барои ин, Ҷозеф Най пешниҳод менамояд, ки таъсиррасонии ташкилоти глобалӣ ба мисли СММ ва дигар созмонҳои минтақавӣ ба давлатҳои ҷаҳон, алалхусус дарлатҳои заиф бояд ба таҳримҳои маҳдуди ғайриҳарбӣ асос ёбад, зеро ин омил метавонад тавозуни қудратро дар манотиқи гуногун ҳифз намояд. Ҳамчунин, пениҳод менамяод Ҷозеф Най, зарур аст, ки имконияти СММ ҷиҳати тасмимгириҳои мустақил ва таъсиррасонӣ ба субъектони алоҳида барои ҳифзи низоми ҷаҳонии мавҷуда дар ҳоле, ки аъзоёни доимии Шӯрои Амният аз ин манфиатдор нестанд, афзоиш дода шавад. Яъне, вазъияти Халиҷи Форс дар натиҷаи ҳуҷуми ИМА ба хоки Ироқ ба сатҳи муташанниҷ намерасид, агар ба ҷойи ИМА дар ин тасмимгирӣ СММ пешдастӣ менамуд.

Масъалаи дигаре, ки вобаста ба низоми нави ҷаҳонӣ Ҷозеф Най дар рисолаи худ баррасӣ намудааст ва боиси таваҷҷӯҳи хосса аст, ин манфиатҳои миллӣ ва геополитикии ИМА дар низмои нави ҷаҳонӣ мебошад. Ба андешаи муҳаққиқ, манфиати миллии ИМА-ро дар низмоми нави ҷаҳонӣ зиёдтар тамаркуз кардан ба рушду инкишофи соҳаҳои алоҳидаи сиёсати дохилии давлатӣ ташкил медиҳад. Тавре худи муаллиф ба таври риторикӣ ифода менамояд: “Чаро мо бояд Амрикоро дар ҷойи аввал нагузорем???” ва ё “моро мебояд зиёдтар дар “хона” фаъолият намоем”. Ин ишороти Ҷозеф Най аз он дарак медиҳад, ки пас аз ғалаба дар ҷанги сарди тӯлонӣ бо Иттиҳоди Шӯравӣ, қудрати бузурги ҳарбӣ-сиёсӣ ва иқтисодии

ҷаҳон гардидан, имрӯз ИМА-ро мебояд барои беҳтар кардани шароити зиндаии амрикоиҳо ва рушди соҳаҳои иҷтимоии сиёсати давлат диққати аввалиндараҷа зоҳир намояд.

Манфиатҳои геополитикии ИМА дар низоми нави ҷаҳонӣ, ба андешаи Ҷозеф Най, ҳатто баъди хотимаи ҷанги сард, таъмини муътадилияти сартосарии ҷаҳонӣ мебошад. ИМА аз нигоҳи геополитикӣ манфиатдор аст, ки ҳеҷ давлати ҷангҷӯе дар Аврупо қудратро ба даст нагирад ва онро идора накунад, то ки ИМА-ро ба ҳолати ногувор, чӣ тавре ки дар асри XX аллакай ду маротиба воқеъ шуд, мувоҷеҳ насозад. Яъне аз ин гуфта бар меояд, ки ИМА аз Аврупои орому осиоштаи дар заминаи арзишҳои либералӣ-демократӣ инкишофёбанда манфиатдор аст, на аз Аврупое, ки дар он режимҳои ғайридемократии фашистӣ ва қудратталабии давлатҳо сабаби ҷанг низоъ ва нооромӣ бигардад. Албатта андешаи Ҷозеф Най бетардид дуруст аст, вале зимнан мехостем, аз нигоҳи доктринаи Ҳ. Маккиндер нуктаи зикршударо баррасӣ намоем. Ҳ. Маккиндер бар ин назар буд, ки агар дар минтақаи меҳаварӣ, ва ё "қалби замин" – Heartland қудрати имкопазири идоракунандаи ҷаҳон мавҷуд набошад, пас афзалият ба ниммоҳаи дохилӣ – Rimland, ки ҳудуди Аврупо низ ба он шомил аст, мегузарад. Танҳо дар ҳолате, ки дар ниммоҳаи дохилӣ – Rimland қудрати мавҷудаи муттаҳидкунада мавҷуд набошад, тақдири ҷаҳонро ниммоҳаи берунаи қудратманд (дар ҳолати мо ИМА) муайян хоҳад кард. [7] Ҳамин тариқ, андешаи Ҷозеф Най вобаста ба ҷамъ шудани қудрат дар Аврупо зери нуфузи давлати ҷангҷӯй, ки монеаи асосии ҳимояи манфиатҳои геополитикии ИМА дар низоми нави ҷаҳонӣ ва ҳатто зидди манфиатҳои геополитикии ИМА мебошад, ба таври бавосита метавонад ба максимаҳои геополитикии пешниҳодкардаи Ҳ. Маккиндер ишора намояд.

Хулоса. Ҳамин тавр, таҳлил нишон дод, ки муҳаққиқи амрикоӣ, собиқ муовини вазири мудофиаи ИМА оид ба амнияти байналхалқӣ, профессори Институти идоракунии давлатии ба номи Ҷон Кеннедӣ, асосгузори консепсияи нерӯи нарм, неолиберализт Ҷозеф Най баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ояндаи низоми ҷаҳониро ба риштаи таҳлил кашида, панҷ модели эҳтимолии шаклгирии низоми ҷаҳониро дар ояндаи наздик, ки аз ҷониби коршиносони гуногун муайян шудаанд, баррасӣ намудааст: 1)бозгашт ба ҷаҳони дуқутба, 2) ҷаҳони бисёрқутба, 3) модели се блоки иқтисодӣ, 4) гегемонияи униполярӣ ва 5) баҳамвобастагии бисёрсатҳа. Ҳамзамон, муҳаққиқ манфиатҳои геополитикии ИМА ва мақоми онро дар низоми нави ҷаҳонӣ таҳлил намуда, ба хулосае мерасад, ки ИМА бояд барои сулҳи глобалӣ кӯшиш намояд ва пеши роҳи падидоии қудрати бузургро дар Аврупо бигирад, ки аз нигоҳи таҳлили либералии низоми ҷаҳонӣ падидии табиӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Cohen S.B. "Geography and Politics in a divided world", New York, 1963
2. Colin S. Gray "The Geopolitics of the Nuclear Era", N.Y., 1977
3. George Herbert Walker Bush. Address Before a Joint Session of the Congress on the Persian Gulf Crisis and the Federal Budget Deficit. 1990-09-11. [Electronic resource]. URL: https://bush41library.tamu.edu/archives/public-papers/2217 (accessed: 22.03.2025).
4. Joseph S Nye Jr. What New World Order? // Foreign Affairs. Volume 71, Issue 2. Spring 1992.
5. Kirk W. "Geographical Pivot of History", Leicaster Universal Press, 1965
6. Kissinger H. Diplomacy. – N.Y.: Simon and Schuster, 1994 – 912 p.
7. Mackinder H. Democratic Ideals and Reality. A study in the Politics of Reconstruction. London, 1919.
8. Meinig D.W. "Heartland and Rimland in Eurasian History" in "West Politics Quarterly", IX, 1956 pp. 553-569
9. Spykman N. J. "The Geography of the Peace", New York, Harcourt, Brace and Company, 1944.
10. World Economic Outlook Database, October 2024 Edition. (China) www.imf.org (accessed: 23.03.2025)

11. Бжезинский З. Выбор. Глобальное господство или глобальное лидерство / Пер. с англ. - М.: Международное отношения, 2005. - 288 с.

12. Тэтчер М. Искусство управления государством. Стратегии для меняющегося мира. – 4-е изд. – Москва: Альпина Паблишер, 2014. 504 с. С. 54

ВЗГЛЯДЫ ДЖОЗЕФА НАЯ НА НОВЫЙ МИРОВОЙ ПОРЯДОК И ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ИНТЕРЕСЫ США В НЕМ

Статья посвящена анализу мнений эксперта по международным отношениям, неолиберализта и основоположника концепции мягкой силы Джозефа Ная о новом мировом порядке и геополитических интересах США в нем. Автор, рассматривает идеи Джозефа Ная на основе анализа известной статьи «What New World Order?», опубликованной весной 1992 года в известном американском журнале «Foreign Affairs». Отмечается, что понятие “новый мировой порядок” изучается различными дисциплинами науки, но наиболее реалистичный анализ будущего новой мировой системы по-прежнему является его рассмотрением с точки зрения геополитических интересов, в этом направлении анализ Джозефа Ная считается важным и необходимым даже сегодня.

Ключевые слова: новый мировой порядок, будущее мира, биполярный мир, многополярный мир, три экономических блока, униполярная гегемония, многоуровневая взаимосвязь, геополитические интересы, геополитические интересы США, защита интересов.

JOSEPH NYE'S VIEWS ON THE NEW WORLD ORDER AND THE GEOPOLITICAL INTERESTS OF THE UNITED STATES IN IT

ANNOTATION

The article analyzes the opinions of international relations expert, neoliberalist and founder of the concept of soft power Joseph Nye about the new world order and the geopolitical interests of the United States in it. The author examines the ideas of Joseph Nye based on the analysis of the famous article "What New World Order?", published in the spring of 1992 in the famous American magazine "Foreign Affairs". It is noted that the concept of the “new world order” is studied by various disciplines of science, but the most realistic analysis of the future of the new world system is still its consideration from the point of view of geopolitical interests, in this direction, the analysis of Joseph Nye is considered important and necessary even today.

Keywords: new world order, future of the world, bipolar world, multipolar world, three economic blocs, unipolar hegemony, multilevel interconnection, geopolitical interests, geopolitical interests of the United States, protection of interests.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Мӯминов Мустақим Абдувакилович,унвонҷуйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.Тел: +992 926 16 09 18Email: muminovmustaqim@gmail.com

Информация об авторе:

Муминов Мустаким Абдувакилович, соискатель кафедры политологии и связям с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан Тел: +992 926 16 09 18.Email: muminovmustaqim@gmail.com

Information about the Author

Muminov Mustaqim Abduvakilovih, Applicant Political Sciences Department and Public Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.Тел: +992 926 16 09 18. Email: muminovmustaqim@gmail.com

ТДУ: 329.1/.6

НЕРӮИ НАРМ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИ АВРУПО

ИСМАТУЛЛОИ СУНЪАТУЛЛО
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола масъалаи таҳияи асосҳои назариявию методологии омӯзиши «нерӯи нарм» дар заминаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба равишҳои муосири илми муносибатҳои байналмилалӣ моҳияти мафҳуми нерӯи нарм, ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷӣ, робитаи он бо консепсияҳои «қудрати меъёрӣ», «қудрати табдилдиҳанда» ва «ҷозибаи институтсионалӣ»-ро таҳлил менамояд. Дар маркази таваҷҷуҳ на танҳо тавзеҳи назариявии ин падида, балки мушаххас намудани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асоснок намудани маҷмӯи усулҳои таҳлил, ҳамчунин баррасии адабиёти илмӣ ва санадҳои расмии марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо қарор дорад. Хулосаи асосӣ аз он иборат аст, ки дар мисоли муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо нерӯи нарм пеш аз ҳама тавассути каналҳои сиёсӣ-дипломатӣ, маориф ва мубодилаи академӣ, дастгирии ислоҳот, ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон, иқлим, об, рушди устувор, инчунин бо роҳи пешниҳод намудани стандартҳо, арзишҳо ва қоидаҳои институтсионалӣ амалӣ мегардад. Ҳамзамон, самаранокии он аз омилҳои сохторӣ, қобилияти татбиқ, сатҳи мутобиқшавии институтсионалӣ ва рақобати дигар марказҳои қудрат дар минтақа вобастагии ҷиддӣ дорад.

Калидвожаҳо: *нерӯи нарм, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Тоҷикистон, методологияи таҳқиқот, сиёсати хориҷӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, Осиёи Марказӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ.*

Дар шароити муосири низоми байналмилалӣ қудрат танҳо бо иқтидори ҳарбӣ, маҷбуркунӣ ё фишори иқтисодӣ шарҳ дода намешавад. Тағйирёбии табиати муносибатҳои байнидавлатӣ, афзоиши вобастагии мутақобила, густариши фазои иттилоотӣ ва баланд шудани аҳаммияти арзишҳо, эътибор, стандартҳо ва моделҳои рушд боис гардидааст, ки омилҳои ғайрииҷбории таъсир дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гиранд. Аз ҳамин ҷост, ки консепсияи «нерӯи нарм» ҳамчун яке аз мафҳумҳои калидии муносибатҳои байналмилалӣ дар даҳсолаҳои охир ба абзори муҳими таҳлили сиёсати хориҷӣ табдил ёфтааст. [1, 2].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати хориҷии худро дар асоси принсипҳои мувозанатнокӣ, гуногунсамтӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ пеш мебарад, омӯзиши абзорҳои нерӯи нарм аҳаммияти амалӣ ва назариявии хос дорад. Иттиҳоди Аврупо дар ин замина яке аз шарикони муҳими сиёсию иқтисодӣ ва институтсионалӣ ба шумор меравад. Пояи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ мебошад, ки соли 2004 ба имзо расида, аз 1 январи соли 2010 мавриди амал қарор гирифт; дар солҳои охир ин замина бо оғози музокироти Созишномаи мукаммали нав оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ ва бо тавсеаи рӯзномаи соҳавии ҳамкорӣ боз ҳам фаъолтар гардидааст. [18, 5, 6, 7].

Аҳаммияти мавзӯъ аз он иборат аст, ки муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо танҳо ба сатҳи дипломатияи классикӣ маҳдуд намешаванд. Ин муносибатҳо маҷмӯи мураккаби унсурҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва гуманитариро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи онҳо дар доираи консепсияи нерӯи нарм имкон медиҳад, ки на танҳо механизмҳои таъсир, балки шаклҳои ҳамкорӣ, тарзи паҳншавии меъёрҳо, нақши барномаҳои ёрирасон, робитаи муколамаи сиёсӣ бо ислоҳоти дохилӣ ва низ андозаи ҷозибаи модели аврупоӣ барои Тоҷикистон ба таври амиқтар дарк карда шавад.

Навгонии мақола дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи нерӯи нарм дар муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо на танҳо ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳо ё барномаҳои алоҳида, балки ҳамчун як низоми бисёрқабатаи арзишӣ, институтсионалӣ ва коммуникатсионӣ баррасӣ мегардад. Дар доираи мақола талош шудааст, ки миёни таҳлили назариявӣ ва арзёбии санадҳои расмӣ пайванди мустақим барқарор карда шуда, заминаи методологии муносиб барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ пешниҳод гардад.

Мафҳуми «нерӯи нарм» бештар ба номи Ҷозеф Най алоқаманд аст, ки онро ҳамчун қобилияти ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ тавассути ҷозиба ва бовар кунондан, на тавассути маҷбуркунӣ ё харидорӣ, шарҳ медиҳад. Дар фаҳмиши классикии ин назария, сарчашмаҳои асосии нерӯи нарм аз фарҳанг, арзишҳои сиёсӣ ва сиёсате бармеоянд, ки дар назари дигарон дорои қонуният ва ҷозиба бошанд. Ин таъриф барои фаҳмидани он муҳим аст, ки қудрат дар муносибатҳои байналмилалӣ танҳо аз воситаҳои моддӣ вобаста нест, балки аз қобилияти таъсиррасонӣ ба тасаввур, афзалият ва рафтори дигарон низ маншаъ мегирад. [1, 2].

Дар илм нерӯи нарм одатан дар муқоиса бо «нерӯи сахт» тавзеҳ дода мешавад. Агар нерӯи сахт ба маҷбуркунӣ, таҳдид, ҷазо, фишори ҳарбӣ ё воситаҳои мустақими иқтисодӣ такя намояд, пас нерӯи нарм бар асоси ҷозиба, эътироф, таъсири рамзӣ, қонуният ва мақбулияти меъёрҳо амал мекунад. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқоти навтар аксаран таъкид мешавад, ки ин ду шакли қудрат на ҳамчун муқобили мутлақ, балки ҳамчун унсурҳои мутақобилан пайваста фаҳмида шаванд. Бисёр субъектони байналмилалӣ аз омезиши онҳо, яъне аз «қудрати оқилона» истифода мебаранд.

Дар мавриди Иттиҳоди Аврупо, мафҳуми нерӯи нарм танҳо ба ҷозибаи фарҳангӣ маҳдуд намешавад. Дар адабиёти илмӣ яке аз консепсияҳои наздик ба он мафҳуми «қудрати меъёрӣ» мебошад, ки мувофиқи он Иттиҳоди Аврупо қодир аст арзишҳо ва меъёрҳои муайян – мисли волоияти ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, идоракунии хуб, шаффофият, рушди устувор ва бисёрҷонибагиро – ба як қисми рӯзномаи байналмилалӣ табдил диҳад. Дар ин ҷо таъсир на аз мавҷудияти зӯр, балки аз нуфузи институти, эътибори сиёсӣ ва қобилияти ташаккул додани чорчӯбаҳои меъёрӣ бармеояд. [3].

Бартарии ин равиш дар он аст, ки ба мо имкон медиҳад, нерӯи нарми Иттиҳоди Аврупоро ҳамчун маҷмӯи меъёрҳо, ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барномаҳои дастгирӣ, шартҳои ҳамкорӣ, низоми муколамаҳо ва механизмҳои иҷтимоикунонии сиёсӣ таҳлил намоем. Яъне Иттиҳоди Аврупо ба давлатҳои шарик танҳо захира пешниҳод намекунад, балки тавассути шаклҳои ҳамкорӣ «тартиби муносиб», меъёрҳои идоракунӣ ва модели муайяни рафтори институтсионалиро низ интиқол медиҳад.

Бо ин ҳама, нисбат ба консепсияи нерӯи нарм танқидҳо низ вуҷуд доранд. Аввалан, муайян намудани ҳудуди дақиқи мафҳум ҳамеша осон нест, зеро баъзан байни ҷозиба, манфиат, вобастагии иқтисодӣ ва таъсири институтсионалӣ хатти возеҳ кашидан душвор мешавад. Дуюм, чен кардани самаранокии нерӯи нарм мушкил аст: на ҳама тағйиротро метавон мустақиман ба барнома ё арзиши муайян нисбат дод. Сеюм, ҷозиба ҳамеша ҳамсон амал намекунад; он аз шароити дохилии кишвари қабулкунанда, аз фарҳанги сиёсӣ, аз сатҳи омодагии институтсионалӣ ва аз рақобати дигар пешниҳодҳои геополитикӣ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, дар таҳқиқи нерӯи нарм ба якчанд унсур таваҷҷуҳ кардан зарур аст: сарчашмаҳои ҷозиба; каналҳои интиқоли таъсир; муҳити қабулкунандаи таъсир; натиҷаҳои фаврӣ ва миёнамӯҳлат; инчунин омилҳои маҳдудкунанда. Маҳз чунин бархӯрд имконият медиҳад, ки дар мисоли Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо нерӯи нарм на ҳамчун як шиори сиёсӣ, балки ҳамчун объекти воқеии таҳқиқоти илмӣ баррасӣ шавад.

Гарчанде истилоҳи «нерӯи нарм» маҳсули илми асри XX аст, пешояндҳои маънавию сиёсии ин мафҳумро метавон дар мероси фикрии Шарқи асримиёнагӣ низ пайдо кард. Абу Насри Форобӣ дар таълимоти худ дар бораи «шаҳри фозила» устувории ҳокимиятро бо фазилат, қонуният, тарбия ва қудрати бовар кунондани шаҳрвандон мепайвандад; Низомулмулк дар «Сиёсатнома» обрӯ, адолат, машварат ва эътибори ахлоқии давлатдориро

омили асосии пойдории давлат мешуморад; Ибни Сино бошад, дар доираи фалсафаи амалии худ ҳукмронии оқилонаро бо тарбияи инсон ва ҳифзи манфиати умум алоқаманд месозад. Ин андешаҳо, албатта, бевосита мафҳуми муосири нерӯи нарм нестанд, аммо нишон медиҳанд, ки таъсир тавассути нуфузи ахлоқӣ, дониш, ҳикмат ва ҷозибаи намунавӣ дар анъанаи фикрии Шарқ таърихи амиқ дорад. [27, 28, 29].

Таҳқиқи нерӯи нарм дар муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо муносибати бисёрсатҳа ва байнисоҳавиро тақозо мекунад. Аз лиҳози умумӣ, дар маркази таҳлил равиши низомӣ қарор дорад, ки робитаҳои дуҷонибаро ҳамчун маҷмӯи унсурҳои бо ҳам вобаста – санадҳои ҳуқуқӣ, институтҳои муколама, барномаҳои ёрирасон, механизмҳои ҳамкорӣ, актораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, воситаҳои коммуникатсионӣ ва фазои меъёрӣ – меомӯзад. Ин равиш имкон медиҳад, ки равандҳои сиёсӣ ва гуманитарӣ ҷудо аз ҳам не, балки ҳамчун қисматҳои як низоми ягона арзёбӣ шаванд.

Равиши институтсионалӣ дар ин мақола барои муайян намудани нақши созмонҳо, кумитаҳо, шӯроҳо, ҳайатҳои намояндагӣ, созишномаҳо ва тартиботи расмии ҳамкорӣ истифода мешавад. Бо ёрии он метавон нишон дод, ки чӣ гуна Иттиҳоди Аврупо таъсири худро на танҳо тавассути паёмҳои сиёсӣ, балки тавассути бунёди механизмҳои устувори ҳамкорӣ тақвият мебахшад. Дар ҳамин замина таҳлили санадҳои меъёрӣ ва институтсионалӣ дорои аҳаммияти аввалиндараҷа мебошад. [4, 10].

Равиши таърихӣ барои пайгирии таҳаввули муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо зарур аст. Бидуни дарназардошти даврабандии рушди ҳамкорӣ – аз ташаккули заминаи шартномавӣ дар солҳои аввали истиқлол, то гузариш ба рӯзномаи навтарини стратегӣ дар солҳои 2023–2025 – имкон надорад, ки логикаи тағйири абзорҳои таъсир ва афзалиятҳои тарафҳо дуруст шарҳ дода шавад. Равиши таърихӣ ҳамчунин ба ошкор намудани идомадорӣ ва тағйирпазирии сиёсат мусоидат менамояд.

Методи муқоисавӣ ба таҳлилгар имконият медиҳад, ки нерӯи нарми Иттиҳоди Аврупоро аз дигар шаклҳои ҳузури байналмилалӣ дар Осиёи Марказӣ фарқ намояд. Ҳарчанд мақола ба муқоисаи пурраи геополитикӣ бахшида нашудааст, ба таври консептуалӣ нишон дода мешавад, ки модели аврупоӣ бештар ба меъёрҳо, ислоҳот, стандартҳо, маориф, рушди устувор ва институтсионализатсияи муколама такя мекунад. Ин хусусият онро аз бисёр шаклҳои таъсири амниятӣ, низомӣ ё сармоягузории беқайд ба меъёрҳо фарқкунанда месозад.

Илова бар ин, дар мақола усулҳои таҳлили мазмун ва таҳлили дискурс истифода мешаванд. Тавассути онҳо матни санадҳои стратегӣ, изҳорот, созишномаҳо ва барномаҳо аз рӯи категорияҳои асосӣ – «шарикии стратегӣ», «волоияти ҳуқуқ», «рушди устувор», «ҷавонон», «иқлим», «ҳамгироии минтақавӣ», «мобилият», «ҷомеаи шаҳрвандӣ» – таҳлил карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо мазмун, балки мантиқи арзишӣ ва забони сиёсати Иттиҳоди Аврупо нисбат ба Тоҷикистон ва минтақа дар маҷмӯъ фаҳмида шавад.

Аз нигоҳи методологӣ, барои чунин таҳқиқот якҷоя истифода бурдани манбаъҳои аввалия ва дуюмдараҷа муҳим аст. Ба манбаъҳои аввалия санадҳои расмии Иттиҳоди Аврупо, Шӯрои Аврупо, Хадамоти аврупоии амалҳои хориҷӣ, вазоратҳо ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин матни созишномаҳо, изҳорот ва коммуникеҳо дохил мешаванд. Ба манбаъҳои дуюмдараҷа корҳои илмӣ, мақолаҳои таҳлилӣ ва пажӯҳишҳое мансубанд, ки ба баҳси назариявӣ ва баррасии таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд. Маҳз пайвастани ин ду навъи манбаъҳо асоснокии илмии хулосаҳоро таъмин менамояд.

Ҳадафи асосии мақола аз таҳияи чаҳорчӯбаи назариявию методологии таҳқиқи нерӯи нарм ва татбиқи он нисбат ба муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо иборат мебошад. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи он меравад, ки нерӯи нарм ҳамчун абзори сиёсати хориҷӣ чӣ гуна фаҳмида шавад, кадом нишондиҳандаҳо барои омӯзиши он муносибанд ва дар мисоли ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо он аз кадом каналҳо зоҳир мегардад.

Барои расидан ба ин ҳадаф якчанд вазифаҳои мушаххас пеш гузошта мешаванд: якум, тавзеҳи назариявии мафҳуми нерӯи нарм ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар илми муносибатҳои байналмилалӣ; дуюм, баррасии равишҳои методологие, ки барои омӯзиши ин падида мувофиқ мебошанд; сеюм, шарҳи адабиёти илмии мавҷуда ва ошкор намудани холигоҳи таҳқиқотӣ; чаҳорум, таҳлили санадҳои асосии ҳуқуқӣ ва стратегӣ, ки заминаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро ташкил медиҳанд; панҷум, муайян намудани абзорҳо ва самтҳои асосии амалишавии нерӯи нарми Иттиҳоди Аврупо нисбат ба Тоҷикистон; шашум, арзёбии маҳдудиятҳо, мушкилот ва дурнамои минбаъдаи ин раванд.

Объекти таҳқиқот муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар маҷмӯи ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва гуманитарии онҳо мебошад. Предмети таҳқиқот бошад, механизмҳо, шаклҳо, каналҳо ва натиҷаҳои амали нерӯи нарм дар доираи ин муносибатҳо ба ҳисоб мераванд. Агар объект ба тамоми маҷмӯи робитаҳо ишора кунад, предмет махсусан ба он унсурҳое равона шудааст, ки тавассути онҳо таъсири ҷозибавӣ, меъёрӣ ва институтсионалии Иттиҳоди Аврупо зоҳир мегардад.

Дар сатҳи фарзияи корӣ метавон чунин фарзияро пешниҳод намуд: нерӯи нарми Иттиҳоди Аврупо нисбат ба Тоҷикистон бештар на дар шакли таблиғоти рамзӣ, балки дар шакли шабакаи устувори ҳуҷҷатҳо, муколамаҳои сиёсӣ, барномаҳои соҳавӣ, дастгирии меъёрҳо ва ҳамкориҳои маорифию институтсионалӣ амал мекунад. Самаранокии ин нерӯ, аз як тараф, бо эътибор ва имкониятҳои худи Иттиҳоди Аврупо, ва аз тарафи дигар, бо омодагии институтсионалӣ ва талаботи дохилии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Адабиёти илмие, ки ба нерӯи нарм бахшида шудааст, чанд зинаи муҳими рушди назариявиро аз сар гузаронидааст. Дар марҳилаи аввал таваҷҷуҳ бештар ба муайян намудани сарчашмаҳои нерӯи нарм ва фарқияти он аз шаклҳои маҷбуркунандаи қудрат равона мешуд. Дар марҳилаи баъдӣ масъалаи ченшавандагӣ, қобилияти табдили ҷозиба ба натиҷаи сиёсӣ ва робитаи нерӯи нарм бо институтҳо, дипломатияи ҷамъиятӣ ва иттилоотӣ матраҳ гардид. Дар марҳилаи сеюм бошад, таҳлилҳо бештар хусусияти татбиқӣ гирифта, нерӯи нарм нисбат ба актораҳои мушаххас – аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо – баррасӣ шуд.

Дар мавриди Иттиҳоди Аврупо муҳаққиқон аксаран ду хати асосии тафсирро пеш мегузоранд. Хати аввал Иттиҳоди Аврупоро ҳамчун субъекти дорои қудрати меъёрӣ, яъне қудрати тавлид ва интиқоли стандартҳо, арзишҳо ва қоидаҳои рафтор, шарҳ медиҳад. Хати дуюм ба қобилияти Иттиҳоди Аврупо барои пешбурди модели муайяни идоракунӣ, ҳамгироӣ ва ислоҳот тавассути муколама, шартномаҳо ва ёрии техникӣ таваҷҷуҳ мекунад. Ин ду хати тафсир бо ҳам алоқаманд буда, барои таҳлили сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ заминаи муҳим фароҳам меоранд.[3]

Дар осори ба Осиёи Марказӣ бахшидашуда, аз ҷумла дар корҳои Нил Мелвин, таъкид мешавад, ки Иттиҳоди Аврупо дар ин минтақа бештар аз роҳи афзалиятҳои худ – яъне модернизатсияи иқтисодию иҷтимоӣ, гуногунандешии сиёсӣ, волоияти ҳуқуқ ва гуногунрангии фарҳангӣ – метавонад таъсири устувор расонад. Ин маъно дорад, ки қудрати Иттиҳоди Аврупо дар минтақа бештар аз табиати меъёрӣ ва институтсионалии он бармеояд, на аз рақобати классикии қудратҳои сахт. [15].

Рик Фоун дар таҳлили Стратегияи соли 2019 барои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки Иттиҳоди Аврупо худро ҳамчун актори «ғайригеополитикӣ» муаррифӣ намояд ҳам, амалан дар муҳити рақобатии минтақавӣ фаъолият мекунад ва ба воситаи ҷозиба, манфиат, қоидаҳо ва ташаккули рӯзнома таъсири сиёсӣ мерасонад. Ин хулоса барои мавзӯи мақолаи мо муҳим аст, зеро нишон медиҳад, ки нерӯи нарм дар амал ҳамеша аз муҳити геополитикӣ ҷудо нест ва бояд дар робита ба рақобати стратегияҳо таҳлил шавад. [16].

Пажӯҳиши А. Ангелеску бошад, таваҷҷуҳро ба қобилияти Иттиҳоди Аврупо ҷиҳати сафарбарсозии захираҳо барои расидан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ равона месозад. Ин таҳлил махсусан барои фаҳмидани он муфид аст, ки чӣ гуна нерӯи нарм ба воситаи барномаҳо, маблағгузорӣ, васеъкунии шабакаҳои ҳамкорӣ ва механизмҳои идоракунии умумӣ амал мекунад. Аз ин дидгоҳ, муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо

метавонанд ҳамчун намунаи татбиқи интихобии абзорҳои нерӯи нарм дар як муҳити минтақавии ҳассос таҳлил шаванд. [17].

Бо вуҷуди мавҷудияти корҳои назаррас, бояд эътироф намуд, ки адабиёти махсус оид ба Тоҷикистон ҳанӯз ҳам нисбатан маҳдуд мебошад. Аксари таҳқиқот Тоҷикистонро дар доираи умумии Осиёи Марказӣ баррасӣ мекунанд ва хусусиятҳои дохилии ҳамкорӣ – аз ҷумла рӯзномаи обу иқлим, маориф, омодасозии кадрҳо, муколамаҳои ҳуқуқи инсон, тағйироти ҳуқуқӣ ва нақши барномаҳои буҷетӣ – камтар ба таври ҷудогона таҳлил мешаванд. Аз ҳамин ҷиҳат, таҳқиқи махсуси муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар доираи концепсияи нерӯи нарм барои пур намудани ин холигоҳи илмӣ муҳим мебошад.

Дар илмҳои ҷамъиятии Тоҷикистон низ заминаи муҳим барои таҳқиқи мавзӯъ тадриҷан шакл гирифтааст. Пеш аз ҳама, корҳои Санавбар Воҳидова аҳаммияти хоса доранд, зеро онҳо нишон медиҳанд, ки Аврупо на танҳо ҳамчун шарики сиёсию иқтисодӣ, балки ҳамчун фазои тавлиди дониш дар бораи Шарқ ва тамаддуни тоҷикӣ низ бояд баррасӣ шавад. Таҳлили ӯ оид ба рушди эроншиносӣ ва тоҷикшиносӣ дар историографияи Аврупо барои фаҳмидани он муҳим аст, ки робитаҳои Тоҷикистон бо Аврупо дорои заминаҳои дарозмуддати илмию фарҳангӣ мебошанд. Аз ин нуқтаи назар, нерӯи нарм танҳо ба барномаҳои муосири Иттиҳоди Аврупо маҳдуд намешавад, балки ба шабакаҳои таърихии шинохт, тарҷума, омӯзиши мутақобила ва ҳузури образҳои Тоҷикистон дар фазои зеҳнии Аврупо низ такя мекунад. [24, 25,26].

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки барои таҳқиқи масъала аз як тараф, бояд ба пояҳои классикии назария такя кард, аз ҷониби дигар, хусусиятҳои мушаххаси Иттиҳоди Аврупо ҳамчун актори дорои қудрати меъёрӣ ва институтсионалӣ ба инобат гирифта шаванд. Ин ду самт вақте самаранок мегарданд, ки бо омӯзиши санадҳои амалкунанда ва таҷрибаи воқеии ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо пайванд ёбанд.

Заминаи ҳуқуқии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо аз маҷмӯи санадҳои шартномавӣ, стратегӣ ва коммуникатсионӣ иборат аст. Сутуни марказии ин низом Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки соли 2004 ба имзо расида, аз 1 январи соли 2010 эътибор пайдо намуд. Ин созишнома барои муколамаи сиёсӣ, ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, дастгирии ислоҳот ва рушди робитаҳои институтсионалӣ чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.[18]

Дар сатҳи минтақавӣ, гардиши ҷиддӣ дар сиёсати Иттиҳоди Аврупо қабули Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ дар соли 2019 буд. Ин стратегия бар се самти ба ҳам алоқаманд – устуворӣ, шукуфоӣ ва ҳамкории минтақавӣ – такя намуда, кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро ҳамчун шарикони мустақили дорои аҳаммияти геостратегӣ арзёбӣ мекунад. Дар айни замон, стратегия возеҳ месозад, ки чуқурии муносибатҳо бо омодагии давлатҳои минтақа ба ислоҳот, таҳкими демократия, ҳуқуқи инсон, волоияти ҳуқуқ ва навсозии иқтисодӣ вобастагӣ дорад.[4]

Марҳилаи навбатии такмили ин рӯзнома ба қабули «Нақшаи муштараки амиқгардонии робитаҳо байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ» дар соли 2023 рост меояд. Ин ҳуҷҷат аҳдофи стратегияи соли 2019-ро ба маҷмӯи амалҳои мушаххас табдил дода, ҳамкориҳоро дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ, рақамӣ, иқлимӣ ва башардӯстона муфассалтар сохторбандӣ намуд. Барои таҳқиқи нерӯи нарм аҳаммияти ин санад дар он аст, ки он нишон медиҳад: ҷозибаи Иттиҳоди Аврупо тавассути институтсионализатсияи диалог ва пешниҳод кардани рӯзномаи амалии ҳамкорӣ тақвият меёбад. [10].

Дар сатҳи дуҷониба, оғози музокирот оид ба Созишномаи мукаммали нав дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар моҳи феврали соли 2023 қадами калидӣ буд. Даври сеюми музокирот дар моҳи апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид ва ҷонибҳо аз пешрафти назаррас дар самти таҳияи чаҳорчӯбаи нави ҳамкории муосир хабар доданд. Мувофиқи иттилои расмӣ, созишномаи нав бояд созишномаи амалкунандаи соли 2010-ро иваз карда, соҳаҳои муколамаи сиёсӣ, волоияти ҳуқуқ, тиҷорат, иқтисод, пайвастшавӣ, рақамикунонӣ, иқлим ва амниятро фаро гирад. [6].

Қадами боз ҳам муҳимтар дар ин раванд ибтидоӣ шудани матни мувофиқашудаи Созишномаи мукаммали нав миёни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар 18 июли соли 2025 буд. Дар ин ҳуҷҷати сиёсӣ таъкид мешавад, ки созишномаи нав, баъди ба имзо расидан, заминаи ҳуқуқии муосир ва фарохтареро барои муносибатҳои дуҷониба ташкил хоҳад дод ва бо авлавиятҳои стратегии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ ҳамоҳанг хоҳад буд. [7].

Нақши институтҳои муколама низ дар таҳкими заминаи санадӣ ва сиёсии ҳамкорӣ хеле муҳим аст. Дар моҳи июли соли 2024 ҷаласаи ёздаҳуми Кумитаи ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар Душанбе баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба, ислоҳот ва ҳамкориҳои соҳавӣ баррасӣ шуданд. Дар моҳи ноябри соли 2025 бошад, ҷаласаи ёздаҳуми Шӯрои ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар Брюссел баргузор шуда, ҷонибҳо вазъи муносибатҳои дуҷониба, рушди сиёсиву иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамкориҳои тиҷоратӣ, энергетикӣ ва масъалаҳои минтақавиро мавриди муҳокима қарор доданд. [11, 8].

Сатҳи минтақаӣ низ ба муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо таъсири мустақим мерасонад. Дар Самарқанд 4 апрели соли 2025 нахустин Саммити Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ баргузор гардида, дар он муносибатҳои байни Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои минтақа ба сатҳи «шарикии стратегӣ» боло бардошта шуданд. Дар Эъломияи муштарак таъкид шуд, ки Стратегияи соли 2019 ва Нақшаи муштараки соли 2023 ҳамчун пояи амалигардонии ҳамкорӣ хидмат мекунанд. Ин санад ҳамзамон масъалаҳои сулҳ, амният, демократия, иқлим, ҳамбастагии иқтисодӣ, нақлиёт, об ва робитаҳои байни мардумро ба сифати самтҳои калидӣ муайян намуд. [9].

Аз нуқтаи назари нерӯи нарм аҳаммияти махсуси ин санадҳо дар он аст, ки онҳо на танҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳоро муайян месозанд, балки афзалиятҳои арзишӣ ва сиёсиро низ қонунӣ мегардонанд. Ба ибораи дигар, санадҳо худ ба худ ба канали интиқоли нерӯи нарм табдил меёбанд: онҳо забони муносиб, тасаввуроти қабулшаванда дар бораи ислоҳот, рушди устувор ва тартиби ҳамкориро муқаррар менамоянд.

Яке аз муҳимтарин каналҳои нерӯи нарми Иттиҳоди Аврупо муколамаи сиёсӣ мебошад. Иттиҳоди Аврупо дар муносибат бо Тоҷикистон пайваста забони шарикӣ, эҳтиром ба соҳибихтиёрӣ, ҳамзамон дастгирии ислоҳоти институтсионалӣ, волоияти ҳуқуқ, шаффофият ва муосирсозии идоракуниро истифода мебарад. Ин забон на танҳо дипломатӣ, балки иҷтимоикунанда низ мебошад: он меъёрҳои муайяни сиёсиро ба рӯзномаи ҳамкорӣ табдил медиҳад ва ба ин васила шакли нарми таъсирро ба вуҷуд меорад.

Канали дуюм рушди институтсионалӣ ва дастгирии ислоҳоти идоракунӣ мебошад. Намунаи равшани он дастгирии буҷетии Иттиҳоди Аврупо барои рушди таҳсилоти касбӣ, бозори меҳнат ва низоми идоракунии молияи давлатӣ аст. Дар моҳи октябри соли 2023 Иттиҳоди Аврупо барои пешбурди ислоҳоти соҳаи таҳсилоти касбӣ ва рушди шуғл ба Тоҷикистон 30 миллион евро дастгирии буҷетӣ ҷудо намуд. Аз муҳтавои расмии барнома бармеояд, ки ҳадаф танҳо маблағгузории соҳа нест; сухан инчунин дар бораи ворид намудани малакаҳои «сабз» ва рақамӣ, мутобиқсозии стандартҳо ва тақвияти устуворii иҷтимоиву иқтисодӣ меравад. Ҳамин хусусият ба барнома мазмуни возеҳи нерӯи нарм мебахшад. [12].

Самти сеюм маориф, тайёр намудани кадрҳо ва алоқаҳои байни мардум мебошад. Ҳамкорӣ дар доираи Tempus, Erasmus Mundus ва Erasmus+ барои Тоҷикистон на танҳо имкониятҳои таълимӣ, балки тағрибаи интиқоли стандартҳои таълим, таҳкими робитаҳои байни донишгоҳҳо, баланд бардоштани қобилияти идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ташаккули шабакаҳои нави муошират касбиро фароҳам меорад. Барои нерӯи нарм ин самт махсусан муҳим аст, зеро маҳз тавассути ҷавонон, муҳаққиқон ва устодон шакли дарозмуддати ҷозибаи модели аврупоӣ ба вуҷуд меояд. [14].

Самти чорум дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ мебошад. Дар моҳи марти соли 2024 Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон барномаи грантӣ барои пешбурди демократия, ҳуқуқи инсон ва озодиҳои бунёдӣ эълон намуд, ки ҳаҷми умумии он 1,855,000 евро буд. Хусусияти ҷолиби ин абзор дар он аст, ки Иттиҳоди Аврупо

тавассути он ба ташаккули муҳити муколама, фаъолсозии ташаббусҳои шаҳрвандӣ, баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва густариши арзишҳои меъёрӣ мусоидат мекунад. [13].

Самти панҷум ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқлим, об, рушди устувор ва гузариши сабз мебошад. Барои Тоҷикистон, ки масъалаҳои об, ҳифзи пиряхҳо, тағйирёбии иқлим, амнияти озуқаворӣ ва энергетикаи устувор аҳаммияти стратегӣ доранд, иштироки Иттиҳоди Аврупо дар чунин рӯзнома ба нерӯи нарм муҳтавои амалӣ мебахшад. Иттиҳоди Аврупо бо пайваст кардани ин масъалаҳо ба стандартҳои ҷаҳонии рушди устувор, ташаббусҳои бисёрҷониба ва платформаҳои минтақавӣ тавонистааст, ки худро ҳамчун шарики масъул ва дорои тавони ҳалли масъалаҳои дарозмуддат муаррифӣ намояд. Дар Эъломияи Самарқанд соли 2025 масъалаҳои об, иқлим ва ҳамоҳангсозии иқдомҳои минтақавӣ ба таври возеҳ ҷой гирифтанд, ки ин аҳаммияти афзояндаи чунин рӯзномаро нишон медиҳад. [9].

Самти шашум пайвастшавӣ, иқтисод ва рӯзномаи Global Gateway мебошад. Дар муҳити пас аз соли 2022 Иттиҳоди Аврупо масъалаи роҳҳои нақлиётӣ, логистика, пайвастшавии рақамӣ, энергетика ва ашёи хомро бештар ба рӯзномаи минтақа ворид намуд. Эълони бастаи сармоягузории 12 миллиард евро барои Осиёи Марказӣ дар Саммити Самарқанд ва такя ба пайвастшавии устувор нишон медиҳанд, ки Иттиҳоди Аврупо талош дорад ҷозибаи худро на танҳо аз тариқи арзишҳо, балки аз тариқи пешниҳоди имкониятҳои воқеии рушди инфрасохторӣ ва иқтисодӣ низ таҳким бахшад. Аммо ҳатто дар ин маврид ҳузури аврупоӣ бо таъкид ба шаффофият, устуворӣ ва қоидаҳои ҳамкории иқтисодӣ тавъам мебошад, ки онро ба модели нисбатан «меъёрӣ» табдил медиҳад. [19, 9].

Самти ҳафтум абзори рамзӣ ва намояндагӣ мебошад. Ҳар як ҷаласаи расмӣ, ҳар як изҳороти муштарак, ҳар як ташаббуси форумӣ ва ҳар як дастгирии соҳавӣ барои Иттиҳоди Аврупо имкони эҷоди тасвири мусбати худ ҳамчун шарики пешгӯишаванда, ҳуқуқмеҳвар ва рушдиустуворро фароҳам меорад. Ин образи сиёсӣ, ки бо унсурҳои дипломатияи ҷамъиятӣ ва иттилоотӣ тақвият меёбад, ҷузъи муҳими нерӯи нарм аст. Дар он ҳолатҳое, ки натиҷаҳои фаврӣ маҳдуд бошанд ҳам, нигоҳ доштани чунин тасвир барои таъсири дарозмуддат аҳамияти калон дорад.

Дар маҷмӯъ, таҳлили ин самтҳо нишон медиҳад, ки нерӯи нарми Иттиҳоди Аврупо нисбат ба Тоҷикистон характери маҷмӯӣ дорад. Он ҳам аз ҷозибаи арзишӣ, ҳам аз нуфузи институтсионалӣ, ҳам аз барномаҳои дастгирии соҳавӣ ва ҳам аз қобилияти тавлиди рӯзномаи муштарак иборат аст. Маҳз ҳамин хусусияти бисёрқабата имкон медиҳад, ки Иттиҳоди Аврупо дар муҳити мураккаби Осиёи Марказӣ мавқеи худро устувортар гардонад.

Бо вуҷуди имкониятҳои назаррас, нерӯи нарми Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон бо як қатор маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ мешавад. Аввалан, байни интизориҳои баланд аз шарикии стратегӣ ва иқтидорҳои воқеии татбиқ баъзан фосила ба вуҷуд меояд. Барномаҳо ва санадҳо рӯзномаи васеъро пешбинӣ мекунанд, аммо амалӣ шудани онҳо ба захираҳои молиявӣ, ҳамоҳангии институтсионалӣ, омодагии кадрӣ ва суръати ислоҳоти дохилӣ вобаста мебошад.

Дуюм, самаранокии нерӯи нарм ҳамеша аз муҳити қабулкунандаи он вобаста аст. Агар кишваре дорои эҳтиёҷоти равшан, иқтидори иҷроия ва омодагии мутобиқсозии институтсионалӣ бошад, ҷозибаи пешниҳодҳои меъёрӣ бештар самар медиҳад. Агар чунин омодагӣ маҳдуд бошад, таъсир низ интихоби, фосилавӣ ва баъзан рамзӣ мемонад. Аз ин рӯ, барои таҳқиқи муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо бояд ҳамеша омили дохилиро ҳамроҳ ба омили берунии таъсир ба назар гирифт.

Сеюм, Осиёи Марказӣ майдони рақобати ҳамзамони чандин маркази қудрат мебошад. Дар чунин муҳит нерӯи нарми Иттиҳоди Аврупо бо дигар моделҳои ҳамкорӣ, сармоягузорӣ ва амният муқоиса мешавад. Афзалияти Иттиҳоди Аврупо дар сатҳи арзишҳо, институтҳо ва стандартҳо ҳатман маънои онро надорад, ки ҳамаи шарикон онро аз дигар пешниҳодҳо болотар хоҳанд донист. Ин ҷо омилҳои ҷуғрофиё, иқтисод, суръати иҷро, манфиатҳои фаврӣ ва анъанаҳои дипломатӣ низ нақши ҷиддӣ доранд. [16].

Чорум, худи мафҳуми нерӯи нарм мушкили ченшавандагӣ дорад. На ҳамеша метавон дақиқ муайян кард, ки кадом тағйирот дар сиёсати давлатӣ, идоракунӣ, маориф ё ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳз аз таъсири нарми Иттиҳоди Аврупо ба вуҷуд омадааст ва кадомаш натиҷаи омилҳои дохилӣ ё таъсири дигар акторон мебошад. Бинобар ин, муҳаққиқ бояд аз хулосаҳои соддакардашуда канорагирӣ намуда, таъсирро ҳамчун раванди марҳилавӣ, ғайрихаттӣ ва бисёрманбаъ таҳлил намояд.

Бо вуҷуди ин маҳдудиятҳо, набояд нерӯи нармро камарзиш донист. Дар бисёр ҳолатҳо таъсири он маҳз дар тӯли вақт ва тавассути ҷамъшавии таҷриба, меъёрҳо, шабакаҳои касбӣ ва тағйири тадриҷии тасаввурот зоҳир мешавад. Барои ҳамин, баҳодиҳии воқеъбинона бояд ҳам натиҷаҳои фаврӣ ва ҳам таъсирҳои миёнамӯҳлату дарозмуддатро дар бар гирад.

Дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ба он ишора мекунад, ки нақши нерӯи нарм дар солҳои наздик ҳифз ва эҳтимолан густариш хоҳад ёфт. Ибтидоӣ шудани Созишномаи мукаммали нав оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ дар соли 2025, баргузор шудани нахустин Саммити Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ ва ба сатҳи шарикии стратегӣ баромадани муносибатҳои минтақа бо Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳанд, ки ин раванд акнун характери бештар сохторбандӣ ва дарозмуддат гирифта истодааст. [7, 9].

Дар чунин шароит барои Тоҷикистон омӯзиши илмии механизмҳои нерӯи нарм аҳаммияти амалӣ дорад. Аввалан, он имкон медиҳад, ки самтҳое, ки дар онҳо шарикии аврупоӣ метавонад бештар манфиат оварад – маориф, идоракунии давлатӣ, бозори меҳнат, иқлим, об, ҳифзи муҳити зист, рақамикунонӣ ва муколамаҳои ҳуқуқӣ – равшантар муайян карда шаванд. Дуюм, чунин таҳқиқот барои таҳияи сиёсати хориҷии мутавозин ва оқилона мусоидат мекунад, зеро нишон медиҳад, ки истифодаи абзорҳои нарми ҳамкорӣ метавонад манфиатҳои миллӣ ва рушди дохилиро бе ворид шудан ба мантиқи рақобати шадиди геополитикӣ дастгирӣ намояд.

Аз нуқтаи назари илмӣ, таҳқиқи нерӯи нарм дар мисоли Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ба рушди мактаби миллии таҳқиқоти аврупошиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ низ хизмат мекунад. Ин мавзӯъ имкон медиҳад, ки консепсияҳои ҷаҳонӣ ба шароити воқеии Тоҷикистон мутобиқ карда шаванд, мафҳумҳои назариявӣ бо санадҳои амалкунанда пайваст гарданд ва методологияи таҳқиқоти амалӣ такмил ёбад. Ҳамин тавр, мавзӯъ барои ҳам ҷомеаи илмӣ ва ҳам сохторҳои таҳлилӣ ва сиёсисозон арзишманд мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқ нишон медиҳад, ки нерӯи нарм дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун маҷмӯи абзорҳои ҷозибавӣ, меъёрӣ, рамзӣ ва институтсионалӣ бояд фаҳмида шавад. Дар мисоли Иттиҳоди Аврупо ин нерӯ пеш аз ҳама дар қобилияти пешниҳоди модели рушд, арзишҳои сиёсӣ, стандартҳои идоракунӣ, механизмҳои муколама ва барномаҳои дастгирии ислоҳот таҷассум меёбад. Аз ин лиҳоз, барои таҳқиқи муносибатҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо консепсияи нерӯи нарм на танҳо муносиб, балки зарурӣ мебошад.

Дар мақола асосҳои назариявию методологӣ, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот мушаххас карда шуданд; адабиёти илмии марбут баррасӣ гардида, санадҳои асосии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро танзим менамоянд, мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Нишон дода шуд, ки Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ (2019), Нақшаи муштараки амиқгардонии робитаҳо (2023), музокироти Созишномаи мукаммали нав, фаъолияти Кумита ва Шӯрои ҳамкорӣ, инчунин барномаҳои буҷетӣ, маорифӣ ва ҳуқуқбунёд аз муҳимтарин каналҳои татбиқи нерӯи нарм мебошанд. [4, 10, 8].

Хулосаи умумӣ аз он иборат аст, ки нерӯи нарми Иттиҳоди Аврупо нисбат ба Тоҷикистон хусусияти бисёрсатҳа ва дарозмуддат дорад. Он тавассути таълими кадрҳо, густариши шабакаҳои ҳамкории академӣ, дастгирии ислоҳоти идоракунӣ, пешбурди рӯзномаи ҳуқуқи инсон, рушди устувор, иқлим, об ва пайвастшавии иқтисодӣ амал мекунад. Аммо самаранокии он мутлақ нест ва аз ҳамоҳангии манфиатҳои тарафҳо, омодагии институтсионалӣ, рақобати акторҳои дигар ва сифати татбиқи барномаҳо вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, барои пажӯҳишҳои минбаъда зарур аст, ки индикаторҳои дақиқтари арзёбии нерӯи нарм таҳия карда шаванд, таъсири соҳаҳои алоҳида – маориф, ҷавонон, иқтисоди сабз, дипломатияи ҷамъиятӣ – ба таври эмпирикӣ омӯхта шавад ва таҷрибаи Тоҷикистон бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ муқоиса гардад. Маҳз чунин таҳқиқот метавонад ҳам заминаи назариявиро ғанӣ гардонад ва ҳам барои таҳияи сиёсатҳои воқеъбинонаи хориҷӣ ва ҳамкорӣ мусоидат намояд.

Адабиёт

1. J. S. Nye Jr., “Soft Power”, Foreign Policy, 1990, No. 80, pp. 153–171.
2. J. S. Nye Jr., Soft Power: The Means to Success in World Politics, New York, 2005.
3. I. Manners, “Normative Power Europe: A Contradiction in Terms?”, JCMS, 2002, Vol. 40, No. 2, pp. 235–258.
4. Council of the EU, Central Asia: new EU strategy for the region, 17 June 2019.
5. EEAS, EU-Tajikistan relations, 28 February 2025.
6. EEAS, Third round of negotiations on the EPCA with Tajikistan, 9 April 2024.
7. EEAS, EU and Tajikistan initial EPCA, 18 July 2025.
8. Council of the EU, 11th Cooperation Council meeting with Tajikistan, 19 November 2025.
9. Joint Declaration following the First EU–Central Asia Summit, Samarkand, 4 April 2025.
10. Joint Roadmap for Deepening Ties between the EU and Central Asia, 23 October 2023.
11. EEAS, Tajikistan and the EU discuss cooperation, 16 July 2024.
12. DG INTPA, EU boosts employment in Tajikistan with €30 million in budget support, 25 October 2023.
13. EEAS, Call for Proposals to promote democracy and human rights in Tajikistan, 12 March 2024.
14. MFA of Tajikistan, Bilateral relations of Tajikistan with the European Union, 18 January 2024.
15. N. J. Melvin, The European Union’s Strategic Role in Central Asia, CEPS Policy Brief No. 128, 2007.
16. R. Fawn, “Not here for geopolitical interests or games”, Central Asian Survey, 2022, Vol. 41, No. 4, pp. 675–698.
17. A.-M. Anghelescu, “European Union and Central Asia – past directions and future perspectives”, CES Working Papers, 2018, Vol. X, Issue 3, pp. 271–290.
18. EUR-Lex, notice on entry into force of the PCA with Tajikistan, Official Journal, 29 December 2009.
19. Joint press release following the first EU–Central Asia summit, 4 April 2025.
20. Расулзода А. З. «Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот ва хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Осиё ва Аврупо. 2026. № 1 (25). С. 122–137.
21. Расулов, А. З. Мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. № 6-1. С. 298–304.
22. Расулов, А. З. Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ // Мақом ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи геополитикии минтақа. Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. С. 230–245.
23. Расулов, А. З. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти системаи интихоботӣ: ҷанбаҳои назариявию методологии масъала // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2023. № 10-2. С. 267–276.
24. Вохидова, С. Развитие иранистики и таджиковедения в историографии Европы (XV – начало XXI вв.). Душанбе: ЭР-граф, 2014. 504 с.
25. Вохидова, С. Иранистика и таджиковедение в Германии (конца XVIII – XX вв.). Душанбе, 2001. 208 с.
26. Кошонов, С., Вохидова, С. Основные приоритетные направления внешней политики Германии, Франции и Англии // Известия АН Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. 1996. № 3. С. 99–111.
27. Аль-Фараби, Абу Наср. Добродетельный город. Философские трактаты. Т. 1. Алматы, 2014. 504 с.
28. Низам ал-Мульк. Сиасет-наме. Книга о правлении вазира XI столетия / пер. Б. Н. Заходера. М.: Изд-во Академии наук СССР, 1949. 380 с.
29. Ибн Сина. Даниш-наме. Книга знания / пер. и предисл. А. М. Богоутдинова. Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. 286 с.

30. Васильева, Т. А., Прокопчук, Д. Д., Гриценко, Р. А. Политические партии как источник мобилизации и конфликта: современный опыт европейских партий // Общество: политика, экономика, право. 2017. № 8. С. 18–22.

МЯГКАЯ СИЛА КАК МЕХАНИЗМ МЕЖДУНАРОДНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА: ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ЕВРОПЕЙСКИМ СОЮЗОМ

В статье рассматриваются вопросы разработки теоретико-методологических основ изучения «мягкой силы» в контексте сотрудничества Республики Таджикистан с Европейским союзом. Автор, опираясь на современные подходы науки международных отношений, анализирует сущность понятия мягкой силы, ее место во внешней политике, связь с концепциями «нормативной силы», «трансформационной силы» и «институциональной привлекательности». В центре внимания находится не только теоретическое объяснение данного феномена, но и определение цели, задач, объекта и предмета исследования, обоснование комплекса аналитических методов, а также обзор научной литературы и официальных документов, относящихся к сотрудничеству Таджикистана и Европейского союза. Основной вывод состоит в том, что на примере отношений Таджикистана и Европейского союза мягкая сила реализуется прежде всего через политико-дипломатические каналы, образование и академические обмены, поддержку реформ, сотрудничество в сферах прав человека, климата, воды и устойчивого развития, а также посредством предложения стандартов, ценностей и институциональных правил. Вместе с тем ее эффективность в значительной степени зависит от структурных факторов, возможностей реализации, уровня институциональной адаптации и конкуренции других центров силы в регионе.

Ключевые слова: мягкая сила, Европейский союз, Республика Таджикистан, методология исследования, внешняя политика, нормативная сила, Центральная Азия, стратегические документы.

SOFT POWER AS A MECHANISM OF INTERNATIONAL COOPERATION: THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR STUDYING THE RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE EUROPEAN UNION

Abstract: the article examines the development of the theoretical and methodological foundations for studying soft power in the context of cooperation between the Republic of Tajikistan and the European Union. Drawing on contemporary approaches in international relations scholarship, the author analyses the essence of the concept of soft power, its place in foreign policy, and its relationship with the notions of normative power, transformative power, and institutional attractiveness. The focus is not limited to the theoretical explanation of this phenomenon; it also includes the definition of the goal, objectives, object and subject of the study, the substantiation of a set of analytical methods, as well as a review of the scholarly literature and official documents related to cooperation between Tajikistan and the European Union. The main conclusion is that, in the case of relations between Tajikistan and the European Union, soft power is implemented primarily through political and diplomatic channels, education and academic exchange, support for reforms, cooperation in the fields of human rights, climate, water, and sustainable development, as well as through the promotion of standards, values, and institutional rules. At the same time, its effectiveness depends to a considerable extent on structural factors, implementation capacity, the level of institutional adaptation, and competition from other centres of power in the region.

Keywords. soft power, European Union, Republic of Tajikistan, research methodology, foreign policy, normative power, Central Asia, strategic documents.

Маълумот дар бораи муаллиф: Исматуллои Сунъатулло, ходими пешбари шуъбаи аврупои ИОМДОА- и АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел: (+992) 93-489-25-25; E mail: ismatullo5000@mail.ru

Сведения об авторе: Исматуллои Сунатулло, ведущий научный сотрудник отдела Европы Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел: (+ 992) 934-89-25-25; E mail: ismatullo5000@mail.ru

Information about the author: Ismatulloi Sunatullo, Leading research Fellow of the Department of Europe, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 33. Tel: (+ 992) 934-89-25-25; E mail: ismatullo5000@mail.ru

ВНЕШНЯЯ ПОЛИТИКА СОЕДИНЕННЫХ ШТАТОВ АМЕРИКИ В ЭПОХУ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ТРАНСФОРМАЦИЙ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ.

ВАХИДОВ АЗИМ МАСРУРОВИЧ
Российско-Таджикский (Славянский) университет

В настоящей статье проводится анализ внешней политики США с повторным приходом в овальный кабинет господина Дональда Трампа (45-й и 47-й действующий президент США). Первый срок Трампа заложил фундамент для усиления позиции Америки на глобальном уровне, возрождая ее военно-политико-экономический потенциал, добившись от союзников по НАТО увеличения военных расходов до 2,5% ВВП. Также была проведена политика сдерживания Китая, России, КНДР и Ирана. Во втором сроке продолжается намеченная траектория первого правления, с еще большим усилением позиции США в Западном полушарии, увеличении собственных оборонных расходов и союзников по НАТО до 5% ВВП. Методологической основой данного исследования составили сравнительно-исторический метод, контент анализ, SWOT. Теоретической базой послужили работы Г. Моргентау, Кеннета Уолтца, Джона Миршаймера, Стивена ван Ивера и Халфорда Маккиндера. Научная новизна заключается в том, что данный труд является первым академическим исследованием нового американского подхода к внешней политике, где проводится глубокий анализ с использованием аналитических инструментов и дается прогноз дальнейших действий США. В заключении приводится основные сильные и слабые стороны современной политики Америки.

Ключевые слова: *США, политика сдерживания, гегемонизм, НАТО; мир через силу; доктрина Донро, Хартлэнд.*

Введение. Реалистичное стремление к безопасности с помощью военно-экономической и политической мощи «Мир через силу», что перекликается с «доктриной Рейгана», непреходящее наследие «доктрины Монро» - господство США в Западном полушарии и современная международная неопределенность без явных лидеров и глобальное, и региональное соперничество между США и Китаем показывают насколько современном мире национальные интересы и их защита, откликающиеся в доктринах и национальных стратегиях возрождают стратегическое соперничество во всех сферах. Ибо баланс сил никогда не бывает статичным, его составляющие находятся в постоянном движении [1, 20].

Классический реализм обеспечивает философскую основу для этой логики. Концепция Моргентау о «политике как борьбе за власть» и критика Нибуром морального идеализма сходятся в утверждении, что стабильность зависит от способности сдерживать амбиции с помощью уравновешивающей силы и баланса сил [2]. В литературе по стратегическим исследованиям это понимание используется на практике. Теория сдерживания Т. Шеллинга переосмыслила мир как результат переговоров прикрытой силой, когда стабильность создается вероятными угрозами, а не намерениями сотрудничать [3,19-21]. Сдерживание действует, формируя расчеты затрат и выгод противников, делая определенные действия чрезмерно рискованными. Таким образом, сила не сводится к материальным возможностям; она состоит из осознаваемой способности и готовности нести издержки, отражать ответные меры и контролировать эскалацию. В рамках «мир через силу» определяется концепция, являющаяся масштабной стратегической ориентацией, которая отдает предпочтение сдерживанию, асимметрии сил и рычагам принуждения как основным инструментам поддержания международного порядка.

Период после окончания холодной войны представлял собой исторически необычную конфигурацию однополярного господства. Соединенные Штаты обладали непревзойденным военным размахом, технологическим превосходством и институциональным влиянием, что позволяло проводить стратегию, ориентированную на либеральную экспансию, совместную

безопасность и избирательное сдерживание. Однако, как подчеркивает Уолтц, однополярные системы создают стимулы для уравновешивания. Различия в темпах роста, распространение технологий и консолидация регионов постепенно ослабляют концентрацию власти [4]. «Наступательный реализм» Миршаймера расширяет эту логику, утверждая, что великие державы вынуждены максимизировать относительную мощь, чтобы свести к минимуму уязвимость. Поскольку намерения неизвестны, а уверенность ненадежна, периоды рассеивания власти усиливают конкуренцию в сфере безопасности [5]. Сотрудничество становится случайным и инструментальным, а соперничество приобретает структурный характер. Хотя существует и обратное утверждение оборонительного реализма Стивена Ван Эвера [6]. В частности, в своей работе «Причины войны», он утверждает, что безопасность часто имеет большое значение, поскольку оборонительные преимущества обычно перевешивают наступательные. Острая конкуренция в сфере безопасности и войны часто являются результатом иррациональных заблуждений, ложных представлений об угрозе и ошибочной политики, а не врожденного неустанного стремления к власти, которая может привести к ситуации, порождающей Фукидидову ловушку. Важным отметить, что в формировании внешней политики США одну из ключевых ролей сыграла теория Хэлфорда Маккиндера «Хартленд», утверждающая, что контроль над Евразией «Мировым островом» определяет глобальную мощь, остается весьма актуальной для политики США 21-го века, особенно в борьбе за влияние в региональной повестке с Китаем и Россией [7]. Стратегия США направлена на предотвращение доминирования какой-либо одной державы на Евразийском континенте, тем самым защищая свое глобальное влияние. «Тот, кто правит Сердцем Страны, управляет Мировым островом; тот, кто правит Мировым островом, управляет миром», - остается основополагающим руководящим принципом геополитического мышления 21-го века [8, с. 421-427]. Также Бжезинский подчеркивает, что Евразия является центром мировой мощи, на которой сосредоточена большая часть мирового населения, природных ресурсов и экономической активности [9, 130]. С этой точки зрения, современная международная обстановка, отмеченная укреплением мировой позиции Китая, возрождением России и фрагментацией экономического превосходства Запада, представляет собой не временное нарушение, а системную трансформацию. Сила вновь заявляет о себе как о главной упорядочивающей переменной. Таким образом, «Мир через силу», отражает возрождение системных ограничений [8]. Данная концепция делает попытку восстановить стратегическую ясность в условиях, характеризующихся рассредоточением власти, ослаблением институционального авторитета и усилением конкуренции между великими державами.

Доктрина, выдвинутая США – «Доктрина Донро» концептуализируется как доктрина гегемонистского регулирования, характеризующаяся четырьмя взаимосвязанными столпами: 1) сдерживание и восстановление доверия посредством военного переустройства, доминирования в эскалации и демонстративного подачи сигналов. 2) Управление транзакционными альянсами, уделяя особое внимание условным обязательствам и перераспределению бремени. 3) Геоэкономическое вооружение, включая пошлины, санкции, финансовые рычаги воздействия и технологические ограничения. 4) Избирательная стратегическая расстановка приоритетов, концентрация власти на основных направлениях стратегической конкуренции при одновременном снижении роли либералов в поддержании порядка. Методологически доктрина Донро служит связующим звеном между теорией и эмпирическим анализом. Что касается другого внешнеполитического подхода Дональда Трампа «Америка прежде всего» во время его второго президентского срока, то это прежде всего представляет собой систематическую переориентацию международного взаимодействия США на приоритетные национальные интересы, экономическую безопасность и демонстрацию силы. Согласно подходу «Америка прежде всего» стратегические приоритеты включают восстановление потенциала сдерживания США, поддержание технологического и военного превосходства и сокращение долгосрочных

обязательств, которые напрямую не отвечают основным национальным интересам. Альянсы преобразуются в коммерческие партнерства с повышенными ожиданиями разделения бремени и автономии в сфере обороны между партнерами. С экономической точки зрения политика предусматривает повышение пошлин, проверку инвестиций и торговые меры для защиты промышленного потенциала США и противодействия стратегическим конкурентам (через политику протекционизма), таким как Китай. Это отражает более широкое сочетание целей в области экономики и национальной безопасности. Помимо прочего он также подчеркивает региональную приоритетность, призывая союзников взять на себя большую ответственность за свою безопасность, в то время как Соединенные Штаты сосредотачиваются на силе и сдерживании, а не на построении либерального порядка.

Важно подчеркнуть обновленную стратегию внешней политики США на 2026-2030 фискальные годы, представленную государственным департаментом. Со стратегической точки зрения данный документ, несмотря на свое бюрократическое название «Agency Strategic Plan Fiscal years 2026-2030 U.S. DEPARTMENT of STATE» представляет собой общий стратегический документ [10]. Он преобразует абстрактную национальную стратегию в региональные приоритеты, дипломатическое поведение, экономическую политику и логику управления альянсами. В отличие от предыдущих планов Госдепа, направленных на продвижение ценностей и многостороннее управление, этот документ по своей сути ориентирован на силоцентричный, суверенитетный и конкурентно способный подход во внешней политики США. Основная стратегическая логика и основной вывод данного документа заключается – цель 1, прежде всего в установлении национального суверенитет в качестве организующего принципа дипломатии США: границы, политическая целостность и свобода от иностранного вмешательства рассматриваются как вопросы национальной безопасности, а не как гражданские или гуманитарные. Взаимодействие с международными организациями носит явно условный, а не нормативный характер. Это знаменует собой решительный отход от либерального интернационализма и полностью соответствует логике «Америка превыше всего». Цель 2, как стратегическая основа, целью которой является формализация доктрины «Донро» как доктрины национальной безопасности в Западном полушарии: ЗП рассматривается как основная арена соперничества великих держав. Влияние конкурентов (Китай, Россия, транснациональные преступные сети: картели, террористические организации и др) рассматривается как стратегическое проникновение, а не как мягкое присутствие. Следующим пунктом данной стратегии отмечен «Мир через силу» операционализирован на практике и внедрен с первых дней второго прихода Дональда Трампа. Цели 3 и 4 – Индо-Тихоокеанский регион и Европа предусматривают установление мира посредством силы в региональной формате: стратегия сдерживания основных конкурентов США в данных регионах, благоприятный военный баланс и развитие промышленного торгово-экономического потенциала являются четкими дипломатическими целями. Ожидается, что союзники проведут перевооружение, реиндустриализацию и возьмут на себя ответственность. В данной парадигме предполагается, что дипломатия поддерживает применение силы, а не наоборот, согласно Клаузвицевской аксиоме, что напрямую согласуется с НОС 2026, в которой делается упор на сдерживание путем отрицания, возрождение промышленной базы и конкуренцию на нескольких театрах военных действий. Цель 5 рассматривает экономическое и технологическое господство в качестве основных опор безопасности, а именно, реиндустриализация (возрождение производства широкомасштабного цикла технологий двойного назначения у себя дома), использование рычагов влияния на экспорт и контроль над технологиями являются инструментами государственной власти. Торговля подчинена стратегии, так как рынки больше не являются нейтральными пространствами и стали целями для влияния извне конкурентами США. Данные цели отражают слияние экономической политики и политики безопасности, которые являются ключевыми для НСБ 2025 и «Америка прежде всего».

Цель 6 переосмысливает иностранную помощь: помощь обусловлена, целенаправленна и основана на рычагах воздействия. Основная мысль данной цели заключается в подходе «Торговля, а не помощь» отражает мировоззрение, основанное на сделках и интересах, что представляет больше развитие торгово-экономических отношений, выстроенных на общих экономических и геоэкономических интересах, а не продвижения различного рода правых или левых идеологий. На этом заканчивается эра дипломатии развития, основанной на ценностях, что отражено в НСБ 2025.

Исходя из собранных данных был проведен SWOT-Анализ. Ниже приведена инфографика SWOT-Анализа.

Вывод

Аналитическое резюмирование SWOT-анализа – это, во-первых, Сильные стороны:

Соединенные Штаты сохраняют непревзойденную глобальную военную мощь, инфраструктуру североатлантического союза, технологическое превосходство и экономические рычаги воздействия. Эти преимущества укрепляют доверие к системе сдерживания и поддерживают тезис «Мир через силу», согласно которому асимметрия сил обеспечивает стабильность. Слабые стороны: входе анализа были выявлены структурные уязвимости, относящиеся к внутреннеполитической поляризации, финансовым и промышленным ограничениям, трениям в альянсах, возникающие из-за разделения финансового бремени, и снижения дипломатической легитимности. Эти слабые стороны повышают зависимость от инструментов принуждения и ограничивают стратегическую гибкость. Что касается пункта Возможности, тут следует выделить следующее: системный сбой создает возможности для изменения обязанностей альянса, использования геоэкономических инструментов, использования технологических различий и укрепления влияния в приоритетных регионах. И наконец пункт Угрозы: согласно проанализированным официальным документам, основные угрозы исходят от всеобъемлющего усиления Китая, поведения в восточной Европе России, конкуренции в «серой зоне» и разрушения институтов, ориентированных на США. Риски враждебной адаптации и просчетов оцениваются как возрастающие.

Итак, суммируя выше изложенное можно сделать вывод, что перспективы внешней политики США на период до 2030 года, возможно и высоко вероятно, продолжит оказывать стратегическое давление на Китай как на основного долгосрочного конкурента, продолжит

косвенное и местами прямое сдерживание России в Европе, Ближнем Востоке и особенно в Африке; расширит интеграцию экономического и технологического контроля в политику национальной безопасности, и продолжит обусловливать обязательства альянса материальным вкладом до 5% ВВП. Уровень риска полномасштабного военного столкновения будет оставаться повышенным, особенно ниже порога открытого конфликта.

Использованная литература:

1. Kissinger H. (2014) *World Order: Reflections on the Character of Nations and the Course of History*, New-York, Pinguin Press, p.432.

2. Morgenthau, H. J. (1948). *Politics among nations. The struggle for power and peace*. New York, Knopf, p. 489.

3. Schelling, T. C. *The Strategy of Conflict*. Cambridge, MA: Harvard University Press, 1960, p. 328.

4. Waltz, K. (1979). Theory of international politics. Reading, MA: Addison-Wesley, p. 256.

5. Mearsheimer, J. J. (2001). *The Tragedy of Great Power Politics*. W.W. Norton & Company, p. 588.

6. Van Evera, Stephen. *Offense, Defense, and the Causes of War. International Security* 22, no. 4 (1998): 5-43.

7. Mackinder, H. J. «The Geographical Pivot of History». *The Geographical Journal* 23, no. 4 (1904): 421–37.

8. Brzezinski, Z. (1997). *The Grand Chessboard. American Primacy and Its Geostrategic Imperatives*. Basic Books, p. 223.

9. National-Security-Strategy of The United States of America November 2025.

10. Agency Strategic Plan Fiscal Years 2026-2030 U.S. Department of State.

СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ИМА ДАР ДАВРОНИ ТАҒЙИРЁБИИ ГЕОПОЛИТИКИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ.

Дар ин мақола сиесати хориҷии Иелоти Муттаҳида дар қаринаи бозгашти Доналд Трамп ба сиёсати Амрико (45-ум ва 47-ум президенти амалкунандаи Иелоти муттаҳида) таҳлил карда мешавад. Давраи аввали Президентии Трамп барои таҳкими мавқеи Амрико дар сатҳи ҷаҳонӣ, эҳёи иқтидори низомӣ, сиесӣ ва иқтисодии он замина гузошт ва иттифоқчиенро дар НАТО маҷбур кард, ки хароҷоти низомиро то 2,5% ММД афзоиш диҳанд. Инчунин сиесати стратегияи бозгоштани Чин, Русия, КНДР ва Эрон амалӣ карда шуд. Дар даври дуюми президентӣ, масири қаблан пешбинишуда бо таҳкими боз ҳам бештари мавқеи ИМА дар нимкураи Ғарбӣ, афзоиши хароҷоти мудофиаи ҳам ИМА ва ҳам иттифоқчиени NATO то 5% ММД идома меебад. Асоси методологии ин тадқиқот усули муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили мундариҷа ва SWOT мебошад. Асоси назариявиро корҳои Х.Моргентау, Кеннет Вальц, Ҷон Миршаймер, Стивен ван Айвер ва Ҳелфорд Маккиндер ташкил медиҳанд. Навоварии илмӣ дар он аст, ки ин кор аввалин тадқиқоти академии муносибати нави амрикоӣ ба сиесати хориҷӣ мебошад, ки таҳлили амиқро бо истифода аз воситаҳои таҳлилӣ дар бар мегирад ва пешгӯии амалҳои ояндаи ИМА-ро медиҳад. Хулоса дар он аст, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи сиесати муосири амрико мебошанд.

Калимаҳои асосӣ: ИМА, сиёсати бозгоштан, гегемонизм, NATO, сулҳ тавассути зуроварӣ, таълимоти Донро, Хартленд.

THE US FOREIGN POLICY IN THE ERA OF GEOPOLITICAL TRANSFORMATIONS OF INTERNATIONAL RELATIONS.

This article analyzes the foreign policy of the United States with the re-entry into the Oval Office of Mr. Donald Trump (the 45th and 47th current President of the United States). Trump's first

term laid the foundation for strengthening America's position at the global level, reviving its military, political and economic potential, and getting NATO allies to increase military spending to 2.5% of GDP. There was also a deterrence strategy policy of China, Russia, DPRK and Iran. In the second term, the previously paved trajectory continues, with an even greater strengthening of the US position in the Western Hemisphere, an increase in its own defense spending and NATO allies to 5% of GDP. The methodological basis of this study is the comparative historical method, content analysis, and SWOT. The theoretical basis constitutes the work of H. Morgenthau, Kenneth Waltz, John Mearsheimer, Stephen van Iver and Halford Mackinder. The scientific novelty lies in the fact that this work is the first academic study of the new American approach to foreign policy, which comprises in-depth analysis using analytical tools and provides a forecast US future action. In conclusion, the main strengths and weaknesses of modern American politics are presented.

Key words: USA, deterrence, hegemonism; NATO, peace through force, Donroe Doctrine, Heartland.

Маълумот дар бораи муаллиф: Вахидов Азим Масрурович, унвонҷӯи Донишгоҳи Руси-Тоҷикӣ (Славянӣ), факултети “Таърих ва муносибатҳои байналминали”, кафедраи “минтақашиносии хориҷӣ ва сиёсати хориҷӣ”. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мирзо Турсун-заде, 30 Тел: (+992) 032419999, E-mail: azimvkh911@gmail.com.

Сведения об авторе: Вахидов Азим Масрурович, соискатель Российско-Таджикского (Славянского) университета, факультет «История и международные отношения», кафедра «Зарубежного регионоведения и внешняя политика». Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсун-заде, 30 Тел: (+992) 032419999, E-mail: azimvkh911@gmail.com.

Information about the author: Vohidov Azim Masrurovich. postgraduate student, Russian-Tajik (Slavonic) university, faculty of “History and International Relations”, department of “Regional Studies and Foreign Policy”, 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Mirzo Tursun-zade st., 30. Contact: (+922) 032419999, E-mail: azimvkh911@gmail.com

ҶАҲОНИШАВИИ МУОСИР ВА ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БИСЁРҚУТБА

ҚОДИРОВА ЗУЛАЙХО БОЗОРОВНА

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақолаи мазкур таъсири равандҳои ҷаҳонишавии муосир ба ташаккул ва рушди низоми бисёрқутбаи байналмилалӣ таҳқиқ мешавад. Дар доираи он моҳият ва хусусиятҳои асосии ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва низоми бисёрқутбӣ баррасӣ гардида, нақши он дар тағйирёбии сохтори муносибатҳои байналмилалӣ таҳлил мегардад. Муаллиф омилҳои асосии коҳиш ёфтани якқутбагии низоми ҷаҳонӣ, тақвият ёфтани нақши қудратҳои нав ва ташаккули марказҳои алтернативии таъсиргузорро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ҳамчунин, таъсири рақобати геополитикӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ ба раванди гузариш аз низоми якқутба ба бисёрқутба мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар мақола қайд мегардад, ки низоми бисёрқутба чунин сохтори муносибатҳои байналмилалиро ифода менамояд, ки дар он якчанд марказҳои мустақили сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ мавҷуд буда, ҳеҷ кадоми онҳо имконияти ҳукмронии мутлақро надоранд. Дар чунин вазъият тавозуни манфиатҳо ва рақобати байни қутбҳои гуногун хусусияти асосии низоми байналмилалиро ташкил менамояд. Дар натиҷа маълум мегардад, ки ҷаҳонишавии муосир, новобаста аз хусусияти ҳамгироии худ, барои ташаккули низоми бисёрқутбаи байналмилалӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда, ба бозтақсими қудрат дар арсаи ҷаҳонӣ шароит фароҳам меоварад.

Калидвожаҳо: *ҷаҳонишавӣ, БРИКС, низоми якқутба, низоми бисёрқутба, қудрати ҷаҳонӣ, низоми байналмилалӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, Ҷанги сард, созмонҳои байналмилалӣ, технология.*

Муқаддима. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI равандҳои ҷаҳонишавӣ ба яке аз омилҳои асосии тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон табдил ёфтанд. Пешрафти бесобиқаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, густариши муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва афзоиши вобастагии мутақобилаи давлатҳо боиси ташаккули фазои ягонаи ҷаҳонӣ гардиданд. Ҷаҳонишавӣ на танҳо ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат намуд, балки ба сохтор ва хусусияти низоми байналмилалӣ низ таъсири амиқ расонд.

Пас аз анҷоми ҷанги сард низоми байналмилалӣ барои муддате хусусияти якқутба касб намуда, нақши пешбарандаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар сиёсати ҷаҳонӣ афзоиш ёфт. Аммо дар шароити ҷаҳонишавии муосир болоравии иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии як қатор давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Ҳиндустон, Бразилия ва дигар қудратҳои минтақавӣ, ба тағйирёбии таносуби қудрат дар арсаи байналмилалӣ замина гузошт. Дар натиҷа, тамоюли гузариш аз низоми якқутба ба низоми бисёрқутба ба мушоҳида мерасад, ки дар он чандин марказҳои таъсиргузор дар идоракунии равандҳои ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар чунин шароит омӯзиши робитаи байни ҷаҳонишавии муосир ва ташаккули низоми бисёрқутба аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Таҳқиқи омилҳо, хусусиятҳо ва оқибатҳои ин раванд барои дарки тағйироти муосири низоми байналмилалӣ ва муайян намудани самтҳои рушди минбаъдаи он муҳим мебошад.

Мақсади таҳқиқот аз омӯзиш ва таҳлили таъсири равандҳои ҷаҳонишавии муосир ба ташаккули низоми бисёрқутбаи байналмилалӣ, муайян намудани омилҳои асосии тағйирёбии тавозуни қудрат дар ҷаҳон ва арзёбии нақши марказҳои нави қудрат дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ иборат мебошад.

Усули таҳқиқот. Дар ҷараёни таҳқиқот маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмҳои сиёсӣ истифода гардидаанд. Аз ҷумла, усули таҳлили системавӣ барои омӯзиши

ҷаҳонишавӣ ва низоми байналмилалӣ ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманд истифода шудааст. Усули муқоисавӣ имконият фароҳам овард, ки хусусиятҳои низомҳои якқутба ва бисёрқутба мавриди муқоиса қарор гирифта, фарқият ва умумиятҳои онҳо муайян карда шаванд. Инчунин усулҳои таърихӣ ва мантиқӣ барои баррасии марҳилаҳои ташаккули ҷаҳонишавӣ ва таҳаввули низоми байналмилалӣ истифода гардиданд. Усули таҳлили сиёсӣ барои арзёбии нақши давлатҳои бузург ва марказҳои нави қудрат дар муносибатҳои байналмилалӣ татбиқ гардид.

Истифодаи маҷмӯии ин усулҳо имкон медиҳад, ки равандҳои ҷаҳонишавии муосир ва таъсири онҳо ба ташаккули низоми бисёрқутбаи байналмилалӣ ҳамаҷониба ва объективона таҳлил карда шаванд.

Қисмати асосӣ. Тавре маълум аст, дар даҳсолаҳои охир ҷаҳонишавӣ ба яке аз омилҳои муҳимми тағйирёбии низоми байналмилалӣ табдил ёфтааст. Раванди мазкур густариши робитаҳо ва вобастагии мутақобилаи давлатҳо, иқтисодҳо ва ҷомеаҳоро ифода мекунад. Дар баробари ин, ҷаҳонишавӣ ба дигаргуншавии шаклҳои анъанавии соҳибихтиёрии давлатӣ ва фаъолияти институтҳои сиёсӣ таъсир мерасонад. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, афзоиши ҳамгироии иқтисодӣ, рушди робитаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ боиси густариши фазои ягонаи ҷаҳонӣ гардидааст. Ҳамзамон, ин раванд ба сохтори муносибатҳои байналмилалӣ таъсири назаррас расонида, ба пайдоиши шаклҳои нави ҳамкорӣ ва рақобати байни давлатҳо мусоидат намудааст.

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Ҳайдаров Р.Ҷ. «Пайдоиши мафҳуми «ҷаҳонишавӣ» дар баҳсҳои илмӣ аз барҳам хурдани ҷаҳони дуқутба ва сохтори низоми нави ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст. Ин пеш аз ҳама, ба ҳамгироии низомҳои асосии муқобили рушди иҷтимоӣ - капитализм ва сотсиализм вобаста аст. Дар охири асри XX, ин ҳамгироӣ раванди нави рушди инсонро муайян кард, ки дар адабиёти илмӣ бо истилоҳи «ҷаҳонишавӣ» инъикос ёфтааст. Ҷаҳонишавӣ яке аз хусусиятҳои хоси калидии низоми ҷаҳони муосирро ба даст оварда, ба яке аз нерӯҳои таъсиргузортарине табдил ёфтааст, ки самти ояндаи рушди сайёраи моро ташаккул медиҳад» [4, 31].

Бояд қайд намуд, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои муносибатҳои байналмилалии муосир гузариш аз низоми якқутба ба низоми бисёрқутба мебошад. Агар дар солҳои 1990-ум Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мавқеи пешсафро дар сиёсати ҷаҳонӣ ишғол менамуд, имрӯз як қатор давлатҳо ва иттиҳодияҳои минтақавӣ ба субъектҳои таъсиргузори низоми байналмилалӣ табдил ёфтаанд.

Дар робита ба ин, масъалаи бисёрқутбият дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони муносибатҳои байналмилалӣ қарор гирифтааст. Бояд қайд намуд, ки низоми бисёрқутба чунин сохтори муносибатҳои байналмилалиро ифода менамояд, ки дар он якчанд марказҳои мустақили сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ мавҷуд буда, ҳеҷ кадоми онҳо имконияти ҳукмронии мутлақро надоранд. Дар чунин вазъият тавозуни манфиатҳо ва рақобати байни қутбҳои гуногун хусусияти асосии низоми байналмилалиро ташкил менамояд.

Метавон гуфт, ки дар низоми мазкур тавозуни қудрат миёни чандин давлатҳои калидӣ тақсим мешавад ва ин ҳолат имконияти ташаккули мувозинати навро фароҳам меорад. Аз нигоҳи назарияи реализми сиёсӣ, бисёрқутбият натиҷаи табиии рушди муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, зеро давлатҳо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки тавозуни қудратро нигоҳ доранд ва аз ҳукмронии як қудрат пешгирӣ намоянд. Ба андешаи Ҳ. Моргентау «сиёсати ҷаҳонӣ ҳамеша ба мубориза барои қудрат асос меёбад ва тағйирёбии марказҳои қудрат ҷузъи табиии муносибатҳои байналмилалӣ мебошад» [11].

Аз ин хотир, пас аз анҷоми Ҷанги сард бисёр олимон чунин ҳисоб мекарданд, ки модели либералии рушди ҷомеа шакли ниҳоии ташкили ҳаёти сиёсӣ хоҳад гардид. Аз ҷумла, Ф. Фукуяма дар асари машҳури худ «Анҷоми таърих ва инсони охирин» пирӯзии демократияи либералиро ҳамчун марҳилаи ниҳоии рушди сиёсӣ арзёбӣ намуда буд[5,с.45]. Аммо воқеаҳои минбаъда нишон доданд, ки рушди ҷаҳонӣ хеле мураккабтар аст ва марказҳои нави қудрат тадриҷан дар низоми байналмилалӣ пайдо мешаванд.

Дар ҳамин замина назарияи С. Ҳантингтон низ аҳаммияти муҳим касб менамояд. Ӯ дар асари «Бархӯрди тамаддунҳо ва таҷдиди тартиботи ҷаҳонӣ» қайд менамояд, ки баъди анҷоми рақобати идеологӣ дар ҷаҳон рақобати тамаддунӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад [7,с.28]. Ин раванд низ ба ташаккули низоми бисёрқутба мусоидат менамояд, зеро марказҳои гуногуни тамаддунӣ кӯшиш мекунанд манфиатҳои худро дар сатҳи байналмилалӣ ҳифз намоянд.

Ҳамчунин, намояндагони назарияи реализм чунин ақида доранд, ки давлатҳо ҳамеша барои афзоиши қудрат ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ кӯшиш менамоянд. Аз ин рӯ, рушди иқтидори иқтисодӣ ногузир ба зиёд шудани нақши сиёсӣ ва геополитикии давлатҳо оварда мерасонад [13,94].

Дар ин замина, Ҷумҳурии Мардумии Чин ба маркази муҳимми иқтисодӣ ва технологӣ мубаддал гардида, дар ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ нақши рӯзафзун мебозад. Русия ҳамчун қудрати ҳарбӣ ва сиёсӣ дар ҳалли масъалаҳои амниятӣ таъсири назаррас дорад. Ҳиндустон низ ба яке аз иқтисодҳои бузурги ҷаҳон табдил ёфта, нуфузи худро дар сиёсати байналмилалӣ таҳким мебахшад. Иттиҳоди Аврупо бошад, ҳамчун маркази муҳимми иқтисодӣ ва меъёргузории байналмилалӣ фаъолият менамояд. Дар чунин шароит низоми байналмилалӣ хусусияти бисёрқутба касб намуда, қабули қарорҳои сиёсӣ ҳарчи бештар ба тавозуни манфиатҳои чандин марказҳои қудрат вобаста мегардад.

Бояд қайд намуд, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1991 низоми байналмилалӣ ба марҳилаи нави рушди худ ворид гардид. Дар муҳити илмӣ ва сиёсӣ ин давра ҳамчун марҳилаи ташаккули «лаҳзаи якқутба» маъруф гардид, зеро Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба ягона қудрати бузурги ҷаҳонӣ табдил ёфт. Бартарии иқтисодӣ, ҳарбӣ, технологӣ ва идеологии ИМА имкон медод, ки он ба равандҳои асосии сиёсати байналмилалӣ таъсири ҳалкунанда расонад. Дар солҳои 1990-ум бисёре аз муҳаққиқон чунин мешумориданд, ки низоми якқутба метавонад барои муддати тӯлонӣ пойдор боқӣ монад.

Аммо таҳаввулоти минбаъдаи ҷаҳонӣ нишон доданд, ки низоми якқутба хусусияти муваққатӣ доштааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди нобаробари иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва афзоиши иқтидори давлатҳои рӯ ба рушд тадриҷан ба тағйирёбии тавозуни қудрат дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуданд. Дар натиҷа, аз ибтидои асри XXI нишонаҳои буҳрони низоми якқутба ва ташаккули низоми бисёрқутба ба мушоҳида расиданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои асосии заифшавии низоми якқутба тағйирёбии сохтори иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Агар дар охири асри XX қисми зиёди маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳонӣ ба давлатҳои Ғарб рост меомад, имрӯз саҳми давлатҳои рӯ ба инкишоф мунтазам афзоиш меёбад. Ҷумҳурии Мардумии Чин ба дуюмин иқтисоди бузурги ҷаҳон ва аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳо ба бузургтарин иқтисоди ҷаҳон табдил ёфтааст. Дар баробари ин, Ҳиндустон, Индонезия, Бразилия ва дигар кишварҳои рӯ ба рушд низ мавқеи худро дар иқтисодиёти байналмилалӣ таҳким мебахшанд [8, 37].

Дар баробари ин, бӯҳрони молиявии ҷаҳонии солҳои 2008–2009 низ маҳдудиятҳои модели якқутбаро ошкор намуд. Ин бӯҳрон, ки аз бозорҳои молиявии Иёлоти Муттаҳида оғоз гардид, нишон дод, ки ҳатто давлатҳои пешрафта низ аз хатарҳои иқтисодии ҷаҳонишавӣ дар амон нестанд. Дар натиҷаи бӯҳрон эътимод ба муассисаҳои молиявии байналмилалӣ коҳиш ёфта, зарурати ислоҳоти низоми иқтисодии ҷаҳонӣ бештар гардид [12, 124].

Дар ин раванд, омилҳои геополитикӣ низ ба буҳрони низоми якқутба таъсири назаррас расониданд. Дар солҳои охир рақобати байни қудратҳои бузург ҷиҳати таъсиррасонӣ ба минтақаҳои стратегӣ, захираҳои энергетикӣ ва роҳҳои нақлиётӣ афзоиш ёфтааст. Чунин ҳолат махсусан, дар АвруОсиё, Шарқи Наздик ва минтақаи Ҳинду Уқёнуси Ором ба мушоҳида мерасад.

Бояд тазаккур дод, ки ба андешаи Ҳ. Киссинҷер. «Рушди Чин яке аз муҳимтарин воқеаҳои геополитикии асри XXI мебошад, ки ба тағйирёбии сохтори низоми байналмилалӣ таъсири бевосита мерасонад. Татбиқи ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» нишон медиҳад, ки Пекин кӯшиш менамояд на танҳо мавқеи иқтисодии худро таҳким бахшад, балки ба яке аз

марказҳои асосии сиёсати ҷаҳонӣ низ табдил ёбад» [10, 56]. Ҳадафи асосии ин ташаббус ташкили шабакаи бузурги нақлиётӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни Осиё, Аврупо ва Африқо мебошад. Татбиқи ин лоиҳа бозгӯи он аст, ки Чин на танҳо дар пайи рушди иқтисодии худ, балки дар талоши ташаккули муҳити нави байналмилалӣ низ қарор дорад [14, с.91]. Ҳамчунин Чин дар низоми нави ҷаҳонӣ консепсияи бисёрмарказӣ ва бисёрқутбии инкишофро ҷонибдорӣ менамояд [2, 147].

Дар баробари Чин, Федератсияи Русия низ нақши муҳимми худро дар муносибатҳои байналмилалӣ нигоҳ доштааст. Бо вуҷуди мушкилоти иқтисодии солҳои 1990-ум, Русия тавонист иқтидори ҳарбӣ ва сиёсии худро ҳифз намуда, дар бисёр масъалаҳои байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақили сиёсӣ амал намояд. Мавқеи фаъоли Русия дар масъалаҳои амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ нишон медиҳад, ки низоми байналмилалӣ дигар наметавонад танҳо дар асоси иродаи як давлат фаъолият намояд. Русия ҷонибдори ташаккули низоми бисёрқутба буда, мунтазам бар зарурати эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо ва нақши ҳуқуқи байналмилалӣ таъкид менамояд. Ба андешаи муҳаққиқи рус А.С. Панарин, ҷаҳонишавии якқутба ба манфиатҳои бисёр давлатҳо ҷавобгӯ нест ва маҳз бисёрқутбият метавонад тавозуни манфиатҳоро дар низоми байналмилалӣ таъмин намояд [3,203-217]. Дар даҳсолаҳои охир Русия дар ташаккули созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва БРИКС иштироки фаъолона дорад. Ин ташкилотҳо ҳамчун воситаи муҳимми рушди ҳамкориҳои бисёрҷониба ва муқовимат ба тамоюлҳои якқутба арзёбӣ мегарданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Ҳиндустон низ ба яке аз қутбҳои эҳтимолии низоми бисёрқутба табдил меёбад. Афзоиши босуръати иқтисодӣ, рушди технологӣ ва зиёдшавии аҳолӣ ба ин кишвар имконият медиҳанд, ки дар оянда нақши муҳимтарро дар муносибатҳои байналмилалӣ иҷро намояд. Имрӯз кишвар дар масъалаҳои амниятӣ, энергетикӣ ва иқтисодӣ фаъолона иштирок намуда, кӯшиш мекунад ҷойгоҳи худро ҳамчун яке аз марказҳои нави қудрати ҷаҳонӣ таҳким бахшад. Яке аз хусусиятҳои сиёсати хориҷии Ҳиндустон кӯшиши нигоҳ доштани мувозинат байни марказҳои гуногуни қудрат мебошад. Кишвар кӯшиш менамояд, ҳамзамон бо давлатҳои Ғарб, Русия ва Чин ҳамкорӣ намуда, сиёсати мустақили хориҷиро пеш мебарад. Чунин равиш ба Ҳиндустон имконият медиҳад, ки ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ баромад намояд [9, 136].

Дар раванди ташаккули низоми бисёрқутба Иттиҳоди Аврупо низ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Гарчанде Иттиҳод дар баъзе масъалаҳои сиёсати хориҷӣ бо мушкилоти ҳамоҳангсозӣ рӯ ба рӯ мебошад, он ҳамчун яке аз бузургтарин марказҳои иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳон боқӣ мемонад. Таҷрибаи ҳамгироии аврупоӣ нишон медиҳад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ шаклҳои нави ташкил ва идоракунии фазои сиёсӣ метавонанд ба вуҷуд оянд [6, с.79].

Ҳамчунин, таъсири Эрон ба сиёсати ҷаҳонӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ рӯз аз рӯз бештар гардида, ин кишвар ба яке аз бозигарони муҳимми геосиёсии минтақа табдил ёфтааст. Мавқеи ҷуғрофӣ, иқтидори энергетикӣ, захираҳои иқтисодӣ ва нуфузи сиёсиву фарҳангии Эрон ба он имкон медиҳад, ки дар равандҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ нақши муассир бозад. [1]

Тавре маълум аст, Созмони Ҳамкории Шанхай низ ҳамчун яке аз сохторҳои муҳимми минтақавӣ аҳаммияти бештар пайдо менамояд. Ин созмон на танҳо масъалаҳои амниятиро баррасӣ мекунад, балки ҷиҳати рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ байни давлатҳои аъзо низ замина мегузорад. Мавҷудияти чунин созмонҳо далели он аст, ки сохтори муносибатҳои байналмилалӣ тадриҷан хусусияти бисёрмарказӣ касб мекунад.

Тақиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар асри XXI рақобат байни давлатҳо бештар дар соҳаҳои технологияҳои баланд, зеҳни сунъӣ, амнияти кибернетикӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ сурат мегирад. Давлатҳое, ки дар ин самтҳо бартарӣ доранд, метавонанд ба равандҳои байналмилалӣ таъсири бештар расонанд. Аз ин рӯ, технология ба яке аз муҳимтарин омилҳои муайянкунандаи ҷойгоҳи давлатҳо дар низоми бисёрқутбаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Дар баробари давлатҳои алоҳида, гурӯҳи БРИКС низ ба яке аз унсурҳои асосии низоми бисёрқутбаи ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст. БРИКС соли 2009 ҳамчун платформаи ҳамкории Бразилия, Русия, Ҳиндустон ва Чин таъсис ёфт. Соли 2011 ба он Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ ҳамроҳ гардид. Дар солҳои минбаъда доираи фаъолияти ин гурӯҳ васеъ гардида, нақши он дар масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсии байналмилалӣ афзоиш ёфт.

Нақши БРИКС пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки кишварҳои аъзои он қисми зиёди аҳолӣ, захираҳои табиӣ ва иқтидори иқтисодии ҷаҳонро дар ихтиёр доранд. Ин кишварҳо ҷонибдори ислоҳоти низоми идоракунии ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани нақши давлатҳои рӯ ба рушд дар қабули қарорҳои байналмилалӣ мебошанд.

Таъсиси Бонки нави рушд аз ҷониби кишварҳои БРИКС қадами муҳим дар роҳи ташаккули механизмҳои алтернативии молиявӣ гардид. Ин ниҳод барои маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва рушди устувор дар кишварҳои аъзо ва дигар давлатҳои рӯ ба рушд таъсис дода шудааст. Фаъолияти чунин сохторҳо нишон медиҳад, ки низоми иқтисодии байналмилалӣ тадриҷан гуногунмарказ мегардад.

Тавсеаи БРИКС дар солҳои охир низ аҳаммияти махсус дорад. Шомил гардидани давлатҳои нав ба ин созмон нишон медиҳад, ки бисёр кишварҳо ба рушди шаклҳои нави ҳамкории байналмилалӣ манфиатдоранд. Ин раванд аз афзоиши нуфузи давлатҳои ғайриғарбӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, ташаккули низоми бисёрқутба бо мушкилоти муайян низ дучор мебошад. Манфиатҳои геополитикӣ ва иқтисодии давлатҳои алоҳида на ҳамеша мувофиқат мекунанд. Чин ва Ҳиндустон ихтилофҳои марзӣ доранд, Русия ва баъзе давлатҳои дигар дар масъалаҳои муайяни байналмилалӣ мавқеъҳои гуногунро ишғол менамоянд. Бо вуҷуди ин, манфиати умумӣ дар ташаккули низоми мутавозини байналмилалӣ онҳоро ба ҳам наздик месозад. Рақобати геополитикӣ, ихтилофҳои минтақавӣ, таҳримҳои иқтисодӣ ва муборизa барои захираҳои стратегӣ ба суботи байналмилалӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, таҳкими механизмҳои ҳамкории бисёрҷониба ва эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои нигоҳ доштани суботи ҷаҳонӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Таҳлили вазъияти кунунӣ нишон медиҳад, ки Чин, Русия, Ҳиндустон ва БРИКС имрӯз аз ҷумлаи муҳимтарин омилҳои ташаккули низоми бисёрқутбаи ҷаҳонӣ мебошанд. Иқтидори иқтисодӣ, демографӣ, технологӣ ва сиёсии онҳо ба тағйирёбии сохтори муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ расонида истодааст. Дар натиҷа, низоми ҷаҳонӣ тадриҷан аз модели якмарказӣ ба модели бисёрмарказӣ гузариш намуда, шаклҳои нави ҳамкорӣ ва рақобати байналмилалӣ ташаккул меёбанд.

Бо вуҷуди ин, ташаккули низоми бисёрқутба раванди содда нест. Рақобати геополитикӣ байни марказҳои асосии қудрат метавонад боиси афзоиши низоъҳои минтақавӣ ва шиддат гирифтани муборизa барои захираҳо гардад. Аз тарафи дигар, мавҷудияти якчанд маркази қудрат имконият медиҳад, ки тавозуни манфиатҳо беҳтар таъмин гардида, аз ҳукмронии мутлақи як давлат пешгирӣ карда шавад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои наздик раванди ташаккули низоми бисёрқутбаи ҷаҳонӣ идома хоҳад ёфт. Тағйирёбии тавозуни иқтисодӣ, рақобати технологӣ ва афзоиши нақши давлатҳои рӯ ба рушд ба пешрафти минбаъдаи бисёрқутбият мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса намуд, ки ҷаҳонишавӣ на танҳо раванди ҳамгироии байналмилалӣ, балки омили асосии ташаккули низоми бисёрқутбаи ҷаҳонӣ низ мебошад. Дар ояндаи наздик маҳз ҳамкории байни марказҳои гуногуни қудрат, рушди технологияҳои нав ва фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, самтҳои асосии рушди муносибатҳои байналмилалиро муайян хоҳанд кард.

АДАБИЁТ

1. Баёнияи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар вазъи имрӯзаи бисёрқутба». [Электронный ресурс]. –URL: https://www.osiyoavrupo.tj/tg/post/ayoniyai-konferensiyai-ilmi. (саннаи мурочиат 10.06.2026.)
2. Зокиров Г.Н. Системаи сиёсӣ:масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф.-Душанбе: «Истеъдод», 2011.-352с.
3. Панарин А.С. Искушение глобализмом. – М. : ЭКСМО-Пресс, 2002. – 416 с.
4. Хайдаров Р.Дж. Таджикистан в условиях глобализации: социально философский анализ: Монография. – Душанбе: «Маориф», 2020. -184с.
5. Fukuyama F. The End of History and the Last Man. – New York : Free Press, 1992. – 418 p.
6. Held D. Democracy and the Global Order. – Stanford : Stanford University Press, 1995. – 324 p.
7. Huntington S.P. The Clash of Civilizations and the Remaking of World Order. – New York : Simon & Schuster, 1996. – 367 p.
8. Kennedy P. The Rise and Fall of the Great Powers. – New York : Vintage Books, 1989. – 704 p.
9. Khanna P. The Future is Asian. – New York : Simon & Schuster, 2019. – 448 p.
10. Kissinger H. On China. – New York : Penguin Press, 2011. – 586 p.
11. Morgenthau H. Politics Among Nations: The Struggle for Power and Peace. – New York: Knopf, 1985.
12. Stiglitz J. Freefall: America, Free Markets, and the Sinking of the World Economy. – New York : W.W. Norton & Company, 2010. – 361 p.
13. Waltz K. Theory of International Politics. – Reading, MA : Addison-Wesley, 1979. – 251 p.
14. Xi Jinping. The Governance of China. Vol. 1. – Beijing : Foreign Languages Press, 2014. – 515 p.

СОВРЕМЕННАЯ ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ФОРМИРОВАНИЕ МНОГОПОЛЯРНОГО МИРОВОГО ПОРЯДКА

В данной статье рассматривается влияние современных процессов глобализации на формирование и развитие многополярной международной системы. Исследуется сущность и основные черты глобализации как сложного политико-экономического и социального феномена и многополярной системы, анализируется её роль в изменении структуры международных отношений. Автор изучает основные факторы упадка однополярности мировой системы, усиления роли новых держав и формирования альтернативных центров влияния. Также анализируется влияние геополитической конкуренции, развития информационных технологий и экономической интеграции на процесс перехода от однополярной к многополярной системе.

В статье отмечается, что многополярная система представляет собой такую структуру международных отношений, при которой существует несколько самостоятельных политических, экономических и военных центров силы, и ни один из них не обладает возможностью абсолютного доминирования. В подобных условиях баланс интересов и конкуренция между различными центрами силы выступают основными характеристиками международной системы. В результате исследования установлено, что современная глобализация, несмотря на свой интеграционный характер, создает благоприятные предпосылки для формирования многополярной международной системы и способствует перераспределению власти и влияния на мировой арене.

Ключевые слова: глобализация, БРИКС, однополярная система, многополярная система, мировая держава, международная система, информационные и коммуникационные технологии, Холодная Война, международные организации, технологии.

CONTEMPORARY GLOBALIZATION AND THE FORMATION OF A MULTIPOLAR WORLD ORDER

This article examines the impact of contemporary globalization processes on the formation and development of a multipolar international system. It explores the essence and key features of globalization as a complex political, economic, and social phenomenon and a multipolar system, analyzing its role in the changing structure of international relations. The author examines the key factors driving the decline of unipolarity in the global system, the rise of emerging powers, and the emergence of alternative centers of influence. The impact of geopolitical competition, information technology development, and economic integration on the transition from a unipolar to a multipolar system is also analyzed.

The article notes that a multipolar system is a structure of international relations characterized by several independent political, economic, and military centers of power, none of which possesses the ability to achieve absolute dominance. Under such conditions, a balance of interests and competition between various centers of power are the main characteristics of the international system. The study found that contemporary globalization, despite its integrative nature, creates favorable conditions for the formation of a multipolar international system and facilitates the redistribution of power and influence on the global stage.

Keywords: globalization, BRICS, unipolar system, multipolar system, world power, international system, information and communication technologies, Cold War, international organizations, technology.

Маълумот оид ба муаллифон:

Қодирова Зулайхо Бозоровна – ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Почтаи электронӣ:zkodirova.94@mail.ru

Information about Authors:

Qodirova Zulaykho Bozorovna- Research fellow, Department of South and East Asia at the Institute for the Study of problems of Asian and European Contries o of the NAST. Address: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. E-mail:zkodirova.94@mail.ru

Сведения об авторах:

Кодирова Зулайхо Бозоровна- научный сотрудник отдела Южной и Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33.Эл.почта:zkodirova.94@mail.ru

ОСОРИ НОСИРИ ХУСРАВ- ҲАМЧУН ОМИЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ ДАР КИШВАРҲОИ АВРУПОӢ

ВОҲИДОВА САНАВБАРБОНУ

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар ин мақола бори нахуст осори Носири Хусрав- ҳамчун омили дипломатияи фарҳангӣ дар кишварҳои аврупоӣ амсоли Олмону Фаронса, Инглистон таҳқиқ карда мешавад. Аврупо бори нахуст бо номи Носири Хусрав ба туфайли асарҳои илмии олими машҳури Олмон Ҳермен Этте ошно гардида буд. Олими шинохта мунтахабе аз осори Носири Хусравро "Рушноинома" ва "Сафарнома"-ро ба забони олмонӣ ба нашр расонид. Дар Аврупо Носири Хусравро ҳамчун шоире, ки дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ва адолат буд мешиносанд. Муаллиф қайд мекунад, ки Носири Хусрав дар зоти хеш ягона ва нотакрор буда, осораш ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума тарҷума шудаанд, аз ҷумла ба забонҳои русӣ, олмонӣ, англисӣ, фаронсавӣ ва ғайра.

***Калидвожаҳо**: Аврупо, Инглистон, Фаронса, нотакрор, ҳақиқат, адолат, мазҳабӣ, фалсафӣ, тарҷума*

Муқаддима. Нимаи дувуми қарни XI ва ибтидои қарни XX дар таърих ва тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ мавқеъи бузурге ишғол менамояд. Атрофии як марказ муттаҳид гардидани Мовароуннҳр, Хуросон ва Тахористон, ки дар замони Салҷӯқиён ба амал омад, дар шаҳрҳои Нишопур, Мавр, Балх ва қисман Ҳирот фаъолияти фикриро эҳё намуда[3, с.586-587], роҷеъ ба марказҳои ҷадиди маданӣ, ҷамъ шудани аҳли илму адаб имкониятҳои фаровонро муҳаёт сохт.

Қобили қайд аст, ки таърихшиноси шинохтаи рус В.О. Ключевский гуфта буд, ки «чун ниёгонро меомӯзем, худро мешиносем» [5, 332]. Имрӯз мо тоҷиконро зарур омадааст, ки аҷдодро биёмӯзем, то худро бишиносем. Ҳеҷ кас аз риштаҳои худшиносии шахс ва ҷомеаро бидуни ёди таърихӣ тасаввур наметавон кард. Ҳар амали меҳимми иҷтимоӣ онгоҳ кам ё беш амали огоҳона хоҳад буд, ки аз ёди таъриҳи раҳнамоӣ дида бошад.Ёди фарҳангӣ яке аз шартҳои ососии моҳияти маънавӣ пайдо кардани ҳастии инсон аст ва низ бидуни донистани таърих даст намедиҳад[11, 19]. Агар бидуни худшиносӣ ба арсаи таърих пой гузорем, бо чашми пӯшида ва гӯши ношунаво қадам хоҳем зад.

Фаъолияти як зумра мутаффакирони маъруфи адабиёти тоҷик амсоли Асадии Тӯсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Фахриддини Гургонӣ, Авҳадидини Анварӣ, Масъуди Сади Салмон, Муъиззӣ , Собири Тирмизӣ ва дигарон маҳз дар ҳамин давра дуруст меояд. Аз байни шоирони номбурда махсусан Носири Хусрав, Умари Хайём, Фахриддини Гургонӣ дар доираи уламои Аврупо, бештар дар Олмону Фаронса тавассути асарҳои фалсафию диниашон бо такъя бар фалсафаи Юнони Қадим ба монанди Шайхурраис Ибни Сино аз мақоми хос бархурдор мебошанд. Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1008) мутафаккири барҷаста дар даврае зиндагӣ кардааст, ки дар таърихи қавми кишвари ӯ саҳифаҳои фоҷиъаву ва сиёсӣ иҷтимоӣ ва тороҷу ғорати аҷнабиён ва инчунин талафи намояндагони ақлу хирад навишта мешуд[4, с.3]. Осори илмӣ ва адабии ин донишманди наҷиб, ки назаргири авлоди имрӯзааш гаштаанд, гувоҳ аст, ки вай дар масъалаи эҷод ва такмили истилоҳоти илмӣ ва махсусан фалсафӣ бори гарони ихтирогариро ба дӯш гузоштааст.

Мақсади таҳқиқот. Ҳадаф таҳлили илмӣ осори Носири Хусрав ҳамчун дипломатияи фарҳангӣ дар кишварҳои аврупоӣ амсоли Олмону Фаронса, Инглистон мебошад.

Методологияи таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро методҳои таърихӣ, дмпломатияи мардумӣ, омӯзиш, адабаиёти ҷаҳон, шинохти тамаддунҳо, нотакрор, ҳақиқат, адолат, мазҳабӣ, фалсафӣ ва тарҷума таҳкил медиҳанд.

Қисмати асосӣ. Аврупо бори нахуст ба номи Носири Хусрав ба туфайли асарҳои илмии олими машҳури Олмон Ҳ. Этте ошно гардида буд. Ин олими шинохта мунтахабе аз осори Носири Хусравро, ба хусус «Рушноинома» ва «Сафарнома»-ро ба забони олмонӣ ба нашр расонид, ки баъдан онҳо дар Инглистон ва Фаронса ҳам машҳур шуданд. Аксари осори Носири Хусрав ба забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла олмонӣ, фаронсавӣ ва инглисӣ тарҷума гардида дастраси хонандагон гардидаанд. Олимони машҳур ба мисли Ҳ. Этте, Е. Фагнан, Ҳ. Шеффер, А.Р. Фюллер, Э. Браун, Гув ле Странже, Ян Рипка, А.Корбэн, Е.Тойфел роҷеъ ба ҳаёти пурмоҷаро вале пурсамари Носири Хусрав асарҳо эҷод кардаанд.

Аз рӯи тадқиқоти Ҳ. Этте маълум аст, ки Носири Хусрав дар ҷавонӣ дар дарбори султон ба сифати дабир хидмат намуд ва баъд тарки хидмат кард ва рӯ ба сафар ниҳод ва кишварҳои ҳамҷаворро дидан карда ва билохира то сарҳади Мисру Арабистон расид [15, 645-665].

Ба ақидаи олими олмонӣ Хр. Шеффер Носири Хусрав аз даврони ҷавонӣ бо фалсафа алоқаи зиёд доштааст, ки қасидаҳои ӯ шоҳиди ин гуфта мебошанд. Носири Хусрав аз ҳамон даврон илмҳои он даврараро аз қабили риёзиёт, тиб, нуҷум, физик, ҳандаса ва илмҳои табиатшиносиро бо хуби меомӯзад ва ҳатто ба мантиқу мусикӣ ҳам даст ёфтааст, вале асоси осори ӯ дин ва илоҳиёт мебошад [18, 427-444]. Ӯ бо осори ахлоқии Фариддудин Аттор ва Шайх Саъдии Шерозӣ таъсири зиёд доштааст.

Носири Хусрав ба хотири ҳалли масоиле, ки барояш мушкил буд, яъне шинохти ҳақиқат, тарки вазифа кард ва ба кишварҳои Шарқии исломӣ сафар мекунад. Тақдир чунин буд, ки дар Миср ҳалли муаммои худро пайдо кард ва кишвари Мисрро дар ҳолати Рушду шукуфоӣ ва озодии мутлақ, бидуни табъиз ва бо сатҳи баланди илму тамаддун ёфт[18, 427-444].

Иттилооти «Сафарнома»-и ӯ маводи хеле ғанӣ дар бораи ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии соҳили рӯди Нил Шарқи Наздик мебошад, менависад Ян Рипка[12, 180-183]. Ба ақидаи олими утришӣ Г. Грюнбаум эътиқодоти нисбат ба равияи аҳли суннат хеле коста шуд ва дар ҷустуҷӯи ҳақиқат буд ва билохира онро дар равияи исмоилия пазируфт ӯ онро ҳақиқат шуморид [2, 45-46].

Носири Хусрав дар тӯли ҳафт сол саёҳат кард ва дар соли 1045 ба Каъба расид ва таъофи Каъба намуд. Дар ин сафар аз кишварҳои Шом ва Фаластин ҳам дидан кардааст.

Аз рӯи гуфтаҳои олими олмонӣ Е. Тойфел ӯ дар «Сафарнома»-и худ ба таври воқеъи ва бо рӯҳияи хеле олӣ афкори худро дар бораи кишварҳои сафаркардааш нақл мекунад ва ин яке аз маводи беҳтарин дар масоили ҷуғрофия ва шаҳрсозию муҳандисии ин кишварҳо, ҳаёти иҷтимоию динии он даврa мебошад ва чизе, ки аз ҳама бештар аҳамият дорад ин, -муқоиса бо ҳаёти иҷтимоӣ –сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои Шарқи Наздик дар нимаи дуюми қарни XI мебошад, ки дар осори дигар намояндагони илму фарҳанги он вақт онро пайдо намекунем [22, 36].

Саҳми Носири Хусрав дар шинохти ҷуғрофии ин кишварҳо хеле бузург аст. Ӯ пас аз мусофират китоби машҳури худ «Сафарнома»-ро навишт, ки ҳоло ҳам моҳияти худро аз даст надодааст. Баъдтар асарҳои маъруфи худ «Ваҷҳи дин», «Зод ул-масофиин», «Ҷомеъ ул-ҳикматайн» ва дигаронро таълиф намуд. Девони қасоид ва маснавиҳои «Рушноинома» ва «Саодатнома» дар байни хонандагони аврупоӣ, махсусан дар байни олмониҳо, ба баракати тарҷумаҳои олимони Олмон хеле маъруф ва пуразриш мебошанд.

Дар ганҷинаи китобҳонаи Готтаи Олмон нусхаи «Саодатнома» мавҷуд аст, ки гӯё ба хатти худи Носири Хусрав навишта шуда бошад. Дар ашъору осори насрии Носири Хусрав дар баробари масъалаҳои динию фалсафӣ, бисёр фикру андешаҳои пешқадами тарбиявию ахлоқи ҷой дода шудаанд. Барои мисол шеъри маъруфи Носири Хусрав «Худоё! Арзи тӯли оламатро», ба Худо рӯ оварда мегӯяд:

Касе гар тухми ҷав дар кор дорад,
Зи ҷав гандум наёбад бидравидан.
Ту дар рӯзи азал оғоз кардӣ,
Уқубат дар абад боист дидан.

Ту гар хилқат намудӣ баҳри тоат,
Чаро боисти шайтон офаридан.
Сухан бисёр бошад, ҷуръатам нест.
Нафас аз тарс натвонам кашидан [8, 10]…

Ба ақидаи олими машҳури олмонӣ Ҳ. Этте вуҷудаш аз нобаробариҳо дар ҷомеъа туғён мекард ва ба монанди табиати «Фауст» суолҳои «чаро?» ва «аз баҳри чӣ?» дар қафаси синааш ӯро ором намегузошт. Шоир дар бораи мардуми заҳматкаш бо ҳарорату самимият сухан ронда, подшоҳону амалдорон ва шайхони риёкору шоирони маддоҳ ва ҳарисро маломат кардааст. Дар баробари ин Носири Хусрав ба динҳои дигар мисли зардуштия, насрония ва яҳудия таваҷҷӯҳ зоҳир кард ва дар омӯзиши забонҳои бегона даст дошт. Носири Хусрав маъруф аст. Дар Аврупо ба номи реалист маъруф аст[22, 36].

Ин олим изофа менамояд, ки «ақлонияти муаллиф дар шакли рисолаҳои фалсафию мубоҳисавӣ нуҳуфта шуда ва дар бораи равияи исмоилия камтар баҳс мекунад ва асоси матлаби ӯ истилоҳоте аст, ки ҳамзамон бо назарияи файласуфони Юнони қадим мувофиқ мешуд. Баъзан бо иқтибос аз осори табиатшиносони қарни IX-X рӯёрӯ мунозира менамояд. Ин олими олмонӣ мутазаккир шудааст, ки китобҳои ӯ «Зод ул-масофирин» ба масоили фалсафа ва дин бахшида шудааст ва китоби дигар Носири Хусрав ба номи «Ваҷҳи дин», ки соли таълифаш маълум нест, ақоиди исмоилияро шарҳ медиҳад. Олими рус А. Семенов ноҳақ муътақид аст, ки китоби «Ваҷҳи дин» ба исмоилия ягон муносибат надорад» [10] дуруст нест. Ин китоби ӯ насри фалсафӣ буда ба забони форсии равон ва фаҳмо навишта шудааст ва дар он кӯшиш шудааст, ки ба истилоҳоти арабӣ шакл ва мазмуни дурусти форсӣ дода шавад [7]. Дар ин замина, ҷой дорад, ки ақидаи олими дигари олмонӣ-муаллифи рисолаи 14 ҷилда дар бораи ислом Г. Шэдерро ёдовар шавем. Ӯ менависад: «Носири Хусрав сохтори таълимоти ботиния (яъне таълимот ва таъвили исмоилиён)-ро шарҳ медиҳад ва ба ҷараёни маънавӣ ва назариёти равшанфикрие, ки ҳанӯз дар қардани IX кӯшиш мекарданд, ақоиди исломиро бо фалсафаи юнонӣ оштиӣ диҳанд, ворид мешавад. «Зод ул-мусофирин» мазмуни маҷмӯъаи рисолаҳои «Ихвон ус-сафо» мебошад, ки усули ботиниён аст» [8, 22-25].

Қобили қайд аст, ки Носири Хусрав вазифа ва маънии динро амиқан дарк карда, вайро ҳамчун дастуруламале, ки метавонад манофеъи умумиинсониро дар мадди назар дошта ва беҳбудии оламу оламиёнро ташвиқ карда тавонад, мешиносад. Ӯ дар ниҳоят ин ё он шаҳсро, ки аз дин манфиати шахсии худро ҷуста ва аслиҳаи ноил шудан ба мақсади носолим ва нопок таъин намудааст, наҳ зада менависад: «ба ҳар кас ба муроди хеш андар дин сухан гуфт, ӯ деви ронда бувад», яъне душмани дини худо бошад [17, 36].

Носири Хусрав бештар алоқамандӣ ба фалсафа ва диниҳои ғайри исломӣ нишон медиҳад ва мӯтақид аст, ки дар онҳо фалсафа ва илми ҳам ғарбӣ ва ҳам шарқӣ мутамаркиз шудааст.

А. Корбэн муҳаққиқи машҳури фалсафаи исломии фаронсафӣ дар бораи Носири Хусрав чунин ибрози назар менамояд: «Ақоиди фалсафии Юнони қадим ки ба осори Птоломей ва Алмагест иртибот доштанд, ба хусус таваҷҷӯҳи Носири Хусравро ҷалб мекарданд ва ҳатто асар ва рисолаҳои ҳиндӣ дар мантиқ ва илми балоғат ва таълимоти монигарӣ, ки он замон ҳанӯз дар Эрон ривоҷ дошт ва низ рушди назарияи гностисизм ва аксари ақоиди буддоӣ ва браҳманӣ мусоидат мекарданд, дар маркази таваҷҷӯҳи ӯ қарор доштанд [13]. ӯ муътақид аст, ки маънавиёти кишварҳои дигару бегона ба забони онҳо метавон ҷавоби ин масоилро пайдо намуд.

Бояд қайд намуд, ки ин олими шинохтаи фаронсавӣ Анри Корбэн осори Шаҳобуддин Суҳравардӣ ва шоири аҳли тасаввуф Фахриддин Гургониро таҳқиқ ва таҳлил карда буд ва китоби маъруфи Носири Хусрав «Ҷомеъ ул-ҳикматайн»-ро низ бо ҳамкории олими Эронӣ Муҳаммад Муъин дар соли 1953 дар Теҳрон ба нашр расонида, муқаддимаи хеле муфассалро ба ин китоб ба забони фаронсавӣ навиштааст. Ба ақидаи А.Корбэн ин китоб маҷмӯъи ду ҳикмат-фалсафаи юнонӣ ва илоҳиёти исломӣ мебошад. Китоб ба шакли саволу ҷавоб Носири Хусрав ба қасидаи Абу Ҳайсом таҳия шудааст Ин саволу ҷавоб байни амир ва олим сурат

гирифтааст ва Носири Хусрав ба шакли фарҳангномаи оммафаҳм ҷавоб дода аст, ки ин шакл ба давраи ибтидоии қуруни устои хос буда баъд ба ислом ворид шудааст[17][14,25].

Чун амир Асад, ки худ пайрави равияи исмоилия буд, аз ин сабаб ин китоб ба дурустӣ ва бидуни таҳриф боқӣ мондааст ва аз шарри иртиҷоиён эмин мондааст [4, 7]. Роҷеъ ба ду китоби ахлоқии ӯ «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» бояд гуфт, ки онҳо дар шакли маснавӣ навишта шуда ва дар онҳо тартиби олами улвӣ ва суфлӣ ва метафизика дар асоси фалсафаи юнонии Арасту дар шарҳи Ибни Сино ва Форобӣ таъкид шуда ва ба изофа ақоиди аҳли тасаввуф рӯпӯш шудааст. Ин ду асар рӯи адабиёти форсӣ-дарӣ таъсири амиқ гузоштаанд.

Девони ашъори ӯ ки беш аз чандин ҳазор байт аст, дорои мазмуни фалсафӣ ва ахлоқӣ мебошад. Ин девон аксаран дар дараи Юмгон навишта шудааст ва дар он матолибу, мавзуъи лаззати маъмулӣ эҳсос намешавад[7] Қасидаҳои ӯ бештар ба унвони Расули акрам Муҳаммади Мустафо ва Алии Муртазо бахшида шуда ва низ имоми даври хешро ситоиш менамояд. Рамзҳое ки ӯ дар ашъори худ истифода мекунад имкон намедиҳанд, ки мазмуни комили онҳо дарк шавад, зеро ин шакли ифодаи афкори мазҳабӣ ба фирқаҳо ва мазҳабҳои хурд хос аст. Барои шинохти Девони ашъори Носири Хусрав дониши мукаммал дар бораи адабиёт ва афкори иҷтимоии фотимиён ва дар маҷмуъ исмоилиён он замон, лозим аст.

Ба ақидаи олимони аврупоӣ Ҳ. Этте, Хр. Шеффер, Ҳ. Шедер, Гув ле Странже Носири Хусрав симои намоён, эъҷодкори олӣ ва дар айни замон шоири дорои сабки хубу сода мебошад ва ӯ дар навбати аввал побанди ақидаи динӣ аст ва ин хусусият ӯро аз дигар шоирон ҷудо менамояд. Муҳаққиқи эронӣ Муҳаммади Қазвинӣ ӯро дар қатори 6 шоири барҷастаи радифи авали Эрон қарор медиҳад ва таъкид менамояд, таҷриди динӣ мафҳуми ашъори ӯро иваз мекунад.

Дар Аврупо Носири Хусрав ҳамчун шоире, ки дар ҷустуҷуи ҳақиқат ва адолат буд, мешиносанд. Ӯ дар осораш нафақат масоили фалсафӣ мазҳабиро равшан карда, балки соҳаи ахлоқ ва тарбия низ дар мадди назараш будааст. Носири Хусрав то охири умраш аз таъқиби руҳониёни мутаассиб раҳоӣ наёфта ва баъд аз чанде иқомат дар Хуросон гурез аз ин диёрро ихтиёр кард ва ба дараи Юмгони Бадахшон рафт ва он маконро барои худ паногоҳ интихоб намуд ва то охири умр дар он сарзамини қӯҳистонӣ дар ҳолати фақру нодорӣ боқӣ монд. Таърих нисбат ба баъзе ашхоси бузург ва сарнавишташон нозпарвар нест, чунон, ки ба Ибн Синову Умари Хайёми чунин ҳаводис рух дод. Носири Хусрав аз худ осори хеле зиёде ба мерос гузоштааст, ки дар зоти худ ягона ва нотакрор мебошанд ва бисёрии онҳо ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шудаанд, аз ҷумла ба забонҳои русӣ, олмонӣ, англисӣ, фаронсавӣ ва ғайра.

Бори аввал дар Олмон олими машҳур Ҳ.Этте дар соли 1879, 1881, 1882 матни «Сафарнома»-и Носири Хусравро тарҷума ва нашр намуд. Баъдан олими дигар Е.Тойфел «Сафарнома»-ро бо муқаддима ва тадқиқоташ ба нашр расонид. Албатта ин тадқиқотро бо ҳамкории Хр. Шэфер анҷом дода аст.

Хулоса. Дар адабиёти аврупоӣ Носири Хусравро хамчун як шоири ҳақиқатҷӯ ва адолатпарвар мешиносанд. Дар ҳақиқат Ӯ аз нобаробариҳои ҷомеъа нороҳат шуда дар сатрҳои шеъраш инъикос менамуд. Қобили қайд аст, ки осори гаронбаҳои Носири Хусрав махсусан барои хонандаи аврупоӣ ҷолиб ва хонотарин ба ҳисоб меравад.

Дар китобхонаи кишварҳои аврупоӣ нусхаҳои беҳтарини девони қасоид ва рисолаҳои «Ваҷҳи дин», «Зод-ул-мусофирин», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Рушноинома» ва дигар осори Носири Хусрав маҳфуз аст, ки аз шаҳомату бузургии ин мутафаккири Машриқзамин шаҳодат медиҳанд ва барои хонандаи аврупоӣ беҳтарин намунаи назму насри адабиёти форсу-тоҷик мебошанд.

Адабиёт

1. Бертельс Е.Э. Очерки истории персидской литературы. -Ленинград, 1928. -С. 45-46.
2. Грюнебаум Г.Э. Классический ислам. -М., 1988. -С. 142-145.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. (Таърихи қадимтарин, кадим, асри миёна ва давраи нав) ҷ.1 ва 2. -Душанбе,1998. -С. 586-587.

4. Девонақулов. Носири Хусрави Қубодиёнӣ. Ваҳҳи дин. -Душанбе, 2002. С.3.
5. Ключевский В.О. Письма, дневники, афоризмы и мысли об истории. -М.,1968. С. 332.
6. Луконин В.Г. Древний и ранне средневековый Иран. -М., 1987. -С.101.
7. Носири Хусрав. Избранное. Составители и комментарии И.С. Брагинского. -Сталинабад, 1954.
8. Носири Хусрав. Гулчине аз ашъор. -Душанбе, 1957. -С. 22-25.
9. Никитина В.Б. Некоторые особенности лирики Насири Хосрава. -М., (канд.дисс.) 1955.
10. Семенов А.А. К догматике памирского исмаилизма. (Х глава «Лица веры» Насира Хусрава). -Ташкент, 1926.
11. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо. -Душанбе,1997. -С. 19.
12. Ян Рипка. История персидской и таджикской литературы. -М., 1970. -С. 180-183.
13. Corbin A. Etude preliminaire Nasir-e Khosrow. Kitabe Jami al-hikmatain, Tehran-Paris,1953.
14. Der Islam. Zürich.1957. s. 25.
15. Ethe H. Nasir Chusraus. Ruschnainame, persisch und deutssch mit Einleitung ZDMG, 1879, S. 645-665.
16. ҳамон ҷо: Kurzere lieder und poetische Fragmente aus Nasir Chusrauws Divan. Gottinger Nachrichten, 1882.
17. Ethe H Auswahl aus Nasirs Kasiden ZDMG, s.36. ҳамон ҷо: Ethe H. Nasir ibn Khusrau's Leben, Denken und Dichten. Leiden, 1884.s.274.
18. Schefer Ch. Sefer Nameh relation du voyage de Nasiri Khusrau en Surie, en Palestine en Egypte, en Arabie et en Perse, Pendant les annees de I'hegire 437-444 (1035-1042) hublie, tradnit et annote par… Paris, 1881 (Public de I'Ecole des Langues orient. Viv.II, Serie 1).
19. Fagnan E. Le Livre de la felicite, persan et francais. ZDMG. -34.
20. Grundriss der Iranischen Philologie. Strassburg, 1896-1904, s. 242-371. там же: Ян Рипка. История персидской и таджикской литературы. -М., 1970. -С. 185-186.
21. Strange G. Le. Nasiri Khusrau. Diary of a Journey through Syria and Palestine, London, 1988, s.10.
22. Teufel F. Erlauterungen zum Ruschna'inama unf Sa'adatnoma, ZDMG, s.

НАСЛЕДИЕ НОСИРА ХУСРАВА – КАК ФАКТОР КУЛЬТУРНОЙ ДИПЛОМАТИИ В ЕВРОПЕЙСКИХ СТРАНАХ

В данной статье впервые анализируется наследие Носира Хусрава – как фактор культурной дипломатии в европейских странах в частности Германии, Франции, Англии. Впервые Европа узнала о Носира Хусраве благодаря переводу его наследия немецкому учёному Х. Эте. Переводи труды «Рушноинаме» и «Сафарнаме» Носира Хусрава, позже стали известными в Англии и Франции.

В Европе Носира Хусрава знают, как поэта ищущего истины и справедливости. Автор данной статьи, отмечает Н. Хусрава по природе своей уникален и неповторим. Вклад Н. Хусрава в страноведческие по- знания неоценим, а также его историко-географический труд «Сафарнаме», переведены на русском, английском французском языках.

Ключевые слова: Европа, Англия Франция, неповторимый, справедливость, религиозный, философский, перевод.

THE LEGACY OF NOSIR KHUSRAV – AS A FACTOR OF CULTURAL DIPLOMACY IN EUROPEAN COUNTRIES

This article analyzes for the first time the legacy of Nosir Khusraw as a factor in cultural diplomacy in European countries, particularly Germany, France, and England. Europe first learned of Nosir Khusraw through the translation of his works by the German scholar H. Ethe. Translations of Nosir Khusraw's works "Rushnoiname" and "Safarname" later became known in England and France.

In Europe, Nosir Khusraw is known as a poet seeking truth and justice. The author of this article, N. Khusraw, notes that his unique and inimitable nature makes him an invaluable contributor to regional studies, and his historical and geographical work "Safarname" has been translated into Russian, English, and French.

Key words: Europe, England, France, unique, justice, religious, philosophical, translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Санавбарбону Ваҳидова, доктори илмҳои таърих, профессор. Мудири шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши кишварҳои Осиё ва Аврупо, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 735025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Тел.: (+992) 935.00.87.32, E-mail: sanajanvohidova@gmail.com.

Сведения об авторах: Санавбарбону Вахидова, доктор исторических наук, профессор. Заведующии отделом Европы Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, тел.: (+992) 935008732, E-mail: sanajanvohidova@gmail.com.

Information about the authors: Sanavbarbonu Vakhidova, Doctor of Historical Sciences, Professor. Head of the Department of Europe, Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: (+992) 935 00 87 32, Email: sanajanvohidova@gmail.com.

МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ СУЛҲ ДАР ШАРҚИ НАЗДИК ДАР ДОИРАИ ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБА: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО

ЗИЁЕВ СУБҲИДДИН НАСРИЕВИЧ,
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таъмини сулҳу субот дар минтақаи Шарқи Наздик мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор дода шудааст. Дар солҳои охир, сиёсати геополитикии Ховари Миёна дар муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ тағйироти ҷиддӣ ворид кардааст. Ин масъала асосан натиҷаи таъсири мутақобилаи рушди соҳавӣ ва бозигарони минтақавӣ ва фароминтақавӣ мебошад. Яке аз масъалаҳое, ки дар даҳсолаи охир таҳти таъсири буҳронҳои нав ба монанди таҳаввулоти маъруф ба "Баҳори Араб" шакли ҷиддитар гирифтааст, тақвияти раванди сулҳи ошкоро байни баъзе аз давлатҳои арабии Халиҷи Форс ва Исроил мебошад. Ташаккул ва тақвияти дипломатияи сулҳи Шарқи Наздик бешубҳа муодилаи қудрат ва амниятро дар низоми геополитикии Ховари Миёна дар ҳоли дарозмуддат тағйир хоҳад дод.

Вожаҳои калидӣ: *Амният, сулҳ, Шарқи Наздик, Фаластин, ярок, терроризм, экстремизм, гуруҳҳои ифротӣ.*

Муқаддима. Соли 2026 дар Ховари Миёна хеле пурталотум оғоз ёфт. Эътирозҳо дар Эрон, созишномаҳо байни Димишқ ва курдҳо, таҷдиди сохтори низоъ дар Яман, бадтар шудани якбораи муносибатҳои Саудӣ ва Имороти Муттаҳидаи Араб, таҳаввулот дар Ғазза, бастани созишномаи дифоъ байни Арабистони Саудӣ ва Покистон бо эҳтимоли шомил шудани Туркия аз як тараф ва ниятҳои ҳамкории дифоъӣ байни Имороти Муттаҳидаи Араб ва Ҳиндустон аз тарафи дигар [1]. Ҳамаи ин дар миёни интизории изтироби ҷанги нави ИМА ва Эрон буд. Баъзе аз ин рӯйдодҳо хеле интизорӣ буданд, дар ҳоле ки дигаронро танҳо як гурӯҳи хеле хурди коршиносоне, ки бо тафсилоти он чизе, ки дар маҳал рӯй медиҳад, ошно буданд, пешгӯӣ карда метавонистанд. Дар ҳар сурат, мувофиқати тағйироти хеле назаррас ва босуръат дар минтақаҳои гуногуни мушкили минтақа ва таҳаввулоти бисёрҷониба дар ҳар яки онҳо пешгӯии вазъияти минтақавиро дар асоси сенарияҳо айни замон номуносиб мегардонад.

Роҷеъ ба вазъи Шарқи Наздик коршиносони рус Рябцева Е.Е., ва Рябцев А.Л. чунин андеша доранд, ки: Низоъ дар минтақа боқӣ мемонад, ҷанги шаҳрвандӣ дар Яман, бесарусомонӣ дар Либия ва низоъҳои низомӣ дар Сурия ва Ироқ идома хоҳанд ёфт [5, 85-92].

Методҳо. Сабаби таъмин набудани сулҳ дар Шарқи Наздикро се масъалаи бунёдии ба ҳам алоқаманд дар бар мегирад, ки инҳоро масъалаи Фаластин, ғаразҳои бозигарони ғайриминтақавӣ ва фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва фаъолони ғайридавлатӣ ташкил медиҳанд.

1. Масъалаи Фаластин аслан аз он ба миён омад, ки давлатҳои мустақил ва соҳибихтиёри яҳудию араб, ки дар резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ аз соли 1947 пешбини шудааст. Дар айни замон як қисми зиёди заминҳое, ки бо қарори СММ ба давлати араб ҷудо карда шудаанд, дар зери ишғоли Исроил мебошад. Ҳудуди 5 миллион фаластинӣ аз ин сарзаминҳо дар кишварҳои ҳамсоя ҳамчун паноҳанда ба сар мебаранд. Нақшаҳои сершумори сулҳ, ки аз соли 1967 инҷониб тартиб дода шудаанд, барбод рафтаанд. Низоъ байни Исроил ва Фаластин яке аз тӯлонитарин ва мураккабтарин низоъҳо дар таърихи муосир аст. Решаҳои он дар таърихи минтақае, ки дар он манфиатҳои динӣ, миллӣ, сиёсӣ ва қаламравӣ ба ҳам мепайванданд, решаҳои амиқ доранд [11].

2. Назорати канали Суэтс ва гулӯгоҳи Ҳурмуз, ки аз муҳимтарин роҳҳои тиҷоратии ҷаҳон ҳастанд, барои монархияи ҷаҳонӣ муҳим аст. Ҳадафи дигарро метавон нигоҳ доштани назорат аз болои захираҳои табиии минтақа арзёбӣ кард. Пас аз ҷанги сард ҳузури Амрико дар минтақа афзоиш ёфт ва дар замони ҷанги дохилии Сурия нуфузи низомии Русия афзоиш

ёфт. Қутбҳои қудратманди дигари ҷаҳонӣ, яъне Чин ва Ҳинд низ дар Ховари Миёна фаъол буда, бо Эрон ва Арабистони Саудӣ равобити сиёсиву иқтисодии хуб доранд.

3. Созмонҳои террористӣ ва фаъолони ғайридавлатӣ, ки мехоҳанд давлатҳои худро таъсис диҳанд, манбаи дигари муҳими аз байн бурдани сулҳи минтақа мебошанд. Онҳоро кишварҳои минтақа ва бозигарони ғайриминтақавӣ, ки мехоҳанд динамикаи Ховари Миёнаро назорат кунанд, истифода мебаранд.

Бе ҳалли ин се масъала дар Шарки Наздик ба сулху осоиши пойдор ноил шудан мумкин нест. Бо вуҷуди ин, ҳалли онҳо ниҳоят душвор аст. Дар ҷаҳоне, ки Созмони Милали Муттаҳид тибқи ҳадафҳо ва принсипҳои бунёдии худ фаъолияташ мушкил шудааст, масъалаи Фаластин наметавонад ҳал шавад, бозигарони ғайриминтақавӣ аз минтақа хориҷ карда шаванд ва мубориза бо созмонҳои террористӣ муассир нест.

Натиҷаҳо. Яке аз натиҷаҳои муҳим созишномаҳо мебошанд, ки қадам ба қадам, на якбора, барои таҳкими эътимод тадриҷан баста шаванд. Ҳамчунин, дастгирии лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ ва инфрасохторӣ ба коҳиши танишҳо мусоидат мекунад ва таъсири маориф ва фарҳанг низ барои наслҳои ҷавон аҳамияти калон дорад.

Як натиҷаи мусбати дигар метавонад ин бошад, ки бо эҷоди каналҳои муошират байни ҷомеаҳои гуногун ва истифодаи ВАО, одамон дар бораи раванди сулҳ огоҳии бештар пайдо мекунанд. Ҳамчунин, тақвияти нақши занон дар гуфтушунидҳо метавонад ба дурнамоҳои гуногунтар ва устувортар оварда расонад. Ниҳоят, иштироки ҷомеаи байналмилалӣ дар назорат ва татбиқи созишномаҳо низ суботи бештарро ба бор меорад.

Мушкили дигар набуди механизми таҳримӣ барои риоя накардани қатъномаҳои Шурои Амнияти СММ аст. Бисёр қарорҳое, ки Шурои Амният оид ба Шарқи Наздик қабул кардааст, ҳанӯз иҷро нашудаанд ва бояд ин қарорҳо дар амал татбиқ карда шаванд.

Муҳокима. Дар шароити феълӣ яке аз омилҳои адами субот дар Ховари Миёна ба созиш нарасидани панҷ қудрати ҷаҳонӣ дар мавриди тарҳҳои минтақа мебошад. Як қисми бузург ва муҳимми кишварҳои Шарқи Наздикро Халиҷи форс ташкил медиҳад ва кучактарин чолиш ва низоъ дар ин минтақа ба сиёсати ҷаҳонӣ таъсиргузор мебошад. Халиҷи Форс минтақае ҳассосест, ки кӯчактарин таҳаввулот ва тағйирот дар ин минтақа метавонад ба сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсиргузор бошад [6, 99-105].

Агар байни ИМА, Русия ва Чин (ва то андозае Иттиҳоди Аврупо ва Ҳиндустон) дар бораи ояндаи Ховари Миёна созиш ҳосил шавад, гумон кардан мумкин аст, ки Британия ва Фаронса аз он розӣ мешаванд.

Дар ниҳояти кор, фаъолияти давлатҳои бузург дар Шарқи Наздик як қисми муборизаи бисёртарафа ва бисёрқутбаи умумиҷаҳонии байни худ мебошад. Онро аз мубориза барои хукмронӣ дар дигар минтақаҳои муҳимми ҷаҳон алоҳида дидан мумкин нест.

Дар асоси ду давлат ҳал кардани масъалаи Фаластин аҳамияти ниҳоят калон дорад. Давлати мустақили Фаластин бо марзҳои соли 1967 ва пойтахти он Қудси шарқӣ бояд дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шавад. Иҷрои ин ба мавқеи Исроил вобаста аст.

Ин танҳо дар сурате имконпазир мешавад, ки ИМА Исроилро бовар кунонад, ки дар ояндаи наздик интизори он нест. Гузашта аз ин, барои ноил шудан ба ҳалли дуҷониба мушкилиҳои азими марбут ба вазъи муҳоҷирони яҳудӣ дар заминҳои ишғолшуда, бозгашти гурезаҳои фаластинӣ ва мақоми Байтулмуқаддасро бартараф кардан лозим аст. Раванде, ки бо тавофуқномаи Осло оғоз шуда буд, боздошта шудааст. Бо идомаи фоҷиа дар Ғазза, музокирот дар бораи таъсиси ду давлат ғайриимкон аст. Чизи асосие, ки ҳоло барои Фаластин метавон анҷом дод, таъмини оташбас дар навори Ғазза ва интиқоли кумакҳои башардӯстона аст. Бо кӯшиши Миср дар октябри соли 2025 миёни ин ду давлат оташбас ба роҳ монда шуд. Дар нишасти сулҳ дар Ғазза, ки рӯзи 13-уми октябр дар шаҳри Шарм-уш-шайхи Миср доир шуд, созишномаи оташбас миёни Исроил ва Ҳамос ба имзо расид. Ба ин санад Доналд Трамп - раисҷумҳури Амрико, Абдулфаттоҳ Сисӣ - раисҷумҳури Миср, Шайх Тамим бин Ҳамад оли Сонӣ - Амири Қатар ва Раҷаб Тайиб Эрдуғон - раисҷумҳури Туркия ба унвони миёнҷигарон

ва кафилони оташбас дар Ғазза имзо гузоштанд [10]. Вале баъд аз ин оташбас то ҳол вазъ дар Ғазза ноором аст.

Барои бозигарони ғайриминтақавӣ рафтан аз минтақа низ ниҳоят мушкил аст. Иёлоти Муттаҳида пойгоҳҳои низомӣ дар Арабистони Саудӣ, Ироқ, АМА, Қатар ва Баҳрайн дорад. Дар Сурия ҳузури возеҳи низомии ИМА ва Русия вуҷуд дорад. Ғайр аз ин ШМА базаҳои Англияро дар ҷануби Кипр истифода мебаранд. Интизор шудан бемаънӣ аст, ки ин иншооти низомӣ дар ояндаи наздик баста мешаванд ва тамоми низомиёни хориҷӣ минтақаро тарк мекунанд. Нерӯҳои дарёии эътилофи таҳти раҳбарии ИМА дар Баҳри Сурх, гулӯгоҳи Ҳурмуз ҳузур доранд ва амнияти баҳриро барои киштиҳои тиҷоратӣ таъмин мекунанд.

Барои қонунӣ кардани ҳузури низомии худ дар Ховари Миёна бисёр давлатҳо ноустувории минтақаи Шарқи Наздик ва фаъолияти созмонҳои террористӣ ва унсурҳои низомии ғайриминтақавиро мисол меоранд. Ба эътидол овардани Ховари Миёна ва таъмини амнияти минтақавӣ тавассути механизмҳое, ки кишварҳои минтақа эҷод кардаанд, баҳсҳои бозигарони ғайри Шарқи Наздикро аз байн мебарад. Барои он ки дар динамикаи Ховари Миёна, ки як минтақаи муҳими стратегӣ барои мувозинати ҷаҳонӣ аст, нуфуз доштан ҳузури низомӣ зарур аст.

Агар бозигарони феълии Шарқи Наздик берун раванд, эҳтимол дорад, ки бозигарони дигари байналмилалӣ ҳузури низомии худро ба минтақа интиқол диҳанд. Аз ин рӯ, фаъолони ғайриминтақавӣ, ки мехоҳанд дар Шарқи Наздик мавқеи худро дошта бошанд, барои ба эътидол овардани вазъияти минтақа талош намекунанд.

Ниҳоят, ба сулҳ дар Ховари Миёна фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва дигар субъектҳои ғайридавлатие, ки аз ҷониби баъзе фаъолони минтақавӣ ё ғайриминтақавӣ дастгирӣ мешаванд, таҳдид мекунад. Муборизаи муассир алайҳи ҳама созмонҳои террористӣ, бахусус алайҳи ДИИШ, Ихвонулмуслимин ва дигар гуруҳҳои террористӣ зарур аст. Имрӯз терроризм дар Ховари Миёна торафт бештар шакл мегирад [2,151]. Барои густариши фаъолият ва тақвияти мавқеи худ, роҳбарияти сиёсӣ ба сохторҳои махсус барои афзоиши маблағгузорӣ барои мақсадҳои идеологӣ манфиатдор аст.

Дар доираи қарорҳои Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати муборизаи муассир бо созмонҳои террористӣ дар минтақа, маҳдуд кардани маблағгузории терроризм, аз байн бурдани имкони таблиғ ва намояндагии ин созмонҳо дар кишварҳои дигар, андешидан ва амалӣ намудани тадбирҳои муассири низомии бисёрҷониба муҳим аст. Аммо бархе аз кишварҳои минтақа ба муборизаи муассир бо ин созмонҳо, ки ба василаи муфиди онҳо барои расидан ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат табдил шудаанд, манфиатдор нестанд. Илова бар ин, бархе аз бозигарони ғайриминтақавӣ низ аз фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ба он далел ҳимоят мекунанд, ки гӯё ин ба онҳо дар мубориза бо ДИИШ кумак мекунад.

Сабаби асосии бесуботӣ дар минтақа ин фаъолияти созмонҳои террористӣ аст. Имрӯз дар Ховари Миёна шумораи зиёди созмонҳои террористӣ фаъолият мекунанд. Маъруфтарин аз инҳо ДИИШ (Давлати исломии Ироқ ва Шом), Ал-Қоида, Ансор ал-Ислом, Артиши Ислом, Ихвонулмуслимин, Гурӯҳи исломии мусаллаҳ, Ҳаракати ҷиҳоди исломӣ дар Фаластин, Ҷабҳаи исломӣ, Фатҳ (ё Ҳаракати озодихоҳии миллии Фаластин), Ҳамос (Ҳаракати муқовимати исломӣ) ва Ҳизбуллоҳ мебошанд [4, 116-117].

Ҳангоми баррасии проблемаҳои Шарқи Наздик мо бояд эътироф кунем, ки бидуни риояи чаҳор принсипи асосӣ:

1.иҷрои қатъии қарорҳои Созмони Милали Муттаҳид,

2.эҳтироми ҳамдигар ба сарҳадҳо ва бутунии ҳудудии кишварҳо,

3.дахолат накардан ба корҳои дохилӣ

4. риояи пурраи қоидаҳои байналмилалӣ дар соҳаи яроқ сулҳ дар Шарқи Наздик пойбарҷой нахоҳад шуд.

Илова бар ин, ба ҳамаи давлатҳо зарур аст, ки ду принсиперо, ки асоси ҳуқуқи байналмилалиро ташкил медиҳанд, эҳтиром кунанд: pacta sunt servanda (эҳтироми созишномаҳо) ва bona fide (назари неки воқеӣ). Барои таъмини на танҳо суботи дерintизор

дар Шарқи Наздик, балки сулҳу оромии тамоми ҷаҳон аз ҷониби тамоми аъзои СММ риояи қатъии ин ду принсип зарур аст.

Шарқи Араб минтақаи пур аз низоъ дар ҷаҳон буд ва боқӣ мемонад. Аз замони Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, ин қаламрав бо низоъҳои сершуморе рӯбарӯ шудааст, ки бо дахолати омилҳои беруна тавсиф мешаванд. Шарқи Наздик макони ҳама гуна низоъҳост, ки ин низоъҳо этникӣ, динӣ, сиёсӣ ва низоъҳо барои камбудии захираҳои об мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки сабабҳое, ки кишварҳои арабро ба "Инқилобҳои ранга" дар солҳои 2011 ва 2019 оварда расониданд, ҳанӯз ҳал нашудаанд ва ҳама моҷароҳои сиёсӣ имрӯз идомаи ҳамон омилҳоянд.

Тибқи андешаи Марина Сапронова, профессори кафндраи шарқшиносии МГИМО кишварҳои араб бузургтарин истифодакунандагони силоҳ мебошанд ва бояд донист, ки ин силоҳҳо аз ҷониби Амрико таъмин карда мешавад.

Коршиносони масоили сиёсӣ дар Шарқи Наздик андеша доранд, ки низоъҳо дар Шарқи Араб ҳамеша ҷанбаи байналмилалӣ доштаанд ва онҳо қудратҳои берун аз минтақаро ҷалб мекарданд ва ҷангҳо ҷараёни бузурги гурезагонро ба вуҷуд оварданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷаҳони араб аз замони "Баҳори Араб"-и соли 2011 ва мавҷи соли 2019 ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки пас аз ин, раванди нобудсозии ниҳодҳои давлатӣ оғоз ёфт ва ҳоло роҳбарон ба барқарорсозии онҳо машғуланд ва бояд ду омил дар вазъиятҳои низоъӣ фарқ карда мешаванд, ки якум ин: Қудратҳои минтақавии ғайриарабӣ - Исроил, Туркия ва Эрон - ҳоло дар саҳнаи сиёсӣ қарор доранд ва моделҳои рушди худро барои минтақа таблиғ мекунанд ва фаъолони ғайридавлатӣ Ҳамас, Ҳусиҳо, Ҳизбуллоҳ ва дигар гуруҳҳое ҳастанд, ки дар низоъҳо дар ин минтақа нақш бозидаанд.

Омили дуюм аз ҷониби Арабистони Саудӣ ва Қатар ба вуҷуд оварда шудааст, ки муборизаи худро барои нуфуз дар минтақа мебаранд.

Дар доираи ҷаҳони бисёрқутба мо дар Ховари Миёна бозигарони навро мебинем, ба монанди Чин, ки лоиҳаҳои нави сармоягузориро пешниҳод мекунад ва бо роҳи неруи нарм мехоҳад фарҳангу расму русуми худро дар ин минтақа ҷорӣ намояд ва бояд гуфт, ки Чин дар ҷараёни низоъҳои Шарқи Наздик даст нахоҳад дошт ва мақсади он бо роҳи дипломатияи фарҳангӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ мебошад. Афзоиши нуфузи Чин дар Ховари Миёна як таҳаввулоти назаррас дар сиёсати ҷаҳонӣ аст, ки онро нодида гирифтан мумкин нест [8].

Вале қутбҳои дигаре ҳастанд, ки барои фурухтани силоҳ ва манфиатҳои табиӣ дар Ховари Миёна солҳои дароз сабабгори асосии бесуботӣ дар ин минтақа ҳастанд. Дар шароити гегемонияи Амрико, ҳукуматҳои шарики ИМА дар Ховари Миёна ва Африқои Шимолӣ дар байни кишварҳои аз ҳама бештар харҷкунанда барои бахшҳои низомӣ ва иктишофӣ дар ҷаҳон ҷой гирифтаанд ва Иёлоти Муттаҳида таъминкунандаи асосии силоҳ мебошад [3].

Ин модели силоҳмарказ на танҳо амнияти минтақавӣ, балки иқтисоди сиёсии Ховари Миёнаро низ ташаккул дода, ҳарбикуниро дар идоракунӣ ва сиёсати хориҷӣ амиқ ҷой додааст. Ҳангоме ки низоми ҷаҳонӣ ба самти бисёрқутбӣ тағйир меёбад, ин чӣ гуна метавонад ба хароҷоти бахши амниятӣ аз ҷониби ҳукуматҳои Ховари Миёна таъсир расонад? Бе Иёлоти Муттаҳида дар нақши гегемони низомии бебаҳс ва манфиатҳои мавҷудаи харидани силоҳҳои ИМА, ин метавонад имкониятҳоро барои равона кардани буҷаҳои низомӣ ё ҳатто силоҳҳои марказӣ дар стратегияҳои амниятии минтақавӣ эҷод кунад? Ё ноустувории даркшудаи бисёрқутбӣ ба ҷои ин хароҷотро боз ҳам бештар ва пайваста ба равишҳои низомӣ водор мекунад?

Хусусияти гузариш аз якқутба ба бисёрқутбаи тавозуни қудрат баҳсбарангез боқӣ мемонад, ки қисман аз сабаби таърифҳои гуногуни якқутбагӣ ва бисёрқутбагӣ мебошад [7].

Бо вуҷуди ин, худи ҳукумати ИМА дар соли 2008 пешгӯӣ карда буд, ки низоми ҷаҳонӣ то соли 2025 бисёрқутба хоҳад шуд [12].

Гарчанде ки вақти дақиқи пайдоиши бисёрқутбагӣ метавонад ба таври мувофиқашуда муайян карда нашавад, масири умумӣ равшан аст, ки саволҳои муҳимро дар бораи он ки чӣ гуна тартиботи парокандаи ҷаҳонӣ метавонад ба тиҷорати силоҳ ва парадигмаҳои васеътари амниятӣ дар минтақаи Ховари Миёна таъсир расонад, ба миён меорад.

Динамикае, ки хароҷоти ҷориро ба вуҷуд меорад, фаҳмиши арзишмандеро дар бораи он ки чӣ гуна ин тамоюлҳо метавонанд дар оянда таҳаввул ёбанд, фароҳам меорад. Расман, фурӯши силоҳи ИМА ба Ховари Миёна ҳамчун ҳадафҳои сиёсӣ, ба монанди "мусоидат ба амният ва ҳамкории бештари дохилиминтақавӣ", "таҳкими иқтидори шарикон" ва тақвияти "ҳамкории мутақобила" тавсиф мешавад [9] ва ҳамин фурӯши силоҳ яке аз монеаҳои равшан барои суботи сиёсӣ дар минтақа дониста мешавад.

Гарчанде ки қобилияти мутобиқшавӣ асосан ба даст оварда шудааст, набудани доимии амнияти пурмазмун, ҳамкории минтақавӣ ва иқтидори шарикон саволҳои муҳимеро ба миён меорад, ки чаро шарикони Амрико дар минтақа бо вуҷуди миллиардҳо долларе, ки барои силоҳҳои ИМА сарф шудаанд ва ба назар чунин мерасад, ки ҳадафҳои эълоншударо иҷро намекунанд, чунин муштариёни содиқ боқӣ мемонанд.

Хулоса. Роҷеъ ба хулоса ва натиҷагириҳои мавзуи мазкур якчанд пешниҳодҳо манзур карда мешавад, ки метавонад барои таъмини сулҳу субот дар минтақаи Шарқи Наздик кӯмак кунад ва онҳоро дар зер меорем:

1. Яке аз муҳимтарин идеяҳо ба роҳ мондани муколамаи мустақим байни бозигарони асосӣ, яъне Исроил, Фаластин ва кишварҳои минтақа дар асоси қонунҳои байналмилалӣ аст.
2. Ҳамчунин пешниҳод карда мешавад, ки нақши созмонҳои байналмилалӣ барои эҷоди сохтори устувори назорат ва дастгирӣ бамаврид мебошад.
3. Барои муқовимат бо гурӯҳҳои террористӣ, яке аз чораҳои калидӣ тақвияти ҳамкории иктишофӣ ва амниятӣ байни кишварҳо мебошад.

Ҳамчунин, зарур аст, ки манбаъҳои маблағгузории гурӯҳҳои болозикр кам карда шаванд, аз экстремизм пешгирӣ карда шаванд ва роҳҳои ҳалли иҷтимоӣ, аз қабили маориф ва некӯаҳволӣ то хатари ҷалби ҷавонон ба экстремизм коҳиш дода шавад.

Таъмини сулҳ дар Шарқи Наздик дар шароити ҷаҳони бисёрқутба аз мувозинати манфиатҳои қудратҳои бузург, иродаи сиёсӣ ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ вобаста аст. Агар муколамаи созанда ва дипломатияи бисёрҷониба тақвият ёбанд, имкони расидан ба суботи нисбӣ вуҷуд дорад. Дар акси ҳол, минтақа метавонад ҳамчунон яке аз нуқтаҳои доимии таниш дар низоми байналмилалӣ боқӣ монад.

АДАБИЁТ

1. Василий Кузнецов. Три масштаба завтрашнего дня для Ближнего Востока // https://russiancouncil.ru/analytics-and-comments/comments/tri-masshtaba-zavtrashnego-dnya-dlya-blizhnego-vostoka/?ysclid=mlhkw7p0lh344332506 Таърихи мурочиат: 11.02.2026.
2. Манойло А. В. Конфликт в Сирии и внешняя политика России / А. В. Манойло // Актуальные проблемы Европы. – 2020. – № 2 (106). – С. 151.
3. Питер Веземан, Катарина Ҷокич, Мэтью Ҷорҷ, Зайн Ҳусайн ва Симон Веземан. Тамоюлҳо дар интиқоли байналмилалии силоҳ. // https://www.sipri.org/sites/default/files/2024-03/fs_2403_at_2023.pdf Таърихи мурочиат: 30.01.2026.
4. Роган Ю. Падение Османской империи: Первая мировая война на Ближнем Востоке, 1914–1920 гг. / Ю. Роган. – Москва : Альпина нон-фикшн, 2018. – 559 с. С. 116-117
5. Рябцева Е.Е., ва Рябцев А.Л. Тағйироти сенарияҳои геосиёсӣ дар Шарқи Наздик: ҷанбаи назариявӣ // Международный научно-исследовательский журнал. № 11 (125).- Севастопол, Федератсияи Россия.-С. 85-92.
6. Ҳайдарзода Р.Ҷ. Стратегияи миллии рушди кишварҳои Халиҷи Форс. // Осиё ва Аврупо. № 1 (21), Душанбе: Дониш, 2025.-С.99-105.
7. Эмма Эшфорд, Иван Купер. Санҷиши фарзия: Мултиқутбӣ барои Иёлоти Муттаҳида нисбат ба дуқутбӣ хатарноктар аст” // Маркази Стимсон, https://www.stimson.org/2023/assumptiontesting-multipolarity-is-more-dangerous-than-bipolarity-for-the-united-states/ Таърихи мурочиат: 30.01.2026.

8. Dark Horse Daily. China’s Rising Influence in the Middle East: A New Chapter in Global Politics (Афзоиши нуфузи Чин дар Ховари Миёна: Боби нав дар сиёсати ҷаҳонӣ). // https://medium.com/@DarkHorseDaily/chinas-rising-influence-in-the-middle-east-a-new-chapter-in-global-politics-bdea75300f0b Таърихи мурочиат: 05.01.2026.

9. https://crsreports.congress.gov/product/pdf/R/R44984 // Фурӯши силоҳ дар Ховари Миёна: Тамоюлҳо ва дурнамоҳои таҳлилии сиёсати ИМА // Хадамоти тадқиқотии Конгресс, ноябри соли 2020. Таърихи мурочиат: 10.01.2026.

10. https://old.asiaplustj.info/tj/news/world/20251014/ang-dar-falastin-ba-poyon-rasid-sozishnomai-otashbas-dar-azza-imzo-shud?ysclid=mlkcisa13p153292584 // Ҷанг дар Фаластин ба поён расид? Созишномаи оташбас дар Ғазза имзо шуд. Таърихи мурочиат: 13.02.2026.

11. https://vfokuse.mail.ru/articles/68611603-izrail-i-palestina/ // Исроил ва Фаластин: Сабаби ҷангҳои беохир байни кишварҳо чист? // Таърихи мурочиат: 11.02.2026.

12. https://www.dni.gov/files/documents/Newsroom/Reports%20and%20Pubs/ // Тамоюлҳои ҷаҳонӣ 2025: Ҷаҳони тағйирёфта // Шурои миллии иктишофии ИМА. Таърихи мурочиат: 17.02.2026.

ВОПРОС ОБЕСПЕЧЕНИЯ МИРА НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ В МНОГОПОЛЯРНОМ МИРЕ: СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Данная статья представляет собой исследование вопросов обеспечения мира и стабильности на Ближнем Востоке. В последние годы геополитическая политика Ближнего Востока претерпела значительные изменения в международных и региональных отношениях. Этот вопрос во многом является результатом взаимодействия отраслевых событий и региональных и транснациональных игроков. Одним из вопросов, который приобрел более серьезную форму в последнее десятилетие под влиянием новых кризисов, таких как события, известные как «Арабская весна», является укрепление открытого мирного процесса между некоторыми арабскими государствами Персидского залива и Израилем. Формирование и укрепление ближневосточной мирной дипломатии, несомненно, изменит баланс сил и безопасности в геополитической системе Ближнего Востока в долгосрочной перспективе.

Ключевые слова: Безопасность, мир, Ближний Восток, Палестина, оружие, терроризм, экстремизм, экстремистские группы.

THE ISSUE OF ENSURING PEACE IN THE MIDDLE EAST IN A MULTIPOLAR WORLD: STATE AND OUTLOOK

This article is a study and research on the issues of ensuring peace and stability in the Middle East. In recent years, the geopolitical policy of the Middle East has undergone significant changes in international and regional relations. This issue is largely the result of the interaction of sectoral developments and regional and transregional players. One of the issues that has taken on a more serious form in the last decade under the influence of new crises such as the developments known as the "Arab Spring" is the strengthening of the open peace process between some Arab Gulf states and Israel. The formation and strengthening of Middle East peace diplomacy will undoubtedly change the balance of power and security in the geopolitical system of the Middle East in the long term.

Keywords: Security, peace, Middle East, Palestine, weapons, terrorism, extremism, extremist groups.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Зиёев Субҳиддин Насриевич, номзади илмҳои филология, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 927040908. Почтаи электронӣ: rakesh-23@mail.ru.

Сведения об авторах:

Зиёев Субхиддин Насриевич, кандидат филологических наук, заведующий отделом Среднего и Ближнего Востока ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: +992 92-704-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru.

About the authors:

Ziyoev Subhiddin Nasrievich, candidate of philological sciences, head of the Middle and Near East department of the ISPAEC NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: +992 92-704-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru

АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ - ПАЙВАНДГАРИ ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОНУ ҲИНДУСТОН ДАР ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБА

ВОҲИДОВА САНАВБАРБОНУ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақолаи мазкур нақши Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳамчун пайвандгари дипломатияи фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон дар шароити ҷаҳони бисёрқутба мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки аввалин адибони форсизабон аз нимаи аввали асри XI дар Ҳиндустон фаъолият намуда, адабиёти форсӣ махсусан дар асрҳои XIII–XIV дар ин сарзамин рушди густурда пайдо кардааст. Намояндаи барҷастаи ин муҳити адабӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253–1325) мебошад, ки дар ташаккул ва рушди адабиёти форсизабони Ҳинд саҳми арзанда гузоштааст.

Таъкид мешавад, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ дар осори худ арзишҳои дӯстӣ, таҳаммулпазирии динӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва муҳаббат ба Ватанро тарғиб намуда, мусулмонон ва ҳиндуҳоро ба ҳамзистии осоишта ва ҳамкорӣ даъват кардааст. Ӯ фарҳанг, расму ойинҳо ва манзараҳои табиии Ҳиндустонро васф намуда, барои наздикшавии фарҳангҳои гуногун замина фароҳам овардааст. Инчунин мероси адабӣ ва фарҳангии Амир Хусрави Деҳлавӣ имрӯз низ ҳамчун омили муҳими таҳкими дипломатияи фарҳангӣ, рушди муколамаи тамаддунҳо ва густариши муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Ҳиндустон аҳаммияти худро нигоҳ доштааст.

Калидвожаҳо: *Амир Хусрави Деҳлавӣ, дипломатияи фарҳангӣ, Тоҷикистон, Ҳиндустон, адабиёти форсизабон, робитаҳои фарҳангӣ, таҳаммулпазирӣ, муколамаи тамаддунҳо.*

Муқаддима. Муносибатҳои фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон дорои таърихи чандинасра буда, дар таҳкими робитаҳои байни кишварҳо нақши муҳим доранд. Яке аз шахсиятҳои барҷастае, ки дар рушди ин робитаҳо саҳми арзанда гузоштааст, Амир Хусрави Деҳлавӣ мебошад. Осори адабӣ ва фарҳангии ӯ ҳамчун мероси муштараки тамаддуни форсӣ ва ҳиндӣ арзиши бузург дошта, имрӯз низ дар таҳкими дипломатияи фарҳангӣ аҳамияти хоса дорад. Дар шароити ҷаҳони бисёрқутба омӯзиши нақши Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳамчун пайвандгари фарҳангии байни Тоҷикистону Ҳиндустон аҳамияти илмӣ ва амалӣ касб мекунад.

Аввалин адибони форсизабон дар нимаи аввали садаи XI дар Ҳиндустон пайдо шуданд. Дар ин кишвар адабиёти форсӣ дар асрҳои XIII- XIV васеъ паҳн шуд. Намояндаи барҷастаи он Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) буд. Эҷодиёти ӯ бо адибони Ҳиндустон ва кишварҳои ҳамсоя нақши бузург дорад. Таъсири фарҳанг бо Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳамчун пайвандгари дипломатияи фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон дар ҷаҳони бисёрқутба хело бузург мебошад.

Эҷодиёт ва фаъолияти Амир Хусрави Деҳлавӣ аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик, форс, ҳинд ва ғарб мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар асарҳои илмӣ бештар масъалаҳои ҳаёт, мероси адабӣ, хизматҳои ӯ дар рушди адабиёти форсӣ ва мусиқии ҳиндӣ таҳқиқ шудаанд. Бо вуҷуди ин, омӯзиши нақши ӯ ҳамчун омили муҳими дипломатияи фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти амиқтар ниёз дорад.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки нақши Амир Хусрави Деҳлавӣ на танҳо ҳамчун шоир ва мутафаккир, балки ҳамчун рамзи ҳамгироии фарҳангҳои тоҷикӣ ва ҳиндӣ ва омили муҳими дипломатияи фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон дар шароити ҷаҳони муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳамчунин таъсири мероси адабӣ ва фарҳангии ӯ ба рушди ҳамкориҳои фарҳангии ду кишвар аз дидгоҳи нав баррасӣ мешавад.

Методҳо/усулҳои таҳқиқ . Асоси методологии таҳқиқро принсипҳои таърихият, воқеъбинӣ ва таҳлили муқоисавии адабӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди омӯзиш ҳаёт ва фаъолияти адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ дар заминаи шароити таърихию фарҳангии асрҳои XIII–XIV ва таъсири онҳо ба рушди адабиёти форсизабони Ҳиндустон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамчунин, нақши мероси адабии шоир дар ташаккули робитаҳои фарҳангии байни халқҳои тоҷик ва ҳинд аз дидгоҳи илмии муосир таҳлил карда шуд. Ҳангоми таҳқиқ аз сарчашмаҳои таърихӣ, тазкираҳо, антологияҳо ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ истифода карда шуд. Ховаршиносони Аврупо дар қарни XIX ба эҷодиёти ин шоир таваҷуҳи зиёд зоҳир карданд. Дар байни онҳо таҳқиқотҳои Ҳаммер Фон Пургштал (Австрия), Ҳерман Эте (Олмон), Силвестор де Саси (Фаронса), Ҳерман Эте (Олмон), Эдвард Браун, Чарлз Риё (Англия) дар шинохти эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ нақши бузург доранд. Ба эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ватани ӯ - дар Ҳиндустон низ мароқи калон зоҳир гардидааст. Бисёре аз адибон ва шарқшиносони ин кишвар дар таҳқиқоти худ ба ин мавзӯъ рӯ овардаанд. Дар байни онҳо Э.Б. Кауэл (асри XIX), П.А. Ансорӣ, С. Баронӣ, М.Исмоил (аввали асри XX), Шиблии Нуъмонӣ, М.Иброҳим Халил, Муҳаммад Ҳабиб ва дигарон (асри XX) ба ҳисоб мераванд. Таҳқиқоти онҳо ба ҳаёт ва эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ бахшида шуда, аз осори ӯ, аз ҷумла асарҳои ба мавзӯъҳои маҳаллии ҳиндӣ бахшида шуда, намунаҳои ашъори ӯ оварда шудаанд[22].

Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ дар осори адабӣ ва антологияҳои асрҳои XVI-XIX маълумот мавҷуд аст. Аз ин ҷо чор асар ба асри XVI тааллуқ дорад. («Табақоти Акбаршоҳӣ» (1504), «Маҷолис-ун-нафоис» (1520-21), «Ҳафт иқлим» (1594), «Тазкират-ут-таворих» (1599), панҷ то асри XVII Суллом-ус- самавот (1605-1606), «Таърихи Фаришта» (1609), «Ахбор-ул-ахёр фи аср-ил-аброр» (1619), «Сафинат -ул-авлиё» (1639), «Миръот-ул-хаёл» (1690 - 1691), ду то асри 18 («Хизонаи омира» (1763), «Оташкада» (1779) ва як то асри XIX («Нештари ишқ» (1817)[12,16].

Ба осори Амир Хусрави Деҳлавӣ як қатор асарҳои олимони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ - А.Кримский, Е.Е. Бертельс, Л. Климович, Г.Алиев, Т. Магеррамов бахшида шудааст. Дар ин асарҳо осори алоҳидаи шоир - «Хусрав ва Ширин», «Маҷнун ва Лайлӣ» баррасӣ шудааст. Дар Тоҷикистон омӯзиши осори Амир Хусрави Деҳлавӣ аз аввали солҳои 1940-1950 оғоз мешавад. Аввалин муҳаққиқони ин мавзӯъ Б.Ғафуров, А.Мирзоев ва С.Айнӣ буданд. Дар бораи осори ин шоир мухтасар тавзеҳ дода, нақши бузурги ӯро дар инкишофи адабиёти тоҷику форс қайд намуда, ӯро асосгузори адабиёти форсизабони Ҳинд медонистанд. Муҳаққиқони асосии осори А.Деҳлавӣ ба қалами М.Бақоев тааллуқ дорад. Бақоев ду монография нашр кардааст, ки яке ба шеъри «Дувалрони ва Ҳизрхон» ва дуюмаш ба ҳаёт ва эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ бахшида шудааст. Ба эҷодиёти ин шоири барҷаста А.Деҳлавӣ собиқ Президенти Академияи миллии Тоҷикистон академик М. Осимӣ, F. Алиев, Ш. Пулодова бахшида шудаанд[1].

Натиҷаҳо. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ташаккул ва рушди адабиёти форсизабони Ҳиндустон нақши калидӣ дошта, ҳамчун асосгузори як самти нави адабӣ шинохта шудааст. Ӯ бори аввал мавзӯъҳо, анъанаҳо ва воқеияти маҳаллии Ҳиндустонро ба адабиёти форсӣ ворид намуда, жанрҳои суннатиро бо мазмунҳои нав, образҳои тоза ва унсурҳои фарҳанги ҳиндӣ ғанӣ гардонидааст. Ӯ асосгузори як самти тоза дар адабиёти форсизабони Ҳинд буд. Вай мавзӯъҳои маҳаллии ҳиндиро ба жанрҳои анъанавӣ ворид намуда, онро бо мазмуни нав, шаклҳои назм ва образҳои бадеӣ ғанӣ мегардонд. Дар эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ асархое, ки ба воқеаҳои сиёсӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва табиати Ҳиндустон бахшида шудаанд, ҷои муҳимро ишғол мекунанд. Дар ин асарҳо масоили муҳими иҷтимоию сиёсӣ ба миён гузошта шудаанд, ки то имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд. Масоили муносибати байни ҳиндуҳо ва мусулмонон дар асарҳои А. Деҳлавӣ хело муҳим арзёбӣ шудааст. Шоир мусулмонон ва ҳиндуҳоро ба дӯсти даъват намуда, фазилатҳои фарҳангии Ҳинд, расму оинҳои мардумӣ, манзараҳои табиати онро тараннум кардааст. А. Деҳлавӣ мусулмонон ва ҳиндуҳоро даъват кард, ки Ватани умумии

худро дӯст доранд, зиддиятҳоро як тараф гузошта ва саъю талоши худро барои гул-гулшукуфии кишвар, фарҳангӣ қадимаи он муттаҳид намоянд. Муносибати байни мусулмонон ва ҳиндуҳо имрӯз барои ҷомеаи Ҳинд муҳим боқӣ мемонад. Имрӯз ин гуногун рангиҳои фарҳангӣ ҷамъияти Ҳиндустонро аз ҳам ҷудо карда, ҳамчун манбаи омили бесуботӣ хизмат мекунанд. Омӯзиш ва ба шуури ҷомеа расонидан ба андешаҳои Амир Хусрави Деҳлавӣ дар бораи ватандӯстии Ҳинд ва таҳаммулпазирии динӣ, ки дар осори ӯ васф шудаанд, бояд ба муттаҳид шудани ҳиндуҳо ва мусулмонон барои ободии Ватани хеш мусоидат намояд. Асарҳои Амир Хусрави Деҳлавӣ барои таҳкими дӯстии фарҳангҳои гуногун ва пеш аз ҳама мардумони Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрон ва Ҳинд, дар ташаккули дӯстӣ нақши бузург дорад. Робитаҳои қарни миёнаи Ҳидустон бо Осиёи Марказӣ адибони форсизабони Ҳиндустон ва пеш аз ҳама Амир Хусрави Деҳлавӣ нақши муҳим бозидааст. Бо шарофати асарҳои ӯ мусулмонон ва ҳиндуҳо фарҳанги ҳамдигарро меомӯхтанд, барои ҳамкорӣ ва рафъи зиддиятҳо талош мекарданд[5]. Омӯзиши осори ғании Хусрав ҳам барои Ҳиндустон, ки шоир дар он ҷо тавлид ва зиндагӣ кардааст ва ҳам барои Осиёи Миёна ва аҳдодони ӯ ки аз Тоҷикистон ҳастанд ба забони сокинони бумӣ осори худро офаридааст, муҳим аст. Омӯхтани осори Амир Хусрави Деҳлавӣ ба мустаҳкам шудани дӯстии халқҳои Ҳиндустон, Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон Афғонистон ва Эрон мусоидат хеле муҳим аст.

Натиҷаҳои таҳқиқ собит намуданд, ки мероси адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ на танҳо арзиши баланди адабӣ дорад, балки ҳамчун воситаи муҳими таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстии халқҳо ва рушди дипломатияи фарҳангӣ байни Тоҷикистону Ҳиндустон низ аҳаммияти бузург касб менамояд.

Муҳокима (Discussion). Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки рушди адабиёти форсизабон дар Ҳиндустон бо равандҳои муҳими таърихӣ ва сиёсӣ алоқаманд буд. Яке аз омилҳои асосии густариши адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон муҳоҷирати олимон, шоирон ва аҳли фарҳанг аз Осиёи Миёна ва Эрон ба ин кишвар ба шумор меравад. Ҳамлаҳои муғулҳо ба минтақаҳои форсизабон боиси кӯч бастани шумораи зиёди аҳли илму адаб гардиданд ва Ҳиндустон ба яке аз марказҳои нави фарҳанги форсӣ табдил ёфт.

Такони навбатии рушди адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон ҳамлаи муғулҳо буд. Аз муғулҳо гурехта, муҳоҷирони Осиёи Миёна ва Эрон ба Ҳиндустон омаданд, ки дар байни онҳо олимон, шоирон ва ҳунармандон низ буданд. Султонҳо ва ҳокимони минтақаҳои Ҳинд дар Деҳлӣ анъанаҳои сулолаҳои мусулмонии Сомониён, Ғазнавиён ва Ғуриёнро идома дода, дар гирду атрофи шоирон, муаррихону сарояндагон ва навозандагони маъруф гирд омада буданд[12,55]. Онҳо мебоист лашкаркашиҳои султонҳоро тавсиф мекарданд, корнамоиҳои онҳоро васф мекарданд, базм ва зиёфатҳои онҳоро оро медоданд. Сарпарастии султонҳо барои эҷодкорон шароити мусоид ва барои шоирон неъматҳои муайяни моддӣ фароҳам овард. Шоирону нависандагоне, ки аз Эрон ва Осиёи Миёна ба Ҳиндустон ҳиҷрат кардаанд, дар Деҳлӣ як маркази беназири адабӣ ташкил намуда, дар сарзамини нави Ҳиндустон ривоҷу равнаки анъанаҳои адабиёти тоҷику форсро давом доданд. Аз ҷумла Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Масъуди Деҳлавӣ (дар дарбори Алоуддин), Садриддини Олӣ, Фахруддини Каввос, Ҳомидуддини Роҷа, Мавлоно Ориф, Убайди Ҳаким, ва Садри Бӯстон. Забон ва адабиёти форсӣ дар он дар шаҳрҳои Ҳиндустон - дар Лоҳур, Оуд, Мултон, Лакнау ва ғайра паҳн шудааст. Дар натиҷа алоқаҳои фарҳангии Хиндустони Шимолӣ ва Осиёи Миёна боз ҳам мустаҳкам шудаанд. Ин алоқаҳо ба бисёр ҷиҳатҳои ҳаёти фарҳангии Хиндустон таъсир расонданд. Ин дар адабиёт боиси ғанӣ гардидани забони шоирӣ, образҳои бадеӣ, мавзӯъ ба васеъ истифода шудани мавзӯъҳои маҳаллӣ ва анъанаҳои адабии шоирони форсизабони Хиндустон мегардад[2,54].

Натиҷаҳои ба даст омада барои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷику форс, таърихи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон ва масъалаҳои дипломатияи фарҳангӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Онҳо инчунин метавонанд дар таҳияи таҳқиқоти

минбаъда оид ба нақши мероси адабӣ дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамкориҳои фарҳангӣ истифода шаванд.

Хулоса (Conclusion). Таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ нишон дод, ки ӯ яке аз бузургтарин намояндагони адабиёти форсизабони Ҳиндустон ва шахсияти калидӣ дар рушди робитаҳои фарҳангии байни Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки Ҳиндустон баъди ҳаводиси сиёсии асрҳои Миёна ба яке аз марказҳои муҳими ҳифз ва рушди адабиёти тоҷику форс табдил ёфта, анъанаҳои адабии Хуросон ва Мовароуннаҳрро идома додааст.

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ин раванд нақши махсус дошта, ҳамчун асосгузори равияи нави адабиёти форсизабони Ҳинд шинохта мешавад. Ӯ бо ворид намудани мавзӯъҳо, образҳо ва воқеиятҳои маҳаллии ҳиндӣ ба адабиёти форсӣ доираи мавзӯии онро васеъ намуда, барои ташаккули муҳити адабии муштараки форсӣ ва ҳиндӣ замина фароҳам овард. Осори шоир на танҳо арзиши баланди адабӣ дорад, балки ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҳиндустон низ хизмат мекунад.

Ҳамин тавр, Ҳиндустон ба он гӯшаи наҷотдиҳанда табдил ёфт, ки сарфи назар аз истилои муғулҳо, адабиёт ба забони форсӣ, ки аҳамияти пойдор дорад, нигоҳ дошта ва бо муваффақият рушд кардааст. Ҳиндустон ба шарофати эҷодиёти Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ ба андозаи зиёд анъанаҳои адабиёти Хуросону Мовароуннаҳрро на танҳо ҳифз кард, балки боз ҳам инкишоф дод. Дар адабиёти форсизабони Ҳинд тамоми жанрҳои давраи классикии адабиёти тоҷику форс – ғазал, қасида, рубоӣ, маснавӣ ва ғайра ҳифз ва инкишоф ёфтаанд. Қасида дар осори Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Бадри Чочӣ ва дигар шоирон на танҳо ҳамчун жанри суннатии шеърӣ, балки ҳамчун унсури ҳатмии назми дарборӣ инкишоф ёфтааст. Дар меъморӣ робитаҳои фарҳангии Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ дар услуби омехтаи мусулмонӣ-ҳиндуӣ инъикос ёфтааст. Масҷиди Қувват-ул-Ислом, қалъаи Манор Қутб, дарвозаҳои Олаи Дарвоза, шаҳрҳои Сирӣ, Туғлуқобод, Фирӯзобод ва ғайра бо ҳамин услуб сохта шудаанд[10,11].

Дар охирсухан гуфта мешавад, ки Ҳиндустон яке аз марказхои муҳими инкишофи адабиёти асримиёнагии тоҷику форс буд. Дар ин ҷо аз асри XI як пирӯзии томи шоирони боистеъдоди форсизабон зиндагӣ ва ба эҷодкори машғул буданд. Дар байни онҳо Амир Хусрави Деҳлавӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Вай бузургтарин ва сермаҳсултарин шоири форсизабони Ҳинд буда фавқуллода буд. Ӯ аввалин шоире буд, ки ҳудуди адабиёти суннатии тоҷику форсро васеъ карда, 10 асари калону 24 хурди худро ба мавзӯъҳои маҳаллии ҳиндӣ бахшидааст[19]. Хамин тавр, вай ин адабиётро бо сюжет ва мавзуъхои нав бой гардонд. Амир Хусрав на танҳо шоир, балки муаррих ҳам буд. Як қатор шеърҳои ӯ ба воқеаҳои сиёсии замони худ бахшида шудаанд. Шоир дар эҷодиёти худ на танҳо сюжетҳои бадеӣ, балки масъалаҳои тезутунд ва актуалии ҷамъиятию сиёсиро низ дохил карда, мусулмонҳо ва ҳиндуҳоро ба сулҳу дӯстӣ даъват кардааст. Асарҳои ӯ аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва сифатҳои бадеӣ бо осори классикони адабиёти тоҷику форс, монанди Саъдӣ, Низомии Ганчавӣ ва дигарон якхелаанд. Амир Хусравро на танҳо дар диёри худ, яъне дар Ҳиндустон, балки дар мамолики тоҷику форсизабон - Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна низ мешиносанд ва арҷгузори мекунанд. Омӯзиши ҳаматарафаи эҷодиёти ӯ вазифаи муҳимми муҳаққиқон ва ховаршиносони кишварҳои мухталиф мебошад.

Лаҳзаи таърихӣ ин аст, ки академик Муҳаммад Осимӣ - сарфарозшудаи мукофоти Ҷавоҳирлол Неҳру ба шахсият ва осори адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Муҳаммад Иқбол таваҷҷуҳи хос доштанд. Дар нимаи дуюми асри XX дар пажӯҳишгоҳҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва факултетҳои филологии Донишгоҳи миллӣ ба таври назаррас омӯзиши адабиёти форсизабонони Ҳиндустон ба роҳ монда шуда буд. Дар солҳои панҷоҳум-ҳаштодум олимони тоҷик дар бораи Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Муҳаммад Иқбол мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои ҷудогона иншо кардаанд. Ҳамзамон ашъори ин нобиғаҳои адаб ба хонандагони тоҷик бо нусхаҳои зиёд нашр ва пешниҳод мешуд. Роҷеъ ба Амир Хусрави Деҳлавӣ рисолаи илмии шодравон Муҳаммадвафо Бақоев “Ҳаёт ва эҷодиёти

Хусрави Деҳлавӣ” соли 1975 аз тариқи нашриёти “Дониш” ба табъ расида буд. Нашри дуввуми ин рисола соли 2023 сурат гирифтааст. Китобе, ки имрӯз бо номи “Хусрави мулки сухан” ба хонандагони гиромӣ пешкаш шудааст, маҳсули ҳамон муҳаббату эътиқоде мебошад, ки академик Муҳаммад Осимӣ ба шахсият ва ашъори Амир Хусрави Деҳлавӣ доштанд. Нашри ин китоб бо кӯшиши хонум Гавҳар Осимӣ – духтари устод ва профессор Аскаралӣ Рачабов ба табъ расидааст[15].

Китоби “Хусрави мулки сухан” пешгуфтор ва нӯҳ бобро дар бар гирифтааст. Дар ҳар яке аз ин бобҳо бисёр маълумотҳои тоза ва андешаҳои ҷолиби устод М. Осимиро пайдо кардан мумкин аст. Ба истиснои боби “Сайри забони форсӣ дар Ҳинду Покистон” дигар ҳамаи бобҳо, аз ҷумла пешгуфтор ҳам бо намунаҳо аз ашъори Амир Хусрави Деҳлавӣ гулкорӣ карда шуда, иқтибосҳо оварда шудаанд[15].

Амир Хусрав дар эҷоди ғазал ба Саъдии Шерозӣ пайравӣ кардааст ва аз сеҳри сухани ин ғазалсарои бузург таъсир бардоштааст[5]. Чуноне ки худи ӯ мегӯяд:

Хусрави сармаст андар соғари маънӣ бирехт,
Шира аз хумхонаи масте, ки дар Шероз буд.

Шумораи ғазалиёти Амир Хусрав бештар аз 37 ҳазор байтанд ва дар равониву шевоиӣ дилпазиру дилнишинанд[20]. Намунаи ғазалиёти шоир, ки дорои мазмуни ирфони мебошанд манзур мегарадад:

Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,
Ҳарчанд васфат мекунам, дар ҳусн аз он болотарӣ.
Ҳаргиз наёяд дар назар нақше зи рӯят хубтар,
Шамсӣ надонам ё қамар, ҳурӣ надонам ё парӣ?
Офоқро гардидаам, меҳри бутон варзидаам,
Бисёр хубон дидаам, аммо ту чизи дигарӣ.
Олам ҳама яғмои ту, халқе ҳама шайдои ту,
Он наргиси шаҳлои ту оварда расми кофарӣ.
Эй роҳату ороми ҷон, бо қадди чун сарви равон,
З-ин сон марав доманкашон, к-ороми ҷонам мебарӣ.
Азми тамошо кардаӣ, оҳанги саҳро кардаӣ,
Ҷону дили мо бурдаӣ, ин аст расми дилбарӣ?
Хусрав ғариб асту гадо, афтода дар шаҳри шумо,
*Бошад, ки аз баҳри Худо сӯи ғарибон бингарӣ.***[5]**

Дар маҷмӯъ, мероси адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳамчун сарвати гаронбаҳои фарҳангии ҷаҳони форсизабон аҳаммияти бузурги илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ дошта, омӯзиши ҳамаҷонибаи он барои таҳкими ҳамкориҳои фарҳангӣ ва рушди робитаҳои байналмилалӣ муҳим мебошад. Натиҷаҳои ба даст омада бо андешаҳои аксари муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мувофиқат доранд. Ховаршиносони аврупоӣ, аз ҷумла Ҳаммер фон Пургштал, Ҳерман Эте, Эдвард Браун ва Чарлз Риё нақши Амир Хусрави Деҳлавиро дар рушди адабиёти форсизабони Ҳинд махсус таъкид намудаанд. Онҳо осори шоирро ҳамчун намунаи ҳамгироии фарҳангҳои форсӣ ва ҳиндӣ арзёбӣ кардаанд. Муҳаққиқони ҳиндӣ, аз қабили Шиблии Нуъмонӣ, Муҳаммад Ҳабиб ва дигарон низ ба хулоса омадаанд, ки Амир Хусрав яке аз бунёдгузорони адабиёти форсизабони Ҳиндустон буда, дар ташаккули фарҳанги муштараки ҳинду мусулмонӣ саҳми арзанда гузоштааст. Таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷик ба омӯзиши осори Амир Хусрави Деҳлавӣ, аз ҷумла таҳқиқотҳои илмии Бобоҷон Ғафуров, Садриддин Айнӣ, Муҳаммадвафо Бақоев ва академик Муҳаммад Осимӣ, нишон медиҳад, ки омӯзиши мероси ин шоири бузург дар Тоҷикистон дорои анъанаи устувори илмӣ мебошад. Нашри дубораи асарҳо ва пажӯҳишҳои нав дар бораи Амир Хусрави Деҳлави барои густариши донишҳои илмӣ ҳамчун пайвандгари дипломатияи фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон дар ҷаҳони бисёрқутба ва шинохти амиқтари мероси адабии форсизабони Ҳинд мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. А. Х. Деҳлавӣ Избраные газели //Пер. Г. Алиева. М. Наука, 1980.
2. А.Х.Деҳлавӣ. Избранное газели //Пер. Д. Седых. М. Наука, 1975.с.54.
3. А.Х.Деҳлавӣ. Избранное. Ташкент, 1980.с.80.
4. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Ирфон.
5. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, нашрҳои гуногун.
6. Бақоев, М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ. – Душанбе: Дониш, 1975; нашри дувум, 2023.
7. Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы. – Москва: Наука.
8. Большая российская энциклопедия: (Под Ред. Ю.С.Осипов; 2005, с.616)
9. Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: Ирфон, 1989.
10. Истины Изречения персидского и таджикского народов, их поэтов и мудрецов //перевод Н.Гребнева. Москва, Наука, 1968, Санкт- Петербург, 2005. с.11
11. Кримский, А. Е. История Персии, её литературы и дервишеской теософии. – Москва.
12. Манижа Давлатходжа Довуди. Индийская тематика поэзии Амира Хусрава Деҳлавӣ. Автореферат диссертации на соискание учёной степени, кандидата филологических наук. Душанбе -2011, с.16.
13. Мирзоев, А. Масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик. – Душанбе.
14. Осимӣ, М. Хусрави мулки сухан. – Душанбе, 2023.
15. Ҳабибулло Раҷабов. Муҳаммад Осимӣ ва шинохти Ҳиндустон. 2024-02-05.[манбаъи электронӣ] https://www.osiyoavrupo.tj/tg/post/mu-ammad-osim-va-shinohti-induston(санаи дархост:25.05.2023)
16. Elliot, H. M. The History of India as Told by Its Own Historians. – London.
17. Habib, Mohammad. Hazrat Amir Khusrau of Delhi. – New Delhi.
18. Hammer-Purgstall, J. von. Geschichte der schönen Redekünste Persiens. – Wien.
19. Misra, Susheela. Great masters of Hindustan music //New Delhi, Pubished, 1981.
20. Mohammad Wahed Mirja. The Life and works of Amir Khusrau, Calcutta, 1935. P.35.
21. Rizvi, S. A. A. A History of Sufism in India. – New Delhi.
22. Schimmel A.M.Amir amir Kosrow Dehlavi Enceclopaedia iranica.
23. Shibli Nomani. Life and Works of Amir Khusrau. – Aligarh.

РОЛЬ АМИРА ХУСРАВА ДЕХЛАВИ, КАК СВЯЗУЮЩЕГО ЗВЕНО КУЛЬТУРНОЙ ДИПЛОМАТИИ ТАДЖИКИСТАНА И ИНДИИ В УСЛОВИЯХ МНОГОПОЛЯРНОГО МИРА

В данной статье исследуется роль Амир Хусрав Дехлави, как важного связующего звено культурной дипломатии Таджикистана и Индии в условиях многополярного мира. Автор показывает, что первые персоязычные литераторы начали свою деятельность в Индии уже с первой половины XI века, а персидская литература получила особенно широкое развитие на этой территории в XIII–XIV веках. Выдающимся представителем этой литературной среды был Амир Хусрав Дехлави (1253–1325), внесший значительный вклад в становление и развитие персоязычной литературы Индии.

Подчеркивается, что в своих произведениях Амир Хусрав Дехлави пропагандировал ценности дружбы, религиозной терпимости, взаимопонимания и любви к Родине, призывая мусульман и индуистов к мирному сосуществованию и сотрудничеству. Он воспевал культуру, обычаи и природные красоты Индии, способствуя сближению различных культур и народов. Отмечается также, что литературное и культурное наследие Амира Хусрава Дехлави и сегодня сохраняет свою значимость как важный фактор укрепления культурной

дипломатии, развития диалога цивилизаций и расширения дружественных отношений между Таджикистаном и Индией.

Ключевые слова: Амир Хусрав Дехлави, культурная дипломатия, Таджикистан, Индия, персоязычная литература, культурные связи, толерантность, диалог цивилизаций.

THE ROLE OF AMIR KHUSRAW DEHLAVI AS A BRIDGE OF CULTURAL DIPLOMACY BETWEEN TAJIKISTAN AND INDIA IN A MULTIPOLAR WORLD

This article examines the role of Amir Khusraw Dehlavi as a key link in the cultural diplomacy between Tajikistan and India in the context of a multipolar world. The author demonstrates that the first Persian-speaking literary figures were active in India from the first half of the eleventh century, while Persian literature experienced particularly extensive development in the country during the thirteenth and fourteenth centuries. A prominent representative of this literary tradition was Amir Khusraw Dehlavi (1253–1325), who made a significant contribution to the formation and development of Persian-language literature in India.

The article emphasizes that in his works Amir Khusraw Dehlavi promoted the values of friendship, religious tolerance, mutual understanding, and patriotism, encouraging Muslims and Hindus to live together peacefully and cooperate with one another. He praised the culture, customs, traditions, and natural landscapes of India, thereby creating a foundation for closer interaction among diverse cultures. Furthermore, the literary and cultural heritage of Amir Khusraw Dehlavi continues to serve as an important factor in strengthening cultural diplomacy, fostering intercivilizational dialogue, and expanding friendly relations between Tajikistan and India.

Keywords: Amir Khusraw Dehlavi, cultural diplomacy, Tajikistan, India, Persian-language literature, cultural relations, tolerance, dialogue of civilizations.

Маълумот дар бораи муаллиф: Санавбарбону Воҳидова, доктори илмҳои таърих, профессор. Мудири шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 735025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Тел.: (+992) 935.00.87.32, E-mail: sanajanvohidova@gmail.com.

Сведения об авторах: Санавбарбону Вохидова, доктор исторических наук, профессор. Зав. отделом Европы Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, тел.: (+992) 935008732, E-mail: sanajanvohidova@gmail.com.

Information about the authors: Sanavbarbonu Vakhidova, Doctor of Historical Sciences, Professor. Head of the Department of Europe, Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: (+992) 935 00 87 32, Email: sanajanvohidova@gmail.com.

ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ – ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

МУҲАММАДАЛИЗОДА ПАРВИНА МУҲАММАДАЛӢ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Мақолаи мазкур ба таҳлили нақш ва аҳаммияти ҳамкории байналмилалӣ дар раванди рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шудааст. Дар он самтҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, рушди ҳукумати электронӣ, тиҷорати рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва зерсохтори рақамӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Инчунин, таъкид мегардад, ки ҳамкории байналмилалӣ омили муҳимми ҷалби сармоягузорӣ, интиқоли технологияҳои пешрафта, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва рушди сармояи инсонӣ мебошад. Ҳамчунин, нақши ҳамкории минтақавӣ, аз ҷумла бо кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, дар рушди иқтисоди рақамӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак таҳлил шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рушди иқтисоди рақамӣ бидуни ҳамкории фаъол бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ғайриимкон буда, танҳо тавассути ҳамгироии илмӣ-техникӣ ва иқтисодӣ метавон ба рушди устувори иқтисоди миллӣ ноил гардид.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкории байналмилалӣ, иқтисоди рақамӣ, рушди рақамӣ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, стратегия, ҳамгироӣ, бозори рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ*.

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ ба яке аз самтҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёти кишварҳо табдил ёфтааст. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолот, хизматрасонӣ, савдо, низоми бонкӣ ва идоракунии давлатӣ имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти иқтисодӣ баланд гардида, рақобатпазирии давлатҳо дар бозори ҷаҳонӣ тақвият ёбад. Дар чунин шароит ҳамкории байналмилалӣ ҳамчун омили муҳимми пешрафти иқтисоди рақамӣ нақши калидӣ мебозад.

Ҳамкории байналмилалӣ ба кишварҳо имконият медиҳад, ки таҷрибаи пешқадам, технологияҳои нав, сармоягузорӣ ва захираҳои зеҳниро мубодила намоянд. Дар марҳалаи муосир, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисоди рақамӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои бузурги технологӣ ҳамкорӣ менамояд. Ин раванд ба ҷалби сармояи хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ворид гардидани технологияҳои рақамӣ мусоидат мекунад. Барои кишварҳои рӯ ба рушд низ ҳамкории байналмилалӣ имконият фароҳам меорад, ки аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта истифода бурда, равандҳои рақамикунонии иқтисодиётро суръат бахшанд.

Мақсади мақола – омӯзиши нақш ва аҳаммияти ҳамкории байналмилалӣ дар рушди иқтисоди рақамӣ, муайян намудани самтҳои асосии ҳамкорӣ байни давлатҳо дар соҳаи технологияҳои рақамӣ, инчунин таҳлили таъсири мубодилаи технология, сармоягузорӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ ба рақамикунонии иқтисодиёт мебошад. Ҳамзамон, мақола ба баррасии имкониятҳо ва масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ равона гардидааст.

Маводҳо ва усулҳо. Дар раванди таҳияи мақолаи “Ҳамкории байналмилалӣ – омили рушди иқтисоди рақамӣ” аз маводҳои илмӣ, адабиёти иқтисодӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҳисоботҳои созмонҳои байналмилалӣ ва маълумоти оморӣ истифода бурда шуд. Ҳамчунин, мақола ба таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти рақамикунонии иқтисодиёт ва

рушди технологияҳои иттилоотӣ асос ёфтааст. Инчунин, аз усулҳои таҳлил, муқоиса, оморӣ, мантиқӣ ва системавӣ хулосабарорӣ истифода гардиданд:

Натиҷаҳо. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки ҳамкории байналмилалӣ яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон дод, ки мубодилаи технологияҳои муосир, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта ба суръатбахшии равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Натиҷаҳо инчунин нишон доданд, ки ҳамкории байналмилалӣ ба беҳтар гардидани амнияти киберӣ, ҳифзи маълумот ва татбиқи стандартҳои байналмилалии рақамӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, баъзе мушкилот, аз ҷумла норасоии зерсохтори техникӣ, нобаробарии рақамӣ ва маҳдуд будани захираҳои молиявӣ дар баъзе кишварҳо ҳамчун монеаи рушди иқтисоди рақамӣ муайян гардиданд.

Муҳокима. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои муосир иқтисоди рақамӣ ба қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Имрӯз рақамикунонии соҳаҳои гуногуни иқтисод, аз ҷумла низоми бонкӣ, савдо, маориф, тандурустӣ ва идоракунии давлатӣ, аз кишварҳо тақозо менамояд, ки ҳамкории байналмилалиро густариш диҳанд. Дар чунин шароит ҳамкории байналмилалӣ ҳамчун воситаи муҳимми мубодилаи технология, дониш ва таҷриба баромад мекунад.

Тамоюлоти рушди иқтисодии ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳои рӯ ба рушд, дар масири рушди устувор қарор дорад. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки “дар тӯли 10 соли охир маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 маротиба афзоиш ёфта, суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,6 фоизро дар як сол ташкил додааст”.

Дар ин давра ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ аз 6 ҳазор сомонӣ дар соли 2015 то 16,1 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 расида, 2,7 маротиба зиёд шудааст. Ҳамчунин, сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз коҳиш ёфтааст. Даромади аҳолӣ аз 26 миллиард сомонӣ дар соли 2015 то 165 миллиард сомонӣ дар соли 2025 афзоиш ёфта, беш аз шаш маротиба зиёд гардидааст. Дар соли 2025 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 173 миллиард сомонӣ расида, суръати воқеии рушди он 8,4 фоизро ташкил додааст [6].

Рушди иқтисоди миллӣ пеш аз ҳама ба густариши раванди саноатикунонӣ, ба истифода додани корхонаҳои хурду бузург дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, ҷорӣ намудани дастовардҳои муосири илмӣ дар истеҳсолот, навсозии таҷҳизот, татбиқи технологияҳои нав, ташкили илмии меҳнат ва рушди сармояи инсонӣ вобаста мебошад. Дар баробари ин, рақамикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ боиси тағйироти сохторӣ дар низоми идоракунии байналмилалӣ гардидааст. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) имрӯз ба неруи асосии табдили фазои иқтисодии байналмилалӣ мубаддал шудаанд.

Рушди технологияҳои рақамии муосир ба тағйироти куллӣ дар сохтори иқтисоди кишварҳои ҷаҳон мусоидат намуда, заминаи ташаккули шакли нави муносибатҳои иқтисодиро, ки ҳамчун иқтисоди рақамӣ маъруф аст, фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, татбиқ ва рушди технологияҳои рақамӣ дар низоми иқтисоди миллӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб равад.

Дар ин замина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки: “Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва густариши имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ самаранок истифода шуда, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд” [6].

Бо мақсади расидан ба ин ҳадаф ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, солҳои 2025–2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон

гардидаанд. Ин иқдом барои густариши равандҳои рақамӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои технологияҳои рақамӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар робита ба ин, айни замон “Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040” амалӣ гардида истодааст, ки ҳадафи асосии он таъмини бахшҳои гуногуни иқтисодиёт бо технологияҳои пешрафтаи иттилоотию коммуникатсионӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ мебошад. Дар доираи ин стратегия афзалиятҳои зерин муайян гардидаанд:

– таҳкими пояҳои ниҳодии иқтисоди рақамӣ;

– рушди зерсохтори иттилоотию коммуникатсионӣ дар саросари кишвар;

– рақамикунонии бахшҳои иқтисоди миллӣ;

– густариши татбиқи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ.

Дар ин замина, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ муайян шудааст.

Истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, татбиқи иқтисоди сабз ва рақамӣ, афзоиши даромаднокии буҷет, соддагардонии равандҳои бақайдгирӣ ва идоракунӣ, рушди бахшҳои иқтисоди миллӣ, баланд гардидани сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини шаффофият мусоидат намояд.

Дар баробари ин, рақамикунонии низоми маориф, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва таҳкими сармояи инсонӣ, ки дар доираи Барномаи миёнамӯҳлати рушди иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 амалӣ гардидааст, метавонад дар оянда барои татбиқи васеи унсурҳои зеҳни сунъӣ заминаи устувор фароҳам оварад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи унсурҳои зеҳни сунъӣ метавонад ба ҳадафҳои стратегии худ, аз ҷумла рушди энергияи сабз, иқтисоди сабз, иқтисоди рақамӣ, ҳукумати электронӣ ва дигар афзалиятҳои миллӣ ноил гардида, дар қатори кишварҳои пешсафи ҷаҳон мавқеи арзанда касб намояд [9].

Дар шароити муосир иқтисоди рақамӣ, яъне татбиқи технологияҳои пешрафтаи рақамӣ ва таъмини иттилоотии равандҳои ташкил ва такмили идоракунӣ дар низоми иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин дар фаъолияти ташкилӣ ва истеҳсолии бахшҳои гуногуни иқтисодиёт (саноат, нақлиёт, зерсохтори нақлиётӣ, кишоварзӣ ва ғайра), ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар ташаккули иқтисоди рақамӣ табдил ёфтааст.

Агар раванди татбиқи технологияҳои рақамӣ дар низоми иқтисодии давлат ҳамзамон бо компютеркунонии низоми идоракунии иқтисодӣ тавассути ҳукумати электронӣ амалӣ гардад, он метавонад барои рушди иқтисодӣ ва идоракунии самараноки давлатӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

Дар мавриди моҳият ва мундариҷаи иқтисоди рақамӣ, иқтисоддони тоҷик М.М. Холматов таъкид намудааст, ки: “Иқтисоди рақамӣ фаъолияти иқтисодие мебошад, ки тавассути ҷорӣ намудани васеи технологияҳои рақамӣ ва иттилоотӣ дар истеҳсолот, идоракунии давлатӣ ва дигар равандҳо бо мақсади таъмини манфиатҳои миллӣ, беҳтар намудани соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рақобатпазирии иқтисоди кишвар дар бозорҳои хориҷӣ танзим карда мешавад” [11,48].

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, иқтисоди рақамӣ ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муайян карда мешавад, ки бар асоси истифодаи технологияҳои ТИК ташаккул ёфтааст [4, 56].

Дар навбати худ, самтҳои асосии рушди иқтисоди рақамии давлатро метавон ба таври зерин муайян намуд:

– рушди тиҷорати рақамӣ, ки на танҳо истифодаи технологияҳои нав, балки татбиқи моделҳои нави тиҷорат, шаклҳои нави ҳамкорӣ байни иштирокчиёни бозор ва усулҳои нави рақобатро дар бар мегирад;

– татбиқи истеҳсолоти рақамӣ, ки аз истеҳсолоти автоматиконидашуда бо истифодаи форматҳои ягонаи додаҳо дар тамоми давраи ҳаёти маҳсулот фарқ мекунад (аз ҷумла чопи 3D, сканкунии 3D, тарроҳии рақамӣ ва робототехника);

– рақамикунонии низоми идоракунии давлатӣ ва рушди ҳукумати электронӣ тавассути рақамикунонии сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла соҳаҳои андоз, омор, молия, маориф, тандурустӣ ва дигар бахшҳо;

– таҳия ва густариши захираҳои рақамии таълимӣ ва шабакасозии онҳо дар муҳити рақамии таҳсилот.

Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар самти рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Аввалан, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки вазифаи асосии он рушди технологияҳои рақамӣ, танзим ва татбиқи ҳукумати электронӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, рушди гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, имзои электронӣ, тиҷорати электронӣ, танзими истифодаи зеҳни сунъӣ ва такмили равандҳои технологӣ мебошад. Ин агентӣ имрӯз рақамикунонии низоми идоракунии давлатӣ ва рушди ҳукумати электрониро фаъолона амалӣ менамояд.

Дуюм, тибқи арзёбиҳои Форуми иқтисодии ҷаҳонӣ ва INSEAD, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи васеи ТИК ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи муайян омодагӣ дорад. Ин нишондиҳанда аз беҳтар гардидани тадриҷии малакаҳои истифодаи ТИК шаҳодат медиҳад.

Дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ, сатҳи малакаи истифодаи онҳо ва татбиқи онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза аз ҷумлаи зернишондиҳандаҳои Индекси технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошанд, ки аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсия таҳия карда шудаанд.

Дар муқоиса бо соли 2019, арзиши Индекси омодагии шабакавӣ каме коҳиш ёфта, аз 34,90 дар соли 2019 то 33,75 дар соли 2023 расидааст. Аз рӯи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалӣ ҷойи 113-умро ишғол менамояд.

Инчунин, тибқи маълумоти Департаменти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид, нишондиҳандаи Индекси рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиш дошта, аз 0,3395 дар соли 2014 то 0,5039 дар соли 2022 расидааст. Бо вуҷуди ин, Тоҷикистон то охири соли 2022 дар ин раддабандӣ танҳо ҷойи 129-умро ишғол намудааст [12, с. 60].

Сеюм, солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдоиши стартапҳои муваффақ дар самти рақамикунонии бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва истифодаи зеҳни сунъӣ мушоҳида мегардад, ки тадриҷан ба бозорҳои байналмилалӣ ворид мешаванд. Яке аз намунаҳои пешрафта дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ширкати Zypl.ai мебошад, ки хидматҳои марбут ба таҳия ва татбиқи зеҳни сунъиро дар соҳаҳои гуногуни тиҷорат пешниҳод менамояд ва аллакай ба бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои ТИК роҳ ёфтааст.

Яке аз маҳсулоти серталаби ширкат zypl.score мебошад, ки ҳамчун ҳалли зеҳни сунъӣ барои таҳияи моделҳои устувори баҳодиҳии қарзӣ истифода мегардад. Муваффақияти ширкат қисман ба иштироки он дар барномаҳои суръатбахши Google вобаста мебошад. Айни замон ширкат дар зиёда аз 12 бозори байналмилалӣ, аз ҷумла Амороти Муттаҳидаи Араб, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Индонезия ва Ҷумҳурии Чехия фаъолият менамояд. Ҳаҷми содироти нармафзори Zypl.ai аз 1 миллион доллари ИМА гузашт ва ҳаҷми умумии сармоягузорӣ зиёда аз 3 миллион долларро ташкил медиҳад, ки аз ҷониби сармоягузорон, аз ҷумла Commercial Bank International (AMA), Plug and Play, Foundation Tumar (Бонки Ҷаҳонӣ ва Ҳукумати Қазоқистон), Battery Road Digital Holdings (ИМА) ва Aloqabank (Ӯзбекистон) ҷалб гардидааст [14].

Дар соҳаи рақамикунонии самараноки иқтисоди миллӣ ҷанбаи байналмилалӣ аҳаммияти хос дорад. Ин раванд омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи беҳтарини кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва минтақа, инчунин густариши ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии иқтисодии универсалӣ ва минтақавиро дар бар мегирад, ки дар рушди иқтисоди рақамӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил шудаанд.

Яке аз чунин сохторҳои муҳимми ҳамгироии минтақавӣ Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошад, ки кишварҳои Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро муттаҳид менамояд.

Омилҳои муҳимми рушди ҳамгироии АвруОсиё дар ибтидои солҳои 1990-ум маҷмуаҳои муттаҳиди саноатӣ, нақлиётӣ ва энергетикӣ буданд. Набудани монеаҳои забонӣ, таърихи муштарак ва наздикии фарҳангӣ низ ба рушди ин раванд мусоидат намуда, имрӯз ҳам ҳамчун омили муҳимми таҳкими ҳамгироии минтақавӣ боқӣ мемонанд.

Рушди сегменти рақамии иқтисодиёти Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ин созмон ба ҳисоб меравад ва дар тамоми сатҳҳои идоракунӣ ҳамчун рӯзномаи стратегӣ баррасӣ мегардад. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии он таъкид шудааст, ки “бе рушди иқтисоди рақамӣ ва татбиқи муштараки лоиҳаҳои рақамӣ кишварҳои узв аз имкониятҳои нав маҳрум мегарданд ва дар доираи моделҳои анъанавии иқтисодӣ боқӣ мемонанд” [8].

11 октябри соли 2017 бо қарори Шурои Олии Иқтисодии АвруОсиё №12 “Роҳҳои асосии татбиқи Рӯзномаи рақамии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё то соли 2025” тасдиқ гардид, ки татбиқи он се марҳалаи асосиро дар бар мегирад:

– марҳалаи якум (то соли 2019): моделсозии равандҳои табдили рақамӣ ва оғози ташаббусҳои аввалия;

– марҳалаи дуюм (то соли 2022): ташаккули институтҳои иқтисоди рақамӣ ва рушди экосистемаҳои рақамӣ;

– марҳалаи сеюм (то соли 2025): татбиқи лоиҳаҳои экосистемаҳои рақамӣ дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ.

Дар асл, пас аз оғози рӯзномаи рақамӣ дар марҳалаи аввал корҳо оид ба татбиқи афзалиятҳои калидии тасдиқшуда ҷиҳати таҳияи ташаббусҳои мушаххас оғоз гардиданд. Аз ҷумла:

1. Пайгирии рақамии ҳаракати маҳсулот, молҳо, хизматрасонӣ ва дороиҳои рақамӣ дар дохили Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё;
2. Рушди тиҷорати рақамӣ дар дохили Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё;
3. Ташкили долонҳои нақлиёти рақамӣ;
4. Ҳамкории рақамии саноатӣ;
5. Таҳияи созишнома оид ба гардиши маълумот (аз ҷумла ҳифзи маълумоти шахсӣ);
6. Ҷорӣ намудани системаи қуттиҳои танзимкунанда дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё [12, с. 6].

Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дорад, ки дар аксари самтҳои зикршудаи рақамикунонии иқтисодӣ бо кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё фаъолона ҳамкорӣ намояд. Ҳамзамон, густариши ҳамкорӣ бо Бонки Рушди АвруОсиё низ метавонад ба маблағгузории лоиҳаҳои рақамӣ мусоидат кунад.

Дар натиҷаи татбиқи стратегияҳои марбут ба ташаккули иқтисоди рақамӣ дар доираи рӯзномаи рақамии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё то соли 2025 пешбинӣ мешавад, ки “дивидендҳои рақамӣ” дар шакли афзоиши суръати рушди иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии байналмилалӣ, беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва сифати хизматрасонӣ ба даст оварда мешаванд.

Ба андешаи олими тоҷик А.Ш. Раҳмонзода яке аз роҳҳои самараноки ҳалли мушкилоти зикршуда татбиқи лоиҳаи ҳамгироии пайваста рушдёбанда мебошад, ки умумияти решаҳои таърихию фарҳангиро ба инобат мегирад. Чунин лоиҳа Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошад. Дар доираи ин иттиҳоди ҳамгироӣ мақомоти фаромиллӣ дурнамои рушди соҳаҳоро бо назардошти манфиатҳои умумии минтақавӣ таҳия ва амалӣ менамоянд [9, 140].

Дар раванди ҳамгироии мазкур ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дар соҳаи технологияҳои рақамӣ хусусияти дуҷониба ва рӯ ба афзоиш дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои узви ин иттиҳод дорои самтҳои зиёди ҳамкории самаранок дар рушди иқтисоди рақамӣ мебошанд, ки метавонанд ба густариши

тиҷорати электронӣ, рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва тақвияти инфрасохтори рақамӣ мусоидат намоянд.

Яке аз самтҳои умедбахш рушди тиҷорати электронӣ мебошад. пойгоҳҳои бузурги тиҷоратӣ, аз ҷумла Wildberries ва Ozon, имконият медиҳанд, ки маҳсулоти истеҳсолии Тоҷикистон ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ бароварда шавад. Дар ин замина, рушди ҳамкорӣ бо экосистемаҳои тиҷорати рақамӣ метавонад ҳаҷми савдо ва гардиши иқтисодиро байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба таври назаррас афзоиш диҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай қадамҳои аввалинро дар ин самт гузошта шудаанд ва фаъолияти намояндагии Wildberries дар кишвар намунаи возеҳи рушди ҳамкории рақамӣ мебошад.

Яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисоди рақамӣ рақамикунонии хизматрасониҳо ва татбиқи онҳо дар бахшҳои иҷтимоии кишвар ба шумор меравад. Ин раванд ба баланд бардоштани шаффофият, самаранокии идоракунӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва афзоиши даромадҳои буҷет мусоидат мекунад.

Дар ин робита, бо ақидаи Н.А. Восоклович метавон комилан мувофиқ буд, ки “рақамикунонии соҳаҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ ба баланд шудани сатҳи қаноатмандии истеъмолкунандагон, сарфаи вақт ва беҳтар шудани сифати зиндагӣ мусоидат менамояд” [3, с. 20].

Яке аз самтҳои афзалиятноки татбиқи технологияҳои рақамӣ, ки ба рушди иқтисодии кишвар, такмили низоми идоракунии давлатии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ то сатҳи байналмилалӣ мусоидат менамояд, бахши тандурустӣ ба ҳисоб меравад. Рақамикунонии ин соҳа имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои тиббӣ самараноктар, шаффофтар ва дастрастар гардида, сифати нигоҳдории саломатии аҳолӣ беҳтар карда шавад.

Бахши дигари муҳимми рақамикунонӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ мебошад. Бо ин мақсад, Барномаи рақамикунонии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025–2029 қабул гардидааст, ки ҳадафи он таҳияи маҷмуи чорабиниҳо оид ба рақамикунонии соҳа, арзёбии вазъи кунунии кишоварзии рақамӣ дар кишвар, муайян намудани мушкилот ва имкониятҳо, инчунин суръат бахшидан ба татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди деҳот мебошад [7].

Умуман, кишоварзии рақамӣ як мафҳуми нисбатан нав дар илми иқтисодӣ мебошад. Кишоварзии рақамӣ татбиқи ТИК-ро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, самаранокӣ, шаффофият ва рушди устувори деҳот равона гардида, ҳамзамон дастрасӣ ба бозорҳо, дониш ва манбаъҳои молиявиро осон менамояд ва занҷираи таъминоти маҳсулоти кишоварзиро такмил медиҳад.

Дар ин замина, ТИК ҳамчун мафҳуми фарогир ҳамаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар бар мегирад — аз ҳалли муосири интернетӣ то воситаҳои анъанавии иртиботӣ, аз ҷумла компютерҳо, телефонҳои статсионарӣ, телевизион, радио, инчунин технологияҳои пешрафта ба монанди дронҳо ва моҳвораҳо. Истифодаи ТИК метавонад кишоварзиро ба самти дақиқ, автоматиконидашуда ва аз ҷиҳати экологӣ устувор равона намуда, ба деҳқонон имконият диҳад, ки хатарҳоро дуруст арзёбӣ намоянд, стратегияҳои истеҳсолиро мутобиқ созанд ва хоҷагиҳои худро самаранок идора намоянд.

Ҳамкории илмӣ-техникӣ яке аз самтҳои умедбахши ҳамкории самараноки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба ҳисоб меравад. Зеро рушди иқтисоди рақамӣ бидуни дастгирии илмӣ-техникӣ ва зерсохтории устувор имконнопазир аст. Марҳалаи муосири пешрафти илмӣ-техникӣ, ки онро метавон ҳамчун марҳалаи панҷуми инқилоби илмӣ-техникӣ арзёбӣ кард, заминаи пайдоиши мафҳуми “иқтисоди рақамӣ”-ро фароҳам овардааст.

Рушди илм ва технология асоси ташаккули иқтисоди рақамӣ мебошад. Бе пешрафти илмӣ-техникӣ тасаввур намудани иқтисоди рақамӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, густариши

ҷанбаҳои илмӣ ва технологии ҳаёти ҷамъиятӣ барои рушди устувори иқтисоди миллӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

Бо назардошти ин, Шурои Комиссияи иқтисодии АвруОсиё қарор қабул намудааст, ки пойгоҳҳои афзалиятноки технологии АвруОсиё таъсис дода шаванд. Пойгоҳи технологӣ ҳамчун зерсохтори рақамӣ хизмат намуда, барои ҳамгироии илм ва тиҷорат, инчунин мутамарказ намудани захираҳои зеҳнӣ ва моддӣ дар самтҳои афзалиятноки рушди илмӣ ва технологӣ истифода мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки чунин пойгоҳҳо асосан бо мақсади табдили натиҷаҳои илмӣ ба маҳсулоти рақамӣ ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот таъсис дода мешаванд [1, с. 122].

Дар ин робита, ҳамкории самаранок дар соҳаи илм ва технология метавонад захираҳои зеҳнӣ ва инсониро барои рушди минбаъдаи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра тақвият бахшад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили мавзуи “Ҳамкории байналмилалӣ – омили рушди Иқтисоди рақамӣ” метавон ба чунин хулоса омад:

– рушди иқтисоди муосир бидуни ҳамкории фаъол бо кишварҳо, созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ғайриимкон мебошад;

– дар шароити ҷаҳонишавӣ технологияҳои рақамӣ ба воситаи асосии баланд бардоштани самаранокии иқтисод, такмили идоракунии давлатӣ ва беҳтарсозии сифати зиндагии аҳолӣ табдил ёфтаанд;

– ҳамкории байналмилалӣ ба ҷалби сармоягузорӣ, интиқоли технологияҳои муосир, рушди зерсохтори рақамӣ, такмили низоми ҳукумати электронӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд;

– мубодилаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти зеҳни сунъӣ, тиҷорати электронӣ, амнияти киберӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ барои рушди устувори иқтисоди рақамӣ аҳаммияти хос дорад;

– ҳамкории байналмилалӣ дар бартараф намудани масъалаҳои рақамикунонӣ, аз ҷумла нобаробарии рақамӣ, норасоии зерсохтор ва камбуди мутахассисони баландихтисос нақши муҳим мебозад. Дар ин замина, таҳкими ҳамкории илмӣ-техникӣ ва таълимӣ ҳамчун омили асосии рушди сармояи инсонӣ баромад мекунад;

– ҳамкории байналмилалӣ на танҳо шарти муҳимми рушди иқтисоди рақамӣ, балки омили стратегӣ барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва воридшавии кишвар ба фазои рақобатпазири ҷаҳонӣ мебошад;

– кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иқтисоди рақамӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, уфуқҳои навро барои ҳамкории мутақобилан судманд ва самарабахш дар ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ боз намудаанд;

– ҳамкорӣ дар самти рақамикунонии иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё имрӯз дар рушди тиҷорати рақамӣ, пойгоҳҳои савдои электронӣ, рақамикунонии бахши кишоварзӣ, логистикаи нақлиётӣ, ҳамкории илмӣ-техникӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос ба таври равшан мушоҳида мегардад.

АДАБИЁТ

1. Андронова И.В., Белова И.Н., Ганеева М.В., Мосейкин Ю.Н. Научно-техническое сотрудничество в рамках ЕАЭС как важнейший фактор лояльности населения стран-участниц к интеграционному объединению и его притягательности для новых членов // Вестник РУДН. Серия: Социология. – М., 2018. – Т. 18., № 1. – С. 117-130.

2. Буторина О.В., Захаров А.В. О научной основе Евразийского Экономического Союза // Евразийская интеграция. – СПб., 2015. – № 2. – С. 52-68.

3. Восколович Н.А. Измерение влияния цифровой трансформации сферы услуг на качество жизни населения // Государственное управление. Электронный вестник. – М., 2019. – Вып. 75. – С. 6-23.

4. Ефимушкин В.А., Ледовских Т.В., Щербакова Е.Н. Инфокоммуникационное технологическое пространство цифровой экономики // Телекоммуникации и транспорт. – 2017. – Том 11., №5. – С.15-20.

5. Ильченко А.Н., Ильченко К.А. Цифровая экономика как высшая ступень развития инфокоммуникационных технологий // Современные наукоемкие технологии. Региональное приложение. – Иваново, 2018. – № 3 (55). – С. 56-63.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 16 декабри соли 2025 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон https://www.president.tj/event/missives/54185 (санаи мурочиат: 31.03.2026 г.)

7. Барномаи рақамикунонии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2025, № 334 тасдиқ шудааст // Сомонаи расмии пойгоҳи додаҳои марказонидашудаи маълумоти ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи дастрас: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=169397# (Санаи мурочиат: 07.04.2026 г.)

8. Қарори Шурои Олии Иқтисодии Авруосиё аз 11.10.2017 № 12 “Дар бораи Самтҳои асосии татбиқи Рӯзномаи рақамии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё то соли 2025”. – Реҷаи дастрасӣ: http:/ /legalacts.ru/doc/reshenie-vysshego-evraziiskogoekonomicheskogo-soveta-ot-11102017-n-12/

9. Раҳмонзода А.Ш. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи муосир. Монография / А.Ш. Раҳмонзода. – Душанбе, 2022. – 172 с.

10. Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 // Сомонаи расмии пойгоҳи додаҳои мутамаркази маълумоти ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=143399 (Дата обращения: 03.04.2026 г.)

11. Сидорова Е. А. Особенности развития цифровой экономики в странах Евразийского экономического союза // Вестник Волгоградского государственного университета. Экономика. – 2021. – Т. 23, № 3. – С. 123–137. – DOI: https://doi.org/10.15688/ek.jvolsu.2021.3.11

12. Холматов М.М. Региональное развитие цифровой экономики Шелкового пути в рамках расширения ЕАЭС // Экономика и управления: теория и практика. – 2020. – Т.6., №2. – С.47-56.

13. Цифровая повестка ЕАЭС в контексте глобальных трендов цифровой трансформации. – М., 2024. – 77 с.

14. Цифровая повестка Евразийского экономического союза до 2025 года: перспективы и рекомендации // https://eec.eaeunion.org/upload/medialibrary/ (Санаи мурочиат: 10.04.2026 г.).

МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО – ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Данная статья посвящена анализу роли и значения международного сотрудничества в процессе цифровизации экономики. В ней рассматриваются основные направления развития цифровая экономика, включая внедрение информационно-коммуникационных технологий, развитие электронного правительства, цифровой торговли, искусственного интеллекта и цифровой инфраструктуры.

Также подчеркивается, что международное сотрудничество является важным фактором привлечения инвестиций, передачи передовых технологий, повышения конкурентоспособности национальной экономики и развития человеческого капитала. Анализируется роль регионального сотрудничества, в том числе со странами Евразийский экономический союз, в развитии цифровой экономики и реализации совместных проектов.

Результаты исследования показывают, что развитие цифровой экономики невозможно без активного взаимодействия государств и международных организаций, а достижение устойчивого экономического роста возможно лишь посредством научно-технической и экономической интеграции.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, международное сотрудничество, цифровая экономика, цифровое развитие, Евразийский экономический союз, стратегия, интеграция, цифровой рынок, информационные технологии.

INTERNATIONAL COOPERATION – A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY

This article analyzes the role and importance of international cooperation in the digitalization of the economy. It examines the main areas of digital economy development, including the implementation of information and communications technologies, the development of e-government, digital commerce, artificial intelligence, and digital infrastructure.

It also emphasizes that international cooperation is an important factor in attracting investment, transferring advanced technologies, enhancing the competitiveness of national economies, and developing human capital. The role of regional cooperation, including with countries of the Eurasian Economic Union, in the development of the digital economy and the implementation of joint projects is analyzed.

The results of the study demonstrate that the development of the digital economy is impossible without active interaction between states and international organizations, and that sustainable economic growth is only possible through scientific, technical, and economic integration.

Keywords: Republic of Tajikistan, international cooperation, digital economy, digital development, Eurasian Economic Union, strategy, integration, digital market, information technology.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Муҳаммадализода Парвина Муҳаммадалӣ, н.и.и. ходими калони илмии шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, телефон: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail: p.nematova@bk.ru

Сведения об авторе: Мухаммадализода Парвина Мухаммадали, к.э.н. старший научный сотрудник отдела СНГ Института изучения проблем государств Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана,

телефон: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail: p.nematova@bk.ru

Information about the author: Muhammadalizoda Parvina Muhamadali, c.e.s. senior researcher at the Department of CIS of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan,

phone: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail: p.nematova@bk.ru

РОЛЬ ЕВРАЗИЙСКОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОЮЗА В РАЗВИТИИ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: НА ПРИМЕРЕ КЫРГЫЗСТАНА И КАЗАХСТАНА

КУРБОНЗОДА ФАРИДА
Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

В статье проводится комплексный анализ роли Евразийского экономического союза (ЕАЭС) в социально-экономическом развитии стран Центральной Азии на примере Кыргызстана и Казахстана. Рассматриваются институциональные, макроэкономические и структурные эффекты участия государств в интеграционном объединении. Особое внимание уделяется динамике взаимной торговли, инвестиционных потоков, развитию транспортно-логистической инфраструктуры, а также трансформации рынка труда в условиях свободного передвижения рабочей силы.

Теоретическая часть исследования базируется на классических и современных концепциях международной экономической интеграции, включая стадии интеграции Б. Балассы, неофункционализм, теорию регионализма и концепцию «открытого регионализма». Показано, что ЕАЭС находится на стадии формирования элементов общего рынка и демонстрирует черты институционализированной региональной интеграции с ограниченной наднациональностью.

На основе сравнительного анализа выявлены как позитивные эффекты (рост ВВП, увеличение товарооборота, приток инвестиций, институциональная координация), так и структурные ограничения (асимметрия экономик, зависимость от внешних рынков, недостаточная диверсификация). Делается вывод о том, что долгосрочная эффективность евразийской интеграции зависит от углубления координации макроэкономической политики, развития производственной кооперации и адаптации государств-членов к глобальным экономическим вызовам.

Ключевые слова: *ЕАЭС, региональная интеграция, экономическая интеграция, общий рынок, Центральная Азия, Казахстан, Кыргызстан, внешняя торговля, инвестиции, трудовая миграция, институциональная координация, регионализм, неофункционализм, экономический суверенитет*.

Введение. Современные процессы региональной экономической интеграции являются одним из ключевых факторов трансформации мировой экономики. В условиях глобальной конкуренции и нестабильности международных рынков государства стремятся к формированию интеграционных объединений, способных обеспечить устойчивость национальных экономик, расширение рынков сбыта и повышение конкурентоспособности.

Для стран Центральной Азии особое значение имеет участие в Евразийский экономический союз (ЕАЭС), созданном в 2015 году. Казахстан и Кыргызстан выступают полноправными членами Союза, что позволяет рассматривать их как показательные примеры влияния евразийской интеграции на социально-экономическое развитие региона.

Цель настоящего исследования — комплексный анализ роли ЕАЭС в развитии Казахстана и Кыргызстана, выявление экономических эффектов интеграции, институциональных изменений и существующих ограничений.

Методология исследования. В работе применены:

-сравнительный анализ макроэкономических показателей;

-структурный анализ внешнеторговой динамики;

-институциональный анализ правовых механизмов;

-элементы сценарного прогнозирования.

Теоретические основы международной экономической интеграции

Исследование роли Евразийский экономический союз опирается на комплекс классических и современных теорий международной экономической интеграции.

1. Классическая теория стадий интеграции

Согласно концепции Б. Балассы, экономическая интеграция развивается по пяти стадиям:

1. зона свободной торговли;
2. таможенный союз;
3. общий рынок;
4. экономический союз;
5. политический союз.

С данной точки зрения ЕАЭС прошёл этап зоны свободной торговли и таможенного союза и находится на стадии формирования общего рынка, характеризующегося свободным движением товаров, услуг, капитала и рабочей силы. [8]. Однако степень координации макроэкономической и валютной политики пока не позволяет говорить о завершённой стадии экономического союза.

2. Неофункционализм и теория «перелива» (spillover effect)

Неофункционалистский подход (Э. Хаас, Л. Линдберг) объясняет углубление интеграции через механизм «перелива» — расширения сотрудничества из одной сферы в другую.

В контексте ЕАЭС первоначальная экономическая кооперация (таможенное регулирование, технические стандарты) постепенно распространилась на:

-координацию промышленной политики;

-формирование общих энергетических рынков;

-развитие цифровых платформ;

-создание общего фармацевтического рынка.

Таким образом, наблюдается функциональный «перелив» интеграции, хотя политическая наднациональность остаётся ограниченной.

3. Теория нового регионализма

Современная теория нового регионализма рассматривает интеграционные объединения как элементы многополярной мировой экономики. В отличие от классических моделей, новый регионализм:

- допускает различную глубину интеграции;
- сочетает экономические и геополитические факторы;
- ориентирован на внешнюю открытость.

ЕАЭС демонстрирует признаки «открытого регионализма», поскольку государства-члены сохраняют активные внешнеэкономические связи с третьими странами (Китай, ЕС, страны АТР), что особенно характерно для Казахстана с его многовекторной политикой.

4. Институциональный подход

С позиции институциональной экономики интеграция рассматривается как процесс формирования устойчивых правил и наднациональных механизмов регулирования.

В рамках ЕАЭС создана система наднационального регулирования (Евразийская экономическая комиссия), единое таможенное законодательство и согласованные технические регламенты.

Однако институциональная глубина интеграции ограничена:

- отсутствует единая валютная политика;
- сохраняются барьеры на отдельных рынках услуг;
- национальные интересы часто преобладают над интеграционными обязательствами.

Следовательно, ЕАЭС представляет собой модель «ограниченной институциональной наднациональности».

5. Концепция экономического суверенитета

В современных условиях интеграционные объединения рассматриваются не как утрата суверенитета, а как инструмент его укрепления через коллективную защиту экономических интересов.

Для малых экономик, таких как Кыргызстан, участие в интеграционном объединении снижает транзакционные издержки и обеспечивает доступ к более ёмкому рынку.

Для Казахстана интеграция выступает инструментом диверсификации экспортных потоков и укрепления транзитного статуса.

Исторические предпосылки формирования евразийской интеграции

Интеграционные процессы на постсоветском пространстве начались с создания СНГ в начале 1990-х годов. Попытки формирования более тесных экономических связей предпринимались в рамках Таможенного союза 1995 года и последующего преобразования его в ЕврАзЭС.

Создание ЕАЭС в 2015 году стало качественно новым этапом интеграции. Союз объединил Россию, Беларусь, Казахстан, Армению и Кыргызстан. Совокупный ВВП объединения в 2024 году составил около 2,4 трлн долларов США, а население превысило 180 млн человек.

Президент Казахстана Нурсултан Назарбаев подчёркивал экономический характер проекта, рассматривая его как прагматичное объединение равноправных государств, ориентированное на формирование самостоятельного центра экономического развития.

Экономические эффекты участия Кыргызстана в ЕАЭС

Макроэкономическая динамика

На момент вступления в ЕАЭС экономика Кыргызстана характеризовалась сравнительно низкими показателями ВВП и уровнем доходов населения. По данным [3], в 2014–2016 гг. темпы роста колебались в пределах 3–4%.

За период участия в Союзе наблюдается рост номинального ВВП почти в три раза, увеличение бюджетных доходов и расширение товарооборота [9; 10]. Это свидетельствует о положительном макроэкономическом эффекте интеграции.

Развитие торговли

Снижение таможенных барьеров способствовало расширению экспорта сельскохозяйственной продукции и продукции лёгкой промышленности. Кыргызстан получил доступ к более ёмкому рынку, что стимулировало развитие отдельных отраслей экономики.

Трудовая миграция

Одним из ключевых факторов влияния ЕАЭС на экономику Кыргызстана является упрощённый режим трудоустройства в государствах-членах. Денежные переводы трудовых мигрантов достигают около 2 млрд долларов ежегодно [10], что существенно поддерживает внутренний спрос и платёжный баланс страны.

Транспортно-логистический потенциал

Кыргызстан активно участвует в развитии транспортных коридоров, включая проект железной дороги Китай — Кыргызстан — Узбекистан и направление «Север — Юг» [8]. Это усиливает транзитную функцию страны и повышает её роль в региональной торговле.

Казахстан в структуре евразийской интеграции

Внешнеторговая динамика

Казахстан занимает ведущие позиции в экономике ЕАЭС. По данным официальных источников [11], товарооборот со странами Союза демонстрировал устойчивый рост в 2021–2023 гг., при этом основной торговый партнёр — Россия (около 90% взаимной торговли).

Экспортная структура включает продукцию химической промышленности, машиностроения, оборудование и транспортные средства.

Инвестиционная активность

Приток прямых иностранных инвестиций из стран ЕАЭС увеличился с 600 млн долларов в 2015 году до 4 млрд долларов в 2024 году. Это отражает рост инвестиционной привлекательности Казахстана в рамках интеграционного пространства.

Институциональные преобразования

В рамках ЕАЭС действует единое таможенное регулирование, формируется общий рынок услуг и лекарственных средств. Казахстан активно участвует в развитии транскаспийского маршрута и международных логистических центров.

Ограничения и вызовы интеграции

Несмотря на положительные эффекты, сохраняются системные проблемы:

-асимметрия экономических потенциалов стран-участниц;

-зависимость отдельных экономик от внешних факторов;

-ограниченная диверсификация производства;

-недостаточная интеграция в глобальные цепочки добавленной стоимости;

-институциональные барьеры и неполная координация макроэкономической политики.

Сценарный анализ, представленный Н.А. Коровниковой [2], указывает на необходимость стратегического выбора модели дальнейшего развития: углубление интеграции либо функционирование в формате транзитно-сырьевого объединения.

Социально-экономические перспективы

С экономической точки зрения ЕАЭС формирует предпосылки для:

1. Создания совместных производственных цепочек;
2. Расширения кооперации в промышленности и сельском хозяйстве;
3. Развития цифровой экономики и финансовой интеграции;
4. Укрепления транзитного потенциала Центральной Азии.

Для Кыргызстана приоритетом остаётся повышение конкурентоспособности национального производства и снижение зависимости от трансфертов.

Для Казахстана — диверсификация экспортной структуры и балансировка интеграционных обязательств с многовекторной внешней политикой.

Заключение

Проведённый анализ показывает, что Евразийский экономический союз стал важным фактором социально-экономической трансформации стран Центральной Азии.

Для Кыргызстана участие в интеграции обеспечило макроэкономическую стабилизацию, рост бюджетных доходов и легализацию трудовой миграции.

Для Казахстана ЕАЭС стал инструментом расширения рынков сбыта, привлечения инвестиций и укрепления транзитного потенциала.

Вместе с тем эффективность дальнейшего развития Союза зависит от:

-углубления институциональной координации;

-диверсификации национальных экономик;

-адаптации к глобальным экономическим вызовам;

-формирования устойчивых производственных кластеров.

Таким образом, ЕАЭС выступает значимым элементом региональной архитектуры экономического развития, однако его долгосрочная результативность определяется способностью государств-членов сочетать преимущества интеграции с реализацией национальных стратегий модернизации.

Литература

1. Зиядуллаев, Н. С. Стратегический вектор развития стран ЕАЭС и Центральной Азии в рамках приоритетов обеспечения экономической безопасности / Н. С. Зиядуллаев, Х. А. Бахриддинова, З. К. Омарова // Экономика Центральной Азии. – 2023. – Т. 7, № 1. – С. 9-24. – DOI 10.18334/asia.7.1.116969. – EDN OUPVDL.

2. Коровникова, Н. А. ЕАЭС как интеграционный проект современного евразийства: принципы, особенности, сценарии / Н. А. Коровникова // Русская политология. – 2019. – № 2(11). – С. 17-23. – EDN HTUWSN.

3. Черевык, К. А. Первые итоги членства Кыргызстана в ЕАЭС: экономический аспект / К. А. Черевык // Вестник Поволжского института управления. – 2017. – Т. 17, № 4. – С. 36-43. – DOI 10.22394/1682-2358-2017-4-36-43. – EDN ZRJZSZ.

4. Курылев, К. П. Процесс развития евразийской интеграции: история, современные проблемы и перспективы / К. П. Курылев, Д. В. Станис // Современная наука. – 2015. – № 2. – С. 13-18. – EDN UISHRJ.

5. Вардомский, Л. Б. Страны Центральной Азии в процессах международной регионализации / Л. Б. Вардомский // Вестник Института экономики Российской академии наук. – 2022. – № 4. – С. 7-22. – DOI 10.52180/2073-6487_2022_4_7_22. – EDN FRMEHM.

6. Н. А. Карпачёва, А. П. Сурник: Анализ вступления Республики Казахстан в Евразийский Экономический Союз. Актуальные проблемы авиации и космонавтики – 2018. Том 3. Электронный источник: / file:///C:/Users/Мадина/Downloads/analiz-vstupleniya-respubliki-kazahstan-v-evraziyskiy-ekonomicheskiy-soyuz.pdf [Дата доступа: 10.02.2026]

7. Глава государства принял участие в заседании Высшего Евразийского экономического совета. Электронный источник: / https://www.akorda.kz/ru/glava-gosudarstva-prinyal-uchastie-v-zasedanii-vysshego-evraziyskogo-ekonomicheskogo-soveta-21115343 [Дата доступа: 10.02.2026]

8. ЕАЭС: Итоги десятилетия. оценка влияния на экономику и интеграцию. Электронный источник: / https://snob.kg/labirint/fokus/item/7335-eaes-itogi-desyatiletiya-otsenka-vliyaniya-na-ekonomiku-i-integratsiyu [Дата доступа: 10.02.2026]

9. Как изменилась экономика Кыргызстана в ЕАЭС — интервью с министром ЕЭК. Электронный источник: / https://eec.eaeunion.org/news/speech/kak-izmenilas-ekonomika-kyrgyzstana-v-eaes-intervyu-s-ministrom-eek/ [Дата доступа: 10.02.2026]

10. После вступления в ЕАЭС объем экономики Кыргызстана вырос в три раза. Электронный источник: / https://rg.ru/2024/07/10/trehkratnyj-rost-za-deviat-let.html [Дата доступа: 10.02.2026]

11. Торговля Казахстана в рамках ЕАЭС: особенности и нюансы. Электронный источник: / https://www.bcc.kz/bcc-journal/eaeu-trade/ [Дата доступа: 10.02.2026]

НАҚШИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРУПО ДАР РУШДИ КИШВАРҲОИ ОСИЕИ МАРКАЗӢ: ДАР МИСОЛИ ҚИРҒИЗИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН

Барои Кишварҳои Осиеи Марказӣ, ба монанди Қазоқистон ва Қирғизистон, иштирок дар Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё барои рушди иқтисодӣ, навсозии инфрасохтор, васеъ кардани тиҷорат ва беҳтар кардани робитаҳои иқтисодии хориҷӣ имкониятҳои нав фароҳам овард. Муаллифи мақола ҷанбаҳои асосии таъсири Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё ба иқтисодиёти Қазоқистон ва Қирғизистонро баррасӣ мекунад.

Диққати махсус асосан ба таъсири иттиҳодия ба рушди саноат, кишоварзӣ, бахши молиявӣ ва логистика дар ин кишварҳо дода мешавад. Ҳамчунин, тадқиқ карда мешавад, ки чӣ гуна иштироки кишварҳо дар Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё ба коҳиш додани монеаҳои тиҷоратӣ, беҳтар кардани фазои тиҷоратӣ ва ташкили занҷирҳои муштараки истеҳсолӣ мусоидат мекунад.

Калимаҳои асосӣ: Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё, Қазоқистон, Қирғизистон, гардиши мол, сармоягузорӣ, ҳамгироӣ, савдо, иқтисод.

THE ROLE OF THE EAEU IN THE DEVELOPMENT OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES: THE CASE OF KYRGYZSTAN AND KAZAKHSTAN

For Central Asian countries such as Kazakhstan and Kyrgyzstan, participation in the EAEU has opened up new opportunities for economic growth, infrastructure modernization, increased trade, and improved foreign economic relations. This article explores the key aspects of the EAEU's impact on the economies of Kazakhstan and Kyrgyzstan. Special attention is paid to the impact of the union on the development of industry, agriculture, the financial sector, and logistics in these countries. The study examines how participation in the EAEU contributes to reducing trade barriers, improving the business climate, and creating joint production chains.

Keywords: EAEU, Kazakhstan, Kyrgyzstan, trade turnover, investment, integration, trade, economy.

Маълумот бар бораи муаллиф: Қурбонзода Фарида - ходими илмии шуъбаи ИДМ – и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 930330352; E-mail: kurbonova_22@mail.ru

About the author: Qurbonzoda Farida – researcher at the Department of CIS of the Institute of studying of the problems of Asian and European countries NAST, Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33, tel.: (+992) 930330352; E-mail: kurbonova_22@mail.ru

Сведения об авторе: Курбонзода Фарида - научный сотрудник Отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ Адрес: Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. Тел: (+992) 930-33-03-52. E – mail: kurbonova_22@mail.r

ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷалла мақолаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар ҳаҷми то 16 саҳифа пазируфта, ҳамроҳи мақола фишурдаи он низ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ талаб карда мешавад. Фишурдаи мақолаҳо набояд аз 1 саҳифа зиёд бошад. Матни мақола бояд дар принтер бо ҳуруфи андозаи 14 дар як рӯяи коғази сафеди андозаи стандартӣ (А4) чоп шуда, ҳар саҳифаи навишта аз 28 сатр (бо шумули замима ва ҳошияҳо), зиёд набошад. Ҳошияҳои дастнавис: аз боло ва поён – 2,5 см, аз чап ва рост – 3 см. Андозаи фосилаи байни сатрҳо – 0,5 см.

Ба дастнависҳо замима мегарданд:

а) маълумот роҷеъ ба муаллиф (ном, номи падар, номи хонаводагӣ, дараҷаи илмӣ, унвон, ҷойи кор, вазифа, нишонии ҷойи зист, шохис (индекс)-и шуъбаи почта, рақами телефони хона ва кор, нишонии почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад);

б) Мақолаи дар компютер чоп шуда, ҳамроҳ бо нусхаи электронӣ пешниҳод мешавад, ки дар он маводи муаллиф ба сурати парванда дар вожапардози Word анҷом шудааст; агар ҳуруфи лотинӣ ё дигар аломатҳо истифода шуда бошад, бояд онҳо бо нишондоди номашон ирсол гарданд.

Барои мақолаи илмӣ 2 (ду) тақриз ва маълумотномаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн талаб карда мешавад.

Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои хурд ва аз матн бо фосилаи се сатр ҷудо карда мешавад. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) барои китобҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо мисли:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ҷ.1, Душанбе: Дониш. – 2018. - 563 с.

б) барои мақолаҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмӯаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”.- № 2 (10) - 2018. – с. 70-78.

Дар дохили матн истинод ба манбаъ дар дохили қавси мураббаъ дода шуда, аз ҳам тавассути вергул ҷудо карда мешавад, мисол: [1, 75]; шумораи саҳифаҳои иқтибос бо воситаи вергул ё тире нишон дода мешавад, мисол: [2, 72-80].

Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад.

Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад.

Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.

Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад. Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд.

Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

К публикации в журнал принимаются статьи объемом не более 16 страниц на таджикском, русском и английском языках. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

Текст должен быть отпечатан на принтере – размер шрифта 14 – с одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам).

Поля рукописи: верхнее и нижнее – 2,5 см, левое и правое – 3 см. Размер абзацного отступа – 0,5 см.

К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего телефонов, при наличии – адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

Для научной статьи требуется 2 рецензии и *СПРАВКА* о проверке работы в системе «*Антиплагиат*».

Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг – фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, Осиё ва Аврупо № 2, 2019 141 общая число страниц, например:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ҷ.1, Душанбе: Дониш.- 2018. - 563 с.

б) для статей – фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”. - № 2 (10). - 2018. С. 70-78.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [3, 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [4, 272-280].

Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов – всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток. Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

Ба матбаа супорида шуд 18.06.2026
Барои нашр имзо шуд 18.06.2026
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 12. Андоза 70x100$^{1}/_{16}$.
Адади нашр 100 нусха. Супориши №73.

МН «Дониш»

Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ
ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.